
ХОЛИД МУҲАММАД ХОЛИД
РОДМАРДОНЕ
ДАР АТРОФИ
ПАЁМБАР (С)
ҶИЛДИ I

# РОДМАРДОНЕ ДАР АТРОФИ ПАЁМБАР (С)

## ҶИЛДИ I

**Маркази илмӣ таҳқиқотии «Ориёнфар»**

**Тарҷумони матн аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ: – Айёмиддин САТТОРӢ**

**Муҳаррири матн ва таҳиягари феҳристи ашхос: – Саидаҳмад ҚАЛАНДАР**

**Муҳаррири масъул: – Қиёмиддин САТТОРӢ**

**Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим**

# БОЗГӮЙИ СИРАТИ САҲОБАГОН

**Асари Холид Муҳаммад Холид, адиб, сиёсатноманавис, муаррих ва рӯзноманигори араб «Родмардоне дар атрофи Паёмбар (с)» дар се даҳсолаи охир дар дунёи ислом шояд дар радифи китобҳое қарор дорад, ки теъдоди хонандагонашон аз чандсад миллион гузаштааст.**

Муаллиф қабл аз оғози нигориши ин асар дар бораи чор халифаи рошид бо номҳои «Абубакр (р) омад», «Дар ҳузури Умар (р)», «Видоъ бо Усмон (р)», «Дар пеши дастони Алӣ (р)» бо такя кардан бар манбаъ ва маъхазҳои дар тӯли таърихи ҳазору чорсадсолаи Ислом аз тарафи уламои шарқу ғарб эътирофшуда корномаҳо навишта ва онҳо дар байни хонандагони ҷаҳони Ислом маҳбубияти зиёде пайдо кардаанд.

Дар ним асри охир олимон ва адибони таърихнависи Араб аз дарички замони нав ва асри пешрафти техник ба зиндагиномаи Паёмбари акрам (с) мурочиат карда, мутобиқ ба завқ ва назари ҷомеъаи имрӯз, вале аз воқеъияти асли таърихӣ берун нарафта, асарҳои тоза офариданд. Асарҳои таърихнигорони мисрӣ Муҳаммад аш-Шарқовӣ ва Муҳаммад Ҳусайни Ҳайкал «Муҳаммад (с), Паёмбари озодӣ», («Муҳаммад (с), расулу-л-ҳуррия») ва «Зиндагиномаи Муҳаммад (с)» аз ҳамин қабил китобҳо ҳастанд. Ба маврид аст, зикр кунем, ки бо саъй ва талошу ҳиммати ҷавонмардонаи рӯзноманигори тоҷик, марҳум Абдулҳай Асроров асари Муҳам¬мад Ҳусайни Ҳайкал «Зиндагиномаи Муҳаммад (с)» ба форсии тоҷикӣ тарҷума ва дар ду муҷаллад ба табъ расидааст.

Аммо Холид Муҳаммад Холид ҳамчунон ки дар муқаддимаи асараш «Абубакр (р) омад» зикр мекунад: «Худро мустаҳақ ва омодаи нигориши алоҳидаи мухтасар ё мукаммали зиндагиномаи Паёмбари азиз дарнаёфтааст».

Вале ин маънои онро надорад, ки муаллиф дар рафти баёни ҳодиса ва корномаи халифаҳои рошидин ва муқаррабтарин асҳоби Паёмбар аз тасвири зиндагии нусратбори Расули акрам (с) сарфи назар карда бошад. Дар иртибот ба зиндагию адои рисолати

дунявии ҳар як халифа ва ҳар як саҳоба такрор ба такрор аз нахустин ваҳӣ (соли 610-и милодӣ) то ҷамъияти маҳдуди мусалмонон дар ҳавлии Арқам бини Арқам, ҳодисаҳои ғори Ҳиро ва Савр, ғазоҳои Бадру Уҳуд, Хандақ, Хайбар, Муъта, Ярмук бо тасвири саҳнаҳои зинда ва хеле хушоянд болои саҳифаҳо омадаанд.

Шахсияти Расули акрам (с) дар ҳамаи панҷ асари Холид Муҳаммад Холид ламъаи нурест аз нури илоҳӣ, ки зиндагӣ, саҳм ва корномаҳои халифаҳои ӯ ва саҳобагони киборашро рӯшан мекунад. Махсусан муаллиф дар ин асар, «Родмардоне дар атрофи Паёмбари акрам (с)», ки хонандаи гаронқадр дар даст дорад, мазмун ва моҳияти аслии рисолати Паёмбари бузургро (с) бо далелҳои мантиқӣ исбот кардааст.

Сабки ин асар, асосан бадеӣ – таърихӣ буда, тобиши таърихияти он бештар ва ороиши бадеии он камтар аст. Ҳарчанд таъбирҳо тарзу усули баёни ҳодисаҳо зоҳиран маъмулӣ намоянд ҳам, вале баъди чанд саҳифа хонанда дармеёбад, ки аз ҳаёту корномаҳои шаст ҳамсӯҳбати Паёмбар (с) ҳамаи далелҳое интихоб ва ҳунармандона ҷобаҷогузорӣ шудаанд, ки хонанда худро ҳамчун мушоҳидагар не, балки беихтиёр дар саҳнаҳои набард ба сифати як иштирокдори ҳодисаҳо тасаввур менамояд.

Хонанда борҳо ҳамроҳи нахустин ҷамоъати мусалмонон дар паҳлӯи кӯҳи Сафо дар ҳавлии Арқам ибодатҳои махфиёна мекунад. Дар паҳлӯи Каъба истода мунозараи сайидушшуҳадо Ҳамза ибни Абдулмуталлибро бо Абуҷаҳл барои дифоъи ҳазрати Расул (с) мебинад. Борҳо ба набардгоҳҳои Бадру Уҳуд ба ғазо меравад, ҳамроҳи Салмони Форсӣ тарҳи амалиёти ғазои Аҳзобро мекашад ва дар канораи Мадинаи мунаввара хандақ меканад. Найранги қабилаҳои яҳуди бани Қурайза ва бани Қайнуқоъро ошкор мекунад. Дар футуҳоти Шому Қодисияву Наҳованд, Мисру Аҳвоз пешсаф мешавад. Қатли Мусайламаи каззобро дар Ямома мебинад.

Дар баробари ҳамаи ин машҳаду манозир ин асар қабл аз ҳама имони хонандаро тазкия мебахшад. Олудагиҳои нафсонии инсонро мемиронад. Хонандаро аз гирдоби ботил берун мекашад ва ба сӯи Ҳақ ҳидоят менамояд.

Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки бори аввал хонандаи тоҷик шахсияти шаст нафар саҳобаи Расули акрамро дар асоси

муътамадтарин далелҳо, бидуни рангрезии хурофотӣ, ки маъмулан мо мусалмонони Мовароуннаҳр ба он одат кардаем, мутолаъа менамояд.

Арзиши баланди ин китоб бо ин далел ҳам собит мегардад, ки сӣ сол боз пораҳои ин асар ҳар субҳу шом аз тариқи радиоҳои мамолики Араб пахш мешаванд. Соли 1998 доктор Муҳаммад Ториқ Сувайдон, устоди Донишгоҳи улуми исломии шаҳри Риёзи Арабистони Саъудӣ дар шаш навори сабти овоз аз рӯи асарҳои Холид Муҳаммад Холид мутолаъоти родиюӣ омода кардааст.

***Саидаҳмад ҚАЛАНДАР***

# МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

***Онҳо касонеанд, ки Худованд онҳоро ҳидоят намудааст ва онҳоянд соҳибони ақл.***

***Қуръон, сураи Зумар, ояти 18***

Он чизеро, ки таърих аз ахбори бузургтарин ҷамъияти дар дунёи ақида ва имон зуҳур намуда ривоят мекунад, чизи бофта ва дурӯғе нест, ки бо мурури замон кӯҳна мегардида бошад. Зеро таърихи башарият бо тӯл ва арзи худ ба он андоза шоҳиди садоқат ва ростию ҳақиқатталабие набудааст, ки дар даврони таърихи ислом ва мардони собиқадори он барояш муяссар гардид. Барои омӯзиши ин давр ва ҷустуҷӯи ахбори он заҳмати зиёди башарӣ сарф гардида, чанд насли олимони забардаст насл ба насл корҳои бузургу кӯчаки ин давронро зери заррабин ҷустуҷӯ намудаанд.

Пас чун бузургии фавқулъодаеро, ки дар бораи ин мардони диловар, саҳобагони Паёмбар (с), дар саҳифаҳои ин китоб мехонед, бофта нестанд, агарчӣ корномаҳо ва шуҷоъати онҳо аз рӯи бузургии мӯъҷизамонандашон ба афсона шабоҳат доранд.

Баёноти ин рисола шахсият ва ҳаёти ин бузургонро пеши назари хонанда муҷассам месозад ва лаҳза ба лаҳза ба сӯйи камолот суъуд мекунад, аммо на аз рӯйи суханпардозии вассофон ва суханварон, балки дар он доирае, ки худи соҳибони ин авсоф сазовор буданд ва ба он қадр, ки дар ин роҳи бузурги камолот кӯшиши фавқулъодда анҷом додаанд.

Ин китоб қудратеро надорад, ки тамоми азамати ин бузургмардонро ба хонанда пешкаш намояд, балки аз авсофи онҳо чизи андакеро ишора мекунаду бас.

Огоҳ бошед, ки таърих мисли ин бузургмардон каси дигареро надидааст, ки қасду нияташон ёфтани адолату ҳақпарастӣ бошад ва дар роҳи расидан ба ин ҳадаф бо як ҷасорати бемисл тамоми ҳаёташонро бахшида бошанд.

* * *

Ин бузургон дар лаҳзае ба дунё омаданд, ки гӯё зиндагӣ роҳи онҳоро интизор буд.

Дар лаҳзае, ки ҳаёти башарӣ мунтазири шахсе буд, ки ба арзишҳои рӯҳии вай ҷавонӣ ва тароват бахшад, ин бузургон ҳамроҳи Паёмбарашон ба сифати башоратдиҳанда ва роҳнамо зуҳур намуданд.

Замоне, ки зиндагӣ чашм ба роҳи шахсе буд, то занҷирҳои зулму истибдодро аз гардани башарият бигирад ва ҳастию роҳи камолоти ӯро озод намояд, ин бузургон аз пайи Паёмбари азимашон ҳамчун мубориз ва наҷотдиҳанда ба арсаи таърих ворид шуданд.

Замоне, ки зиндагӣ ҷӯёи касе буд, ки тамаддуни башариро то ба қуллаҳои нав боло барад, ин бузургони шарафманд ҳамчун роҳнамо ва болобаранда зуҳур намуданд.

* * *

Ин бузургон чӣ гуна тавонистанд дар андак вақт ин қадар корҳои азимро анҷом бидиҳанд?

Чӣ гуна бар болои дунёи кӯҳан, ки соҳиби императорҳо ва рамзҳои шаҳомат буд, шӯриданд ва он дунёи кӯҳанро ба хоктӯдае табдил намуданд?

Чӣ гуна ба воситаи Қуръон ва таълимоти Худованд олами наве тарҳрезӣ намуданд, ки аз зебоӣ медурахшид ва азамату қудраташ аз ҳама боло буд?

Ва пештар ва болотар аз ҳама, чӣ гуна дар як лаҳзаи кӯтоҳ бо суръати рушноӣ тавонистанд, ки замири инсонҳоро ба ҳақиқати тавҳид равшан намоянд ва аз қалби онҳо бутпарастии асрҳоро то абад бирӯбанд? Ин аст мӯъҷизаи ҳақиқии онҳо.

Ва низ муъҷизаи ҳақиқии онҳо дар қудрати азими нафсониашон, ки ба воситаи он фазилатҳояшонро қолабрезӣ намуданд ва дар чанг заданашон ба имон ба таври чашмгир зоҳир мегардад.

Вале ба ҳақиқат ин муъҷизоти аз ин бузургон рух дода ба ғайри партави хирае аз муъҷизаи бузурги дар дунё тобида чизи дигаре набуд. Он мӯъҷизаи бузург рӯзе зуҳур намуд, ки Худованд ба нузули Қуръони худ иҷоза дод ва ба Расулаш амр намуд, ки ба мардум бирасонад ва супориш кард, ки корвони Ислом дар ин ҷодаи нур ба роҳ бияфтад.

* * *

Дар ин китоб, ки қаблан дар панҷ ҷузъи ҷудогона ба нашр расида буд ва акнун дар як ҷузъи комил ба табъ мерасад, зиндагии шаст нафар аз асҳоби Паёмбарро ба хонандагон пешкаш менамоям.

Ҳамчунон, ки дар хотимаи китоб ишора намудаам, ин шаст нафар аз ҳазорон бузургмарди дигари ҳамасри Паёмбар (с) буда ва ба ӯ имон оварда ва ӯро ёрӣ намуда нишонае ҳастанд, ки мо бо тасаввури инҳо дар зеҳнамон ҳамаи ононро хоҳем мушоҳида кард.

Имон, устуворӣ ва ҷавонмардию муҳаббати онҳоро ба сӯи Худо ва Расули ӯ (с) хоҳем дид.

Хоҳем дид, ки чӣ ҷонсупорие кардаанд ва чӣ даҳшатҳоеро мутаҳаммил гардиданд ва ба чӣ пирӯзиҳое комёб шуданд. Ва хоҳем дид, ки барои озодии башарият аз чанголи гумроҳӣ дар ақида ва дар сулук чӣ бузургдавреро гузарониданд ва чӣ ҷонбозиҳое намудаанд.

Албатта хонандаи муҳтарам дар миёни ин шаст нафар, хулафои рошид: Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алиро намеёбад, зеро аз ин пеш Худованд маро муяссар гардонид, ки дар бораи ҳаёту фаъолияти ҳар яке китоби алоҳидае тасниф кунам. Ин китобҳо: ("Абубакр (р) омад", "Дар ҳузури Умар", "Видоъ, ё Усмон", "Дар пеши дастони Алӣ") мебошанд.

Акнун бо тавозӯъ ба ин бузургмардон наздик мешавем, то беҳтарин намунаи фазилат ва бузургиро аз онҳо истиқбол кунем ва таҳти куҳналибосҳои хоксоронаи онҳо беҳтарин бузургиеро, ки олам шинохтааст, биёбем ва бо чашми сар бубинем, ки ин корвони роҳи Ҳақ чӣ гуна олами куҳанро бо дасти худ ҷамъ намуда, аз саҳна берун ронд ва саморо бо ливоҳои ҳақиқати нав, ки эълони ягонагии Худо ва озодии мардумро менамояд, танг кард.

## НУРЕ, КИ ПАЙРАВАШ ШУДАНД

**Чӣ муаллиме буд ва чӣ инсоне! Он касе ки аз бузургӣ, амонатдорӣ ва баландмартабагӣ саршор аст! Ба ҳақиқат, касоне, ки ҷонҳояшонро дар роҳи пайравии ӯ нисор намуданд, чӣ нафъи бузурге бурданд! Писари Абдуллоҳ, Муҳаммад (с), фиристодаи Худо ба сӯйи мардум дар айни ҷӯшу хурӯши ҳаёт!**

Кадом сиреро ӯ ба даст овард, ки ӯро бар фарзандони Одам мушарраф гардонд?

Ва ба кадом дасти тавоно ба сӯи осмон дуъо намуд, ки тамоми дарҳои раҳмат, неъмат ва ҳидояти осмонӣ назди ӯ кушода гардиданд?

Чӣ имоне... чӣ азимате, чӣ устуворие?

Чӣ садоқате... чӣ покие, чӣ ноолудагие?

Чӣ тавозӯъе... чӣ муҳаббате, чӣ вафое?

Чӣ арзиш ниҳоданҳое барои роҳи Ҳақ?

Чӣ эҳтироме барои зиндагӣ ва зиндаҳо?!

Дар ҳақиқат Худованд аз неъматҳояш ба ӯ он ҳадду миқдоре ато намуд, то сазовори он гардид, ки байрақи ӯро бардорад ва аз номи ӯ сухан гӯяд, балки сазовори он гардид, ки аз охирини расулони ӯ бошад.

Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки фазли Худованд бар ӯ бас бузург аст.

Ҳар қадар ки табиатҳои башарӣ ва илҳому қаламҳо бо якдигар мусобиқа кунанд ва аз ӯ сухан гуянд ва азамати ӯро сароянд, боз ҳам ба манзалаест, ки гӯё аз ҷои худ наҷунбида бошанд ва бо забони худ чизе нагуфта бошанд.

* * *

Ва чун дар саҳифаҳои аввали ин китоб иродаи он шуд, ки оғози ин рисола ба зикре аз Паёмбар (с) ифтитоҳ гардад, пас ин тамаъи он нест, ки дар бораи Паёмбар (с) чизе муносиб мегуфта бошад ва гумон ҳам надорад, ки он Расули аъзамро ба хонандагон муаррафӣ намояд.

Ба ҳақиқат ин чанд сухан як ишоратест ночиз ба сӯи сифати олӣ ва бузургии ӯ, ки дили мардумро ба сӯяш моил сохт ва бо як муҳаббати бепоён дили он бузургмардонро аз муҳоҷиру ансор ҷазб

намуд, ки ин китоб аз баъзеи онҳо ривоят мекунад. Ва агар зиндагӣ ҳар гоҳ аз ин сифати олӣ каме парда бидарад, ҳар як насими ӯ башорате дар пеши худ дорад ва расуле барои башарият. Дар ҳар гурӯҳе аз инсоният, ки бошад бо худ асосҳои даъвати Ҳақ ва бӯе аз худи доъӣ ва аз сидқи таълимоти вай ва аз бузургии бениҳояти муаллим ва нури рисолат ва меҳрубонии Паёмбарро (с) дорост.

Оре, матлаби аслии ин китоб ҳамин асту бас. То таҳти шуоъҳои хирае баъзе аз сифатҳои бузург ва нодири Паёмбарро, ки муҳаббати муъминонро ба сӯйи худ кашид ва онҳоро чунон гардонид, ки дар вуҷуди ӯ ҳадаф, роҳи зиндагӣ ва муаллиму дӯстро дидаанд, ба назар бирасонад.

Чӣ қуввае буд, ки бузургони қавми ӯро мисли Абӯбакр ва Талҳа, Зубайр, Усмон ибни Аффон, Абдураҳмон ибни Авф, Саъд ибни Аби Ваққосро то андозае ба сӯйи суханон ва дини ӯ ҷазб намуд, ки дар роҳи ин мубориза аз ҳама муҳити онҳоро иҳота карда, аз обрӯй ва иззати байни қавм гузаштанд ва дар айни замон як ҳаёти пурмашаққатеро, ки бо душворӣ, сахтӣ ва муборизаҳои давомнок ҳамроҳ буд, истиқбол намуданд?

Чӣ сирре буд, ки заифону бечорагон худро дар паноҳи ӯ мегирифтанд ва ба сӯи байрақ ва даъвати ӯ мешитобиданд, ҳол он ки медиданд, ӯ на моле дорад ва на силоҳе. Ҳар лаҳза ранҷе ба ӯ мерасад ва балоҳо ӯро бо даҳшатноктарин таҳдидҳо ба ҳар тараф меронданд ва ӯ аз бартараф кардани онҳо оҷиз буд?

Чӣ чизе як шахсияти дар ҷоҳилият хеле зулмпеша ва бо шамшераш қасди буридани сари Паёмбар (с) карда, Умар ибни Хаттобро ба қафо баргардонид, то бо ҳамин шамшер, ки имон буррандагии ӯро зиёд намуда буд, сарони душманон ва бадхоҳони ӯро бибурад?

Чӣ чиз баргузидагони Мадинаро ба сӯйи ӯ овард, то бо вай аҳду паймон намоянд, ки ҳамроҳаш ба як баҳри пурталотум ва даҳшат ворид шаванд. Ҳол он ки ба хубӣ медонистанд, муқобила бо Қурайш хеле даҳшатнок аст.

Чӣ чиз боиси он гардид, ки теъдоди муъминон рӯз то рӯз зиёд мегардид. Ҳол он ки Паёмбар (с) ҳар субҳу шом ин нидоро мекард:

– Ман молики нафъу зарар барои шумо нестам ва ман намедонам, ки дар ҳаққи ману шумо чӣ кор карда мешавад.

Чӣ чиз мусалмононро бовар кунонида буд, ки ба наздикӣ гӯшаву канори дунё барои онҳо кушода мешавад ва қадамҳои онҳо дар зарру зевари дунё фурӯ хоҳад рафт ва ин Қуръонеро, ки имрӯз бо овози паст ва тарсида тиловат мекунанд, ба зудӣ тамоми олам бо овози баланд ва нағмаҳои қавӣ тиловат менамоянд ва ин на дар як насле, ки онҳо умр ба сар мебаранд ва на дар як сарзамине, ки зиндагӣ доранд, балки то он даме, ки замону макон боқист, идома меёбад.

Чӣ чиз дилҳои онҳоро аз яқину азми росих моломол намуда буд?

Ҳаққо, ки ин писари Абдуллоҳ буд.

Ва кист, ки дар ин ҳама ғайри ӯ бошад?

Зеро ба ҳақиқат ин бузургон ба чашми худ тамоми фазоил ва бартарияти ӯ, покизагӣ, покдоманӣ, амонатнигаҳдорӣ, устуворӣ дар роҳи Ҳақ ва шуҷоъати ӯро диданд. Ҳиммат ва меҳрубонии олиашро диданд. Ақл ва баёни ӯро мушоҳида намуданд. Диданд, ки аз ростии баён ва бузургии шахсияти ӯ гӯё хуршед тулӯъ мекунад.

Онҳо бо гӯши ҷон шуниданд, ки чӣ гуна ҷони тозае дар рагу пайи зиндагӣ медамад, чун Муҳаммад (с) аз сирри ҳаёти ҳаррӯза ва андешаи фардои он бар раги зиндагии башарият дамид.

Онҳо инро ва чандин баробари инро на аз паси парда, балки рӯёрӯ, бо чашми сар диданд ва бо қалби худ эҳсос намуданд.

Ва чун як араби он аср чизеро медид ва дар он таъаммуқ мекард, албатта бо огоҳии тамом ба ту хабар медод.

Зеро онҳо ба ҳақиқат қиёфашинос ва раммол буданд. Агар яке аз онҳо пайи поеро дар роҳ медид, барои ту ҳатман мегуфт, ки қадами фалонист писари фалонӣ.

Ва бӯи даҳони ҳамсӯҳбаташро шамида, ростқавлӣ ва дурӯғгӯии ӯро пай мебурд. Ана ҳамин гуна мардумони зирак диданд Муҳаммадро (с) ва ҳамасри ӯ буданд аз замони кӯдакияш.

Аз зиндагонии ӯ чизе бар онҳо пӯшида набуд.

Ҳатто замони тифлии ӯ. Ва ин давраест, ки ғайри соҳибони тифл дигаре огаҳӣ надорад ва ҳамин даврони кӯдакии Паёмбар (с) барои ҳамаи аҳли Макка ошкору аён буд.

Зеро даврони тифлии ӯ мисли дигар кӯдакон маъмулӣ набуд. Дар ҳақиқат, аз замони тифлиаш таваҷҷӯҳи мардумро ба сӯи худ

ҷалб намуда буд, зеро як мардонагӣ ва ҷаҳди фавқулъоддае аз рафтори ин тифл ҳувайдо мешуд ва аз бозӣ ва саргармии одатии тифлона ба сӯи ҷиддияти мардона майл дошт.

Ба тариқи мисол лаҳзаеро ёдовар мешавем:

Аҳли Қурайш дар суҳбатҳои худ аз набераи Абдулмуталлиб чунин тавсиф менамуданд, ки аз бозӣ кардан ва шабнишинӣ бо дигар тифлон сарпечӣ намуда, чунин мегуфтааст:

– Ман барои чунин корҳо офарида нашудаам!

Ва инчунин, аҳли Қурайш суханони Ҳалима, дояи Паёмбарро (с) дар байни худ ҳикоят мекунанд. Чун Ҳалима Муҳаммадро ба соҳибонаш бозгардонид, баъзе мулоҳизоте нисбати ин тифл баён намуда, бо қаноатмандӣ гуфт, ки ин кӯдак ғайриодист ва дар ҳастии ин тифл сирре аз асрори Илоҳӣ нуҳуфтааст, ки бо мурури замон ошкор хоҳад шуд.

Агар мо аз даврони ҷавонии ӯ сухан гӯем, ҷӣ зиндагии беолоишест, зеро аз лиҳози дурахшандагӣ ва сафову покизагӣ аз ҳар лаҳзаи пеш ошкортару ҳувайдо буд ва машғулияти доимии қавми ӯ буд ва мутассил дар суханрониҳояшон аз бузургдошти ӯ ривоят менамуданд.

Ҳамчунин, мардонагии ӯ ҳӯшу дили мардумро мусаххар намуда буд.

Ва аз ҳама болотар ин буд, ки ҷамъияти он вақта ва қавми ӯ рафтору зиндагии ӯро миқёси зиндагии худ қарор дода буданд ва ҳар ҳақиқат ва некию зебоиро бо рафтори ӯ месанҷиданд.

Ин ҳангом маълум шуд, ки зиндагонии ӯ дар байни қавмаш хеле равшан омӯхта шудааст.

Аз гаҳвора то рӯзи фавташ.

Ҳар як назар, қадам, суханронӣ ва ҳаракаташ ҳатто хобҳои дидааш, орзуҳояш ва хотироти нафсаш аз рӯзи аввали ба олам қадам ниҳоданаш ҳаққо, ки барои тамоми башарият буд.

Гӯё Худованд ирода намуд, ки ба мардум бигуяд: ин Расули Ман аст ба сӯи шумо, василаи исботи рисолаташ мантиқ ва ақл аст ва ин аст зиндагонии ӯ дар пеши назаратон аз замони дар батни модар буданаш.

Акнун шумо эй мардум, бо мантиқу ақли худ ҷустуҷӯ намоед ва ӯро муҳокама кунед.

Оё дар зиндагонии ӯ шубҳае мебинед ва сохтакорие мушоҳида менамоед?

Оё боре дурӯғ гуфт ва хиёнат кард? Оё боре ба сӯйи пастӣ майл намуд? Оё бар инсоне зулм раво дид? Оё сирри пӯшидаи касеро ошкор кард? Оё касеро баъди ба ҳимоя гирифтанаш таслими душманаш гардонид?

Оё аз хешованде хешиашро бурид? Оё масъулиятеро, ки ба уҳда гирифт, иҷро накард?

Оё гоҳе аз ҷавонмардӣ худро канор гирифт?

Оё касеро дашном дод? Оё бутеро мавқеи парастиш қарор дод?

Бодиққат ҷустуҷӯ кунед, зеро дар зиндагии ӯ чизе аз шумо пӯшида нест.

Пас агар ҳаёташ дар ҳақиқат ҳамчунон бошад, ки аз лиҳози покизагӣ, ростӣ, бузургӣ мебинед, магар ақлу мантиқи салим ҷоиз мешуморад, ки шахсе бо чунин хислатҳои олӣ баъди чиҳил соли ҳаёташ дурӯғгӯйӣ кунад?

Ва боз дар муқобили кӣ? Дар муқобили Худо. Гӯё, ки ӯ паёмбар бошаду Худо ӯро ба сӯйи халқ интихоб намуда фиристода бошад?

Ҳаргиз!!

Эҳсос ва бадоҳат чунин мегӯянд.

Мантиқу ақл чунин мегӯянд.

Пас шумо эй мункирон бо кадом сабк фикр меандешед? Ва бо кадом ҳақ дурӯғ мегуед?

* * *

Ба ақидаи мо ҳамин буд сабаби таваҷҷуҳи муъминони садри аввал аз муҳоҷирин ва касоне, ки онҳоро ҷой доданд ва ёрӣ намуданд, яъне ансор.

Ба ҳақиқат ин қадаме буд қотеъ ва сареъ. Ва барои тараддуд фурсате набуд.

Инсоне, ки ҳаёташ ин қадар покиза ва равшан бошад, ҳеҷ гоҳ дар муқобили Худо дурӯғ намебофад.

Бо ҳамин басирати гузарояшон ин муъминон нури Худоро диданд ва ӯро пайравӣ намуданд.

Ва пас, ҳангоме ки бо чашми сар диданд, ки чӣ гуна Худованд Расулашро нусрат дод ва тамоми Ҷазираи Араб ба итоати ӯ даромад ва ба андозае, ки дар хотири ҳеҷ кас намегузашт, дари

ризқу ғаниматҳо ба рӯйи Паёмбар (с) кушуда шуд ва ҳол он ки Муҳаммад (с) тағйир наёфт ва аз рафтору кирдори пешинааш иқдомашро як зарра дигар накард, баръакс, зуҳду тақвояш зиёд гардид ва ҳаёти парҳезгоронаву камбағалонаашро идома дод, то ҳадде, ки вақти вафоташ дар болои бӯрёе хобида буд, ки найҳои ӯ дар бадани муборакашон асари худро гузошта буданд, аз басирати худ қаноатмандӣ менамуданд.

Ҳамчунин, вақте медиданд, ки ӯ Расулест, ки ливоҳои пирӯзиаш уфуқҳоро моломол кардаанд, вале бо ин ҳол ба болои минбар мебаромад ва рӯй ба мардум намуда, гирён-гирён ба мардум мегуфт:

– Агар касеро дар муддати ҳаётам ба пушташ шаллоқе зада бошам, пас имрӯз пушти ман дар ихтиёри ӯст, биёяд, қасоси худро бигирад ва агар аз касе моле ба ноғаҳ гирифта бошам, пас имрӯз аз моли ман бигирад.

Ва замоне медиданд амакаш Аббос аз ӯ талаби мансабе мекунад, ки дар он замон аксари шахсони одӣ ҳам ба он мансабҳо расида буданд ва ӯ бо меҳрубонии ба худ хос ӯро рад мекунад ва мегӯяд:

–Қасам ба Худо, эй амаки муҳтрам, ҳаргиз мо амалро ба касе намедиҳем, ки ӯро талаб кунад ва барои ҳоким шудан ҳарис бошад!

Ва ҳине медиданд, ки чӣ гуна дар замони қаҳтӣ ва сахтиҳо на танҳо бо мардум якҷоя ранҷ мебарад, балки барои худ ва аҳлу байташ як меъёре ниҳода буд, ки ҳеҷ гоҳ аз он намебаромад ва он меъёр ин аст: Яъне, аввалин касоне бошанд, ки гуруснагӣ кашанд, вақте ки мардум гуруснаанд ва охирини мардум бошанд дар вақти серии мардум.

Оре месазад, ки муъминони садри авввал басирати худро ситоиш кунанд, чунки корҳои бузургро қабл аз вуқуъашон дарк намудаанд, баъдан он ки сипосу ситоиши Худоро бисёр бигӯянд барои ҳидоят карданаш ба сӯйи имон.

Ва ба зудӣ ҳаётеро хоҳанд дид, ки беҳтарин нишона буд барои тасдиқи соҳибаш, вақте ки ба мардум гуфт:

– Ман Расули Худоям ба сӯйи шумо.

Ва ин ниҳоят ҳаёти бузург буд ва ба покизагиву азаматаш беҳтарин далеле буд барои сидқи ин муаллими бузург. Ба ростӣ,

зинаи тараққиёташ ба андозае бузург буд, ки аз гаҳвора то марг лаҳзае ба сӯйи пастӣ ё лағзиш майл нанамуд.

Дар тӯли ин ҳастии бобаракат, баъди он ки ба авҷи камолот расид, мисли равшании рӯз зоҳир гардид, ки соҳиби ин зиндагӣ ва ин рисолат барои обрӯй, мол ва ҳокимият мубориза накардааст. Зеро ҳамаи ин барои ӯ ҳосил шуданд, ҳамаро аз худ дур кард ва ба ҳамон ҳаёти соддаву шарофатмандонаи худ чун диловари майдон ва руҷӯъкунандаи ба Худо идома дод.

Як лаҳзае ӯ аз ин ҳаёти бузургаш ба қадри мӯе ҳам бошад, тахаллуф наварзид.

Аз он ваъдае, ки бо Худо дар бораи ибодат ва азму талош намуд, як даме берун нарафт.

Ҳамеша чун нисфи охири шаб фаро мерасид, бармехост ва таҳорат карда, чун одати доимии худ Худоро муноҷот мекард ва мегирист ва намоз мегузорид ва мегирист.

Молу сарвати дунё рӯйи ҳам ба пешаш ҷамъ мешуд, вале ӯ тағйир наёфт ва аз он мол ба миқдоре масраф намуд, ки яке аз фақиртарини мардум ҳақ дошт. Ба ҳадде, ки дар ҳоли дар бистари марг хобидан либосаш дар гарав буд.

Мамолики зиёде дар атрофи даъвати ӯ муттаҳид гардиданд ва бисёр шоҳони он замон дар назди фиристодагони ӯ бо тарсу ҳарос сари итоат хам намуданд, ҳамаи ин пирӯзиҳо натавонистанд дар ниҳоди ӯ заррае аз кибру ғуруррo эҷод намоянд, агарчӣ аз дурии фарсахе ҳам бошад!

Чун медид баъзе аз зиёраткунандагонаш дар вақти мулоқот парешон ва ҳаросида ҳарф мезананд ба онҳо мегуфт:

– Худро осуда бигиред, ҳаққо, ки модари ман дар Макка гӯшти дар офтоб хушкшуда мехӯрд .

Душманони динаш ҳама силоҳ ба замин гузоштанд ва гарданҳои худро пеши ӯ фароз намуданд, то ҳар ҳукмеро раво бинад дар ҳақи онҳо бикунад, дар ҳоле ки даҳҳо ҳазор шамшерҳои бараҳна дар болои теппаҳои Макка рӯзи фатҳ дар дасти мусалмонон медурахшиданд, ин ҳол ҳам ӯро дигаргун накард ва бо чунин ибораи кӯтоҳ ҳамаашонро озод намуд:

– Бiравед, шумо озод ҳастед !

Ҳатто худро аз дидани пирӯзие, ки ҳаёташро сарфи он намуда буд, маҳрум сохт. Рӯзи Фатҳ сарашро дар болои шутур барои таъзими Худованд чунон хам намуда буд, ки мардум рӯи ӯро намедиданд. Дар ҳоле, ки оби дидагонаш ба рӯяш мешорид, гаштаву баргашта дар нафси худ шукронаи Худоро мегуфт ва зориву таваллои худро ҳамчун шахси гунаҳкор шармида ба сӯи Худо баланд мекард, то ин ки ба пеши Каъба расид ва рӯй сӯи бутҳо гардонид ба хароб кардани онҳо шурӯъ намуд ва мегуфт:

– Ҳақ омад ва ботил нест шуд, ҳаққо, ки ботил ҳамеша нестшаванда аст. (Сураи Исро, ояти 81).

Оё ҳоло ҳам дар рисолати ӯ шубҳае боқӣ монд?

Инсоне, ки ҳаёташро ба даъвате бахшад, ки дар он ягон фоидаи шахсӣ; аз ҷумла сарват, мансаб, обрӯ ва нуфуз дар байни мардум, ҳатто зинда ва ҷовидон мондани номаш дар таърихро дар назар надошт, зеро ӯ фақат ба ҷовидонии Худо боварӣ дорад, оё дурӯғ мегӯяд?

Магар инсоне, ки ҳаёташро аз замони тифлӣ то 40 солагӣ бо як покизагӣ ва андеша сипарӣ намуда ва баъди 40 солагӣ то охири ҳаёташ зиндагиашро вақфи ибодат, ҳидоят ва пайкору муборизаҳо намояд ва дунё аз ҳар ҷиҳат ба ӯ рӯй биёрад ва ӯ тамоми ифтихору бузургии ботили дунёро пушти по занад ва то охири умр бо як равиши хос ва ибодат ва рисолати худ боқӣ монад, метавонад, ки дурӯғгӯй бошад?

Ва боз дар бораи чӣ дурӯғ гуяд?

Огоҳ бош, ки инсони комил аз ин рафтор пок аст ва расул низ аз ин сифат пок ва муназзаҳ аст!!

* * *

Ҳамчунон, ки гуфтем, ақл ва мантиқи солим аз он замон то имрӯз ҳарду беҳтарин далел бар сидқи Муҳаммаданд (с), вақте, ки мегӯяд:

– Ман Фиристодаи Худоям.

Пас ягон ақли солим ва мантиқи саҳиҳ дар худ ғунҷонида наметавонанд, ки инсоне аз рӯзи таваллуд то марг чунин пок бошад ва дар муқобили Худо дурӯғ гуяд.

Пас мӯъминоне, ки аввалин шуда ба сӯи ӯ шитобиданд ва мо дар ин рисола ба як гӯшае аз ахбори онҳо шинос мешавем, аввал

ҳидояти Худо ва баъд далили ақлу мантиқ роҳнамои асосии онҳо буд.

Ба ин тариқ:

Ана Муҳаммад (с) пеш аз паёмбариаш.

Ва ана Муҳаммад (с) баъди паёмбариаш.

Ана ӯ дар гаҳвора аст, баъд аз он бистари марг ӯро печонидааст.

Оё чашми муҳаққиқ дар тӯлу арзи зиндагии вай фарқе мебинад?

Ҳаргиз.

Акнун дар бораи солҳои аввали рисолаташ каме таваққуф намоем.

Ва ин солҳо дар таърихи сидқу субот беназиранд!

Ва ин солҳо аз бузургии муаллим ва роҳнамои башарият бештар аз дигар лаҳзаҳо далолат мекунанд.

Ва ин солҳо ибтидои китоби зиндагист. Китоби зиндагии Паёмбар (с) ва диловариҳои ӯ, балки пештар аз ҳама ва зиёдтар гаҳвораи мӯъҷизаҳои ӯст!

Акнун аз фарози солҳои зиёд бигузарем ба пас ва он лаҳза тасаввур намоем, ки Расули Худо (с) танҳо ва ҷудо аз ҳама буд ва бистари роҳат ва амнияту истиқрори худро аз даст дода ва ба сӯи мардум таълимоте овард, ки ба онҳо ношинос, балки ба мазоқи онҳо нофорам гуем ҳам, хато намекунем.

Ба таҳқиқ таълимоти ӯ бештар ба сӯи ақлҳои мардум равона буд ва мо медонем, ки чӣ душвораст кор барои касе, ки ба ҷои эҳсосот ва отифаи мардум хитобаш ба сӯи ақли онҳо бошад.

Ва Муҳаммад Расули Худо (с) ба ин иктифо накард. Пас ба ҳақиқат оқибати хитоб ба сӯи ақлҳо осонтар мебуд, агар ту бо мардум дар дохили як доираи одоти муштарак ва мақсаду мароми муштарак бошӣ.

Аммо чун онҳоро ба чизе даъват мекунӣ, ки натиҷааш дар ояндаи хеле дур анҷом мегирад ва ту онро мебинӣ ва онҳо ӯро намебинанд ва ту дар он зиндагӣ мекунӣ ва онҳо инро дарк наменамоянд.

Оре, вақте ки ба ақлҳои мардум хитоб мекунӣ ва бармехезӣ то зиндагии онҳоро бе ин ки туро ягон ғарази шахсӣ ва обрӯй ва хоҳише таҳрик намояд, аз сари ихлос ва амонатдорӣ аз бехаш

дигаргун созӣ, пас ин ҷост хатаре, ки тоқати онро ба ҷуз паёмбарони улулазм ва расулон дигар касе надорад!

Ва ба ростӣ, Паёмбари Худо (с) диловари ин майдон ва устоди бузурги ин майдон буд.

Дар он замон фақат парастиши бутҳо ибодати мардум буд ва аслу қоидаҳои бутпарастӣ дини ягона шуморида мешуд.

Ва Паёмбари акрам (с) ягон усули бо ҳила наздик шудани корро пеш нагирифт.

Ҳол он ки дар ҳақиқат, ноҳамвории роҳ ва вазнинии масъулият ҳарду ба ӯ иҷоза медоданд, пеш аз он ки мардумро якбора бо даъвати яктопарастиаш ба даҳшат афканад, ақлу заковати фавқулодаашро барои омода сохтани мардум истифода барад.

Оре, метавонист ва ҳақ дошт, ки мардумро барои дур сохтан аз ибодати олиҳае, ки парастиши онро дар тӯли садҳо сол аз падаронашон мерос гирифта буданд, омода созад. Пас аввал як ҳаракати осонтар ва гирдкунандаро оғоз мекард ва худро то метавонист аз ин бархӯрди ногаҳонӣ дуртар мегирифт, зеро медонист, ки аз аввалин лаҳза тамоми кинаву адовати мардум ба сӯи ӯ равона мешавад ва тамоми силоҳҳои онҳоро бар зиддаш тез мекунад.

Вале ӯ ин тавр рафтор накард ва ин нишонаи паёмбарии ӯст, ки дар дохили қалбаш савти осмониро шунид, ки гуфт:

– Бархез!

Пас бархост. Ва боз гуфт:

– Бирасон!

Пас расонид бе пинҳон кардан ва бе тарсу ҳарос.

Ба таҳқиқ ӯ аз лаҳзаҳои аввали рисолаташ мардумро ба асли рисолат ва ҷавҳари қазия мутаваҷҷиҳ сохт:

– Эй мардум, ба ростӣ, ман Расули Худоям ба сӯйи шумо. То Ӯро парастиш кунед ва ба Ӯ чизи дигареро шарик насозед. Дар ҳақиқат, ин бутҳои шумо беҳуда ва ботиланд ва қудрати нафъу зарари шуморо надоранд.

Оре, аз лаҳзаи аввал мардумро ба сӯйи ин калимаҳои ошкору равшан мутаваҷҷеҳ сохт ва аз лаҳзаҳои аввал ба ин майдони муборизаҳои шадид, ки то лаҳзаи охирини ҳаёташ мебоист дар он ширкат кунад, рӯбарӯ шуд.

Дар чунин ҳолат муъминони садри аввалро чӣ чиз ба пайравии ӯ тела медод?

Магар ҳеҷ дили зиндае метавонад, ки аз ин саҳнаҳои нодири нотакрор ба таппиш наояд?

Саҳнаи зиндагии марде, ки мардум ӯро соҳиби ақлу ахлоқи комил медонанд, бо ин ҳама дар рӯ ба рӯи қавмаш яккаву танҳо ба муқобала бармехезад ва даъватеро ба онҳо мерасонад, ки аз даҳшати вуқӯъи он кӯҳҳо пора-пора мегарданд ва аз даҳон ва қалбаш суханоне равшан ва кӯбанда мебарояд, ки гумон мекунӣ дар суханони вай тамоми қувва, ирода ва тасмимгириҳои оянда ҷамъ шуда бошад, гӯё ин суханон муқаддароте ҳастанд, ки баёноташ интишор меёбад.

Ва шояд ин ҳолати муваққатӣ бошад ва рӯҳи неке дар вуҷуди ӯ тобида бошад ва баъди андак вақт Муҳаммад (с) боз ба ҳоли асл бозмегардад ва Худояшро бо ҳар тариқе хоҳад мепарастад ва маъбудони қавмашро ба ҳолашон вомегузорад ва дини қавмашро дар масираш мемонад.

Агар ҳамин гуна хотироти ғалат дар атрофи баъзе зеҳнҳо печида бошад, пас ба таҳқиқ Муҳаммад (с) ба зудӣ ин гумонро пароканда кард. Барои мардум равшан сохт, ин ки ӯ Расул аст ва ӯ бояд ин вазифаашро иҷро кунад ва ба мардум ин паёмро бирасонад ва ӯ иҷозаи сукут варзиданро надорад ва наметавонад аз ин таълимоти ҳақ ва нуронӣ нафсашро боздорад.

Балки агар тамоми қувватҳои олам ва табиат ҷамъ шаванд, ӯро ба сукут водор карда наметавонанд, зеро Худованд аст, ки ӯро ба нутқ овардааст ва ӯро ба ҳаракат меандозад ва қадамҳои ӯро пеш мебарад.

Инкори қурайшиён ба зудӣ омад, ба мисли алангае, ки боди сахт ӯро ба тарафе мебарад.

Ва рехтани мусибатҳо бар болои вуҷуде, ки дар тӯли ҳаёташ ба ғайри бузургдошт чизи дигареро надида буд, оғоз гардид. Ва Паёмбар (с) ин марди диловар аввалин дарсҳояшро ба тарзи устодона ва фидокории аҷибе шурӯъ намуд.

Сурати ин манзара тамоми замон ва макон, ҳатто таърихро низ фаро мегирад.

Ва касоне, ки дар Макка соҳиби дили зинда буданд, ба ваҷд меомаданд ва таъаҷҷуб мекарданд ва наздик мешуданд. Мардеро диданд дар ғояти устуворӣ ва баландҳимматӣ.

Намедонистанд, ки оё сари ин мард (аз ғояти баландии ҳиммат) ба осмон расидааст ё осмон аз рӯи бузургдошти ӯ ба болои сари ӯ паст фаромада то бар сари ӯ тоҷе бигузорад.

Ҷонсупорӣ, устуворӣ ва азаматро мушоҳада намуданд. Ва аз беҳтарин чизҳое, ки диданд ва равшантарин чизҳое, ки эҳсос намуданд, он рӯзе буд, ки роҳбарони қабилаи Қурайш ба пеши Абутолиб омада гуфтанд:-

– Эй Абутолиб, ҳаққо, ки ту аз лиҳози синну сол ва шарафу мақом дар назди мо соҳиби эҳтиром ҳастӣ, бо вуҷуди ин, мо туро илтимос намуда будем, ки пеши роҳи бародаратро бигирӣ, вале ин корро накардӣ. Ва қасам ба Худо, мо дигар тавони сабрро надорем, ки падарҳои моро ҳақорат диҳанд ва ақлҳои моро ноқис хонанд ва маъбудони моро айб гиранд. Ё ӯро аз ин кор бозмедорӣ ё дар муқобили ҳардуи шумо мубориза хоҳем бурд, то яке аз ду гурӯҳи муқобил кушта шавад.

Ва Абӯтолиб ба ҳузури писари бародараш ин суханонро расонида гуфт:

– Эй писари бародар, ҳаққо, ки бузургони қавми ту ба пеши ман омаданд ва дар бораи ту бо ман гуфтугӯ намуданд. Эй бародарзода, коре кун, ки ман ва ту саломат монем ва бар ухдаи ман кореро, ки бардошт карда наметавонам, нагузор.

Акнун бубинем Паёмбар (с) чӣ кор мекарда бошад?

Як марди танҳо дар баробари ин амри азим истодааст ва кас гумон мекунад, ки ба зудӣ аз баҳри ин кор мебарояд ва гоҳо чунин ба назар мерасад, ки ӯ барои муқобала кардан бо қабилаи Қурайш, ки тамоми дандонҳояшро тез намудааст, омода нест.

Паёмбар (с) дар ҷавобаш дудила нашуд ва аз азиматаш чизе коста нагардид ва сухане ҷустуҷӯ нанамуд, ки ба воситаи он яқинашро собит намояд.

Ба таҳқиқ, яқини ӯ ин ҷо аз болои минбари устодӣ бармехезад ва ба тамоми башарият болиғтарин дарсро пешкаш менамояд ва поядатарин асосҳои ин дарсро ба мардум талқин медорад.

Ва чунин ҳам шуд. Пас мо намедонем, ки оё инсон сухан мегӯяд ё тамоми вуҷуд тараннум менамояд:

– Эй амак, қасам ба Худо, агар хуршедро дар дасти рости ман ва моҳро дар дасти чапам бинињанд, то ин даъватро тарк кунам, ман қабул надорам то ин ки Худованд ин динро ошкор созад ё ман дар ин роҳ ҳалок гардам!

Салом бар ту, эй Паёмбари Худо (с) ва раҳмати Худо ва баракатҳояш бар ту бод!

Ва эй Пешвои мардон, ба ростӣ, суханонат мардонаанд!

Абӯтолиб фавран аз мақсади худ ва қасде, ки бузургони қавм намуда буданд, даст кашид ва дасти бародарзодаашро бо ду даст гирифт ва ба ӯ гуфт:

– Ҳар чизе, ки дилат мехоҳад, бигӯ. Қасам ба Худо, ки дар бадали ҳеҷ чиз туро таслим нахоҳам кард.

Чунин набуд, ки Муҳаммад (с) аз амакаш бо вуҷуди қудратмандии ӯ ҳимоят ва осудагӣ талабида бошад, балки Муҳаммад (с) шахсест, ки ба атрофиёнаш ҳимоят амн ва суботро мебахшад.

Кадом шахс аз ҷумлаи мардумони шарофатманд чунин манзараро мебинад ва дилаш ба сӯи ин Паёмбар (с) аз рӯи муҳаббат, ҷонфидоӣ ва имондорӣ парвоз намекунад?

Дар ҳақиқат субот ва устувории ӯ дар ин рисолат ва сабр карданаш дар сахтиҳо дар роҳи Худо буд, на дар роҳи нафс ва манофиъи ӯ.

Тамоми ин аъмол сазовори он аст, ки ақлҳои покизаро ба шигифт биёрад ва ақлҳои зиндаро бедор созад. Пас пайравӣ намоянд нуреро, ки нидо мекунад онҳоро ва бишитобанд ба сӯи ин амонатдори содиқ, ки барои пок сохтан ва ҳидоят намудани онҳо омадааст.

Дар ростӣ, мардум ӯро диданд, ки чӣ гуна ранҷу машаққат аз ҳама ҷониб ӯро иҳота намудааст ва тасаллие, ки дар сӯҳбати амакаш Абӯтолиб ва завҷааш Хадиҷа меёфт, он ҳам аз даст рафт, зеро дар як муҳлати кӯтоҳ онҳо ба дори бақо риҳлат намуданд.

Ва ҳар касе хоҳад, ки андозаи ранҷу кулфати Паёмбар (с) ва бузургии ҷанги аҳли Қурайш бар муқобили Паёмбари танҳо ташкилдодаро бидонад, пас ӯро басандааст донистани ин ки

Абулаҳаб он зоте, ки аз мухолифон ва душманони сарсахти Паёмбар (с) буд, аз дидани азобу шиканҷаи Паёмбар (с) дилаш тоқат накард, пас эълон намуд, ки аз ин баъд Паёмбар (с) таҳти ҳимояти ман аст ва намегузорам, ки касе ба ӯ ранҷе расонад ва ҳар касе ба ӯ ситам кунад, ман муқобилаш ҳастам. Лекин Паёмбар (с) ҳимояти ӯро қабул накард ва ҳамчунон дар устуворӣ, пешравандагӣ ва ҷонфидоии хеш боқӣ монд.

Касе набуд, ки ранҷу азобро аз ӯ дур созад, зеро касе набуд, ки қудрати дур сохтани ранҷу азоби ӯро дошта бошад!

Ҳатто Абӯбакри бузург ба ғайри гиристан чораи дигаре надошт.

Рӯзе Паёмбар (с) ба назди хонаи Каъба рафт. Дар ҳоли ба тавоф машғул гардиданаш гурӯҳе аз калоншавандагони Қурайш, ки ӯро мепоиданд, якбора ба ӯ ҳамла намуданд ва ӯро иҳота карданд ва мегуфтанд:

– Ин туӣ, ки дар ҳақи бутҳои мо чунину чунон гуфтӣ?

Пас Паёмбар (с) бо як оромӣ ҷавоб дод:

– Оре, ман чунин гуфтаам.

Пас онҳо аз ҳар ҷониб даст ба ӯ заданд ва Абубакр (р) онҳоро зорию тавалло мекард ва мегуфт:

– Оё мардеро, ки мегӯяд Парвардигори ман Аллоҳ аст, мекушед?

Ва касе Паёмбарро рӯзи Тоиф медид, аз нишонаҳои садоқат ва фидокорӣ чизҳоеро мушоҳида менамуд, ки Паёмбар (с) сазовор ва аҳлияти онро дорад.

Ба ростӣ, ӯ ба сӯйи Сақиф рӯй овард ва онҳоро ба сӯйи маъбуди ягонаи Қаҳҳор даъват намуд.

Оё он муомилаи баде, ки аз хешу пайвандонаш ба ӯ расид, ӯро басанда набуд?

Оё он муомилоти шуми пайвандонаш ба ӯ дарак намедоданд, ки ин балоҳо даҳчанд хоҳанд шуд, дар ҳоле ки аз ҷониби қавме бошад, ки байни онҳо ва Паёмбар (с) хешӣ ва наздикие нест?

На. Оқибати ин даъватро ӯ ҳеҷ гоҳ дар назар намедошт.

Зеро Парвардигори бузургаш ба ӯ гуфтааст:

– Бар уҳдаи ту расонидани ин паём аст. (Сураи "Наҳл", ояти 82).

Ва ба ростӣ, вай дар ёд дорад он рӯзеро, ки зулму ситами қавмаш хеле сахт буд. Пас ба хонааш баргашт ва худро ба ҷомаи хобаш печид, дар ҳоле, ки ниҳоят таассуф мехӯрд ва маҳзун буд. Пас нохост он нидои осмонӣ дилашро ба таппиш овард ва дар замон ваҳй фуруд омад ва бар ӯ ҳамон фармонеро, ки пеш аз ин дар ғори Ҳиро омада буд, боз овард:

– Эй шахси баҷомапечида, бархез ва мардумро барҳазар дор (Сураи Мудассир, ояти 1-2).

Ин ҳангом ӯ расонанда ва барҳазардоранда аст.

Ва ӯ ин ҳангом паёмбарест, ки дарду ранҷро писанд нахоҳад кард ва дар ҷустуҷӯи роҳат нест. Пас бояд ба сӯи Тоиф биравад, то суханони Худоро ба аҳли ин сарзамин бирасонад.

Ин ҳангом пешвоёни ин қабила ӯро гирд намуданд ва ин тоифа аз ҳаммаслакони маккии худ бадрафтортар буданд. Ба таҳқиқ кӯдакон ва беақлони худро ба сӯи Паёмбар (с) таҳрик намуданд, то ба андозае, ки муқаддастарин хислати арабиро, ки иззати меҳмон ва ҳимояти паноҳҷӯянда аст, риоя нанамуданд.

Ба таҳқиқ беақлон ва кӯдакони худро дар пушти Паёмбар (с) сар доданд ва онон Паёмбарро бо сангҳо мезаданд.

Ҳамон шахсеро, ки аҳли Қурайш ба ӯ пешкаш намуданд барояш чандон мол гирд оваранд, ки тавонгартарини онҳо гардад. Ва аз мансаб он мақомеро ба ӯ бидиҳанд, ки пешво ва подшоҳи онҳо бошад. ӯ ҳамаро рад кард ва чунин гуфт:

– Ба ҳақиқат, ман бандаи Худо ва Расули ӯям.

Акнун бубинед, ки ӯ дар Тоиф истодааст ва ба боғе паноҳ бурдааст, то тавассути деворҳои ин боғ худро аз таъқиби бехирадон ҳимоя намояд. Дар ҳоле ки дасти росташро ба сӯи осмон баланд бардошта ба даргоҳи Худояш дуъо мекунад ва бо дасти чапаш рӯяшро аз сангҳое, ки ба сӯяш меандохтанд, паноҳ медорад ва ӯ ба сӯи Холиқу Мавлои худ илтиҷо менамояд ва мегӯяд:

– Агар ту бар ман ғазабе накарда бошӣ, пас боке надорам, валекин агар аз ҷониби Худат ба ман офият фиристӣ, ба он мӯҳтоҷтарам.

Оре, ҳаққо, ки ӯ расул аст ва медонад, ки чӣ гуна Худояшро бо камоли адаб дуъо кунад.

Пас ӯ аввалан изҳор медорад, ки дар роҳи ризои ӯ аз ҳеҷ машаққат парвое надорад. Ва ҳамчунин баён мекунад, ки ӯ хеле ба офият мӯҳтоҷ аст, агар Худо ба ӯ бо фазлу карамаш ато кунад.

Ҳаққо, ки ӯ дар чунин ҳолати сахт ҳам ба таҳаммулу шуҷоъати худ фахр ва кибр намекунад, зеро ин фахр дар чунин ҳолат гоҳо мазмуни миннат кардан ба Худоро дорад.

Ва Муҳаммад (с) касе нест, ки аз вай ин чиз пӯшида монад.

Ва аз ҳамин ҷиҳат беҳтарин таъбир дар чунин мавзеъ аз шуҷоъат ва бурдбориаш, ин садои тазаррӯъ ва дуъост!

Ва ҳамчунин кард, дар ҳоле ки ба лаҳни узрхоҳона ва бахшишталабона мегуфт:

– Эй бор Худоё, ба сӯйи ту шикоят мекунам аз заъфи қувват ва ночорӣ ва хориву зорӣ дар назди мардум.Эй раҳмкунандатарини раҳмкунандагон, ту Парвадигори бечорагонӣ ва ту Парвардигори манӣ, ба сӯи кӣ маро вомегузорӣ? Ба дасти бегонае, ки бо рӯи турш ба ман менигарад ?

Ё ба дасти душмане, ки молики кори манаш гардонидаӣ? Агар Ту бар ман ғазабе надошта бошӣ, боке надорам, валекин ба офият аз ҷониби Ту муҳтоҷтарам. Паноҳ меҷӯям ба нури рӯйи Ту, ки торикиҳо ба сабаби ӯ нуронӣ гаштаанд ва кори дунёву охират ба сабаби он ба низом омадааст, аз ин ки ба ман ғазабатро бифиристӣ ё аз ҷониби худат гирифторие болоям биёварӣ. ҳар қадар маро сарзаниш намоӣ, ту соҳиби ҳақ ҳастӣ, то розӣ шавӣ. Ва нест тавоноӣ ва қуввате магар бо Ту.

Кадом қувваест, ки Паёмбар (с) барои адои рисолаташ ӯро бо худ гирифтааст?

Як каси танҳо. Ба ҳар куҷое рӯй меорад ё меравад, мусибатҳо мувоҷиҳаш мегарданд.

Дар ҳоле ки дар ин ҷо аз асбоби зиндагонии дунё чизи камарашро мустаҳкамкунанда надорад, бо вуҷуди ин ӯ тамоми ин пофишориҳо, устуворӣ ва садоқатро таҳаммул мекунад.

Дар ҳақиқат мардум бозгашти ӯро аз Тоиф ба сӯи Макка диданд, вале на маъюс ва шикастхӯрда, балки бештар боумед, башоратёфта ва ҷонфидотар ба назар мерасид.

Ва ҳаққо, ки ӯ худашро ба дигар қабилаҳо низ мешиносонид ба сӯи сукунатҷоҳо ва диёрашон мерафт.

Пас рӯзе назди қабилаи Канида.

Ва рӯзе назди қабилаи Бани Ҳанифа.

Ва рӯзе назди қабилаи Бани Омир.

Ва ҳамчунин қабилае пас аз қабилае.

Барои ҳамаи онҳо чунин мегуфт:

– Ман ба сӯйи шумо фиристода шудаам, Худо ба шумо амр мекунад, ки Маъбуди ягонаро парастиш намоед ва ба Ӯ чизеро шарик насозед ва аз парастиши ғайри Худо, ки бутҳоянд, ҷудо шавед.

Дар баъзе манзилҳои қабилаҳои наздики Макка Абулаҳаб аз қафои Паёмбар (с) ба он ҷойҳо мерафт ва мардумро чунин мегуфт:

– Суханони ӯро тасдиқ накунед, ки шуморо ба сӯйи гумроҳӣ даъват мекунад.

Ба таҳқиқ диданд мардум Паёмбари Худоро (с), ки дар чунин ҳолати сахтӣ шахсони бо имон ва ёридиҳандагонашро ҷустуҷӯ менамояд, вале дар ҳар куҷо инкор ва душманӣ рӯ ба рӯяш мегардад.

Ва ҳамчунин диданд, ки дар муқобили ин даъваташ ягон аҳду паймони дунёиро қабул надорад (яъне, касеро ваъдаи чизи дунёӣ ҳамчунон ки дар корҳои дунё ваъда мекунанд, намекард–мутарҷим) ва ҳамчунин рад мекард, ки дар муқобили имон чизе аз моли дунё иваз бошад, ҳатто агар ваъдаи холӣ ҳам бошад барои ягон мансаб ва ё ҳокимияте.

Пас дар ин рӯзҳои алангабор бар қабилаи бани Омир ибни Саъсаъа рафт ва ба онҳо дар маҷлисе бинишаст ва аз Худо барои онҳо далелҳо овард ва аз суханони Худо барояшон тиловат намуд, пас аз вай пурсиданд:

– Ту чӣ фикр дорӣ, агар мо бо ту дар ин коре, ки пеш гирифтаӣ паймон бандем ва фаразан туро Худованд бар болои мухолифинат ғолиб гардонад, оё баъд аз сари худат кори роҳбариро ба мо вогузор мекунӣ?

Паёмбари Худо (с) ба онҳо чунин ҷавоб дод:

– Ҳукм дар дасти Худост, ба ҳар кӣ бихоҳад, ба ӯ медиҳад !

Ин ҳангом он қабила аз ӯ дур шуданд ва гуфтанд:

– Пас мо дар ин кори ту ҳеҷ ҳоҷате надорем.

Ва Паёмбар (с) низ ононро тарк намуд ва дар ҷустуҷӯи касоне шуд, ки дар муқобили имонашон ҳатто чизи андаки дунёро харидорӣ намекунанд.

* * *

Ба ростӣ, мардум диданд, ки як гурӯҳи хурде ба ӯ имон оварданд ва бо вуҷуди ин ки шумораи онҳо хеле кам буд, дар байнашон ҳамбастагӣ ва ҳамфикрии аҷибе медиданд.

Вале Қурайш чунин тасмим гирифтанд, ки ҳар як қабила адаб додани мӯъминонеро, ки аз қавми худашон аст, худаш ба ӯҳда дошта бошад.

Пас нохост азобу кулфат мисли боди девонае бар сари ҳамаи мусалмонон фуруд омад ва мушрикон ҳеҷ ҷаримаеро фурӯ нагузоштанд, магар дар ҳаққи мусалмонон онро карданд.

Дар ин ҷо воқеъаи ғайричашмдошти дигаре низ рӯй дод, ки ба хотири ҳеҷ кас намеомад.

Ба таҳқиқ Муҳаммад (с) ба ҷамиъи мусалмонон амр кард, ки ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат намоянд ва худаш танҳо дар муқобили ин ҳама душманиҳо дар Макка боқӣ монд.

Пас чаро худаш низ ҳиҷрат накард, то таблиғи рисолаташро дар ҷои дигар мебурд. Худованд - ку Парвардигори ҳамагон ҳаст? Танҳо Парвардигори қурайшиҳо нест?

Чаро аҳли асҳобро дар наздаш нагузошт, ҳол он ки дар истоданашон нафъ зиёдтар буд?

Истодани онҳо дар Макка бо вуҷуди камиашон боиси он мегардид, ки дигарон низ барои даромадан дар дини Илоҳӣ таблиғ мешуданд.

Ғайр аз ин дар байни ҳиҷраткунандагон нафари зиёде аз оилаи бузургони Қурайш буданд, ки соҳиби қудрати зиёде буданд.

Пас ин ҷо масалан аз бани Умайя – Усмон ибни Аффон, Амр ибни Саъид ибни Ос ва Холид ибни Саъид ибни Ос буданд.

Аз бани Асад – Зубайр ибни Аввом ва Асвад ибни Навфал ва Язид ибни Замъа ва Амр ибни Умайя, аз бани Заҳра – Абдураҳмон ибни Авф ва Омр ибни Аби Ваққос ва Молик ибни Аби Уҳайб ва Алмуталлиб ибни Азҳар.

Дар ин ҷо шахсони зикр шуда ва ғайри онҳо буданд. Аз шахсоне, ки оилаҳои онҳо тоқати ҷудоии дурударози онҳоро

надоштанд ва тавони бардошти ранҷу азоби онҳоро намекарданд. Пас барои чӣ Паёмбар (с) ин шахсонро дар паҳлӯи худ нагузошт, то ба воситаи онҳо атрофи худро пурқувват намояд ва асбоби қуввати имкондошта дар дасташ бошад.

Дар ин ҷо боз бузургии Муҳаммад, Расули Худо (с) ҳувайдо мегардад. ӯ фитнаро намехоҳад ва ҷанги дохили қавмиро намеписандад. Агар чӣ дар чунин ҷанг эҳтимоли ғалаба ҳам бошад, балки яқинан ғалаба ҳам бошад.

Ва ин ҷо бузургии ӯ ҳамчун инсон ва раҳмдилии ӯ зоҳир мегардад. ӯ тоқати онро надорад, ки мардумро ба сабаби вай азоб кунанд.

Ба замми он, ки медонист қурбонӣ додан андози ҳар як муборизаи нек ва даъвати бузург аст, вале қурбониро дар он ҷое медиҳанд, ки чорае набошад.

Аммо дар ин мавзеъ умеди пешгирии роҳи азоб ҳаст. Мебояд, ки мусалмонон ба ҳамин роҳ бираванд.

Вале барои чӣ худаш ҳамроҳашон намеравад?

Дар ҳақиқат алҳол барои ӯ иҷозаи рафтан нест. Ҷои сукунати ӯ ин ҷост. Дар сарзамини бутҳо.

ӯ ба номи Худои ягона садо баланд намуданашро идома медиҳад ва мувоҷеҳи азобу ранҷ мегардад бе ҳеҷ гуна бе сабрӣ ва оҳу нола, фақат ӯро азоб медиҳанд ва бечорагоне, ки ба ӯ имон овардаанд ва пайравиаш намудаанд, ин ҷо нестанд.

Балки бузургзодагоне, ки ба даъвати ӯ имон оварданд ва пайравиаш намуданд, низ ин ҷо нестанд.

Ва агар касе ягон намунае аз субот ва шарофат ва фидокориро дар роҳи Ҳақ аз ин беҳтар бидонад, пас бигӯ биёрад.

Дар ҳақиқат фидокориҳои ӯ чунон бузурганд, ки ба пояи онҳо ҷуз паёмбарони соҳиби азамат ва баргузидагон каси дигаре расида наметавонад.

Воқеъан ҳам, мазмуни инсони комил ва паёмбарӣ ҳар ду дар вуҷуди Муҳаммад (с) ба ҳам бархӯрда дар як шакли олӣ ҷамъ гардидаанд.

Касоне, ки дар паёмбариаш шубҳа намудаанд, дар бузургиаш ва инсонияти баланд доштанаш шубҳа накардаанд.

Ба таҳқиқ Худованд зотест, ки медонад дар куҷо рисолаташро биниҳад. Ҳаққо, барои рисолаташ инсонеро ихтиёр кард ва ӯро чунон поку муназзаҳ сохт, ки интиҳои фаҳмиши башарият буд дар идроки ӯ, ҳам аз лиҳози баландии ҳиммат, ҳам аз ахлоқи олӣ ва ҳам аз амонатдорӣ.

Ба таҳқиқ мардум аз вай шуниданд ва диданд, ки онҳоро дар муболаға кардан дар таъзимаш манъ менамуд, балки агар таъзими ӯ аз муболаға ҳам хеле ва хеле кам бошад.

Дар ҳақиқат, ҳангоме ки ба сӯи мардум меомад онҳоро аз бархостан манъ мекард вақте нишаста буданд ва ба онҳо мегуфт:

– Нахезед, ҳамчунон ки аҳли Аҷам бармехезанд ва баъзе баъзеи дигарро таъзим мекунанд.

Ва дар рӯзи вафоти фарзанди дӯстдоштааш Иброҳим гирифтани офтоб иттифоқ афтод. Баъд аз ин мусалмонон байни худ гуфтанд, ки ин гирифтани офтоб аз андӯҳи мавти Иброҳим буд.

Пас Паёмбари амонатдори бузург (с) барои аз байн бурдан ва рад намудани ин ақидаи ғалат шитобид, то онро қабл аз афсона гардиданаш пешгирӣ намояд. Ва дар байни мусалмонон сухан кард ва гуфт:

– Дар ҳақиқат, Офтобу Моҳ ду нишонаи қудрати Худованданд ва онҳо ба марг ва зиндагии касе гирифта намешаванд!

Воқеан, ӯ амонатдори ақлу мафкураи мардум аст ва адои ҳаққи амонат барои ӯ аз миқдори пурии замин, обрӯй ва таърифу тавсиф беҳтар ва болотар аст.

Яқинан Паёмбари Худо, ки раҳмат ва дуруд бар ӯ бод! медонист, ки вай барои тағйири ҳаёти башарӣ мабъус гардидааст ва ба ҳақиқат ӯ фақат Паёмбари Қурайш нест ва хос Паёмбари Араб ҳам нест, балки Расули Худост ба сӯйи ҳамаи мардум. Худои Пок ба ростӣ, басирати ӯро кушода кард, то ояндаи дуреро мушоҳида намуд, ки даъвати ӯ дар оянда ба он ҷойҳо мерасад ва байрақи пирӯзиаш ҷилвагар мегардад.

Ва бо дидаи яқин ояндаи ин динеро, ки ба мардум башорат дода буд, дид ва шуҳрати ҷовидонии худро, ки дар оянда барояш муяссар мегардад, то он замоне, ки Худованд замин ва сокинони онро бозгашта мегирад, мушоҳида намуд. Бо вуҷуди ин, ҳама дар

бораи нафсу динаш ва ғалабаю муваффақиятҳояш, ки замин мислашро надидааст, ҷуз ҷои як хишти биное арзиш қоил набуд.

Ва ин инсони бузург бархоста ин матлабро бо баёни равшан эълон намуд ва гуфт:

– Масали ман ва масали паёмбарони пеш аз ман мисли мардест, ки хонае бино намуд ва онро хеле хуб ва зебо сохт, магар ҷои як хиштеро дар яке аз кунҷҳояш боқӣ гузошт. Пас мардум гирди ин хона тавоф мекарданд ва аз зебоии он хона дар таъаҷҷуб буданд ва мегуфтанд: чаро ҳамин як хиштро дар ҷояш намондаанд?

Пас ман ҳамон хиштам ва ман хатмкунандаи паёмбаронам!

Ҳамаи зиндагоние, ки ӯ гузаронид.

Ҳамаи пайкорҳо ва диловариҳояш.

Ҳамаи бузургӣ ва покии ӯ.

Ҳамаи дастовардҳое, ки дини ӯ ба даст овард, дар зиндагиаш ва дастовардҳое, ки ба зудӣ динаш баъди вафоташ ба даст меорад.

Ҳамааш ғайри як хишт чизи дигаре нест!

Як хишти танҳо дар вуҷуди як бинои олӣ ва бузурги қадима!

Ва ӯ инро эълон медорад ва мегӯяд ва дар ин бора таъкид ва исрор меварзад!

ӯ ин суханонро барои тавозӯъи сохта намегуфт, то ғизои гурусначашмии бузургдошти нафсаш гардад, балки ӯ ин ақидаро таъкид мекард, ба эътибори ҳақиқаташ, зеро масъулияти расонидан ва эълони ин хабарро як ҷузъи ҳақиқати рисолаташ медонист.

Зеро бо вуҷуди он ки тавозӯъ як порае аз ахлоқи асили Муҳаммад (с) буд, далеле шуда наметавонад, ки далолат ба азамати ин Паёмбар (с) намояд ва ба бузургии ӯ ишора кунад. Зеро бузургии Паёмбар (с) аз лиҳози мақом ва исолат ба дараҷае расида буд, ки ин азаматро нишонаи нафс ва далели зоти ӯ гардонида буд.

* * *

Ин аст муаллими башарият ва хатмкунандаи паёмбарон.

Ин аст нуре, ки мардум дидандаш, дар ҳоле, ки дар байнашон ҳамчун башар зиндагӣ мекард, баъд аз он тамоми олам ӯро баъди гузаштанаш аз дунё аз рӯи ҳақиқаташ ва зикраш диданд.

Акнун мо дар саҳифаҳои китоби дар пеш истода ба дидори чанде аз ёрони ӯ мешитобем. То ҳадде, ки имондорӣ ва ҷонфидоии онҳо моро дар ҳайрат меандозад ва аз лиҳози бузургии мақсаде, ки

онро барои ҳаёташон пеш ниҳода буданд, мо мислу монанде намеёбем. Воқеъан ҳамаи асбоби ин эъҷоз дар пеши чашми мо равшан хоҳад шуд.

Ин сабабҳо ба ҷуз партави нуре, ки ӯро пайравӣ мекарданд, чизи дигаре набуд.

Ғайри Муҳаммад, Расули Худо (с), он Паёмбаре, ки Худованд барои ӯ аз биниши ҳақ ва бузургии нафс он миқдоре ҷамъ намуд, ки зиндагонӣ ба воситаи ӯ шарофат ёфт ва саодат ва манзалати инсоният равшанӣ дарёфт кард.

# 1. МУСЪАБ ИБНИ УМАЙР

## Аввалин аз сафирони исломӣ

Ин мард яке аз саҳобагони Муҳаммад (с) аст.

Месазад, ки суханро аз ӯ оғоз намоем.

Ӯ арзандатарини ҷавонони Қурайш ва комилтарини онҳо аз нигоҳи бузургмардӣ, зебоӣ ва ҷавонист.

Таърихнигорон ва ровиён дар тавсифи ҷавонии ӯ чунин навиштаанд: "Ӯ хушбӯйтарини аҳли Макка буд".

Ӯ дар домани нозу неъмат ба дунё омада ба камол расида буд.

Шояд дар байни ҷавонони Макка каси дигаре мисли Мусъаб ибни Умайр ба навозиши падару модараш даст наёфта бошад.

Оё чунин ҷавони аз неъматҳои дунёӣ сер ва навозишдидаи сарватманд, ҳадиси зеборӯёни Макка, дурдонаи маҷлисҳо ва ҷамъомадҳо метавонад ба қиссае аз қиссаҳои имондорӣ ва фидокорӣ табдил шавад?

Қасам ба Худо, чӣ хабари дурахшонест, хабари Мусъаб ибни Умайр ё Мусъабу-л-хайр, ҳамчунон ки дар миёни мусалмонон лақабаш буд.

Ӯ яке аз он афроде буд, ки дини ислом онҳоро дар қолаби махсуси худ ба вуҷуд овард ва Муҳаммад (с) онҳоро тарбият намуд.

Ба ростӣ, қиссаи зиндагонии ӯ шарафи тамоми фарзандони инсон аст.

Воқеан, рӯзе ин ҷавон он суханонеро шунид, ки аҳли Макка дар бораи Муҳаммади Амин (с) мешуниданд. Муҳаммаде, ки мегуфт:

– Дар ҳақиқат, Худованд ӯро башоратдиҳанда ва тарсонанда фиристодааст ва даъваткунанда ба сӯйи парастиши Худованди Якка ва Ягона.

Дар ҳоле, ки Макка субҳу шом ба ғайри сухан аз Расул алайҳи-с-салом ва дини ӯ машғулияти дигаре надошт, ин ҷавони нозпарвардаи Қурайш нисбати дигар мардум ба ин суханон фаротар гӯш медод, зеро ин ҷавон бо вуҷуди хурдсолиаш гули сари сабади маҷлисҳо ва шабнишиниҳо буд. Ҳар ҷамъомаде бештар мехост, ки Мусъаб дар он ҷо бошад, зеро зебоии зоҳирӣ ва ақли комил ҳар ду аз ҷумлаи хислатҳои ибни Умайр буданд, ки дилҳо ва дарҳоро барояш мекушуданд.

Рӯзе дар ҷумлаи шунидаҳояш дарак ёфт, ки Паёмбар (с) ва касоне, ки ба ӯ имон овардаанд, барои дур шудан аз зиёдагӯӣ ва изову алами аҳли Қурайш дар болои кӯҳи Сафо дар ҳавлии Арқам ибни аби Арқам ҷамъ меоянд. Пас дигар дудилагӣ накард, интизорӣ накашид, балки як бегоҳ худашро ба ҳавлии Арқам расонд. Ӯро иштиёқ ва дурандешиаш ба он ҷо кашид.

Дар он ҷо Паёмбар (с) бо ёронаш вомехӯрд ва ба онҳо Қуръон тиловат мекард ва ҳамроҳашон Худованди баландмартабаву бузургро мепарастиданд.

Дар ҳоле ки Мусъаб ҷояшро дуруст нагирифта буд, оёти Каломуллоҳи Маҷид аз дили Паёмбар (с) гузашта ва дар лабонаш ҷорӣ шуд ва баъд ба сӯи гӯшҳо ва қалбҳо равона гардид. Дар ин бегоҳи хайр қалби мавъуд, ин қалби ибни Умайр буд. Шодиву сурур гӯё ӯро аз ҷояш бармеканд ва аз зиёдии шавқ гӯё ӯро ба парвоз ҳидоят менамуд.

Дар ин ҳол Паёмбар (с) дасти мубораку меҳрубонашро дароз намуд ва сари синаи дар ҳаяҷон буда ва дили пуртаппиши ӯро навозиш кард. Пас барои ӯ як оромие мисли сукути қаъри баҳр ато шуд. Ва дар як мижа задан ин ҷавони навхат, ки имон овард ва мусалмон шуд, дар худ донишу ҳикмати аҷиберо дарёфт, ки нисбати синну солаш хеле зиёд буд ва чунон қотеъиятеро дар худ дарк кард, ки гӯё гардиши замонаро тағйир медода бошад.

* * *

Модари Мусъаб, Хунноса бинти Молик, зане буд дорои шахсияти қавӣ ва нодир ва атрофиёнаш аз тарси ӯ ҳамеша дар даҳшат буданд.

Ва чун Мусъаб ислом овард, дар рӯи замин аз ҳеҷ кас хавф ва тарсе надошт, магар аз модараш.

Агар Макка бо тамоми бутҳояш ва бузургонаш ва биёбонҳояш ба як қуввати азиме табдил шуда ӯро мекӯбиданд ва бо ӯ муқобала мекарданд, ҳар оина Мусъаб онро то як мӯҳлате таҳаммул мекард.

Аммо душмании модараш даҳшатест, ки касе тоби онро надошт.

Пас фавран андешид ва ба хулосае омад, ки то чанд муддат ислом оварданашро аз модараш пинҳон дорад, то Худованд чизе ҳукм кунад.

Ва рафтуомадашро ба ҳавлии Арқам идома дод ва дар сӯҳбати Расули Худо (с) менишаст ва аз имон оварданаш ва аз ин ки аз ғазаби модараш, ки ҳоло чизе дар бораи имон оварданаш намедонад, халос аст хело шод буд.

Вале Макка дар он рӯзҳо чунон буд, ки дар вай сирре пинҳон намемонд. Ҷосусони Қурайш ва хабаркашон дар ҳама роҳҳо буданд. Аз паси ҳар як қадам, дар болои реги мулоиму тафсон хабаркаше истода буд.

Рӯзе Усмон ибни Талҳа ӯро дид, ки пинҳонӣ ба ҳавлии Арқам медарояд. Баъд аз он чанд бори дигар мушоҳада намуд, ки мисли намозхонии Муҳаммад (с) намоз мехонад. Баъди ин мисли боду борони саҳро тозон назди модари Мусъаб омад ва хабареро ба вай расонид, ки ҳӯшу ақли он занро аз байн бурд.

Баъд аз ин Мусъаб дар назди модараш ва хешу таборон ва саркардагони Қурайш, ки дар атрофи ӯ гирд омада буданд, бо яқини комил ва устуворӣ Қуръонро, ки ба воситаи вай Паёмбар (с) дилҳои онҳоро мешуст ва аз ҳикмату шараф ва адолату парҳезгорӣ моломол месохт, тиловат намуд.

Модараш қасд намуд, ки ӯро ба задани як торсакии сахт хомӯш созад, вале дасти мисли тир дарозшудаи ӯ лаҳзае нагузашта дар муқобили нуре, ки зебоии чеҳраи ӯ ва партави рӯи ӯро зиёд намуда буд ва касро ба эҳтиром карданаш водор месохт ва дар вуҷуди ӯ оромиеро ато намуда буд, ки касро қаноъат мебахшид, суст гардид ва поин фаромад.

Вале агарчи модараш таҳти фишори меҳри модарӣ аз задан ва дигар азоб доданаш худдорӣ намуда бошад ҳам, вале барои хотири бутҳое, ки Мусъаб онҳоро тарк намуда буд, ба тарзи дигар интиқом мегирад.

Ҳамчунин, ӯро ба як гӯшаи дури ҳавлиаш бурда ҳабс намуд ва қуфлҳои мустаҳкам бар дар гузошт ва ӯ то ҳиҷрати аввалини муҳоҷирон ба сӯи сарзамини Ҳабаша дар ҳабс буд. Пас вақте ки хабари ҳиҷрати ёрони Расул (с) ба вай расид, бо ҳила худро аз банд раҳо намуд ва модару посбонҳояшро дар ғафлат гузошта, дар ҳоле ки руҷӯъкунанда ба сӯи Худо буд, ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат кард.

Ӯ чанде нагузашта ҳамроҳи бародарони муҳоҷираш дар Ҳабаша чанде сукунат мекунад, баъд аз он бо ҳамроҳии онҳо ба

Макка бозмегардад ва пас боз бори дуввум бо ҳамроҳии касоне, ки Паёмбар (с) онҳоро ба ҳиҷрат кардан амр кард, пас итоъат намуданд, ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат кард.

Валекин баробар аст, ки Мусъаб дар Ҳабаша буд ё дар Макка, пас ба ҳақиқат таҷрибаи имондориаш дар ҳар макон ва дар ҳар замон олӣ ва баланд будани худро исбот кард ва ба таҳқиқ ӯ аз дигаргун кардани тарзи ҳаёташ дар қолаби наве, ки намунаи онро Муҳаммад (с) ба онҳо дода буд, фориғ шуд ва Мусъаб комилан дилпур гардид, ки зиндагонии ӯ акнун сазовораст, дар роҳи ризои Холиқи бузургаш қурбон гардад.

Рӯзе ба пеши ҷамоае аз муслимин омад, ки онҳо бо ҳамроҳии Паёмбари Худо (с) нишаста буданд. Вақте ки ӯро диданд, сарҳои худро поин андохтанд ва чашмони худро пӯшиданд ва аз чашмони баъзеашон ашки ғам шашқатор гардид.

Сababи гиряи онҳо ин буд, ки онҳо медиданд, ки дар тани Мусъаб як либоси кӯҳнаи дарбеҳдор аст ва онҳо сурати пеш аз ислом оварданашро пеши назар меоварданд, ки либосҳои ӯ мисли гулҳои боғ буд аз ҷиҳати зебоӣ, дурахшандагӣ ва хушбуӣ.

Пас Паёмбари Худо (с) зоҳири ҳоли Мусъабро бо назари ҳакимона, ризомандӣ ва бо муҳаббат нигарист ва табассуми зебои одатиаш бар лабонаш ҳалқа зад ва гуфт:

– Ба таҳқиқ ҳамин Мусъабро дида будам, ки дар Макка аз вай бонеъматтар дар назди падару модараш касе набуд. Ба таҳқиқ ҳамаи онро барои муҳаббати Худо ва Паёмбар (с) тарк кард.

Чун модараш аз бозгаштанаш ба дини бутпарастӣ навмед гардид, бархурдорӣ аз неъматҳоеро, ки пештар ба ӯ раво медид, манъ намуд, зеро ӯ намехост, ки таомашро инсоне бихӯрад, ки аз парастиши бут даст кашидааст ва лаънати бут атрофи ӯро печонидааст, агарчанде он шахс фарзандаш бошад.

Охирин мулоқоти ӯ бо модараш лаҳзае буд, ки модараш баъди руҷӯъаш аз Ҳабаша қасди дубора ҳабс кардани ӯро дошт.

Пас Мусъаб қасам хӯрд, ки агар маро ҳабс кунӣ ҳар касе туро дар ин кор ёрӣ кунад, ӯро хоҳам кушт.

Модараш чун азми росихи фарзандашро медонист ӯро бо чашми гирён тарк кард ва Мусъаб низ бо чашмони ашкбор аз ӯ ҷудо шуд.

Дар лаҳзаи охирини видоъ ду пофишории аҷибе рӯй дод: яке пофишорӣ дар куфр аз ҷониби модар ва пофишории бузургтар аз ҷониби фарзанд барои имон.

Пас вақте ки модараш ӯро аз хона бароварда пеш кард, ба ӯ чунин гуфт:

– Акнун пайи кори худат бирав. Аз ин рӯз эътиборан ман модари ту нестам.

Ӯ ба модараш наздик шуд ва гуфт:

– Эй модар, ман барои ту насиҳатгарам ва мушфиқи туям. Гувоҳӣ деҳ, ки ба ғайри як Маъбуд дигар Худое нест ва ин ки Муҳаммад (с) бандаи ӯ ва Расули ӯст.

Вале модараш дар ҷавоб дар ҳоле, ки дар ниҳояти ғазаб ва ҳаяҷон буд, чунин гуфт:

– Қасам ба ситорагон (ё муқаддасот) дар дини ту намедароям, ки мардум фикру андешаи маро масхара кунанд ва ақли маро ноқис шуморанд.

Ва Мусъаб аз як неъмати фаровоне, ки дар зиндагонӣ аз он бархурдор буд, даст кашид ва мӯҳтоҷӣ ва камбағалиро интихоб намуд.

Ва ҷавони хушсару либос ва муаттар чунон гардид, ки дар танаш ҷуз дурушттарин либос чизи дигаре дида намешуд. Рӯзе мехӯрд ва чанд рӯзи дигар гурусна мегашт, вале рӯҳи ӯ, ки аз бузургии ақида зебу зиннат ёфта буд ва аз нури Худо медурахшид, ӯро инсони дигаре гардонида буд, ки чашмҳоро бо бузургиаш ва нафсҳоро бо зебоияш пур месохт.

* * *

Ва ин ҳангом ӯро Паёмбар (с) барои бузургтарин кор дар ҳамон вақт, интихоб кард, ки намояндаи ӯ дар Мадина бошад, то ансореро, ки имон оварда буданд ва ба Паёмбар (с) дар назди Ақаба аҳду паймон карданд, аҳкоми дин биёмӯзад ва низ дигаронро дар ин дин дохил кунад ва Мадинаро барои рӯзи ҳиҷрати бузург омода бисозад.

Дар он рӯзҳо дар миёни ҳамсӯҳбатони Паёмбар (с) касоне буданд, ки аз Мусъаб калонсолтар ва бообрӯтар ва бо Паёмбар (с) аз рӯи қаробат ва хешӣ наздиктар буданд.

Лекин Паёмбар (с) Мусъаб-ул-Хайрро ихтиёр кард ва Паёмбар (с) медонист, ки чӣ масъулияти азимеро ба ӯҳдаи ӯ мегузорад ва тақдири ривоҷи ислом дар Мадинаро ба дасти ӯ месупорад, ки ба наздикӣ дори ҳиҷрат ва сарзамини даъват ва даъватгарон, башоратдиҳандагон ва ғозиён дар замони қариб хоҳад гардид.

Ва Мусъаб ин амонатро бо ёрии ақли комил ва ахлоқи писандидае, ки Худованд ба ӯ ато намуда буд, ба ӯҳда гирифт ва дилҳои мардуми Мадинаро ба парҳезгорӣ ва баландҳимматӣ ва ихлоси худ чунон мусаххар намуд, ки онҳо дар дини илоҳӣ гурӯҳ-гурӯҳ дохил гардиданд.

Ба таҳқиқ, вақте Мусъаб бо фармони Паёмбар (с) ба Мадина омад, ҳамагӣ 12 мусалмон буданд, ки аз ин пеш бо Паёмбар (с) дар байъати Ақаба паймон баста буданд. Вале чанд моҳе нагузашт, ки Мусъаб дар байни онҳо буд ва онҳо ҳама даъвати Худо ва Паёмбари ӯро иҷобат намуданд.

Ва дар мавсими ҳаҷи оянда барои байъати Ақаба, мусалмонони Мадина як гурӯҳеро барои мулоқот бо Паёмбар (с) фиристоданд, ба сифати намояндагӣ, ки адади онҳо имсол аз марду зан 70 нафар буда, бо роҳбарии муъаллимашон ва фиристодаи Паёмбар (с) ба сӯяшон Мусъаб ибни Умайр омаданд.

Дар ҳақиқат Мусъаб бо зиракӣ ва бурдбориаш исбот намуд, ки Паёмбари Худо (с) медонад, ки чигуна интихоб кунад.

Мусъаб комилан вазифаи худро фаҳмида буд ва аз чаҳорчӯбаи он берун намерафт. ӯ фаҳмида буд, ки даъваткунанда ба сӯи Худост ва башоратдиҳандааст ба дине, ки мардумро ба сӯи ҳидоят даъват мекунад ва ба сӯи роҳи рост ва ӯ мисли Паёмбари бузург, ки ба ӯ имон овардааст, вазифааш ҷуз расонидани ҳақ чизе дигаре нест.

Он ҷо дар меҳмонии Асъад ибни Зарорат камари ҳиммат барбаст ва ҳар ду дар миёни қабоили он ҷо ва хонаҳояшон ва ҷамъомадҳояшон мегаштанд ва Мусъаб ба мардум он чӣ аз Қуръон медонист, мехонд ва бо як бурдбории аҷиб ба сӯи гуфтаҳои Худо далолаташон мекард, ки: Дар ҳақиқат, ба ҷуз як Худо дигар маъбуде нест.

Дар баъзе ҳолатҳо ба воқеоте рӯбарӯ мешуд, ки агар бузургии ақл ва камолоти рӯҳии ӯ намебуд, ба ҳалокати вай ва касоне, ки ҳамроҳаш буданд, меанҷомид.

Рӯзе, ҳангоме ки ӯ ба мардум ваъзу насиҳат мегуфт, нохост Усайд ибни Ҳузайр, пешвои бани Ашҳал ба ӯ муқобил шуд. Ӯ дар ҳоле, ки ханҷарашро аз ғилоф бароварда, дар даст нигоҳ медошт ва аз ғояти қаҳру ғазаб гӯё аланга мегирифт, нохост ба ӯ муқобил омад. Вай аз он касе нафрат дошт, ки қавми ӯро аз динашон берун мекунад ва онҳоро далолат менамояд, ки олиҳаашонро тарк кунанд ва онҳоро аз як худои ягонае ҳикоят мекунад, ки аз ин пеш ӯро намешинохтанд ва аз ин пеш бо ӯ ошноӣ надоштанд.

Дар ҳақиқат, Худои онҳо ба ҳамроҳашон ҳаст ва дар ҷои махсуси худ истодааст. Вақте ки касе ба ӯ муҳтоҷ гардад, ҷояшро медонад ва рӯяшро ба сӯйи он макон мегардонад ва ба он тараф мешитобад, вай низ дарду гирифтории ин шахсро бартараф месозад ва дуъояшро мешунавад, ҳамчунин буд тасаввурот ва хаёлоти онҳо.

Аммо Худои Муҳаммад (с), ки фиристодаи Муҳаммад (с) ва намояндааш ба сӯи онҳо аз номи ӯ сухан мегӯяд ва онҳоро даъват менамояд, касе ҷои ӯро намедонад ва касеро қудрати дидани ӯ нест.

Дар он лаҳзае, ки мусалмонон ҳамнишини Мусъаб буданд, омадани Усайд ибни Ҳузайрро диданд, ки дар ниҳояти ғазаб ва омодагии ҷангӣ бо шамшери бараҳна истодааст. Сахт тарсиданд, лекин Мусъаб бо як суботу тавозуъмандӣ ва кушодарӯии ба худ хос бар ҷои худ собит истод.

Усайд дар камоли ғазаб рӯ ба рӯи онҳо омад ва ба тарафи Мусъаб ва Асъад ибни Зарора чунин гуфт:

– Чӣ чиз шуморо ба маҳаллаи мо овард ва чаро бечорагони моро бероҳа мекунед.? Агар мурданро нахоҳед, тез аз ин ҷо гум шавед!

Вале ӯ дар оромии чун баҳр ва дар қуввате чун баҳр буд.

Ба мисли дурахшидани рӯшноии субҳ ва сафои он чинҳои пешонии Мусъаби хайр кушода шуданд ва забонаш ба гуфтани ин калимоти хайр ба ҷунбиш даромад. Пас гуфт:

– Оё ҳамроҳи мо наменишинӣ ва гӯш намеандозӣ, ки агар сухани мақбуле гуфтем, қабул кунӣ ва агар дар каломи мо ҷои номақбуле бошад, дигар онро нагуем. Аллоҳу акбар, чӣ оғози дилкаше, ки ба воситаи он хотимааш низ ба саодат меанҷомад.

Усайд марди ҳушёр ва оқиле буд ва дид, ки Мусъаб ӯро ба хулосабарорӣ бо замираш далолат мекунад ва ӯро фақат ба шунидан даъват мекунад, пас агар қаноъатманд гардад, бисёр хуб ва агар қаноъатманд нагардад, Мусъаб қабила ва аҳлу авлоди ӯро тарк гуфта меравад ва ба қабила ва авлоди дигар рӯй меоварад. На зараре ва на зараррасоние.

Ин ҷо Усайд ӯро чунин ҷавоб дод:

– Боинсофона гуфтӣ ва ханҷарашро ба замин андохт ва барои гӯш кардан нишаст.

Ва Мусъаб ба хондани Қуръон идома дод ва даъватеро, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) оварда буд, тафсир намуд ва шарҳ дод, то ин ки печҳои пешонаи Усайд дурахшиданд ва рӯшноӣ ёфтанд ва бо таъсири суханҳо тағйир хӯрданд ва аз зебоии он калом либоси дигар ба худ карданд.

Ва ҳамин ки Мусъаб суханашро ба поён расонид, Усайд ибни Ҳузайр ба ӯ ва ҳамроҳонаш хитоб намуда гуфт:

– Чӣ сухани хубе ва чӣ сухани росте. Агар касе хоҳад, ки дар ин дин дарояд, бояд чӣ кор кунад?

Пас мусалмонон таҳлиле (ло илоҳа иллаллоҳ) гуфтанд, ки замину замон ба ларза даромад ва Мусъаб ба ӯ гуфт:

– Либосашро ва баданашро пок мегардонад ва гувоҳӣ медиҳад, ки ба ҷуз Аллоҳ маъбуди дигаре нест.

Баъди ин Усайд чанд лаҳзае ғоиб гардид. Пас баргашт дар ҳоле ки оби пок аз мӯйҳои сараш мечакид ва дар назди мардум эълон намуд, ки гувоҳӣ медиҳад: ба ҷуз як Худо маъбуди дигаре нест ва гувоҳӣ медиҳад, ки Муҳаммад (с) бандаи Худо ва Расули ӯст.

Ин хабар бо суръати рӯшноӣ ба атроф паҳн гардид ва Саъд ибни Муъоз ба пеши Мусъаб омад ва суханони ӯро шунид ва қаноъатманд гардид ва ислом овард ва дунболи ӯ Саъд ибни Убода ислом овард ва ба ислом овардани ин ашхос, ки роҳбарони Мадина буданд, ин неъмати Илоҳӣ комил гардид ва чун сокинони Мадина ба якдигар рӯ ба рӯ мешуданд, аз якдигар суол мекарданд:

– Агар Усайд ибни Ҳузайр ва Саъд ибни Муъоз ва Саъд ибни Убода ислом оварда бошанд, пас чаро мо ақиб монем?

Биё ба пеши Мусъаб меравем, то ҳамроҳи ӯ имон орем, зеро ин бузургони мо мегӯянд, ки каломи Ҳақ аз даҳони ин шахс мебарояд.

Дар ҳақиқат аввалин сафири Паёмбар (с) дар маъмурияти худ муваффақияти чашмгир ба даст овард, чунин муваффақияте, ки худи ӯ ба ин сазовор буд.

Рӯзҳо ва солҳо сипарӣ гаштанд ва Паёмбар (с) ва дигар саҳобагонаш ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуданд ва қурайшиён бошанд, бо ғайбат ва кинаҷӯии худ идома доданд ва қувваҳои ботили хешро ҷамъ менамуданд, то таъқиби золимонаи худро аз пушти бандагони солиҳи Худо давом диҳанд ва ғазои Бадр барпо гардид ва кофирон аз ин ҷанг зарбае хӯрданд, ки боқимондаи ақли онҳо низ аз байн рафт ва акнун барои интиқом омодагӣ медиданд. Ва ғазои Ӯҳуд доир гардид ва мусалмонон сафҳои ҷангии худро омода мекарданд ва Паёмбар (с) дар қалби сафҳои мусалмонон назар мекард, то аз байни онҳо касеро ёбад, ки байрақи ҷангро бардорад. Дар охир Мусъабро наздаш хонд ва ӯ пеш омада байрақро бардошт.

Ин маъракаи даҳшатнок аланга мегирифт ва задухӯрд низ дар авҷ буд ва тирандозон вақте диданд, ки мушрикон шикаст хурда ақибнишинӣ менамоянд фармони Паёмбарро итоат накарданд ва аз ҷойҳои худ, ки дар баландии кӯҳ буд, поён омаданд. Ин амали онҳо ба зудӣ ғалабаи мусалмононро ба ҳазимат мубаддал сохт ва мусалмонон ногаҳон ба саворагони Қурайш рӯ ба рӯ шуданд, ки аз болои кӯҳ ба сарашон фурӯ рехтанд. Дар ҳоле ки мусалмонон ғофил буданд, шамшерҳои ташнаи худро ба кор андохтанд. Чун мушрикон диданд, ки бесару сомонӣ ва тарсу ҳарос сафҳои мусалмононро пора намудааст, ба сари Паёмбар (с) тохтанд, то ӯро асир бигиранд .

Дар ин ҳол Мусъаб ибни Умайр хатари пешомадаро дарк намуд, пас байрақро баланд бардошт ва наъраи такбир баланд кард ва дар байни майдони ҷанг ба ҳар тараф ҷавлон мекард ва ҳамла менамуд ва ҳамаи ҳимматаш ба он равона шуда буд, ки назари душманонро ба худ ҷалб намояд, то онҳоро ба худ машғул дорад, ки Расули Худоро фаромӯш кунанд ва гӯё бо нафси танҳои худ як лашкаре тартиб дод. Оре, Мусъаб яккаву танҳо дар майдони ҷанг чунон корзор намуд, ки гумон мешуд як лашкари зиёдест мисли баҳр хурӯшон ва зиёда аз он.

Дасте, ки байрақро бо камоли эҳтиром мебардорад.

Дасте, ки дар айни навҷавонӣ шамшер мезанад.

Валекин душманон бар болояш зиёд мегарданд ва мехоҳанд, ки ӯро кушта аз болои мурдаи ӯ бигузаранд, то ба Паёмбар (с) рӯ ба рӯ гарданд.

Биёед саҳнаи охири ҳаёти Мусъаби бузургро аз забони шоҳиди ҳол бишнавем.

Ибни Саъд мегӯяд: моро Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Шарҳабири Абдарӣ аз падараш чунин ривоят мекунад: рӯзи ҷанги Уҳуд Мусъаб ибни Умайр байрақи ҷангро бардошт. Чун мусалмонон ақибнишинӣ карданд, Мусъаб дар майдони ҷанг собит меистод. Яке аз саворагони куффор, ибни Қамиата ба ӯ рӯ ба рӯ гардид, пас бо зарби шамшер дасти рости ӯро аз тан ҷудо намуд. Дар ин ҳол Мусъаб мегуфт: Дар ҳақиқат Муҳаммад (с) Паёмбар аст ва пеш аз ӯ ҳам паёмбарон буданд.

Ва бо дасти чапаш байрақро бардошт ва худро ба болои байрақ хам кард. Пас он кофар дасти чапашро низ бибурид. Пас Мусъаб ба болои байрақ хам шуд ва бо бозувони буридааш бо ҳарду даст байрақро бардошт ва ба сари синааш пахш кард ва мегуфт: Дар ҳақиқат Муҳаммад (с) Паёмбар аст ва пеш аз ӯ ҳам паёмбарон буданд.

Пас он кофар бори саввум ба ӯ ҳамла кард ва бо найза ӯро чунон зад, ки найза аз он тарафаш гузашт ва найза низ шикаст ва Мусъаб ба замин афтод ва байрақ низ бар рӯи замин зад.

Мусъаб афтод ва байрақ низ афтод!

Зиннати шаҳодат ва ситораи шаҳидон афтод!

ӯ баъди ҷоннисории бузург дар маъракаи фидокорӣ ва имондорӣ уфтод.

ӯ чунин мепиндошт, ки агар ман кушта шавам, пас роҳи қотилон ба сӯи Паёмбар (с) холӣ аз дифоъкунандагон ва ҳимоятгарон хоҳад монд. Валекин ӯ нафси хешро бо гуфтани калимоти боло барои Паёмбар (с) тасаллӣ медод, ин аз сабаби ба Паёмбар (с) муҳаббати зиёд доштанаш буд ва хавф дошт, ки ба Паёмбар (с) осебе нарасад ва ҳар вақт, ки кофир зарба мезад ва пайванде аз бозувонашро ҷудо мекард, ӯ мегуфт: Дар ҳақиқат Муҳаммад (с) Паёмбар аст ва пеш аз ӯ ҳам Паёмбарон буданд.

Ин оятест, ки баъдтар нозил шуд, ки гаштаву баргашта такрор мешавад ва ваҳйи Илоҳӣ ӯро комил сохт ва ӯро Қуръоне гардонид, ки ҳама тиловаташ мекунанд.

* * *

Баъди ба охир расидани ин маъракаи ҳавлнок ҷасади ин шаҳиди покро рӯ ба замин хобида ёфтанд, ки рӯяш дар ҳоли бо хуни покаш саросар олуда дар хок фурӯ рафта буд.

Гуё метарсид, ки ҳатто дар ҳоли ҷасади хушкшуда буданаш набинад, ки чӣ гуна душманон ба Паёмбар (с) зарар мерасонанд. Пас рӯяшро пинҳон намуд, то он чизеро, ки доим аз ӯ барҳазар ва тарсон буд, набинад!

Ё гӯё дар хиҷолат буд, пеш аз он ки мутмаин шавад, ки Расули Худо (с) наҷот ёфт ва пеш аз он ки то охир вазифаи худро, ки ҳимоят ва дифоъи Паёмбар (с) буд, анҷом бидиҳад, шаҳид гардид!

Худо ёрат бод, эй Мусъаб, эй касе, ки ёди ту хушбӯии зиндагонист!

* * *

Паёмбари Худо (с) бо ҳамроҳии асҳоб барои дидани замини маъракаи Уҳуд омаданд, то бо шаҳидон видоъ намоянд ва дар назди ҷасади Мусъаб ашки зиёде рехта шуд.

Хаббоб ибни Арт мегӯяд:

– Мо бо ҳамроҳии Паёмбари Худо (с) ҳиҷрат намудем дар роҳи Худо ва талаби ризои Худоро доштем. Пас аҷру савоби мо назди Худост.

Баъзе аз мо дар роҳи Худо шаҳид гардид ва фоидаи амалашро дар дунё начашид. Аз ҷумлаи ин ашхос Мусъаб ибни Умайр буд.

ӯ рӯзи Уҳуд ба қатл расид ва мо чизе надоштем, ки ӯро такфин кунем, магар либоси алочае. Пас вақте ӯро ба тарафи сараш мекашидем, пойҳояш луч мемонданд ва ҳар гоҳ пойҳояшро мепӯшонидем, сараш урён мешуд. Пас Паёмбари Худо (с) ба мо гуфт:

– Ин либосро ба тарафи сараш пӯшонед ва он чӣ аз пойҳояш. ки луч мемонад бо алафи изхир (як навъ хор) пӯшонед.

Бо вуҷуди алам ва ҳузни зиёд, ки сабабаш мусибати ба сари Паёмбар (с) омада буд, он ҳам шаҳодати амакаш Ҳамза ва буридани гӯш ва бинӣ ва дигар узвҳои ӯ аз тарафи кофирон, ки оби дидагони

Паёмбарро резонид ва дилашро дардманд намуд. Бо вуҷуди пур будани замини маъракаи ҷанг аз ёрони Паёмбар (с), ки ҳар яке дар назди Паёмбар (с) як ҷаҳон аз ростӣ ва покӣ ва нур буданд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин Паёмбар (с) дар назди ҷасади аввалин сафираш истод ва ӯро видоъ намуд ва дар ҳақаш сухан гуфт. Оре, Паёмбари Худо (с) дар назди Мусъаб таваққуф кард ва нигоҳи Паёмбар (с) бо нури хоса ва меҳрубонӣ ва вафодорӣ атрофи Мусъабро фаро гирифт ва чунин гуфт:

– Баъзе аз мӯъминон касонеанд, ки ба аҳди бо Худо кардаашон содиқ монданд.

Пас бо назари таассуфомез ба он либоси алочае, ки кафанаш карда буданд, нигарист ва гуфт:

– Ба таҳқиқ, ман туро дар Макка дида будам, ки дар он вақт касе аз ту дида хушлибос ва бо мӯйҳои шоназада беҳтар набуд. Акнун ин туӣ бо мӯйҳои жулида дар ин порчаи кӯҳна хобидаӣ!

Пас Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки бо назари марҳаматаш замини маъракаи ҷанг ва шаҳидони ҳамсафи Мусъабро аз назар мегузаронид, бо овози баланд нидо кард ва гуфт:

– Дар ҳақиқат Паёмбари Худо (с) гувоҳӣ медиҳад, ки шумоён дар рӯзи қиёмат дар назди Худо шаҳидон ҳастед!

Баъд аз он рӯй ба ҷониби саҳобагони зинда, ки дар атрофаш буданд, карду гуфт:

– Эй мардум, ин шаҳидонро зиёрат кунед ва ба пешашон биёед ва ба онҳо салом бидиҳед. Қасам ба зоте, ки нафси Муҳаммад (с) ба дасти ӯст, ҳеҷ касе то рӯзи қиёмат ба онҳо салом намекунад, магар ки саломашро алайк мегардонанд.

* * *

Салом бар ту эй Мусъаб!

Салом бар шумо эй ҷамоъати шаҳидон!

Салом бар шумо ва раҳмати Худо ва баракатҳояш бар шумо бод!

## 2. САЛМОНИ ФОРСӢ

### Ҷӯёи ҳақиқат

**Ин дафъа диловаре аз сарзамини Форс меояд. Аз сарзамини Форс дар оянда мӯъминони зиёде ба дини ислом пайвастанд ва ислом аз онҳо чунон шахсиятҳое тарбия намуд, ки дар имондорӣ, илм, дин ва дунё кам касе буд ба онҳо баробарӣ кунад.**

Ва дар ҳақиқат, ин яке аз муъҷизаҳои ислом ва яке аз азаматҳои ислом аст, ки дар ҳар марзе аз сарзаминҳои Худованд наравад, як эъҷози равшанро бо тамоми қобилиятҳояш бармеангезонад ва қудратҳоро ба ҷунбиш меорад ва истеъдодҳои нодири пӯшидаро аз вуҷуди аҳли он марзу бум берун меорад. Пас аз як тараф файласуфони мусалмон ва табибони мусалмон ва фақеҳони мусалмон ва ситорашиносони мусалмон ва ихтироъгарони мусалмон ва донишмандони риёзии (математик) мусалмон ба камол мерасанд.

Пас мебинӣ, ки аз ҳар уфуқе онҳо зоҳир мешаванд ва аз ҳар сарзамин берун меоянд, то ҳадде, ки дар асри аввали ислом ҷаҳон аз шахсиятҳои нодир дар ҳама риштаҳои ҳаёт; чӣ дар риштаи омӯзишии ақлонӣ ва иродатмандӣ ва афкори мантиқӣ саршор шуда буд, ки ватанҳояшон дигар буду динашон яке.

Воқеан Паёмбари Худо (с) дарк намуда буд, ки дини ислом дар оянда густариши васеъе пайдо хоҳад кард. Зеро ӯ ваъдадор буд, ваъдаи рост аз ҷониби Парвардигори бузурги доно. Рӯзе домани замону макон барчида шуд ва бо чашми сар дид, ки чӣ гуна байрақҳои ислом дар болои мамолики олам парфишонӣ мекунанд ва болои қасрҳои ҳокимони дунё низ.

Ва Салмони Форсӣ шоҳиди ин ҳол буд ва дар ин раванд робитаи мустақим дошт.

Ин воқеъа дар соли панҷум аз ҳиҷрат, рӯзи ҷанги Хандақ рӯй дод. Он ҳангом, ки чанде аз саркардагони яҳуд ба қасди Макка аз хонаҳои худ берун шуданд ва мушриконро таҳрик менамуданд ва гурӯҳҳоро ҷамъ менамуданд бар зидди Паёмбар (с) ва мусалмонон

ва бо онҳо аҳду паймон менамуданд, ки дар ин маъракаи ҳалкунанда, ки решаву бунёди ин оини навро меканад, ба онҳо кӯмак мерасонанд.

Ва нақшаву омодагии ин ҷанги хоинона тартиб дода шуд. Ба ин тариқ, ки лашкари Қурайшиён ва Ғатфон Мадинаро аз берун таҳти ҳуҷуми хеш қарор медиҳанд. Дар ин ҳангом бани Қурайза (яҳудиён) аз дохили Мадина аз пушти сафҳои мусалмонон зарба хоҳанд зад ва мусалмонон байни ду санги осиё хоҳанд монд ва пора-пора хоҳанд шуд ва дар саҳифаи таърих фақат зикри онҳо мемонаду халос.

Паёмбар (с) ва мусалмонон нохост ба як лашкари ниҳоят зиёд рӯ ба рӯ омаданд, ки ба Мадина наздик мешуд. Онҳо дорои аслиҳа ва омодагии зиёде буданд.

Дигар ҳама тадбирҳо аз дасти мусалмонон бадар рафт ва аз даҳшату ваҳшати ногаҳонии ин ҳуҷум қариб буд, ки ақлҳои мусалмонон зоил шавад.

Қуръони карим ин лаҳзаро чунин васф намуда мегӯяд:

Вақте ки аз болои шумо омаданд ва аз поёни шумо омаданд ва он вакт, ки чашмҳо аз тарс kaҷ шуданд ва дилҳо ба ҳалқ наздик шуд ва нисбати Худованд ҳар гуна гумонҳо намудед. (сураи Аҳзоб ояи 10).

Бисту чаҳор ҳазор мардони ҷангӣ таҳти роҳбарии Абу Суфиён ва Уяйна бини Ҳисн ба қасди муҳосира ба Мадина наздик мешуданд, то бо зарбаҳои ҳалокатовари худ ба Муҳаммад (с) ва дин ва ҳамсӯҳбатонаш хотима бидиҳанд.

Ин лашкаре буд, ки фақат Қурайшро таҷассум намекард, балки бо ҳамроҳии ин лашкар тамоми қабилаҳо ва манфиатҳое буданд, ки дар вуҷуди ислом бар алайҳи худ хатар эҳсос менамуданд. Ин кӯшиши охирин ва ҳалкунанда буд, ки тамоми душманони Паёмбар (с) дар он якҷоя шуда буданд, аз шахсиятҳо, ҷамъиятҳо, қабилаҳо ва нафъҷӯён.

Мусалмонон худро дар ҳолати сахте диданд. Паёмбар (с) дӯстонашро ҷамъ намуд, то дар ин кори пеш омада бо ҳам машварат намоянд. Табиист, ки фикри ҳама як буд, дифоъ ва ҷанг, вале чӣ гуна дифоъ?

Ин ҳангом марде бо пойҳои дароз ва мӯи ғӯлӣ пеш омад, ки Паёмбари Худо (с) ӯро ниҳоят дӯст медошт ва эҳтироми хосае нисбат ба ӯ қоил буд.

Салмони Форсӣ пеш омад ва аз болои теппаи баланде андешамандона ба Мадина назар афканд, пас ӯ шаҳрро дар шакли маъмулиаш дар муҳосираи кӯҳҳо ва харсангҳо дид, вале ин ҷо як майдони васеъе буд, ки душман ба осонӣ метавонист ба мамнӯъгоҳи онҳо зарба занад.

Салмон қабл аз ин дар ватани худаш бо бисёр аслиҳа ва муҳимоти ҷангӣ ва ҳилаҳои ҷангӣ ошноӣ дошт. Пас пеши Паёмбар (с) омад ва ҳилае пешниҳод намуд, ки арабҳо то ҳол дар ҷангҳояшон онро намедонистанд ва ин кандан ва истифодаи хандақ буд, ки тамоми он минтақаи ҳамвор ва кушодаро дар атрофи Мадина дар бар мегирифт.

Худо медонист, ки ҳоли мусалмонон дар ин ҷанг чӣ мешуд, агар ин хандақро намекананд. Кандани хандақ қурайшиҳоро ниҳоят саргаранг кард ва қувваҳои онҳо як моҳ беҳаракат дар хаймаҳояшон истоданд ва оҷиз буданд ба Мадина ҳуҷум намоянд. То ин ки Худованд боди сахтеро фиристод, ки дар як шаб тамоми хаймаҳои онҳоро аз бех барканд ва ҷамъияти онҳоро парешон намуд.

Абу Суфиён дар байни лашкар нидо мекард ва онҳоро, як гурӯҳи навмед ва шикастхӯрдаи беқувватро барои бозгашт ба ватанҳояшон амр менамуд.

* * *

Дар давоми кандани хандақ, Салмон ҷои худашро дар байни мусалмонон ишғол намуд ва мусалмонон хандақ мекананд ва ҷаҳду кӯшиш менамуданд ва Расул зоғнӯлашро бардошта бо ҳамроҳии мусалмонон замин меканд. Ва дар қитъаи замине, ки Салмон бо ҳамроҳии гурӯҳ ва ҳамсӯҳбатонаш кор мекарданд, зоғнӯлҳои онҳо ба санги калоне бархӯрд.

Салмон марди қавиҷусса ва соҳиби пайвандҳои мустаҳкам буд ва як зарбаи бозувони бақувваташ басанда буд, ки сарҳои харсангҳоро бикафонад ва онҳоро пора-пора намуда пош диҳад, лекин дар назди ин харсанг оҷиз монд. Пас бо ҳамроҳии касоне, ки бо ӯ буданд, дар амри ин харсанг машварат намуд. Вале ҷуз оҷизӣ чизе ба даст наомад.

Пас Салмон ба назди Паёмбар (с) рафт, то аз ӯ иҷоза бигирад, ки нақшаи кандани хандақро каме тағйир бидиҳанд, то аз ин харсанги саркаш халос шаванд.

Паёмбар (с) ҳамроҳи Салмон ба ҷои кандагиашон омад, то бо чашми худ бубинад, ки чӣ ҷое ва чӣ сангест.

Вақте ки Паёмбар (с) он сангро дид, фармуд, ки путке биёранд ва аз бародарони он ҷо буда илтимос намуд, ки каме дуртар истанд, то сангпораҳо ба онҳо нарасад.

Пас Худовандро ёд намуд ва ҳарду дасти муборакашро, ки зоғнӯлро медоштанд, ба азимат ва қуввати фавқулъодда баланд намуд ва зарбаи сахте ба харсанг зад. Дар ин зарба болои санг раххо пайдо намуд ва санг кафид ва аз дохили раххои кафидаи бузурги он як нури чашмгиркунанда ва равшане берун омад.

Салмон мегӯяд, ки ман он нурро дидам, ки тамоми атрофи Мадинаро равшан намуд ва Паёмбар (с) такбир гуфт:

– Худованд бузургтар аз ҳама чиз аст. Маро калиди сарзаминҳои Форсро доданд. Ба ман дар рушноии ин нур қасрҳои Ҳира ва шаҳри Мадоини Кисроро намоёниданд ва дар ҳақиқат уммати ман бар болои ин мамлакатҳо ғолиб хоҳанд шуд.

Баъд аз он Паёмбар (с) бори дигар зоғнӯлашро баланд бардошт ва дубора ба он харсанг зарба зад. Кафидани санг бори дигар бештар мушоҳида шуд ва он харсанги кафида он чунон рушноӣ бадар кард, ки аз пештара беш буд. Бори дигар Паёмбар (с) овози такбир баланд намуд:

– Худованд бузургтар аз ҳама чиз аст. Ба ман калиди мамолики Румро доданд. Дар ҳақиқат рушноии ин нур қасрҳои сурхи он мамоликро ба ман намуданд ва ҳаққо, ки уммати ман ба ин сарзаминҳо ғолиб хоҳад гардид.

Баъд аз он зарбаи сеюмро ба он харсанг зад, он санг салому ҷавоби саломи худро гуфт (キноя аз ин ки пора-пора гардид) ва нури азиме аз он санг боло шуд ва Паёмбар (с) такбир гуфт ва мусалмонон низ такбир гуфтанд. Ва ба мусалмонон хабар дод, ки ӯ алҳол қасрҳои Шом ва Санъо ва дигар мамолики рӯи заминро мебинад, ки рӯзе бар болои онҳо байрақи дини Илоҳӣ боло хоҳад гардид ва мусалмонон бо дили пур аз имон фарёд кашиданд:

– Ин чизест, ки Худо ва Расули ӯ ба мо ваъда кардаанд ва рост гуфт Худо ва Расули ӯ!

Салмон дар кандани хандақ соҳиби машварат ва соҳиби санге буд, ки аз вай баъзе асрори ғайбӣ ва муқаддарот зоҳир шуд, дар ҳоле, ки ба Паёмбар (с) барои ёрӣ муроҷиат кард. Дар ин лаҳзаи зуҳуроти ғайбӣ дар паҳлӯи Паёмбар (с) буд ва он нурро дид ва башоратҳоро шунид.

Салмон умри дарозе дида, тамоми он башоратҳоро ба чашми хеш мушоҳида намуд. Пас пирӯзӣ бар мамолики Форсу Румро ва қасрҳои Санъо ва Шом ва Мисру Ироқро ба чашми хеш дид.

Бо чашми хеш дид, ки канораҳои замин аз ғулғулаи овози азони аз болои манораҳои баланд танинандоз чӣ гуна меларзанд ва чӣ гуна нурҳои ҳидоят ва хайрро партавфишон месозанд.

* * *

Ана ин шахс зери дарахти бузурги сершоху барг дар назди ҳавлиаш дар Мадоин нишастааст ва ба ҳамнишинонаш аз қаҳрамониҳои бузургаш дар роҳи ҳақиқат ҳикоят мекунад ва ба онҳо қисса мекунад, ки чӣ гуна аз дини қавмаш аввалан ба сӯи масеҳият ва баъдан ба сӯи Ислом баргашт.

Аз сарвати падари давлатманд ва заминдораш даст кашидан ва нафсашро дар доираи эҳтиёҷмандӣ андохтанаш барои ҷустуҷӯ ва озодӣ бахшидани ақл ва рӯҳаш аз гумроҳӣ.

Чӣ гуна дар бозори ғуломфурӯшӣ ӯро фурӯхтанд ва ҳол он ки ӯ дар роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат буд?

Чӣ гуна бо Паёмбар (с) мулоқот намуд ва чӣ гуна ба ӯ имон овард.?

Биёед ба маҷлиси ӯ наздиктар шавем ва ба он ахбори дақиқ, ки ривоят мекунад, гӯш биандозем.

* * *

Ман мардеам аз Исфаҳон, аз деҳае, ки ба номи Ҷӣ зикр мешавад ва падарам пешвои он сарзамин ба ҳисоб мерафт.

Ва ман дар назди ӯ аз ҳама махлуқоти Худо азизтар будам. Ман дар дини маҷусият хеле кӯшидам, то ба дараҷае расидам, ки дар оташгоҳи муқаддас мезистам ва намегузоштам, ки хомӯш гардад.

Падарам замине дошт. Маро рӯзе ба сари ҳамон замин фиристод. Ман ба роҳ баромадам. Дар сари роҳ калисои насрониҳо

буд. Овози ибодат кардани онҳоро шунидам. Андаруни калисо даромадам, то бубинам, ки чӣ кор мекунанд. Намози онҳо ба ман писанд омад ва ба худ гуфтам, ки ин дин аз он корҳое, ки мо мекунем, беҳтар аст. Пас ҳамроҳи онҳо то ғуруби офтоб истодам ва ба сари замин нарафтам ва ба хона низ барнагаштам, то ин ки падарам аз қафои ман одам фиристод, ки маро ҷустуҷӯ кунанд. Ман аз аҳли насоро пурсидам, ки пешвои шумо дар куҷост?

Гуфтанд:

– Дар Шом.

Вақте ки баргаштам, ба падарам гуфтам, ки аз назди калисое гузаштам ва дини онҳо ба ман писанд омад ва ман чунин мепиндорам, ки дини онҳо аз дини мо беҳтар аст. Ӯ бо ман баҳс кард, ман низ баҳс кардам. Баъд ӯ дар пои ман завлона зад ва маро ҳабс намуд.

Ман пинҳонӣ ба аҳли насоро кас фиристодам ва онҳоро хабар додам, ки ман дар дини шумо дохил шудаам. Агар огоҳ шудед, ки корвоне аз Шом омадааст, пеш аз бозгаштанаш маро огоҳ намоед, то ҳамроҳи онҳо ба Шом равам. Онҳо ҳамчунин карданд ва ман занҷиру завлонаи дасту поямро шикаста ҳамроҳи он корвон ба Шом рафтам.

Ман дар Шом олими он қавмро суроғ кардам. Гуфтанд, ки асқуфи мо, соҳиби калисо, олим ба дини мост. Ман ба пеши ӯ омада, аз ҳоли худ қисса кардам ва дар назди ӯ ба хидмат истодам ва таълими дин гирифтам.

Ин марди асқуф дар диндориаш каси хуб набуд, зеро хайру садақотро аз мардум мегирифт, то ба мустаҳиқин бирасонад, вале онро барои худ хазина мекард.

Пас ӯ мурд.

Каси дигареро ба ҷои ӯ таъйин намуданд. Ман касеро ба мисли ӯ диндор надидам. Ӯ дар амри охират хеле рағбат дошт ва аз дунё хеле гурезон ва пойбанди ибодат буд. Ман ӯро дӯст доштам ва гумон мекунам, ки касеро аз ин пеш мисли ӯ дӯст надошта будам. Пас вақте ӯ наздик ба марг шуд, ба ӯ гуфтам, ки чуноне мебинӣ, марг ба ту наздик шудааст, маро чӣ мефармоӣ? Баъди риҳлатат ту маро ба кӣ васият мекунӣ?

Гуфт: эй фарзанд, ман касеро дар роҳи диндорӣ беҳтар аз марде, ки дар шаҳри Мавсил аст, намедонам.

Баъди вафоти ӯ ба Мавсил омадам ва ба он олим аз худ ва васияти устодам хабар додам ва чанд муддате, ки Худо тақдир карда буд, назди ӯ истодам. Чун ӯро низ аҷал даррасид, аз ӯ давоми таълими худро пурсидам. Маро назди обиде дар Насибин васият намуд.

Пас ба назди ӯ омадам ва хабари худро гуфтам ва чанд муддате, ки Худованд насиб карда буд, истодам. Чун ӯро аҷал наздик шуд, аз ӯ пурсидам, ки ба куҷо равам? Маро васият намуд, ки олиме дар Амурия ном ҷой аз мамлакати Рум аст, он ҷо бирав. Ба Рум рафтам ва назди он шахс истодам ва барои зиндагиям чанд гову гӯсфанд парвариш намудам.

Пас ӯро низ аҷал наздик шуд. Аз ӯ пурсидам, ки маро ба назди кӣ васият мекунӣ? Гуфт:

– Эй фарзанд алҳол ман касеро, ки лоиқи муаллимии ту бошад, намедонам, то туро бад-он ҷой амр кунам. Вале замони зуҳури як Паёмбари ҷадид, ки дар дини Иброҳим мебошад, наздик гардида ва ӯ ба як сарзамини хурмозор, ки байни ду биёбони регзор воқеъ аст, ҳиҷрат хоҳад кард. Пас агар битавонӣ, ки худро ба ӯ бирасонӣ, ин корро бикун.

ӯ чанд нишонае дорад, ки пӯшида нестанд. Яке он ки аз моли садақа намехӯрад, вале ҳадяро қабул мекунад ва дигар дар байни ду китфаш мӯҳри паёмбарӣ дорад. Агар онро бубинӣ, мешиносиаш.

Рӯзе корвоне аз он ҷо мегузашт. Аз куҷо буданашонро пурсон шудам. Гуфтанд, ки аз Ҷазиратулараб ҳастем. Ман ба онҳо гуфтам:

– Ман ин гову гӯсфандонамро ба шумо медиҳам, то маро ба мамлакати худ бибаред.

Онҳо розӣ шуданд. Маро ҳамроҳи худ гирифтанд ва то Водиюл-Қурро оварданд. Он ҷо ба ман зулм карданд ва маро ҳамчун ғулом ба як марди яҳудӣ фурӯхтанд. Чун ман дарахтони хурмои бисёрро дидам, тамаъи ман афзуд, ки шояд ин ҳамон сарзамине бошад, ки барои ман васф намуданд ва он ҷое бошад, ки ҳиҷрати мунтазари паёмбар (с) он ҷо бошад. Вале он ҷой, ҷои мавъуд набуд.

Назди он марде, ки маро харида буд, истиқоматро давом додам, то ин ки рӯзе як марди яҳудӣ аз бани Қурайза назди хоҷаи

ман омад ва маро аз вай харид. Баъд маро ба шаҳри Мадина бурд. Қасам ба Худо, вақте он шаҳрро дидам, яқин кардам, ки ин ҳамон шаҳрест, ки ба ман васфаш намудаанд.

Ман дар хонаи он марди яҳудӣ ба хидматгузорӣ машғул гардидам. Дар хурмозори он мард дар маҳаллаи бани Қурайза кор мекардам, то ин ки Худованд Паёмбарашро фиристод ва ба Мадина ҳиҷрат намуд ва дар маҳаллаи бани Амр ибни Авф фуруд омад.

Ман рӯзе болои дарахти хурмо будам ва хоҷаи ман зери он дарахт нишаста буд. Нохост як марди яҳудӣ омад аз амакбачаҳояш. Ва ба ӯ хитоб намуда гуфт:

– Худованд бани Қайларо ҳалок гардонад, ки ба таҳқиқ онҳоро дар атрофи марде дар Қабоа ҷамъ намудаанд ва ӯ аз Макка омадааст ва даъво дорад, ки паёмбар аст.

Қасам ба Худо, вақте он яҳудӣ ин суханро гуфт, маро ларза дар андом афтод. Ва аз ларзиши ман дарахти хурмо ба ларзидан даромад. Қариб буд ба болои хоҷаам афтам. Ман зуд аз болои он дарахт поин шудам ва бо ҳаяҷон пурсидам:

–Чӣ мегуӣ? Чӣ хабаре?

–Хоҷаи ман дасташро бардошт ва мушти маҳкаме ба ман зад ва гуфт:

–Туро ба ин корҳо чӣ кор? Рав ба корат машғул шав.

Ман боз ба корам шурӯъ намудам. Вақте ки бегоҳ шуд, ҳар чизе дар наздам буд, ҷамъ намудам ва берун баромадам, то ин ки ба назди Паёмбар (с) ба Қабоа расидам. Ба ҳузури ӯ даромадам. Ӯ ҳамроҳи чанд нафар аз саҳобагонаш нишаста буд.

Ба ӯ гуфтам:

–Шумо мӯҳтоҷ ва ғарибед. Ба таҳқиқ дар назди ман як миқдор аз хӯрока буд. Ман онҳоро назр намудам барои садақа. Чун ман дар бораи шумо шунидам, шуморо соҳибҳақ аз ҳама кас ёфтам. Пас он таъомро барои шумо овардам.

Ман он таъомро ба наздашон гузоштам. Пас Паёмбар (с) ба асҳобаш гуфт:

– Бихӯред, ба номи Худо.

Ва худаш аз хӯрдан худдорӣ намуд ва дасташро ба сӯи таъом дароз накард. Ман дар дилам гуфтам, қасам ба Худо ин як нишона аст. Ба таҳқиқ ӯ садақаро намехӯрад!

Он рӯз бозгаштам ва рӯзи дигар ба ҳузури он ҷаноб омадам ва бо худ чанд миқдор таъом доштам, ба Паёмбар (с) чунин гуфтам:

– Ман дирӯз дидам, ки ту аз моли садақа намехӯрӣ ва андак чизе дар назди ман боқӣ буд, дӯст доштам, ки туро икром кунам, ба ҳадя намудани он.

Ва он таъомро пешаш гузоштам.

ӯ ба ҳамсӯҳбатонаш гуфт:

– Бихӯред ба номи Худо.

Ва худаш низ ҳамроҳашон хӯрд.

Пас дар дилам гуфтам:

– Қасам ба Худо, ин нишонаи дуввум аст. Ба ҳақиқат ҳадяро мехӯрад.

Пас бозгаштам ва чанде, ки Худо хоста буд, истодам. Баъд боз ба наздаш омадам ва ӯро дар Бақиъ дидам, ки аз пушти ҷанозае мерафт ва саҳобагонаш дар атрофаш буданд ва ӯ дар баданаш ду порча либоси патдор пӯшида буд. Якеро ба ҷои изор ва дигарро ба ҷои курта пӯшида буд. Ман салом додам. Каме тоб хӯрдам, то ба пушташ нигоҳ кунам. Паёмбар (с) дарк намуд, ки ман чӣ мехоҳам. Он куртаашро аз сари китфонаш поин кард ва ман дидам, ки аломати муҳри паёмбарӣ бар ҷост. Чунон ки дӯсти ман огоҳам намуда буд.

Ман дар он ҳангом худро ба болои Паёмбар (с) хам намудам, ӯро мебӯсидам ва мегиристам. Паёмбар (с) маро ба наздаш хонд. Ман дар пеши дастонаш нишастам ва саргузашти худро чунончӣ ба шумо қисса мекунам, гуфтам.

Баъд аз он ислом овардам. Вале ғуломӣ дар байни ман ва ғазоҳои Бадр ва Уҳуд монеъа андохт.

Рӯзе Паёмбар (с) гуфт:

Аз хоҷаат талаби китобат кун, то туро озод намоянд.

Пас ман талаби китобат намудам. Паёмбар (с) ба саҳобагонаш амр намуд, ки маро ёрӣ диҳанд. Пас Худованд маро аз ғуломӣ озод намуд. Озод ва мусалмон зиндагӣ намудам ва бо ҳамроҳии Паёмбар (с) дар ғазои Хандақ, ҳозир будам ва дар ҳамаи дигар мубоaccess ризаҳо низ иштирок доштам.

* * *

Бо ҳамин суханони дилкашу зебо Салмони Форсӣ, аз ҷонфидоиҳои оқилонаю бузургаш дар роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқати диние, ки ӯро бо Худо мепайвандад ва масъулияту мазмуни зиндагии ӯро дар рафти ҳаёти минбаъдааш таҷассум менамояд, ҳикоят мекард.

Пас чӣ инсони қавиииродаест ин шахс. Чӣ қудрати азиме рӯҳи кунҷковӣ ӯро молик гардида ва иродаи шикастнопазирӣ ӯро бар мусибатҳо таҳрик додааст, ки он мусибатҳоро мағлуб месозад ва корҳои номумкинро мутеъ ва иҷрошаванда мегардонад.

Чӣ диловарие дар роҳи ҳақиқат ва чӣ муҳаббате нисбати ҳақиқат. Чунон муҳаббате, ки соҳибашро ихтиёран аз замину сарвати падараш ва неъматҳояш ҷудо карда, ба сӯи як мақсади номаълум бо тамоми мушкилот ва машаққатҳояш мебарад. Ин мақсад ӯро аз сарзамине ба сарзамини дигар ва аз шаҳре ба шаҳри дигар машаққаткашанда, ранҷбаранда ва ибодаткунанда интиқол медиҳад. Дили бедораш ва ҷустуҷӯгараш мардумро, мазҳабҳоро ва зиндагиро меомӯзад ва дар ҷустуҷуӣ Ҳақ бо як пофишории азиме истодагарӣ мекунад ва барои ёфтани ҳидоят қурбониҳои зиёде медиҳад. То ҳадде, ки дар ин роҳ ба ғуломӣ фурӯхта мешавад. Пас аз он Худованд аҷри ӯро комилан дар ин дунё медиҳад ва ӯро ба ҳақиқат мерасонад ва ӯро бо паёмбараш рӯ ба рӯ менамояд. Баъди ин ӯро умри дарозе медиҳад. Ва ӯ ба ҳар ду чашмаш мебинад, ки чӣ гуна байрақҳои Худованд дар ҳама ҷои рӯи замин парфишонӣ менамоянд ва бандагони мусалмони Худо гӯшаву канори заминро, аз ҳидоят ва ободонӣ ва адлу инсоф пур месозанд.

* * *

Мо чӣ умеди дигаре аз исломдории ин марде дошта бошем, ки ҳиммат ва садоқаташ ба ин андоза аст? Накӯкор ва парҳезкор.

Ӯ дар ҳақиқат, аз ҷиҳати парҳезгорӣ, дунёбезорӣ, зиракӣ ва тақвояш ба Умар ибни Хаттоб (р) хеле монандӣ дошт.

Вай чанд рӯзе бо Абударда дар як ҳавлӣ зист ва Абударда шабҳо ба намоз меистод ва рӯзҳо рӯза мегирифт. Ва Салмон бошад, аз ин намуди риёзат дар ибодат ӯро интиқод менамуд.

Рӯзе Салмон хост, ки Абудардаро аз қасди рӯзадориаш баргардонад ва ин рӯзаи нофила буд.

Пас Абударда бо итоб гуфт:

– Оё маро аз рӯза доштан ва намоз хондан барои Парвардигорам манъ менамоӣ?

Салмон ӯро чунин ҷавоб дод:

– Дар ҳақиқат чашмонат болои ту ҳақ доранд ва занат болои ту ҳақ дорад. Ту рӯза бигир ва гоҳо ифтор кун ва гоҳо шаб намоз бихон ва каме хоб ҳам бикун. Ин муколама ба самъи Паёмбар (с) расид. ӯ гуфт:

– Дар ҳақиқат Салмон саршори илм аст.

Паёмбари Худо (с) бисёр вақт зиракӣ ва илми ӯро ситоиш менамуд, ҳамчунон ки ахлоқи накӯ ва диндориашро низ зиёд ситоиш мекард.

Рӯзи кандани хандақ, ансор мегуфтанд, ки Салмон аз мост ва муҳоҷирин низ мегуфтанд, ки не, Салмон аз мост.

Ва Паёмбари Худо (с) ба онҳо нидо карда гуфт:

– Салмон аз мост, аз аҳли байти мост!

ӯ ба ин шараф лоиқ аст.

Алӣ писари Абутолиб карамаллоҳу ваҷҳаҳу, ӯро бо лақаби Луқмони Ҳаким ном мебурд. Вақте ки баъди марги Салмон аз Алӣ (р) дар бораи ӯ пурсидаанд, гуфт:

– Ин мард аз мост ва мансуб ба сӯи аҳли байти мост. Кадоми шумо ба ин Луқмони Ҳаким баробар шуда метавонед? ӯ илми аввал ва илми охирро фаро гирифта буд ва китоби аввал ва китоби охирро мутолаъа карда буд. Ва ӯ баҳрест беинтиҳо.

ӯ дар дили тамоми саҳобагони Паёмбар (с) мақоми арзандаеро ишғол намуда буд.

Пас дар аҳди хилофати Умар (р) ба Мадина барои зиёрат омад. Умар (р) барои ӯ коре кард, ки ҳаргиз дар ҳаққи касе накардааст. ӯ ҳамсӯҳбатонашро ҷамъ намуда гуфт:

– Биёед ба истиқболи Салмон бароем!

Ва бо ҷамъи ёронаш ба истиқболи Салмон ба теппаҳои атрофи Мадина баромад.

Воқеъан, Салмон аз лаҳзае, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) мулоқот намуд ва ба ӯ имон овард, мусалмон, озод, муҷоҳид ва обид зиндагонӣ кард.

Ва ҳамроҳи халифаи Паёмбар (с) Абубакр (р), баъд аз он ҳамроҳи амири мӯъминон Умар (р), баъд бо ҳамроҳии халифа

Усмон (р), то ин ки дар муддати хилофати ӯ ба Парвардигораш мулоқӣ шуд.

Дар тӯли ин солҳо дар аксари вақт байрақҳои пирӯзманди ислом болои осмон парафшонӣ менамуданд ва хазинаҳо ва молҳои мамолики дигар ҳамчун ғанимат аз набардҳо ба сӯи Мадина оварда мешуданд ва дар сурати бахшиш ва ё моҳонаҳои доимӣ ба мардум дода мешуданд.

Чун масъулиятҳои қазоӣ дар ҳама пахлӯҳои зиндагӣ зиёд шуданд, табъан вазифаҳо ва мансабҳо низ зиёд гардиданд.

Пас дар миёни ин анбӯҳ Салмон куҷост? Ва дар вақти баҳрабарӣ аз сарват ва осудагӣ ва неъматҳо Салмонро дар куҷо меёбем?

* * *

Чашмонатонро хубтар бикушоед.

Оё ин мӯйсафеди бузургро мебинед, ки зери сояе ин ҷо нишастааст ва аз баргҳои хурмо бандҳои мустаҳкам мебофад ва аз онҳо сабадҳо месозад? ӯ Салмон аст.

Хубтар нигоҳ кунед.

Хубтар нигоҳ кунед, ӯро дар либосе бубинед, ки аз ғояти кӯтоҳӣ то зонуяш мерасад.

Ин худи ӯст дар замони пирӣ ва каҳулат.

Дар ҳақиқат моҳонаи вай хеле зиёд буд, байни чаҳор ва шаш ҳазор дирҳам дар соле. Лекин ӯ ҳамаашро тақсим мекард ва ҳатто аз гирифтани як дирҳамаш худдорӣ мекард ва мегуфт:

– Ман ба як дирҳам барги хурмо мехарам, сабад мебофам ва онро ба се дирҳам мефурӯшам. Ва боз ба як дирҳамаш барг мехарам ва як дирҳамашро нафақаи аҳлу аёлам мекунам. Ва дирҳами сеюмашро садақа мекунам. Ва агар Умар ибни Хаттоб (р) маро аз ин кор боздорад, боз намеистам!

* * *

Баъд аз ин боз чӣ мегуед, эй пайравони Муҳаммад (с)!

Баъд аз ин боз чӣ мегуед, эй инсонҳои соҳибшараф дар тамоми замонҳо ва маконҳо?

Дар ҳақиқат баъзеи мо чун вақте ки аз соддагии либоси халифаҳо ва саҳобагоне чун Абубакр (р), Умар ва Абузар ва парҳезгории онҳо мешунавем, гумон мекунем, ки ин нишонаи

табиати зиндагии ҷазираи Араб аст. Зеро шахси Араб матоъи зиндагияшро дар соддагӣ мебинад.

Вале мо акнун дар муқобили як марди форсӣ истодаем. Аз сарзамини сарват, серу пур ва бофарҳанг ва ҳол он ки ин бародари мо аз камбағалонаш ҳам набуд, балки аз ашрофзодагон буд. Пас чӣ сабаб буд, ки мол, сарват ва неъматҳоро рад кард ва исрор кард бар ин ки дар як рӯз аз касби худаш ба як дирҳам қаноъат мекунад .

Чӣ сабаб аст, ки мансабро рад кард ва аз он гурезон аст ва мегӯяд:

– Агар тавонӣ, ки хок бихӯрӣ ва бар болои ду кас амир набошӣ, пас инчунин бикун.

Чӣ сабаб аст, ки аз аморат ва мансаб мегурезад. Магар, ки ӯ амири гурӯҳи ҷанговароне бошад, ки ба ҷиҳод равонаанд ва ё дар лаҳзае бошад, ки ғайри ӯ касе салоҳияти ин корро надошта бошад. Пас халифа ӯро хеле маҷбур мекунад ба қабули мансаб ва гириста-гириста ва тарсону ларзон ин корро қабул мекунад?

Боз чӣ сабаб аст, ки чун мансаби амириро, ки маҷбураш намудаанд, қабул мекунад, вале аз гирифтани моҳонаи ҳалоли он парҳез дорад?

Ҳишом бини Ҳисон аз Ҳасан ривоят мекунад:

– Моҳонаи Салмон панҷ ҳазор буд ва ӯ дар назди 30 ҳазор нафар хутба мехонд. Ҳол он ки дар танаш як пора либосе дошт, ки нисфашро мепӯшид ва нисфашро зери пояш меандохт. Вақте ки моҳонааш меомад, онро ба камбағалон тақсим мекард ва аз музди дасташ нафақа менамуд.

Чаро ин корҳоро мекард ва ин қадар парҳез дошт? Ҳол он ки ӯ як марди форсӣ буд ва фарзанди неъмат ва тарбиятёфтаи фарҳанг.

Биёед ҷавобашро аз худаш бишнавем ва ҳол он ки ӯ дар бистари марг аст ва рӯҳи бузургаш омода барои мулоқоти Парвардгори бузург аст.

Саъд ибни Абиваққос барои аёдат назди ӯ омад. Дид, ки Салмон мегиряд. Саъд пурсид, ки чӣ чиз туро мегирёнад, эй Абу Абдуллоҳ? Ҳол он ки Паёмбар (с) то дами марг аз ту розӣ буд.

Салмон чунин ҷавоб дод:

– Қасам ба Худо аз тарси марг ва аз ҳаваси дунё намегирям, валекин Паёмбари Худо (с) ба мо аҳде карда гуфта буд:

– Бояд насибаи ҳар яке аз шумо аз дунё он миқдор бошад, ки насибаи як роҳгузар.

Акнун бубин, ки ман чӣ миқдор сиёҳӣ дар атроф дорам!

Бо ин сиёҳӣ ашёи бисёри дунёро дар назар дошт!

Саъд мегӯяд:

– Ман назар кардам, ки дар атрофи ӯ ба ғайри як коса ва як офтоба чизи дигаре надидам. Ба ӯ гуфтам:

–Ё Абу Абдуллоҳ, ба мо васияте кун, ки аз ту бигирем.

Пас гуфт:

Эй Саъд, Худовандро ёд кун, вақте, ки ба коре қасд кардӣ, вақте ки чизеро тақсим намудӣ, дастатро ҳушёр бош!

Ана ин буд омили он чизе, ки нафси ӯро мустағнӣ аз ҳама чиз гардонид, ба он дараҷа, ки қалби ӯро аз дунё ва моли дунё ва мансабҳо ва ҷоҳу ҷалол безор гардонида буд. Аҳду паймони Паёмбар (с) нисбати Салмон ва дигар саҳобагон ин буд, ки ба дунё дилбанд набошанд, ки мабодо қалбҳои онҳоро мусаххар намояд ва дигар ин ки аз дунё зиёда аз тӯшаи раҳгузар нагиранд.

Салмон ин аҳдро нигоҳ дошт. Ва бо вуҷуди ин, чун дид рӯҳаш омодаи рафтан аст, аз тарси ин ки мабодо аз ҳад нагузашта бошад, оби дидагонаш шашқатор шуд.

Назди ӯ косае буд, ки дар он таъом мехӯрд ва офтобае буд, ки аз он об менӯшид ва таҳорат мекард. Бо вуҷуди ин худро сарватманд ва бениёз гумон мекард.

Магар нагуфтам, ки ӯ аз ҳама мардум бештар ба Умар (р) монанд буд.

Дар даврае, ки ӯ амири Мадоин буд, ҳоли ӯ аз пештара тағйир наёфт. Пас ҳамаро тарк намуд, ҳамчунон ки аз гирифтани маоши роҳбариаш ҳатто як дирҳам ҳам намегирифт. Ва аз даромади касбаш, ки барги хурмобофӣ мекард, мезист. Ва либосаш низ либоси пешинааш буд.

Рӯзе дар роҳе мерафт. Ногоҳ як марде, ки аз Шом омада ва ҳамроҳаш як миқдор бори анҷир ва хурмо дошт, бо ӯ бархӯрд. Он бор бар он марди шомӣ вазнинӣ мекард. Мард ба Салмон нигарист ва гумон кард, ки як шахси оддӣ ва фақир аст ва хост борашро ба пушти ӯ ниҳад ва чун ба ҷояш бирасад, аҷрашро бидиҳад.

Пас ба Салмон ишора намуд, ки ин ҷо биё. ӯ омад. Шомӣ ба ӯ гуфт:

– Ҳамин бори маро ба китфат бигир.

Салмон он борро бардошт ва ҳарду равона гардиданд.

Онҳо дар роҳ мерафтанд, ки як гурӯҳе аз мардум онҳоро мулоқот карданд. Салмон ба онҳо салом дод. Онҳо аз роҳ рафтан бозистоданд ва чунин гуфтанд:

– Салом бар амир! Бар амир салом!

Онҳо кадом амирро дар назар дошта бошанд? – ба худ суол дод шомӣ.

Вақте ки баъзе аз одамон ба тарафи ӯ шитобиданд, то он борро аз дӯши вай бигиранд, ӯ ба даҳшат афтод.

Шомӣ дарк намуд, ки ин амири Мадоин, Салмони Форсӣ аст. Пушаймон шуд ва суханони узрхоҳона ва афсӯс аз даҳонаш баромад ва наздик шуд, ки борро аз пушти Салмон бигирад, вале Салмон сарашро бо аломати инкор такон дод ва гуфт:

– Не, то ба манзилат бирасонам.

Рӯзе аз вай пурсиданд, ки барои чӣ нафси ӯ ин қадар аморатро бад мебинад?

Гуфт:

– Зеро ҳолати ширхорагии вай ширин ва боҳаловат аст ва аз сина ҷудо шуданаш ниҳоят талх аст.

Рӯзе яке аз дӯстонаш ба наздаш даромад. Дид, ки ӯ хамир мекунад. Аз ӯ пурсид, ки хидматгор куҷост?

Салмон чунин ҷавоб дод:

– Мо ӯро барои коре фиристодаем. Раво надидем, ки ба ӯ ду корро фармоем.

Мо вақте хонааш мегуем, бояд дар хотир дошта бошем, ки ин хона чӣ гуна буд? Вақте ки Салмон хост то хонае барои худаш бино кунад, агар онро хона гуфтан ба фарз ҷоиз бошад, аз усто пурсид, ки ту онро чӣ гуна бино хоҳӣ кард?

Усто марди боақл ва зирак буд ва аз зуҳду тақвои Салмон огаҳӣ дошт, чунин ҷавобаш дод:

– Натарс, ин хонае, ки месозам як бинои кӯчакест, ки аз гармии ҳаво худро дар паноҳ мегирӣ ва дар вақти сардӣ дар он ҷо сукунат

меварзӣ. Агар рост истӣ, сарат ба сақфи он мерасад ва агар дароз кашӣ, поят ба девор мерасад!

Салмон гуфт:

– Оре, ҳамчунинаш бисоз!

* * *

Ӯ дар ин дунё лаҳзае ба чизе майл нанамуд ва ба чизе дилкашолӣ надошт, ки аз пайи он биравад, магар як чиз, ки ба он бисёр дилкашол буд ва онро ба амонат пеши занаш ниҳода буд ва аз ӯ хоҳиш карда буд, ки онро дар ҷои амне пинҳон кунад. Пас дар рӯзи маргаш дар он сабоҳе, ки ҷонашро аз қолаб берун мекарданд, занашро нидо кард:

– Ҳамон чизеро, ки пинҳон намуда будӣ ва ба пинҳон карданаш амрат карда будам, биёвар!

Завҷааш онро овард. Он як халтачаи мушк буд, ки дар рӯзи фатҳи Ҷилавло (номи як мавзеъ) ба даст оварда буд. Пас онро нигоҳ медошт то рӯзи маргаш хушбӯӣ кунанд.

Пас аз он гуфт:

– Қадаҳи обе биёваред.

Обро оварданд. Мушкро дар қадаҳ андохта бо дасташ онро соиш дод ва ба занаш гуфт:

– Ин обро дар атрофи ман бипош, зеро ба наздикӣ ҷамъе аз махлуқоти Худо меоянд, ки таъом намехӯранд вале хушбӯиро дӯст медоранд.

Чун занаш обро пошид, гуфт:

– Акнун дарро бар рӯи ман бубанд ва аз хона баро.

Завҷааш ҳамчунон кард.

Баъди чанд муддат ба пеши ӯ даромад. Дид, ки рӯҳи бузургаш аз қолаби бадан ва аз дунёи сифла берун рафтааст.

Ба таҳқиқ ӯ ба олами улвӣ пайваст ва рӯҳи тавонояш бо шаҳпарҳои иштиёқ ба олами дигар парвоз намуд. Зеро дар он ҷо бо Паёмбари бузург, Ҳазрати Муҳаммад (с) ва бо Абубакр (р) ва Умар (р) ва бо як силсилаи бузурге аз шаҳидон ва некӯкорон ваъдаи мулоқот дошт.

Муддате буд, ки ташнагии иштиёқ Салмонро азоб медод. Акнун вақти он расид, ки сероб гардад ва ташнагиаш бишканад.

## 3. АБУЗАРИ ҒИФФОРӢ

### Пешвои муқобалакунандагон ва душмани сарватҳо

**Ӯ аз неъмати ёфтааш шоду сармаст ба сӯи Макка омад. Дуруст нест, ки машаққатҳои сафар ва гармии саҳро ӯро ба беморӣ ва ранҷ андохта буданд. Лекин мақсаде, ки ба сӯи ӯ саъй дошт, дарду ранҷашро аз ёд бароварда ва дар рӯҳи ӯ ҳолати хуррамӣ ва нишотро дамонида буд.**

ӯ дар Макка худро ношинос гирифта мегашт. Гӯё ӯ аз ҷумлаи касонест, ки қасди Макка намудаанд, то ба бутҳои бузурги ин хона тавоф кунад ё мисли касе, ки роҳашро гум кардааст ё касе, ки дурии сафар ва аз ҷой ба ҷое рафтан ӯро монда кардааст. Аз ин рӯ дар ин шаҳр ҷой гирифтааст, то истироҳат кунад ва тӯшаи роҳ ғундорад.

Агар аҳли Макка медонистанд, ки ӯ ба суроғи Муҳаммад (с) омадааст ва мехоҳад гуфтаҳои ӯро гӯш кунад, албатта, нисбаташ беҳурматӣ мекарданд. Вале ӯ парво надорад, агар нисбаташ беҳурматӣ кунанд. Вале баъди рӯ ба рӯ шудан бо он марде, ки барои мулоқоти ӯ биёбонҳоро тай намудааст, ва баъди имон оварданаш ба ӯ агар аз садоқати ӯ қаноъатманд гардад ва ба даъвати ӯ мутмаин шавад.

ӯ ба гӯш кардани хабарҳо аз дур шурӯъ кард. Агар гурӯҳеро медид, ки аз Муҳаммад (с) сухан мегӯянд, бо эҳтиёт ба онҳо наздик мешуд. Бо ин роҳ аз ахбори пароканда маълумоти зиёде ҷамъ намуд ва барои худ яқин кард, ки дар куҷо ӯро метавон дид. Пас субҳи рӯзи дигар ба он ҷой рафт. Расулро танҳо нишаста дид. Ба ӯ наздик шуд ва гуфт:

– Субҳ ба хайр, эй бародари Араб!

Паёмбар (с) ҷавоб дод:

– Ва бар ту салом эй бародар.

Пас Абузар гуфт:

– Аз он чизе ки мегуӣ, барои ман бисаро.

Паёмбар (с) гуфт:

– Ин гуфтаҳо шеър нестанд, ки сароянадагӣ кунам, инҳо оёти Қуръони карим ҳастанд.

Абузар гуфт:

– Барои ман бихон.

Пас Паёмбар (с) барои ӯ қироат кард ва Абузар гӯш дод ва андаке нагузашта буд, ки Абузар овоз дод:

– Гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз як маъбуди барҳақ дигар Худое нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) бандаи ӯ ва Расули ӯст.

Пас Паёмбар (с) аз ӯ пурсид:

– Ту аз куҷоӣ, эй бародари Араб?

Абузар гуфт:

– Аз Ғиффор.

Дар ин ҳангом як табассуми зебое дар лабони Паёмбар (с) пайдо шуд ва тарҳи рӯяшро таъаҷҷуб фаро гирифт.

Абузар низ хандид. ӯ сирри таъаҷҷуби Паёмбарро медонист. Таъаҷҷуби Паёмбар (с) аз он буд, ки ин марди исломоварда аз қабилаи Ғиффор аст.

Ғиффор қабилаест, ки дар роҳзанӣ Ҷазиратулараб мислашро нашунидааст. Ва аҳли ин қабила дар ғорат кардани мардум ба роҳи ғайри машрӯъ зарбулмасал буданд. Онҳо шарики шаб ва торикиҳо буданд. Вой бар ҳоли он мусофире мебуд, ки агар шабонгоҳ ба дасти яке аз Ғиффориён меафтид.

Магар ҷои таъаҷҷуб нест, ки яке аз мардони ин қабила имрӯз меояд, то ислом орад, ҳол он ки ислом дини нав ва пинҳонист.

Абузар қиссаро худаш чунин ривоят мекунад:

– Паёмбар (с) аз рӯи таъаҷҷуб ба сабаби аз қабилаи Ғиффор будани ман нигоҳашро ба боло афканд ва ба ман таваҷҷуҳ намуда гуфт:

–Ба ҳақиқат Худованд касеро хоҳад ҳидоят мекунад.

Оре, Худованд касеро хоҳад ҳидоят мекунад.

Ба таҳқиқ Абузар (р) аз ҷумлаи касоне буд, ки Худованд хост онҳоро ҳидоят кунад ва барои онҳо хайрро раво дид.

Ва ӯ соҳиби басират буд барои Ҳақ. Ривоят мекунанд, ки ӯ аз ҷумлаи касоне буд, ки дар ҷоҳилият бар зидди ибодати бутҳо қиём намуда буданд ва ба Худои халққунандаи бузург имон оварда буданд.

Ва ҳамчунин вақте шунид, ки Паёмбаре зуҳур намудааст, ки бутҳо ва парастандагони онҳоро ба сафоҳат (беақлӣ) нисбат медиҳад

ва мардумро ба сӯи ибодати Маъбуди Ягонаи Ғолиб даъват мекунад, бори сафарашро барбаста ба сӯи ӯ шитобид.

* * *

Абузар дарҳол имон овард.

Дар тартиби шахсони имоноварда, нафари панҷум ё шашум буд.

ӯ дар лаҳзаи аввал, ҳатто дар соатҳои аввалини даъвати ислом имон оварда буд.

Дар ҳоле ки ӯ исломро қабул кард, Паёмбар (с) ба даъвати сиррӣ машғул буд. Ибодатҳо ва таълимоташ чӣ дар нафси худаш ва чӣ дар ёрони панҷгонааш ба таври гӯшакӣ, пинҳонӣ сурат мегирифтанд ва Абузар ҷуз ин ки имонашро пинҳон кунад ва бегумон аз Макка баромада равад ва ба сӯи қавми худ баргардад, вазифаи дигаре надошт. Валекин Абузар, Ҷундуб ибни Ҷанода табиати хурӯшанда ва ҷанговаре дошт. Барои он халқ шуда буд, ки дар куҷое набошад, дар муқобили ботил истодагарӣ кунад.

ӯ Паёмбарро дид, ки дар ин лаҳзаҳои аввал даъвати сирриро авлотар медонад, валекин тибқи андешаи ӯ бояд як фарёди ошкоро баланд кард.

Ӯ баъди ислом оварданаш фавран аз Расул (с) чунин суол кард:

– Эй Расули Худо (с), ба ман чӣ амр мекунӣ?

Расул ҷавоб дод:

– Ба пеши қавму қабилаат бозмегардӣ, то ин ки фармони ман ба ту расад.

Абузар гуфт:

– Қасам ба зоте, ки нафси ман ба дасти ӯст, ман боз намегардам, то ин ки дар масҷид исломро бо овози баланд эълон накунам.

Оё ба шумо нагуфтам? Магар ин табиати исёнгари мубориз, дар лаҳзае, ки як олами наверо кашф намудааст, ки дар вуҷуди Паёмбари мабъус зоҳир гаштааст метавонад, ки ба сӯи хонаводааш хомӯшона бозгардад?

Ин кор аз тоқати ӯ берун аст.

Ин ҳангом ба Масҷидулҳаром дохил мегардад ва бо овози баланд фарёд мезанад:

– Гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз як маъбуд Худои дигаре нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) Паёмбари Худост.

Ин фарёд чуноне медонем, аввалин фарёдест ба сӯи ислом бо садои баланд, ки ба ҷалолу азамати Қурайш таҳдид намуд ва бар гӯшҳои онҳо кӯбид. Ва соҳиби ин фарёд як марди мусофирест, ки дар Макка аҳлу авлод ва хешу табор ва ҳимояттаре низ надорад.

Ӯ рӯ ба рӯ шуд ба он чӣ ки аз назари худи ӯ низ пӯшида набуд.

Мушрикон ӯро иҳота намуда чунон задандаш, ки беҳӯш шуда афтод.

Ин хабар ба амаки Паёмбар (с) Аббос расид. Ӯ давида омад, вале натавонист ӯро аз ғазаби онҳо халос кунад, магар бо як ҳиллаи хело нозуке.

Ӯ ба мушрикон гуфт:

– Эй ҷамоъаи Қурайш, шумо мардуми тиҷоратпешаед ва роҳи шумо аз наздики қабилаи Ғиффор мегузарад ва ин мард низ аз қабилаи Ғиффор аст. Агар бозгардад ва қавмашро бар зидди шумо барангезонад, албатта роҳи тиҷорати шуморо хоҳанд гирифт.

Пас ақлашон ба ҷояш омад ва ӯро тарк намуданд.

Валекин Абузар ба таҳқиқ ҳаловати ранҷу заҳматро дар роҳи Худо чашидааст ва қасди онро надорад, ки Маккаро тарк кунад, пеш аз он ки бори дигар зиёдтар ба ин лаззатҳояш даст ёбад.

Ва ҳамчунон дар рӯзи дуввум ва шояд дар ҳамон рӯз бо ду зан рӯ ба рӯ шуд, ки дар атрофи ду бут (Усофа ва Ноила) тавоф мекарданд ва дуъо менамуданд. Абузар низ он ҷо ҳозир буд. Ӯ дар назди он бутҳо истод ва он ду бутро бисёр ҳақоратҳо дод. Пас он ду зан фарёд кашиданд. Дар як лаҳза мисли мӯру малах мардҳо давида омаданд ва то беҳӯш шуданаш ӯро заданд.

Вақто, ки ба ҳӯш омад, бори дигар фарёд зад:

– Гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуде ба ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад (с) Расули Худост.

Паёмбари Худо (с) табиати шогирди нави аз дигар ҷо омадаашро дарк кард ва қудрати фавқулъоддаи муқобила дар муқобили ботил доштаи ӯро эҳсос намуд. Вале ҳоло вақти он нарасидааст. Бори дигар ӯро барои бозгашт ба сӯи қавму қабилааш амр кард, то ин ки чун ошкоро шудани ин динро шунид, бозгардад ва дар рафти ҷараёни ҳодисаҳо саҳми худро гузорад.

* * *

Абузар ба назди қавму қабилааш бозгашт. Ба онҳо аз Паёмбари нав зуҳур карда, ки мардумро ба сӯи парастиши Худованди якто даъват мекунад ва ба сӯи макорими ахлоқ мехонад, қисса кард. Қавму қабилааш яке пас аз дигаре ба дини ислом дохил шуданд ва ӯ ба қабилаи худаш танҳо кифоят накард, балки ба сӯи қабилаи Аслам рафт ва ин чароғро он ҷо низ равшан сохт.

Аз ин байн рӯзҳо гузаштанд ва Паёмбар (с) ба сӯи Мадина ҳиҷрат кард ва дар он ҷо бо дигар мусалмонон тарҳи иқомат ихтиёр намуд.

Рӯзе дар баландиҳои атрофи Мадина сафҳои дарозе аз пиёда ва савора пайдо шуд, ки аз ҳаракати онон ғубори ғализе ба ҳаво хест. Агар такбирҳои кӯбандаи онҳо намебуд, бинанда онҳоро як лашкари ғораткунандаи мушрикон гумон мекард.

Ин ҷамъияти азим ба Мадина наздик шуд ва дохили шаҳр гардид ва рӯй ҷониби масҷиди Паёмбар (с) ва ҷои иқомати ӯ овард.

Ба таҳқиқ ин ҷамъияти бузург қабилаи Ғиффор ва Аслам буданд, ки онҳоро Абузар оварда буд ва ҳамаашон аз мардон, занон, пирон, ҷавонон ва кӯдакон ислом оварда буданд.

Албатта Паёмбар (с) ҳаққе дошт, ки таъаҷҷуб ва ҳайраташ зиёд гардад, зеро қабл аз ин дар замони хеле пештар, вақте дар наздаш як мардро аз қабилаи Ғиффор дида буд, ки имон ва исломашро ошкоро мекунад, таъаҷҷуби зиёде карда ва аз ғояти таъаҷҷуб ин калимаро гуфта буд:

– Худованд касеро хоҳад ҳидоят мекунад.

Аммо имрӯз Худованд онҳоро ҳидоят намуд, тамоми қабилаи Ғиффор мусалмон шуда ба пеши ӯ омаданд ва бо дасти Абузар қабилаи Аслам низ ислом оварда ба наздаш омадаанд.

Ба таҳқиқ “ғӯлҳои ғоратгар ва ҳампаймонони шайтон”, пешвоёни амали хайр ва ҳампаймонони Ҳақ гардиданд.

Пас магар ин сухан, ки: Худованд касеро хоҳад ҳидоят мекунад, дуруст нест?

Паёмбар (с) бар чеҳраҳои зебо ва ширини аз меҳрубонӣ ва муҳаббат лабрези онҳо нигоҳе афганд ва рӯй сӯи қабилаи Ғиффор карда гуфт:

–Ғиффор, Худованд онҳоро мағфират кунад.

Баъд азон рӯй ба ҷониби қабилаи Аслам намуд ва гуфт:

– Аслам, Худованд ин қабиларо дар сулҳу оштӣ нигоҳ дорад.

Бо ин амали шоиста магар Паёмбар (с) ин мубаллиғи бузург, боқувват ва камназир, Абузарро ба таҳният хос намегардонад?

Оре, зуд аст, ки мукофоти ӯ бузург ва таҳияи барои ӯ гуфта бисёр муборак мегардад.

Ва зуд аст, ки ибтидои зиндагии вай ва таърихи ин бузургмард олитарин нишонаҳоро бар худ мегиранд.

Ва зуд аст, ки асрҳо ва наслҳо мегузаранд вале мардум дар ҳаққи Абузар суханони Паёмбарро (с) такрор мекунанд:

– Замин дар болои худ набардоштааст ва осмон соя наафкандааст касеро, ки ростгӯтар аз Абузар бошад. Ростгӯтар аз рӯи лаҳҷа аз Абузар!

Дар ҳақиқат Паёмбар (с) ояндаи ин дӯсташро хонда буд ва тамоми ҳаёти ӯро дар ин чанд калима хулоса намуд:

– Ростӣ ва ҷасорат, ин ҷавҳари тамоми зиндагонии Абузар аст.

Ростии зоҳирӣ ва ботинӣ.

Ростии ақида ва гуфтор.

Ва зуд аст, ки ба садоқат зиндагиашро сипарӣ хоҳад кард. Нафси худро ва дигаронро ҳаргиз дар каҷфаҳмӣ намеандозад ва дигаронро низ имкон намедиҳад, ки ӯро дар ғалатфаҳмӣ андозанд.

Ва ҳаргиз садоқати ӯ садоқати кӯр-кӯрона нест, аз ин рӯ сидқи хомӯшона дар назди Абузар сидқ ҳисоб намеёбад.

Сидқи ӯ ошкор ва ҳувайдост: ошкор кардани ҳақ ва муқобила бо ботил, амали ростинро қувват додан ва хаторо мункир шудан.

Ростӣ дӯстии солим барои Ҳақ аст ва таъбири боҷуръатона аст барои Ҳақ ва пеш рафтани босуръатона аст бо ҳамроҳии Ҳақ.

Паёмбари Худо (с) бо биниши нозук ва мӯшикофонаи худ аз болои ғайби дур ва ояндаи номаълум тамоми мушкилотеро, ки садоқат ва устувории Абузар ба зудӣ ба сари ӯ меорад, медид. Аз ин рӯ ӯро муттасил ба он амр мекард, ки бо сабр ва оҳистагӣ ба корҳои бузург дохил шуданро пешаи худ созад.

Рӯзе Паёмбар (с) ба Абузар чунин суол кард:

– Эй Абузар, чун бо ту амироне рӯ ба рӯ шаванд, ки ғаниматҳоро моли шахсии худ мегардонанд, ту чӣ кор мекардӣ?

Абузар ҷавоб дод:

– Он гоҳ қасам ба зоте, ки туро ба ростӣ фиристодааст, бо ин шамшерам мезанам.

Паёмбар (с) ба ӯ гуфт:

– Оё туро ба коре далолат кунам, ки беҳтар бошад? Сабр кун, то бо ман мулоқот намоӣ.

Ту чӣ гумон мекунӣ, ки барои чӣ Паёмбар (с) махсусан ин суолро дод?

Амирон ва мол?

Ин мушкилест, ки Абузар ба зудӣ ҳаёташро сари ин қазия мебахшад ва ин мушкилоти Абузар аст бо ҳамроҳии мучтамаъ ва оянда.

Ин қазияро Паёмбар (с) дониста буд. Пас ба ӯ ин суолро дод, то ӯро бо ин насиҳати гаронбаҳо муҳайё ва мусаллаҳ бигардонад: Сабр кун, то бо ман мулоқот намоӣ.

Ва зуд аст, ки Абузар васияти муаллимаш ва Паёмбарашро дар ёд нигоҳ медорад. Пас ҳеч гоҳ шамшереро, ки ба он амирони аз моли чамъият сарватманд гардидаро ғоибона таҳдид кард, баланд нахоҳад бардошт, валекин дар муқобили онҳо як лаҳзае аз рӯз сукут нахоҳад кард.

Оре, чун Паёмбар (с) ӯро аз бардоштани шамшер дар рӯи ин гурӯҳ одамон манъ карда бошад, пас ӯро аз истифодаи забони тезаш дар гуфтани калимаи ҳақ манъ нанамудааст.

Ва ба зудӣ инчунин хоҳад кард.

* * *

Аҳди Паёмбар (с) гузашт ва баъди ӯ асри Абубакр (р) ва асри Умар (р) бо пирӯзии комил дар муқобили фиребандагони зиндагӣ ва ба роҳ андозандагони фитна дар ҳаёт низ гузашт.

Ҳатто шахсиятҳое, ки рағбат ва хоҳиши дунёро доштанд, дар он рӯзҳо барои рағбатҳояшон роҳе ё гузаргоҳе намеёфтанд.

Ба таҳқиқ дар аҳди хеш амири мӯъминон Умар (р) дар он рӯзҳо саркардагон, амирон ва сарватмандонро дар ҳама қаламрави ислом дар рӯи замин ба тақводорӣ ва камбағалона зистан лозим гардонида буд. Ба ҳадде, ки гумон мекардӣ, ки аз тоқати башарӣ берун аст.

Агар волие аз волиҳояш дар Ироқ ё дар Шом ё дар Санъо ё дар кадом аз мамлакати дур, ягон навъи шириниеро, ки оммаи мардум қудрати харидани онро надошт, мехӯрд, дарҳол баъди чанд рӯзе

хабар ба Умар (р) мерасид ва дарҳол фармони қотиъи ӯ ба он ҷо ирсол мегардид ва он волиро ба Мадина бозхост менамуд то ҳисоботи сахтро бидиҳад.

Осуда бош эй Абузар ва бисёр осуда бош, модоме ки Форуқи бузург амири мӯъминон аст.

Модоме ки ҳеҷ чиз мисли сӯиистифода аз мансаб ва ҷамъоварии сарват ба зиндагии Абузар тангӣ намеорад. Пас ба дурустӣ, ки ибни Хаттоб бо ҳӯшёрии бурандааш ва тақсими боадолатонаи мансабҳо ва сарватҳо ба Абузар оромӣ ва ризомандӣ мебахшад. Пас ӯ худашро ба ибодати Худо ва ба ҷиҳод дар роҳи Худо бахшид. Ва агар мухолафате дар умури дин медид, ба хомӯшӣ паноҳ намебурд (яъне муқобила мекард), вале ин кам воқеъ мешуд.

Мутаассифона, бузургтарин ва боадолаттарин ва пешқадамтарин ҳокимони башарият ногузир рӯзе дармегузаранд ва аз пушти худ як фазои холии даҳшатнокро боқӣ мегузоранд ва рафтани онҳо зиддиятҳоеро эҷод мекунад, ки аз онҳо гурез нест ва мардум низ тоқати пешгирии онро надоранд. Ва кишваркушоиҳо дар маҷрои худ давом мекунанд ва бо ҳамроҳии он андозаи рағбатҳо ва даст ёфтан ба танаъъуми дунё ва серию пурӣ меафзояд.

Абузар хатарро эҳсос мекунад.

Дур нест лаҳзае, ки шахсиятҳои омодаи баланд бардоштани байрақи Худо, барои бардоштани байрақҳои шахспарастӣ дар гумроҳӣ бияфтанд.

Воқеъан дунё ба музахрафоти ботил ва ғурури ваҳшиёнаи хеш наздик аст, ки касони накӯкорро дар фитна афканад.

Дар ҳақиқат молеро, ки Худованд онро хидматгузор ва мутеъи инсон офаридааст, наздик аст, ки ба як хоҷаи мустабид табдил ёбад.

Боз нисбати чӣ касоне? Нисбати ёрони Паёмбар Муҳаммад (с), ки аз дунё даргузашт, ҳол он ки зиреҳи ҷангиаш дар гарав буд, дар ҳоле, ки ғарамҳои бозёфт ва ғаниматҳои ҷанг дар зери пойҳояш рехта шуда буд.

Ба дурустӣ, ки сарватҳои замин, ки Худованд онҳоро барои ҳамаи мардум халқ намудааст ва ҳаққи онҳоро дар ин неъматҳо баробар гардонидааст, шояд ба эҳтикор ва сарвати шахсиятҳои алоҳида табдил гарданд. Ва ҳокимият, ки аз ҷумлаи масъулиятҳои муҳимаст ва аз тарси ҳисоб дар назди Худо дилҳои дӯстони Худо аз

он ба ларза меоянд, ба асбоби зулм, сарват ва зарбазанандаи ҳалокатбор табдил гардад.

Абузар тамоми ин рӯйдодҳоро дид. Ӯ дигар андеша накард, ки вазифа ва масъулияти ӯ чист, балки дарҳол дасташро ба шамшераш бурд ва ҳаворо дар ҷунбиш овард ва пора-пора намуд ва барҷаста дар рӯ ба рӯи ҷамъият бо шамшере, ки ҳеҷ гоҳ хато нахӯрдааст, бархост. Лекин ба зудӣ дар дилаш садои васияте, ки Паёмбар (с) ба ӯ карда буд, танин андохт. Шамшерашро ба ғилоф андохт. Сазовор нест, ки он шамшерро ба рӯи мусалмоне бардорад.

Сазовор нест, ки мӯъмин бародари мӯъмини худро бикушад, магар ба хато. (сураи Нисо, ояи 92).

Вазифаи ӯ имрӯз куштан нест, балки муқобила ва эътироз кардан аст.

Ва шамшер асбоби тағйир додан ва рост намудан нест, балки сухани рост боамонат ва диловарона асбоби тағйир аст.

Сухани одилонае, ки ба гумроҳӣ намебарад ва аз оқибаташ ҳеҷ тарсе нест.

Рӯзе, ки Паёмбар (с) дар байни оммаи мардум хабар дода буд, ки: замин дар рӯи худ набардоштааст ва осмон соя наафкандааст касеро, ки дар лаҳҷааш ростгӯтар аз Абузар бошад.

Пас касеро, ки ин қадар сидқи лаҳҷа ва сидқи қаноъатмандгардонӣ бошад, ӯро ба шамшер чӣ ҳоҷат?

Як суханеро, ки ӯ мегӯяд, ҳар оина буррандатар аз ин аст, ки рӯи замин пур аз шамшер бошад.

Бояд ба ин ростгӯияш ба сӯи амирон, сарватмандон ва ба сӯи тамоми он ашхосе, ки бо майл намуданашон ба сӯи дунё дар муқобили дине, ки ба сифати роҳнамо омад – на гирдоварандаи андоз, паёмовар – на подшоҳӣ, раҳму шафқат – на азоб, таваҷҷӯҳ ва фурӯтанӣ – на кибру фахр, баробарӣ – на табақабандӣ, қаноъат – на ҳирс, кифоят ба андак – на исрофкорӣ ва дар гирифтани дунё бо ҳазар будан – на дилбохтагӣ ба дунё ва худкушӣ барои дунё, эҷоди хатар намудаанд, хуруҷ намояд.

Бояд ба муқобили тамоми ин ашхос хуруҷ кунад, то Худованд байни ӯ ва байни онҳо ба Ҳақ ҳукм кунад ва Худованд беҳтарини ҳукмкунандагон аст.

Ва Абузар ба сӯи қасрҳое, ки маҳали зулм ва сарват буданд, хурӯҷ намуд ба муқобила ва муъоразааш бар зидди онҳо мубориза мебурд. Дар як макон паси макони дигаре ва дар андак муддате як ливое гардид, ки дар атрофаш мардум ва ранҷбарон гирд омаданд. Ҳатто ба масофаҳои дур, ки сокинонашро надидааст, овози ӯ расид ва ба ҳеҷ сарзамин намегузашт ва ба ҳеҷ қавме номаш намерасид, магар суолотеро бармеангехт, ки муҳим буданд ва манфиатҳои соҳибони султа ва сарватро зери хатар мегузошт.

Агар ин инқилобии бузург мехост то як байрақи хосае барои худ ва ҳаракаташ интихоб кунад, дар болои он ғайри як анбуре (асбоби доғ кардан), ки аз ғояти сурхӣ ва алангаи оташ медурахшид, чизе дигаре нақш намебуд. Пас ба таҳқиқ ин суруд ва нидои ӯ, ки дар ҳама вақту макон такрораш менамуд ва мардум низ такрораш менамуданд ва гӯё ки замзамае буд, аз ҳамин калимаҳо иборат буд:

– Башорат бидеҳ, хазинакунандагонеро, ки хазина мекунанд тилло ва нуқраро, ба як анбури оташин, ки ба он пешониҳо ва паҳлӯҳои онҳоро рӯзи қиёмат доғ мекунанд.

ӯ дар ҳар кӯҳе мебаромад ва ба ҳар водие мефаромад ва дар ҳар шаҳре медаромад ва ҳар амиреро мулоқот мекард, ин калимаҳо дар забонаш буданд.

Ва мардум низ ҳар гоҳ медиданд, ки ӯ меояд ба истиқболаш бо гуфтани ин калимаҳо бармехостанд: "Башорат деҳ хазинакунандагонро ба асбоби сӯхтан аз оташ ".

Ба таҳқиқ ин ибора барои ин масъулияти ба ӯҳда гирифтааш, ки ҳаёташро назри он намуда буд, парчам гардид. Ин дар ҳоле рух дод, ки бо чашми сар мушоҳида намуд сарватҳо дар дасти шахсони алоҳида ҷамъ мешаванд ва ҳокимият ба қудратталабӣ ва сарватҷаъмкунӣ табдил ёфтааст. Чун дид, ки муҳаббати дунё ба сари ҳама ғолиб омада ва гумон аст, ки тамоми он дастовардҳоеро, ки заҳмати чандинсолаи рисолат аз зебоӣ ва парҳезгорӣ ва фидокорӣ ва ихлосмандӣ ҳосил намуда буд, рупӯш ва нобуд созад.

Пас аз сарзамине сар кард, ки аз ҳама дида макони зулму ситам ва тарсу ҳарос буд. Он сарзамини Шом буд, ки Муъовия ибни Абусӯфиён ҳокимияташро зери даст дошт. Ва ин сарзамин нисбати ҳосилхезӣ ва фоидаи хубтару беҳтар гирифтан, аз ҳамаи сарзаминҳои қаламрави ислом болотар буд. Ва ӯ моли хазинаро

беҳисобу китоб ба ҳар кас тақсим кард ва ба ин восита дили он ашхосеро, ки обрӯе доштанд, ба сӯи худ моил сохт ва ба воситаи ин бахшишҳо ояндаи дуреро, ки ба он чашми тамаъ дӯхта буд, эмин гардонид.

Ин киштзорҳо, қасрҳо ва сарватҳо ҳомилони боқимондаи даъватро низ дар фитна андохта буданд. Пас Абузар бояд хатарро қабл аз ба ҳалокат расонидани онон пешгирӣ кунад.

Ин пешвои муқобилакунандагон он як порча либоси хоксоронаи худро аз банди по болотар кашид (киноя аз ин ки ба коре миён барбастан) ва босуръат ба Шом омад. Чун мардуми оддӣ омадани ӯро шуниданд, ба истиқболаш шитофтанд ва ҳар куҷое, ки мерафт, бо ҳаяҷону иштиёқ атрофашро мепечониданд ва нидо дармедоданд:

– Ба мо нақл кун, эй Абузар.

– Ба мо қисса кун, эй ёри Паёмбари Худо (с).

Абузар ба он анбӯҳи мардум бо назари кунҷковӣ менигарист ва медид, ки аксари онҳо камбағалонанд. Сипас нигоҳашро ба ҷойҳои баланди атроф мутаваҷҷеҳ месохт ва қасрҳо ва киштзорҳои зиёдеро медид.

ӯ ба мардуми ӯро иҳота карда мурочиъат намуда, мегуфт:

– Ман аз он касе таъаҷҷуб мекунам, ки дар хонааш луқмаи ноне надорад ва чӣ гуна бо шамшери бараҳна бар зидди ин мардум қиём намекунад ?

Аммо дарҳол насиҳати Паёмбар (с) ба хотираш омад ва ба ҷои исён бо силоҳи сухан, сухани кӯбанда, бо мантиқе қавӣ фаъолият намуданро авлотар донист. Пас аз сӯҳбатҳои ӯ мардум фаҳмиданд, ки ҳамаи онҳо мисли дандонаҳои шона баробаранд. Ва байни онҳо назди Худованди бузург ҳеҷ гуна фарқияттузорие нест. Ва ҳамаи онҳо дар ризқу рӯзӣ шариканд ва ин ки касе бар каси дигаре афзалият надорад, магар ба парҳезгорӣ. Ва ин ки амири қавм ва пешвои он, бояд аввалин касе бошад, ки гуруснагӣ кашад, чун мардум гурусна бошанд. Ва чун мардум сер бошанд, охирин каси сер бошад.

Пас ӯ ба худ қарор дод, ки бо ин суханон ва шуҷоъатмандиаш дар тамоми қаламрави ислом як фаҳмиши куллӣ эҷод намояд.

Дар андак муддат Шом ба занбӯрхонае табдил гардид, ки маликаи мутоъи худро ёфтааст. Агар Абузар барои исён ишораи андаке мекард, оташи ҷанг ва кинаву хусумат аланга мегирифт. Вале чунон ки гуфтем, ҳимматашро танҳо ба он равона кард, ки дар байни ҷамъият як фаҳмиши куллие эҷод намояд, ки мардум ба он эҳтиром қоил бошанд. Ин суханони ӯ мавзӯъи сӯҳбат дар маҷлисҳо, масҷидҳо ва роҳу бозорҳо гардиданд.

Ба таҳқиқ хатари Абузар ба нуқтаи олии худ дар муқобили имтиёзоти баамаломада дар он лаҳзае расид, ки Муъовия дар пеши назари мардум бо Абузар мунозира намуд ва шахсони он ҷо буда ин хабарро ба набудаҳо расониданд ва бод ин қиссаро ба ҳар тараф пареш кард.

Ба таҳқиқ Абузар аз рӯи сухан ростгӯйтарини аҳли олам аст. Ва ӯ ҳамчунон ки Паёмбар (с) ва муаллимаш васф намуда буд, қоим монд.

Қоим монд ва бе тарсу ҳарос ва бе хотирбинӣ. Ин буд, ки бо Муъовия дар бораи сарватҳои пеш аз ҳоким шуданаш ва сарвати имрӯзааш, суолу ҷавоб намуд. яъне аз хонааш, ки дар макка зиндагӣ мекард ва аз қасрҳое, ки имрӯз дар Шом дорад.

Баъд аз ӯ ин саволро ба ҳамнишинони Муъовия дод, ки ҳамроҳи Муъовия аз Макка ба Шом омада буданд ва баъзеашон соҳиби киштзорҳои зиёд ва қасрҳо шуда буданд.

ӯ ба онҳо нидо дардод:

– Оё шумо он одамоне ҳастед, ки чун Қуръон ба Паёмбар (с) фуруд меомад, Паёмбар (с) дар ҳузури шумо буд??

Ва аз ҷониби онҳо худаш ҷавоб медод:

– Оре шумо касоне ҳастед, ки Қуръон дар байни шумо фуруд омад ва дар тамоми маъракаҳои ҷиҳод ҳамроҳи Паёмбар (с) будед.

Пас бозгашта аз онҳо пурсид:

– Оё шумо дар Қуръон ин оятро нахондаед: Ононеро, ки тилло ва нуқраро хазина мекунанд ва дар роҳи Худо онро сарф намекунанд, пас башораташон бидеҳ ба як азоби дарднок. Рӯзе, ки он зару симро дар оташи ҷаҳаннам мегудозанд, пас пешониҳо ва паҳлӯҳои онҳоро ва пуштҳояшонро ба он доғ мекунанд ва мегӯяндашон: ана ин аст, чизе ки барои худатон хазина кардед! Пас лаззати чизи хазинакардаатонро бичашед! (сураи Тавба ояи 34-35).

Ва Муъовия давоми ҳадисро қатъ намуда гуфт:

– Ин оят дар ҳақи аҳли китоб нозил шудааст.

Ва Абузар фарёд мекашад:

– Не, балки ҳам барои онҳо ва ҳам барои мо фиристода шудааст.

Ва Абузар суханашро идома дода Муъовия ва касонеро, ки ҳамроҳаш буданд, насиҳат карда чунин гуфт:

– Аз ҳамаи киштзору қасру амволи доштаатон даст кашед ва ҳеҷ нафаре аз шумо аз ҳоҷати якрӯзааш беш чиз ҷамъ накунад.

Ва хабари Абузар ва ин мунозараҳо даҳан ба даҳан, аз ҷамъияте ба ҷамъияте, аз сӯҳбате ба сӯҳбате ба ҳар тараф паҳн мешуданд.

Ва ин суруди Абузар дар ҳар хона ва роҳу манзил бо овози баланд садо медод:

Ононеро, ки хазина мекунанд ба як доғкунанда аз оташи дӯзах дар рӯзи қиёмат башорат бидеҳ.

Пас Муъовия хатарро ҳис кард ва суханони ин исёнгари бузург дар роҳи Ҳақ дар муқобили ноҳақӣ ӯро дар даҳшат андохт. Вале қадри ӯро донист ва ба ӯ зараре нарасонд ва ба халифа Усмон (р) мактуб ирсол намуд, ки дар он навишта буд: “Ба таҳқиқ Абузар мардумро дар Шом фосид кард”.

Пас Усмон (р) ба Абузар мактуб фиристода, ӯро ба Мадина бозхонд. Ва Абузар бори дигар почаҳои эзори худро бар зад ва Шомро тарк намуда, дар вазъе, ки аҳли Димашқ ба сабаби гирди ҳам омадани мардум барои видоъ мислашро надида буданд, ба Мадина баргашт.

* * *

– Ман ба дунёи шумо ҳоҷате надорам.

Ин сухане буд, ки Абузар баъди ба Мадина расидан дар сӯҳбати тӯлониаш ба халифа Усмон (р) гуфт.

Усмон (р) аз гуфтугӯ бо Абузар ва аз хабарҳое, ки аз ҳар тараф дар бораи ҳамраъйии мардум бо андешаҳои Абузар ба ӯ мерасониданд, дар бораи хатари даъват ва қуввати ин даъват, хулосаи саҳиҳ баровард ва қарор дод, ки ӯро дар Мадина дар ҳамсоягии худ нигоҳ дорад ва истиқомати ӯро дар Мадина ҳатмӣ гардонад.

Усмон (р) ин қарори худро ба Абузар бо нармӣ, оҳиста-оҳиста фаҳмонид ва гуфт:

– Ту дар паҳлӯи ман бош, албатта, субҳ шутури навзоидаи сершир аз наздат мебарояд ва шом бармегардад (киноя аз ин ки аз моли дунё ба ту медиҳам – Мутарҷим).

Абузар чунин ҷавобаш дод:

– Ман ба дунёи шумо ҳоҷатманд нестам.

Оре, ӯро ба дунёи мардум ҳеҷ ҳоҷате набуд.

Аслан ӯ аз ҷумлаи покзодагонест, ки сарвати рӯҳро ҷустуҷӯ менамоянд ва дунёро барои он дӯст медоранд, ки бибахшанд, на ин ки бигиранд.

Пас аз халифа Усмон (р) дархост кард ба ӯ иҷоза бидиҳад, то рафта дар Рабза (мавзеъе дар атрофи Мадина) зиндагонӣ кунад. Халифа ба ӯ иҷоза дод.

Абузар дар давоми муқобилияткуниҳояш дар аҳд бо Худо ва Паёмбар (с) амонатнигоҳдор буд. Ва дар замири хеш насиҳати Паёмбарро нигоҳ медошт ва пайравӣ менамуд, ки таъкид карда буд, то ҳаргиз шамшер баланд накунад. Кас гумон мекунад, ки Паёмбар (с) тамоми пешомадро медонист. Ҳамчунон пешомади Абузар ва ояндаи ӯро. Аз ин сабаб буд, ӯро бо ин насиҳати гаронбаҳо роҳнамоӣ кард.

Аз ҳамин сабаб вақте Абузар медид, ки баъзе аз фитнахоҳон мехостанд аз суханон ва даъватҳои ӯ барои расидан ба хоҳишот ва макрҳояшон сӯистифода кунанд, нороҳатии худро пинҳон наменамуд.

Рӯзе ӯ дар Рабза буд, ки як гурӯҳ намояндагон аз Куфа омаданд ва аз ӯ хоҳиш намуданд, ки зидди халифа байрақи исёнро баланд кунад. ӯ сухани ононро қотеъона рад намуда гуфт:

– Қасам ба Худо, агар Усмон (р) маро дар болои баландтарин дарахт ва ё фарозтарин кӯҳ овезад, ман ӯро гӯш мекунам ва итоат мекунам ва сабр мекунам ва инро ғанимат медонам ва барои худ инро беҳтар мешуморам.

Ва агар маро аз ин уфуқ то уфуқи дигар бигардонад, ҳар оина ӯро гӯш мекунам ва итоъаташ мекунам ва сабр мекунам ва инро барои Худо медонам ва барои худам беҳтар мешуморам.

Ва агар маро ба сӯи манзилам бозгардонад, ҳар оина ӯро гӯш мекунам ва итоъаташ мекунам ва сабр мекунам ва инро барои аҷр назди Худо мекунам ва барои худам беҳтар мешуморам.

Ин мард дар корҳояш ягон ғарази дунёӣ надошт аз ин сабаб Худованд ба ӯ нури басират ато намуд ва аз ҳамин ҷиҳат буд, ки бори дигар дарк намуд, ки фитнаи мусаллаҳона дар зимни худ чӣ гуноҳ ва хатаре дорад. Аз ин ҷост, ки худро канор гирифт. Ҳамчунон дарк намуда буд, ки хомӯшӣ аз гуфтани ҳақ чӣ гуноҳ ва хатар дорад. Аз ин ҷиҳат аз хомӯшӣ низ парҳез кард ва садо баланд намуд. На тамаъе ӯро таҳрик менамуд ва на оқибати коре ӯро аз роҳаш бероҳа мебурд.

Ба таҳқиқ Абузар аз муқобилаи ғайри мусаллаҳона фориғ гардид ва худро аз мардум ҷудо намуд ва ба Худо пайваст.

Ва ӯ тамоми умрашро дар диққат ва ҳушёрӣ намудан дар баробари хатову лағжишҳое, ки ба сабаби вазифа ва мол ҳосил мешаванд сипарӣ хоҳад намуд. Пас ҳокимият ва мол дар худ як ғурур ва фитнае доранд, ки Абузар аз он дар бобати бародарони байрақи исломро бо ҳамроҳии Паёмбар (с) бардошта, ки бар онҳо воҷиб аст ҳамеша он байрақро бардоранд, ҳарос дорад.

Аз як тараф ҳукумат ва мол рагҳои асаби зиндагианд барои мардум ва ҷамоъатҳо, вале вақте онҳоро гумроҳӣ фаро гирад, масири зиндагии мардум ба хатари ҷиддӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Ба таҳқиқ, Абузар барои асҳоби Паёмбар (с) орзу мекард, ки ягон нафари онҳо аморатро қабул накунанд ва мол ҷамъ нанамоянд ва ҳамеша дар ҳидоят намудани мардум пешво ва парастандаи Худо бошанд.

Абузар бадкирдорӣ ва хунхорагии дунё ва молро медонист. Инчунин дарк намуда буд, ки Абубакр (р) ва Умар (р) такрорнашаванда ҳастанд. Ва борҳо аз Паёмбари Худо (с) шунида буд, ки асҳобро аз ангезаи аморат барҳазар медошт ва дар бораи аморат мегуфт:

– Аморат ин амонат аст ва он рӯзи қиёмат хорӣ ва пушаймонист, магар ба касе, ки онро ба миқдори ҳаққаш гирифта бошад ва он ҳуқуқеро, ки мансаб бар ӯҳдаи кас мегузорад, адо карда бошад.

Пас кор ба дараҷае расид, ки Абузар маҷбур шуд аз бародарони исломии худ канорагирӣ кунад. Агар натавонад худро тамоман аз онҳо бибурад, зеро онҳо аморатро қабул намуданд ва соҳиби сарват гардиданд.

Рӯзе Абумӯсои Ашъарӣ бо Абузар вохӯрд ва аз ғояти хушнудии дидори ӯ фарёд кашид:

– Хуш омадӣ Абузар! Хуш омадӣ бародари ман!

Вале Абузар ӯро аз худ дур кард ва гуфт:

–Ман бародари ту нестам, ман он вақт бародарат будам, ки волӣ ва амир набудӣ!

Ҳамчунин рӯзе Абуҳурайра бо ӯ вохӯрд ва дар канораш гирифт, вале Абузар ӯро бо дасташ аз худ дур андохт ва гуфт:

–Аз ман дур шав! Оё ту касе нестӣ, ки аморатро қабул намудӣ ва дар хонаҳои боҳашамат зиндагонӣ кардӣ ва барои худ чорво ва киштзорҳо гирифтӣ?

Ва Абуҳурайра аз шахсияти худ дифоъ намуда, мехост ин овозаҳоро рад кунад.

Шояд дар зоҳир чунин намояд, ки Абузар дар бораи мансабҳо ва сарват муболағаи зиёде ҳам мекунад, вале Абузар мантиқе дорад, ки ростгӯии ӯро ҳамроҳи шахсияташ ва имонаш дар як қолаби муайян андохтааст. Яъне Абузар дар ақида ва рафтораш дар ҳадде меистад, ки Паёмбар (с) ва ду дӯсти ӯ Абубакр (р) ва Умар (р) ба ёдгор мондаанд.

Ва шояд баъзеҳо гумон кунанд, ки ин тасаввуроти Абузар як дараҷа хаёлист, ки дар воқеъ татбиқи он номумкин аст. Вале Абузар ин маслакро як мақсади олӣ мешуморад, ки роҳи зиндагонӣ ва амал бояд дар қолаби ӯ муҷассам гардад, хусусан барои он мардоне, ки ҳамасри Паёмбар (с) буданд ва аз паси ӯ намоз хонданд ва ҳамроҳаш ҷиҳод карданд ва барои ба ӯ гӯш додан ва итоъат намудан, байъат карданд.

Ҳамчунон ки зикр шуд, аз ин пеш ӯ ба фаҳмиши равшани худ дарк намуда буд, ки ҳокимият ва сарват, чӣ асари қотиъе дар зиндагонии мардум доранд. Аз ин сабаб ӯ андеша дорад, ки ҳар халале дар амонати ҳукм ва адолати сарват воқеъ шавад, хатари ҷиддиро эҷод мекунад ва лозим аст, ки пешгирӣ ва муқобала карда шавад.

* * *

Дар ҳақиқат, Абузар ҳар қадар, ки тавон дошт, ливои пешвоии Паёмбари бузург ва ду дӯсташро дар ҳоли амонатдорӣ ва нигоҳбонии қотеъона баланд афрошт ва ӯ дар фанни ғалаба бар болои барангезандагони аморат ва сарват қоим устод.

Чун ӯро ба амирии Ироқ даъват намуданд, гуфт:

–На, қасам ба Худо, ҳаргиз маро ба дунёи худ моил карда наметавонед.

Рӯзе яке аз дӯстонаш ӯро дар либоси кӯҳнае дида пурсид:

–Оё ғайри ин либосе надорӣ? Ман чанд рӯз пеш назди ту ду либоси наве дида будам?

Абузар ҷавоб дод:

– Эй писари бародар, ман онҳоро ба як шахси аз худ мӯҳтоҷтар додам.

Мусоҳибаш гуфт:

– Қасам ба Худо, ки худат ба он либосҳо аз дигарон мӯҳтоҷтарӣ.

Абузар ҷавоб дод:

–Худо паноҳ бидиҳад. Ту дунёро бисёр бузург медонӣ, оё дар тани ман ин куртаро мебинӣ? Ман як куртаи дигар барои намози ҷумъа дорам ва бузе дорам барои ҷӯшидан ва харе дорам, ки савораш мешавам. Пас дар зиндагии мо аз ин дида неъмати зиёдтареро метавон орзу кард?

Абузар рӯзе чунин ҳикоят мекард:

–Маро дӯстам, (яъне Паёмбар (с)) ба ҳафт чиз васият кардааст:

1. Ба дӯстии мискинҳо ва наздикии онҳо.

2. Бо ин ки ҳамеша аз худ пасттарҳоро назар кунам на аз худ болотарҳоро.

3. Аз касе чизе наталабам.

4. Ба хешу табор пайванди дӯстӣ дошта бошам.

5. Сухани ҳақро бигӯям, агарчӣ талх бошад.

6. Дар роҳи Худо аз маломати маломаткунандагон натарсам.

7. Калимаи: “ *Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ* (Нест тавоноӣ ва қуввате, магар ба Худо)”-ро бисёр бигӯям.

Дар ҳақиқат, ӯ иродатманд ба ҳамин васият зиндагонӣ намуд ва ҳаёташро тибқи ин васият дар қолаб андохт, то ин ки дар байни қавм ва пайравонаш ангуштнамои мардум гардид.

Имом Алӣ (р) чунин мегӯяд:

–Имрӯз касе, ки дар роҳи Худо аз маломати маломаткунанда натарсад, ба ғайри Абузар дигар боқӣ намондааст!

ӯ ҳамчун мубориз дар роҳи муқобала бо сӯистифодаи мансаб ва ҷамъ кардани сарватҳо зист.

ӯ тамоми зиндагониашро дар роҳи пешгирии хатоҳо ва барқарор гардондани ростӣ сарф кард.

ӯ тамоми умр барои хотири Худо масъулияти насиҳат ва тарсонидан (аз гуноҳ)-ро ба ӯҳда дошт.

ӯро аз фатво додан манъ менамуданд, вале баръакс овози ӯ баландтар садо медод. Ва барои касоне, ки ӯро аз ин амалаш манъ менамуданд, чунин мегуфт:

–Қасам ба Худое, ки нафси ман дар дасти ӯст, агар шамшерро дар гардани ман бниҳед ва ман умеде дошта бошам, ки як калимаеро, ки аз Паёмбар (с) шунидаам, метавонам ба мавқеъи иҷро биёрам, пеш аз он ки гарданамро бибуред, албатта онро ба мавқеъи иҷро хоҳам овард!

Эй кош, он замон мусалмонон ба сухан ва насиҳатҳои ӯ гӯш медоданд. Дар он сурат фитнаҳое, ки дар оянда кори мусалмононро печида гардонида, давлат, ҷамъият ва исломро ба хатарҳои зиёде мувоҷиҳ сохтанд, дар гаҳвора мемурданд.

Акнун Абузар баъди мухолифаташ бо Усмон (р) дар Рабза, дар он ҷои барои иқомат ихтиёр кардааш дар ҳолати сакароти мавт аст. Биёед ба назди ӯ биравем, то бо ин мусофири бузург ҳаққи адои видоъро ба ҷой орем ва дар лаҳзаи хатми зиндагонии ифтихормандаш ҳамроҳаш бошем.

Ин зани сиёҳи лоғар, ки дар паҳлӯяш нишаста мегиряд, ҳамсараш аст ва Абузар аз ӯ мепурсад:

–Чаро мегириӣ? Мурдан амрест ҳақ.

ҳамсараш мегӯяд:

– Барои он мегирям, ки ту мемирӣ ва пеши ман пораи либосе нест, ки туро кафан кунам.

Абузар мисли шафақи дар ҳоли ғуруб табассуме кард ва гуфт:

– Ором ва дилпур бош. Гиря накун, зеро ман аз Паёмбари Худо (с) рӯзе, ки бо ҷамъе аз асҳоб назди ӯ будем, шунидаам, ки мегуфт:

– Яке аз шумо дар биёбоне мемирад ва як гурӯҳи мусалмонон дар ҷанозааш ҳозир мешаванд.

Ҳамаи онҳое, ки он рӯз ҳамроҳи ман буданд, мурданд. Дар байни ҷамоъатҳо ва деҳаҳо ғайри ман дигар касе намондааст ва ман акнун дар биёбон мемирам. Пас дар роҳ интизор бош. Бешак бояд як гурӯҳи мусалмонон биёянд, зеро қасам ба Худо, ман ҳеҷ вақт дурӯғ нагуфтаам ва касе низ маро фиребнадодааст.

Ва рӯҳи ӯ бо Худо пайваст.

ӯ дар ҳақиқат рост гуфта буд.

Он қофилае, ки дар биёбон босуръат меомад, як гурӯҳи мусалмонон бо сарварии саҳобаи Расули Худо (с), Абдуллоҳ ибни Масъуд буданд.

Воқеъан, пеш аз он ки ибни Масъуд ба он ҷой бирасад, (ба тариқи илҳом) он саҳнаро пеши назар мебинад. Саҳнае, ки як чизи дароз мисли ҷасади мурда хобидааст ва дар наздаш як пиразан ва кӯдаке мегиряд. Лаҷоми аспашро ба он тараф мегардонад. Қофила низ аз паси ӯ ба он тараф ҳаракат мекунад ва ҳамин ки назараш ба ҷасади мурда меафтад, дӯст ва бародараш дар роҳи Худо ва ислом, Абузарро мешиносад. Об дар чашмони муборакаш чарх мезанад ва болои сари ин ҷасади пок истода мегӯяд:

– Расули Худо (с) рост гуфта буд:

–Ту танҳо меравӣ ва танҳо мемирӣ ва танҳо барангехта мешавӣ.

* * *

Ин ҳодиса дар ғазои Табук рӯй дода буд, соли нӯҳум аз ҳиҷрат. Расули Худо (с) барои омодагӣ ба ҷанги румиён фармон дода буд. Бар зидди ононе, ки алайҳи ислом макр ва ҳила доир мекарданд.

Вақте ки мардум ба ҷиҳод даъват шуданд, замони қаҳтӣ ва гармои шадид буд. Роҳ низ дур ва душман ниҳоят хавфнок буд. Дар ҳақиқат, баъзе аз мусалмонон аз рафтан худдорӣ менамуданд.

Ва Паёмбар (с) бо асҳоб ба роҳ баромаданд. Ҳар гоҳ ки ба роҳи худ идома медоданд, мушкилӣ ва машаққат бештар мешуд. Ва медидӣ, ки марде қафо мезад. Мардум мегуфтанд:

– Эй Расули Худо (с), фалонӣ қафо зад.

Пас Паёмбар (с) мегуфт:

– Бигузоредаш. Агар дар вуҷудаш некӣ бошад, Худованд ӯро ба зудӣ ба шумо мерасонад. Ва агар ин чунин набошад, Худо шуморо аз вуҷуди нопоки ӯ роҳат мебахшад.

Рӯзе мардум диданд, ки Абузар нест. Ва ба Расули Худо (с) гуфтанд, ки Абузар қафо монд. Ва сабаб ин буд, ки шутураш аз пой монда буд.

Ва Паёмбар (с) сухани аввалаашро такрор кард. Шутури Абузар зери фишори гуруснагӣ ва ташнагӣ ва гармо заъиф гардида буд ва аз ғояти мондагӣ пояшро ба зӯр мебардошт.

Абузар бисёр кӯшид, ки онро ба тезрафторӣ водор кунад, вале натиҷае набахшид, балки хастагӣ асари худро бар шутур ҳар лаҳза зиёдтар менамуд.

Ва Абузар дид, ки бо ин ҳол аз қофилаи мусалмонон қафо мемонад ва изи пои онҳоро гум мекунад. Пас пиёда шуд. Ва колои худ ва бори уштурро ба пушташ ниҳод ва пои пиёда равон гардид ва дар миёнаи биёбони тафсон медавид, то Паёмбар (с) ва асҳобро дарёбад.

Субҳи дигар, вақте ки мусалмонон борҳояшонро ба замин монданд, то истироҳат кунанд, яке аз онҳо чангу ғубореро мушоҳада кард. Ва дар паси он чангу ғубор шабаҳи марде менамуд, ки бо суръат ба самти онҳо меомад. Касе ин ҳолатро дида вазъро ба Паёмбар (с) хабар дод.

Паёмбар (с) гуфт:

– Бояд Абузар бошад.

Ва онҳо ба сӯҳбати худ идома доданд. Чун шахси оянда расид, ӯро шинохтанд.

Мусофир тадриҷан ба онҳо наздик мешуд ва аз ғояти хастагӣ пойҳояшро аз болои реги тафсон базӯр бармеканд ва бори пушташ барояш гаронӣ мекард. Лекин ӯ дар камоли қаноъатмандӣ ва фараҳ буд, зеро қофилаи муборакро дарёфт ва аз Паёмбари Худо (с) ва бародарони муҷоҳидаш қафо намонд. Ва чун ба сари корвон расид, нафаре аз ёрон фарёд баровард:

– Эй Расули Худо (с), қасам ба Худо, ки ин кас Абузар аст.

Абузар ба тарафи Паёмбар (с) рафт.

Ва ҳамин ки чашми мубораки Паёмбар (с) ба ӯ афтод, дар рӯи муборакаш як табассуми меҳрубонона ва навозишкорона ҳувайдо гардид ва гуфт:

– Худованд Абузарро раҳмат кунад. Танҳо меравад, танҳо мемирад ва танҳо барангезонида мешавад.

Имрӯз бо гузаштани бист сол ё зиёдтар, Абузар баъди он ки тамоми ҳаёташро дар роҳи масъулияти ба зимма гирифтааш сарф кард, танҳо дар биёбони Рабза фавтид.

Воқеъан, ӯ дар таърихи башарият аз рӯи бузургӣ ва парҳезгориаш, устуворӣ ва ҷавонмардиаш яккаву ягона будааст. Ва зуд аст, ки дар назди Худованд низ яккаву танҳо маҳшур хоҳад шуд, зеро бисёрии фазилатҳояш ҷоеро дар паҳлӯи ӯ барои касе боқӣ нагузоштааст.

## 4. БИЛОЛ ИБНИ РАББОҲ
## Касе, ки даҳшатҳоро ба масхара мегирад

Вақте ки Умар ибни Хаттоб (р) Абубакрро (р) ёд мекард, мегуфт:

–Абубакр (р) хоҷаи мо ва озодибахшандаи хоҷаи мост.

Ӯ бо таъбири охир Билолро дар назар дошт.

Мардеро, ки Умар (р) бо калимаи хоҷаи мо ном бурд, марди бузург ва хушбахтест.

Ин мард, ки чеҳраи ниҳоят сиёҳ, қомати дароз ва андоми ниҳоят лоғар, рухсораҳои камгушт ва мӯи сари дурушт дошт, тибқи ривояти ҳамасронаш ҳар гоҳ ки сухани тавсифиеро дар бобати худаш мешунид, сарашро хам мекард ва чашмонашро мепӯшид ва дар ҳоле, ки ашк аз рухсорааш равон мешуд, мегуфт:

– Ман як ҳабашиям, ки дирӯз ғулом будам.

Пас ин ҳабашие, ки дирӯз ғулом буд, кист?

Ӯ Билол ибни Раббоҳ аст.

Муаззини ислом ва дар ташвиш афканандаи бутҳо.

Ӯ яке аз муъҷизаҳои имон ва ростӣ ва яке аз муъҷизаҳои бузурги ислом аст.

Аз даҳ нафар мусалмон аз садри ислом сар карда, то он ки бо хости Худованд дунё боқист, ақаллан аз ҳафт нафари вохӯранда яке Билолро мешиносад.

Оре, дар тӯли асрҳо ва наслҳо садҳо миллион нафар аз аҳли башар Билолро шинохтанд ва номи ӯро аз ёд карданд. Ва зиндагиномаи ӯро ва корномаҳои ӯро куллан донистанд, чунончӣ ду халифаи ислом Абубакр (р) ва Умарро (р) шинохтанд.

Агар аз ҳар як тифли навомӯзи мадориси Миср, Малӣ, Чин дар ҳарду қораи Амрико, Аврупо, Русия, Ироқ, Сурия, Туркия, Ирон, Судон, Тунис, Алҷазоир, Мағриб, Мовароуннаҳр ва мамолики дигари Африқо ва дар баландтарин қуллаҳои Осиё, дар ҳар гӯшаву канори замин, ки мусалмонон мутавватинанд, бипурсӣ, ки Билол кист? Ба ту ҷавоб хоҳанд дод, ки ӯ муаззини Паёмбар (с) аст. Ва дар ибтидо ӯ ғуломе буд, ки хоҷааш ӯро бо сангҳои тасфон азоб медод, то ӯро аз динаш баргардонад, аммо ӯ мегуфт:

– Аҳад, Аҳад, яъне Худо якест.

Вақто ки шуҳрати ҷовидонаеро, ки ислом ба Билол дод, бубинӣ, бояд бидонӣ, ки Билол пеш аз ислом як ғуломи ҳабашие буд, ки шутурҳои хоҷаашро дар ивази чанд мушт хурмо мечаронид. Ва агар ислом намебуд, шояд то дами марг дар миёни издиҳоми мардум ҳамчун як ғуломи раҳгумкарда боқӣ мемонд, то ин ки марг ба ӯ мерасид ва ба дасти фаромӯшӣ супурда мешуд.

Лекин ростии имон ва азамати дине, ки ба он имон оварда буд, дар масири зиндагӣ ва таърихи ӯ дар байни пешвоёни ислом ва мардони роҳи Худо барояш мартабаи хосе муқаррар намуд.

Ва аксари мардони соҳибнуфузи башарият, мардони соҳиби ҷоҳу манзалат ва сарватманд, ба даҳяки обрӯи ҷовидонаи Билол, як ғуломи ҳабашӣ даст наёфтаанд.

Балки мардони қадрманди башарият аз шӯҳрати таърихие, ки Билол касб кардааст, як миқдори камеро ба даст овардаанд.

Сиёҳии чеҳра, пастии шӯҳрат ва насаби ӯ ва хорию беқадрии ӯ дар миёни мардум, чун ғуломи зархарид, ӯро аз ин ки макони олиеро ба воситаи ростӣ, яқин, покӣ ва ҷонфидоияш касб намояд маҳрум насохт.

Воқеъан, дар он вақт мардум ғуломеро чун Билол дар чаҳорчӯби таҳқир ва истеҳзо тасаввур мекарданд. Яъне, ғулом шахсест, ки аҳлу оила ва қудрат надорад ва ҳатто ҳуқуқи соҳибияти чизе аз зиндагонии худашро ҳам надорад. ӯ мулки хоҷааш аст, ки ӯро ба молаш харидааст ва ӯ субҳу шомро дар миёни бузу гӯсфандон, шутурон ва чорпоёни хоҷааш сипарӣ мекунад. Ва чунин мепиндоштанд, ки мисли ин махлуқ ҳеҷ гоҳ ба чизе даст ёфта наметавонанд.

Вале ҳамаи ин гумонҳо ботил баромаданд ва як ғуломи ҳабашӣ баъди пазируфтани дини мубини ислом ба пояе расид, ки на ҳар касе метавонад ба он бирасад. ӯ шарафи аввалии муаззини Паёмбар (с) ва исломро дарёфт намуд, ки ҳар яке аз пешвоён ва бузургони Қурайшии баъдан ислом оварда ва пайравии Паёмбарро намуда, он мартабаро барои худашон орзу мекарданд.

Оре, ин ғуломи ҳабашӣ, Билол ибни Раббоҳ аст.

Чӣ диловарие ва чӣ бузургиеро ин се калима ифода мекунад: Билол ибни Раббоҳ !

* * *

ӯ як ҳабашиест аз нажоди сиёҳон. ӯро тақдираш дар дасти мардуме аз бани Ҷумҳ дар Макка, ки модари ӯ канизаки онҳо буд, ғулом гардонид. Зиндагии ӯ зиндагии ғуломона буд. Рӯзҳояш ба якдигар монанд ва хушку беҳосил буданд. ӯ дар зиндагонии ҳаррӯзааш ҳеҷ гуна ҳаққи шахсӣ ва барои фардояш орзуе надошт.

Ахбори Муҳаммад (с) ба гӯшаш ҳангоме расид, ки дар Макка мардум ин ахборро даҳон ба даҳон нақл мекарданд. Вақте ки ӯ ба суҳбати хоҷагону меҳмононашон, хусусан ба суханони Умайя бини Халф, яке аз мӯйсафедони бани Ҷумҳ, қабилае ки Билол яке аз ғуломони онҳо буд, гӯш медод, аксар вақт аз ин сӯҳбатҳо оҳанги кинаву ғаш ва бадхоҳӣ ба гӯш мерасид.

Гӯшҳои Билол гоҳо аз байни суханони девонавори онҳо баъзе сифатҳоеро мешунид, ки барои ӯ чӣ будани ин дини ҷадидро тасаввур мекунонид. Ва ӯ ҳис мекард, ки ин сифатҳо дар ин муҳите, ки ӯ зиндагӣ дорад, андешаи нав ҳастанд.

Ҳамчунон, ки гӯшҳои ӯ аз байни суханони кӯбанда ва таҳдидомези онҳо, қоил шудани онҳоро ба шарофати Муҳаммад (с) ва ростию амонати ӯ мешунид.

Оре, ба дурустӣ мешунид, ки онҳо таъаҷҷуб мекарданд ва дар ҳайрат буданд аз он чизе, ки Муҳаммад (с) оварда буд.

Онҳо ба якдигар мегуфтанд: Муҳамад (с) ягон вақт дурӯғгӯй набуд ва на соҳир буд ва на девона. Агарчанде, ки мо имрӯз аз рӯи зарурат барои пешгирии ашхосе, ки мехоҳанд ба зудӣ ба сӯи дини ӯ бираванд, ӯро ба ин сифатҳо муттаҳам менамоем.

Шунид, ки онҳо аз амонатдорӣ, вафодорӣ, мардонагӣ, ахлоқу покизагӣ ва бузургии хиради ӯ ҳарф мезананд.

Ва мешунид ва медид, ки ба якдигар гӯшакӣ карда сабабҳоеро мегуфтанд, ки онҳоро бар зидди ӯ ва бар душмании ӯ водор мекард.

Он сабабҳо инҳо буданд: аввалан пешвоии дини аз падарҳояшон монда. Сониян, тарс аз обрӯи Қурайш – он обрӯе, ки ба онҳо маркази динашон ҳадя намуда буд, мисли пойтахти ибодат ва сулук дар тамоми ҷазира. Баъд, кинаву адоват нисбати бани Ҳошим, ки чаро аз бани Ҳошим Паёмбар мабъус шуду аз онҳо не.

* * *

Рӯзе Билол нури Худоро мебинад ва дар қаъри рӯҳи бузургаш садои онро мешунавад ва ба назди Паёмбар (с) меравад ва имон меоварад.

Ва чанде намегузарад, ки хабари ислом овардани ӯ паҳн мегардад. Аз ин хабар замин дар болои сари хоҷагони ӯ аз бани Ҷумҳ гирд мечархид. Он сарҳое, ки аз кибр моломол буданд ва ғурур онҳоро вазнин карда буд ва шайтонҳои рӯи замин бар болои дили Умайя бини Халф нишастанд. Он касе, ки дар ислом овардани як ғуломе аз ғуломонашон ба хорӣ ва шармандагӣ расидани тамоми бузургонашонро медид.

Бандаи ҳабашии онҳо ислом оварда ва пайравии Муҳаммад (с) намудааст.

Ва Умайя дар дилаш мегӯяд:

–Бо вуҷуди ин, ҳеҷ гап не. Офтоби имрӯз ғуруб намекунад, магар ки ҳамроҳаш исломи ин бандаи гурезаро мебарад.

Валекин офтоб исломи Билолро бо худ ба ғуруб набурд, балки рӯзе расид, ки бутҳои Қурайшро тамоман аз байн бурд ва ҳимоятгарони бутпарастиро бо худ ба ғуруб кашид.

* * *

Аммо Билолро чунон мавқифе бузург насиб гардид, ки он танҳо шарафи ислом набуд, агарчи ислом ба он ҳақноктар аст, балки шарафи тамоми башарият аст. Ва барои шарафёб шудан ба ин манзалат дар ҳақиқат Билол дар муқобили сахттарин азобҳо устуворӣ нишон дод.

Гуё Худованд ӯро барои мардум масале гардонид, ки ба андешаи онҳо сиёҳии чеҳра ва ғуломӣ монеъи азамати рӯҳ мегардад. Бехабар аз он ки агар соҳиби рӯҳ чун соҳиби имони комил гардад ва ба Худовандаш чанг бизанад ва ба ҳақиқате, ки аз ҷониби Худост дасту панҷаашро мустаҳкам намояд, ба ҳама мартабаҳо хоҳад расид.

Ба таҳқиқ, Билол ба ҳамзамонони худ ва дар тамоми замонҳо барои башарият, ки дар дини ӯ ҳастанд ва дар дигар динҳои ғайри ислом низ бошанд, як дарси балиғе нишон дод, ки муҳтавояш, хариду фурӯш нашаванда будани озодии ақида ва ҳокимияти он бо симу зари фаровон ва ё азобу шиканҷа аст.

Ӯро урён болои лахчаҳои аланганок хобониданд, то аз динаш бозгардад, ё қаноъатмандиашро тағйир бидиҳад, лекин ӯ саркашӣ намуд.

Паёмбар (с) ва ислом аз ин бандаи ҳабашии мустазъаф барои башарият дар фанни эҳтироми ақида ва замир ва дифоъ аз озодӣ ва ҳокимияти замир, як устоди комиле тайёр намуданд.

Кофарон дар айни гармои нимарӯзӣ, ки саҳро аз ғояти гармӣ мисли ҷаҳаннам аст, ӯро урён болои регҳои сӯзон ба пӯшт мехобониданд ва санги бузурги тафсонро, ки аз ғояти вазнинӣ онро чанд нафар мард мебардоштанд, дар болои синаи ӯ мениҳоданд.

Ва ин азоби ваҳшиёнаро ҳар рӯз такрор менамуданд, то ҳадде ки аз сахтии азоби ӯ дили баъзе аз ҷаллодони ӯ сӯхт. Ва дар охир розӣ шуданд, ки ӯро озод кунанд, ба шарте ки дар ҳаққи бутҳои онҳо сухани неке бигуяд, агар чӣ як калима ҳам бошад. Дигар чизе не, то дар бузургиву кибриёии онҳо халал наафтад. Ва то дар бораи онҳо аҳли Қурайш ҳар ҷо нагуянд, ки дар назди сабру устуворӣ ва пофишории ғуломонашон шикаст хӯрданд ва хор шуданд.

Аммо ӯ гуфтани ҳатто як калимаро, ки метавонист аз рӯи дил бигуяд ва ба воситаи он зиндагӣ ва вуҷуди худро наҷот диҳад, рад намуд.

Оре, гуфтанашро рад намуд ва дар ҷои он замзамаи ҷовидонаи худро такрор кард:

–Аҳад, Аҳад.

Ҷаллодони ӯ ба сараш дод мегуфтанд ва гоҳо бо ҳурмати хешутаборӣ ва намакхӯрдагӣ зориаш мекарданд ва мегуфтандаш:

– Лоту Узоро ёд кун.

Пас ҷавобашон медод:

–Аҳад, Аҳад

Билол бо истеҳзо ҷавоб медод:

– Забони ман ба гуфтани ин калимаҳо намегардад.

Билол дар ин азоб, то вақти ғуруб боқӣ мемонд. Пас ӯро бармехезониданд ва дар гарданаш ресмоне мебастанд ва ба кӯдаконашон амр мекарданд, то ӯро дар кӯҳҳои Макка ва роҳҳои он бигардонанд. Дар ин ҳама ҳол Билол ба ғайри он замзамааш дигар чизе ба забон намеовард:

–Аҳад, Аҳад.

Ҳоло ман он ҳодисаҳои таърихиро тасаввур мекунам. Ин ҳодисаҳо гӯё навакак дар пеши назари ман гузаштаанд. Чун шаб мешуд ба ӯ бо илтимос муроҷаъат менамуданд, ки фардо дар ҳаққи бутҳои мо чанд сухане неке бигӯй. Чунин бигӯй:

–Парвардигори ман Лоту Узост.

Чун инро бигӯй, мо туро ба ҳолат мегузорем. Воқеан, мо аз азоб додани ту монда шудем. Гӯё худи моро азоб медода бошанд.

Пас Билол сарашро бо аломати инкор ҷунбонида мегуфт:

–Аҳад, Аҳад.

Ва Умайя ӯро муште зад ва аз шиддати ғуссаву ғазаб худро дигар идора карда натавониста фарёд зад:

– Эй ғуломи сиёҳ, кадом бадбахтӣ моро бо ту гирифтор намуд? Қасам ба Лоту Узо, ки туро барои ғуломон ва хоҷагонат масал мегардонам.

Пас Билол дар ғояти яқинӣ ва имондорӣ ва бо азамати мардони покдоман ба ӯ ҷавоб дод:

–Аҳад, Аҳад.

Ва Умайя боз ба сухан гуфтан ва розӣ кардани ӯ пардохта, нафареро ба сӯи ӯ ҳамчун шахси мушфиқ вакил сохт.

Пас ӯ омад ва гуфт:

– Эй Умайя, Билолро бигузор ва Лот аз ин рӯз эътиборан касеро азоб намекунад, ба таҳқиқ Билол аз мост, модараш канизи мост ва ӯ розӣ намешавад, ки ба сабаби ислом оварданаш моро дар байни аҳли Қурайш мавриди гуфтугӯ ва истеҳзо қарор диҳад.

Билол ба чеҳраи дуруғгӯи маккор менигарад ва мисли сапедадам дар лабонаш табассум чарх мезанад ва дар ғояти оромӣ онҳоро ба ғазаб оварда мегӯяд:

–Аҳад, Аҳад.

Ӯро бори дигар дар нисфирӯзӣ ба сӯи регзор мебурданд ва ӯ бо имон ва ихлосмандиаш ба Худои ягона ва Расули ӯ (с) устувор ва собит буд.

Ин ҳангом аз назди онҳо Абубакри Сиддиқ (р) мегузарад ва мебинад, ки онҳо ӯро азоб дода истодаанд. Баъди мушоҳидаи ин манзара ба сӯи онҳо нидо мекунад:

– Оё шумо касеро ба қатл мерасонед, ки рабби ман Аллоҳ аст, мегӯяд?

Пас ба Умайя муроҷаъат менамояд:

–Аз қиматаш зиёдтар пул бигиру озодаш кун!

Умайя гуё дар баҳре ғарқ шуда истода буд ва завраќи наҷот ба сӯяш омад. Аз ин пешниҳод вақташ хуш шуд ва худро аз он саодатманд пиндошт, ки дид Абубакр (р) пули озодии ӯро доданист. Зеро аз мутеъ гардонидани Билол сахт навмед гардида буд ва азбаски онҳо мардони тиҷоратпеша буданд, фурӯхтанаш барои онҳо хубтар аз мурданаш буд.

Ӯро ба Абубакр (р) фурӯхтанд. Абубакр (р) ӯро бо худ гирифт ва Билол мақоми худро байни мардони озод ишғол намуд.

Вақте ки Абубакр (р) аз зери бағали Билол гирифта ӯро ба сӯи озодӣ мебурд, Умайя барояш гуфт:

– Бигир ӯро. Қасам ба Лоту Узо, ки агар қимати ӯро намепазируфтӣ ӯро ба як авқияи (воҳиди пулӣ дар Маккаи то исломӣ) танҳо ба ту мефурӯхтам.

Абубакр (р) ҳис намуд, ки дар зимни ин калимаҳо чӣ нокомии талх ва ба орзу нарасидани ин ҷанобон эҳсос карда мешавад ва сазовор буд, ки ҳеҷ ҷавобаш надиҳад.

Вале азбаски ин сухан ба каромоти ин мард, ки акнун бародари ӯ гардидааст, даст мезад, чунин ҷавобаш дод:

–Қасам ба Худо агар шумо бо ин қимат розӣ намешудед, ба сад авқия тилло мехаридамаш.

Ва Абубакр (р) ҳамроҳи Билол ба назди Паёмбар (с) омад ва аз озодии Билол ӯро огоҳ намуд.

Ин лаҳза барои мусалмонон иди бузурге буд.

Ва баъди ҳиҷрати Паёмбар (с) ва мусалмонон ба сӯи Мадина ва қарор ёфтанашон дар он ҷо, Паёмбар (с) барои даъвати муслимин ба намоз азонро машрӯъ намуд.

Пас, азонро барои намоз дар як рӯз панҷ бор кӣ мегӯяд? Ва дар болои уфуқ такбирот ва таҳмидоти кӣ садо медиҳад?

Воқеъан, ӯ Билол аст, ки дар муддати 13 сол бо вуҷуди азобу шиканҷаҳои тоқатфарсо Аҳад, Аҳад, Аҳад, Аҳад мегуфт.

Ва ба ин далел Паёмбар (с) Билолро дар даъвати мусалмонон ба намоз аввалин муаззин ихтиёр кард.

Билол бо овози баланди муассираш дилҳоро ба имон гироиш медод ва гӯшҳоро аз тарси Худо пур мекард. Ва ӯ рӯзе панҷ маротиба нидо дармедод:

Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар (Худо аз ҳама чиз бузургтар аст).

Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳ, Ашҳаду алло илоҳа иллаллоҳ (Гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуде барҳақ ҷуз Аллоҳ).

Ашҳаду анна Муҳаммада-р-расулуллоҳ, Ашҳаду анна Муҳаммада-р-расулуллоҳ (Гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад Паёмбари Худост) .

Ҳайя ъала-с-салот, Ҳайя ъала-с-салот (Бишитобед ба сӯи намоз).

Ҳайя ъала-л-фалоҳ, Ҳайя ъала-л-фалоҳ (Бишитобед ба сӯи наҷот).

Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар.

Ло илоҳа иллаллоҳ.

Ҷанг байни мусалмонон ва лашкариёни Қурайш, ки болои Мадина ҳуҷум оварда буданд, даргирифт.

Ҷанги сахти хуношом идома дошт.

Аввалин ҷанги дохилшудаи аҳли ислом ғазои Бадр буд ва дар он Билол далерӣ ва шуҷоъати беандоза нишон дод. Паёмбар (с) амр намуд, ки шиори ин набард Аҳад, Аҳад бошад.

* * *

Дар ин ҷанг Қурайш тамоми қудрат ва тавоноияшро ба майдон баоварда буд. Гӯиё тамоми ашрофзодагони Қурайш ба қатлгоҳи худ ҳозир шуда буданд.

Воқеан, хоҷаи Билол, он касе, ки ӯро ба тарзи ваҳшиёна ва хоркунанда азоб медод, Умайя бинни Халф қасд кард аз баромадан ба ин ҷанг худдорӣ намояд. Вале дӯсташ Уқба ибни Абимуъайт чун шунид, ки мехоҳад аз ҷанг бознишастагӣ кунад, назди ӯ рафт. Уқба ибни Абимуъайт ҳангоми ба назди ӯ рафтан дар дасташ як миҷмар (зарфе, ки дар он чӯбҳои хушбӯйро месӯзонанд – мутарҷим) дошт. Чун бо Умайя рӯ ба рӯ шуд, ки ӯ дар миёни қавму қабилааш менишаст, миҷмарро ба сӯяш ҳаво дод ва гуфт:

– Эй Абоалӣ (кунияти Умайя – шарҳи мутарҷим) бо ин миҷмар худро хушбӯй кун, зеро ту зан ҳастӣ!

Умайя ба сӯи ӯ фарёд зад:

– Лаънати Худо бар ту ва бар ин чизи овардаат!

Баъди ин таъна ғайр аз рафтан ба набард дигар илоҷе надошт.

Тақдири инсон розҳое дорад, ки онҳоро гоҳо мепӯшад ва гоҳо ошкор месозад.

Ҳамин Уқба ибни Абимуъайт бузургтарин касе буд, ки Умайяро барои азоб додани Билол ва дигар мусалмонони мустазъаф таҳрик менамуд.

Имрӯз ана ҳамин шахс ӯро барои баромадан ба сӯи ғазои Бадр таҳрик намуд, ки ин ғазо ба зудӣ қатлгоҳи Умайя ва ҳамчунин қатлгоҳи худи Уқба низ гардид.

Агар иддаъо ва изои Уқба намебуд, бо вуҷуди баромаданаш бо ҳамроҳии мардум Умайя нияти ҷанг надошт.

Вале Худованд ба иҷро расонандаи ҳукми худ аст. Пас бояд, ки Умайя хориҷ шавад, зеро байни ӯ ва байни яке аз бандагони Худо ҳисобест қадим, ки вақти баробар карданаш расидааст. Пас Худованди дайён (ҷазодиҳанда – мукофотдиҳанда) ҳаргиз намемирад. Пас ҳар кас дар муқобили аъмолаш ҷазои хайр ё бадашро хоҳад гирифт.

Барои тақдир, масхара намудани золимон хеле ҳаловатбахш аст. Акнун Уқбае, ки ҳамеша Умайя ба таблиғоти ӯ гӯш медод ва бо таҳрики ӯ барои азоб додани мӯъминони бегуноҳ мешитобид, Умайяро ба сӯи қатлгоҳаш мехонад.

Ва бо дасти кӣ?

Бо дасти худи Билол... ва Билоли танҳо !

Бо он дастоне, ки Умайя онҳоро бо занҷирҳо мебаст ва соҳиби он дастҳоро бо сахттарин шиканҷаҳо ранҷ медод.

Ҳамин дастон, имрӯз дар ғазои Бадр дар ваъдагоҳе, ки тақдир вақташро муқаррар намудааст, ҷаллоди Қурайшро, ки бо зулму саркашии худ мӯъминонро хору залил намуда буд, аз байн мебарад.

Ин воқеъа ин тавр анҷом ёфт: Вақте ки муҳориба байни ду гурӯҳ оғоз гардид, аз як тарафи майдон, ки қароргоҳи лашкари мусалмонон буд, шиори Аҳад, Аҳад фазоро ба ларза даровард ва қалби Умайя заъф кард ва хатари ногузирро эҳсос намуд.

Дар ҳақиқат калимаеро, ки дирӯз ғуломи ӯ таҳти азобу шиканҷа ва даҳшат такрор менамуд, имрӯз шиори комили дини нав

ва пирӯз ва шиори тамоми миллати ҷадид гардидааст.. Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад!

* * *

Шамшерҳо ба ҳамдигар бархӯрданд ва набард оғоз гардид.

Дар лаҳзаи ба поён расида истодани набард Умайя бини Халф, Абдураҳмон бини Авфро дид ва аз ӯ талаби ҳимоят намуд ва хоҳиш кард, ки ӯро ба умеди ҷон ба саломат бурданаш асири худ гардонад.

Абдураҳмон хоҳиши ӯро пазируфт, ӯро дар ҳимояти худ гирифт ва аз миёни корзор ба қароргоҳи асирон бурд.

Онҳо ҳанӯз ба қароргоҳи асирон нарасида буданд, ки чашми Билол ба Умайя афтид ва ӯ фарёд кашид:

– Агар сари кофар, Умайя бини Халф наҷот ёбад, ман наҷот наёбам.

Ва шамшерашро баланд кард, то гардани солиёни дароз аз кибру ғурур вазнин шударо бибуррад. Вале Абдураҳмон ба ӯ бонг зад:

– Эй Билол, ба дурустӣ, ки ӯ асири ман аст.

Билол низ фарёд зад:

– Асири ту ва ин дар ҳоле, ки ҳанӯз ҷанг давом дорад? Асир ва ҳол он ки аз зарбаҳои шамшери ӯ аз ҷисму тани мусалмонон чанд лаҳза пеш хун мечакид?

На. Ин дар фикри Билол масхара доштани ақлҳост. Ба таҳқиқ Умайя пеш аз ин ба ҳоли мардуми мусалмон хеле хандид ва онҳоро хеле масхара дошт ва ин басандааст.

Чун Билол дид, ки тавони танҳо худаш барои муқобала дар муқобили бародари диниаш Абдураҳмон бини Авф намерасад, пас дар миёни мусалмонон бо овози баланд фарёд зад:

– Эй пирӯзмандони дини Худо !.. Ин сари кофар, Умайя бини Халф аст, агар ӯ наҷот ёбад, ман наҷот наёбам!

Пас як гурӯҳи мусалмонон, ки дар дурахши теғи шамшерҳояшон сурати марг метобид, ба сӯи ӯ тохтанд ва Умайя ва писарашро, ки ӯ низ барои ҷанг бо ҳамроҳи Қурайш омада буд, иҳота намуданд. Дар ин сурат Абдураҳмон бини Авф дигар ҳеҷ коре карда натавонист.

Билол ба ҷасади Умайя, ки зери шамшерҳои бурро барӯ афтида мехобид, нигоҳи дуру дарозе кард ва баъд аз он ба майдони корзор шитобид ва бо овози баланд фарёд мезад:

Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад! Аҳад!

* * *

Гумон намекунам, ки мо дар чунин вазъ ҳуқуқи баҳс аз фазилати авфу бахшиш аз тарафи Билолро дошта бошем.

Агар мулоқоти Умайя ва Билол дар муҳити дигар анҷом мегирифт, шояд барои мо ҷоиз буд, ки ҳуқуқи сабр ва авфро аз Билол бихоҳем. Ба андешаи мо марде мисли Билол имондор ва парҳезгор ҳеҷ гоҳ барои ризоияти авф сарпечӣ намекард, вале ин мулоқоти онҳо дар майдони набард воқеъ гардид ва табиист, ки дар ин вазъ ҳар гурӯҳе қасди нобуд сохтани рақибашро дорад.

Шамшерҳо дар фазо медурахшиданд ва кушташудагон меафтиданд. Марг дар ҳарду самт ҷавлон мезад. Дар чунин ҳолат Билол Умайяро дид. Шахсеро, ки дар бадани Билол ҷои як ангуштро ҳам бе осори таъзиб нагузоштааст.

Ӯро дар ҳоле дид, ки дар майдони ҷангу куштор бо шамшераш сари ҳар мусалмонеро, ки имкон меёфт, аз танаш ҷудо мекард ва агар сари Билолро ҳам дар он соат дарёфт мекард, аз танаш ҷудо менамуд.

Дар чунин лаҳзаи ҳассос ду мард дар муқобили якдигар рӯ ба рӯ шуданд. Пас мантиқан аз рӯи адолати нест, ки аз Билол бипурсем, чаро гузашт ва бахшишро раво надид.

* * *

Рӯзҳо пайи ҳам мегузаштанд. Макка ҳам фатҳ гардид. Ва Паёмбар (с) дар ҳоли шукргузорӣ ва садои такбир бо мушояъати даҳ ҳазор мусалмон ба шаҳр ворид шуд.

Аввалан сӯи Каъба роҳ гирифт. Ба сӯи он макони муқаддасе, ки қурайшиён дар он ба ададҳи рӯзҳои сол бутҳоро гузошта буданд.

Ба таҳқиқ, Ҳақ омад ва ботил аз байн рафт.

Аз ин рӯз эътиборан дигар Узо, Лот ва Ҳубал вуҷуд надоранд. Дигар ҳеҷ инсон сари худро пеши санг ва бут хам намекунад ва инҳо минбаъд бо тамоми вуҷудашон Худоеро парастиш хоҳанд кард, ки мисли ӯ якка ва ягона, бузургу баландмартаба касе ё чизе дигар нест.

Паёмбари Худо (с) дар ҳамсӯҳбатии Билол ба Каъба ворид шуд.

Чун Паёмбар (с) дохили хона гардид, ба ҳайкалҳои тарошида рӯ ба рӯ омад, ки дар шакли Иброҳим (а) бо тирҳои камон фол дида истода сохта шуда буданд.

Паёмбар (с) дар ғазаб шуд ва гуфт:

– Худо ин кофаронро ҳалок гардонад. Ин пешвои мо ҳеҷ гоҳ бо тирҳои камон фол накушодааст: Иброҳим ҳеҷ гоҳ яҳудӣ набуд ва насронӣ ҳам набуд, лекин шахсе буд, ки аз роҳи рост хориҷ намешуд ва мусалмон буд ва аз ҷумлаи мушрикон набуд.

Пас ба Билол амр кард, ки болои хонаи Каъба баромада азон бигуяд.

Ва Билол азон гуфт. Зебанда ва муносиб.

Гардиши ҳаёт гӯё дар Макка бозистод ва ҳазорон мусалмон ҳамчун насими ороме бо тарсу ҳарос аз Худо зери лаб калимоти азонро аз қафои Билол такрор менамуданд, вале мушрикон ҳанӯз дар хонаҳояшон ба ин рӯйдод бовар надоштанд.

Оё ин ҳамон Муҳаммад (с) ва фақиронеанд, ки дирӯз аз диёрашон ронда шуда буданд?

Оё ӯ ҳамон касест, ки ҳамроҳаш даҳ ҳазор нафари мӯъмин дорад?

Оё ин ҳамон шахсест, ки ӯро рондем ва бо ӯ ҷангу корзор намудем ва дӯстдоштатарин хешу табор ва наздиконашро куштем?

Оё ин ҳамон мард аст, ки дар ҳақиқат чанд лаҳза қабл, дар ҳолате, ки гарданҳои мо баста дар ҳузураш меистодем, ба мо чунин хитоб намуд:

– Биравед, шумо озод ҳастед!

Дар ҳамин вазъ се нафар аз ашрофи Қурайш дар беруни Каъба нишаста буданд ва саҳнаи бо пойҳояш бутҳои онҳоро шикастан ва поймол кардани Билол моту мабҳуташон карда буд. Чун аз болои талҳои реги равон дар фазои Макка азони баланди Билол танин андохт, кас гумон мекард, ки фасли баҳорон расидааст ва бӯи насими баҳорӣ ба машом мерасад.

Ин се кас; яке Абусуфиён бинни Ҳарби чанд соат пеш имон оварда, дуи дигар, Утоб ибни Усайд ва Ҳорис бинни Ҳишом буданд, ки ҳанӯз исломро напазируфта буданд.

Утоб дар ҳоле, ки чашмашро ба Билоли азонгуянда дӯхта буд, изҳор кард:

– Худованд Усайдро неъмати бузурге арзонӣ дошт (яъне падарашро дар назар дорад), ки аз дунё рафт ва имрӯз ин калимоти ӯро дар ғазаб ва нороҳатӣ андозандаро намешунавад.

Ҳорис бошад, чунин гуфт:

– Қасам ба Худо агар бидонам, ки Муҳаммад (с) рост мегӯяд, ӯро пайравӣ хоҳам кард!

Абусуфиён дар давоми суханони онҳо андешаи аҷиб, мӯъҷизамонанд ва пешгӯикунанда иброз кард.

– Қасам ба Худо ман чизе намегӯям, агар чизе бигуям ҳамин регҳои зери поямон хабарро ба ӯ мерасонанд!

Чун Паёмбар (с) аз хонаи Каъба берун шуд, онҳоро дид ва аз ваҷоҳаташон андешаҳои дар дилашон бударо хонд ва дар ҳоле, ки чашмонаш аз нури Илоҳӣ ва аз хурсандии пирӯзӣ медурахшиданд, гуфт:

– Он чизеро ки гуфтед, ман донистам.

Ва онҳоро аз муҳтавои гуфтаҳояшон огоҳ намуд.

Пас Ҳорис ва Утоб фарёд заданд:

– Мо гувоҳӣ медиҳем, ки ту Паёмбари Худо ҳастӣ. Қасам ба Худо, ки ҳеҷ кас суханони моро нашунида буд, ки бигуем ба ту хабар дод.

Ва дар ин лаҳза бо дили нав Билолро пешвоз гирифтанд. Дар ҳоле, ки дар дилҳояшон суханони Паёмбар (с), ки вақти фаромаданаш дар Макка иброз намуда буд, садо медод.

– Эй қавми Қурайш, ҳаққо ки Худованд аз миёни шумо кибру фахри ҷоҳилият ва бузург доштан ба воситаи аждодро берун бурд.

– Мардум ҳама фарзанди як Одам ва Одам аз хок офарида шудааст.

* * *

Билол бо ҳамроҳии Паёмбар (с) зиндагониро идома дод ва дар тамоми набардҳо иштирок намуд ва барои намоз азон мегуфт ва аломату нишонаҳои ин динеро, ки ӯро аз торикиҳои ҷаҳолат ба рӯшноӣ ва аз ғуломӣ ба озодӣ расонида буд, ҳимоя мекард ва зинда нигоҳ медошт.

Ва обрӯи ислом рӯз аз рӯз боло шуд ва бо ҳамроҳии ӯ обрӯи мусалмонон низ афзуд. Ва Билол ҳар лаҳза дар дили Паёмбар (с) наздикии хосе пайдо мекард, то дараҷае ки Паёмбар (с) дар ҳақаш гуфт:

– Ӯ марде аз биҳиштиён аст.

Лекин Билол ҳамчунон асилзода ва мутавозиъ боқӣ монд ва нафси худро ҷуз ба ин миқдор, ки як ғуломи ҳабашии дирӯзаст, боло намегузошт.

Рӯзе барои худаш ва бародараш завҷа меҷуст. Ҳамчун хоҷа ба падари он духтар гуфт:

– Ман Билолам ва ин бародари ман аст. Мо ду ғуломбачае ҳастем аз Ҳабаша ва ҳарду гумроҳ будем. Пас Худо ҳидоятамон намуд ва аз ғуломӣ озодамон гардонд. Агар духтаронатонро ба мо никоҳ кунед, шукри Худо ва агар розӣ нашавед, Аллоҳу Акбар.

Паёмбар (с) аз дори фано риҳлат намуд, дар ҳоле, ки Худо аз ӯ розӣ ва ӯ низ аз додаҳои Худованд розӣ буд. Баъди ӯ халифааш Абубакр (р) ба кори мусалмонон камар баст.

Билол ба назди халифаи Расули Худо (с) рафт ва ба ӯ гуфт:

– Эй халифаи Расули Худо (с), ман аз Паёмбар (с) шунида будам, ки мегуфт:

– Беҳтарин амали мӯъмин, ҷиҳод дар роҳи Худост.

Пас Абубакр (р) аз ӯ суол кард:

– Бо ин гуфтаат чӣ мехоҳӣ, эй Билол?

Гуфт:

– Мехоҳам, то охири умрам, дар роҳи Худо дар посбонии сарзамини ислом бошам.

Абубакр (р) аз ӯ суол кард, ки моро кӣ муаззинӣ мекунад?

Билол дар ҳоле, ки чашмонаш пур аз ашк буданд, гуфт:

– Ман баъди Паёмбар (с) барои ҳеҷ кас муаззинӣ намекунам.

Боз Абубакр (р) исрор намуда гуфт:

– Эй Билол, пеши мо бимон ва моро муаззинӣ кун.

Билол гуфт:

–Агар маро барои он харида озод карда бошӣ, ки аз ту бошам, пас ҳар коре, ки мехоҳӣ бикун. Вале агар маро барои Худо озод карда бошӣ, пас маро бо он зоте бигзор, ки маро ба хотири ӯ озод кардаӣ.

Абубакр (р) гуфт:

– Не, ман туро барои Худо озод кардаам.

Дар ин ҷо ровиён ихтилофи назар доранд. Баъзеҳо чунин ақида доранд, ки ӯ дарҳол ба сӯи Шом сафар кард ва то охири умраш муҷоҳид ва нигаҳбони дини Худо буд.

Ва баъзеашон чунин ақида доранд, ки ӯ сухан ва дархости Абубакрро (р) қабул кард ва дар Мадина зиндагиашро давом дод. Чун Абубакр (р) риҳлат кард ва хилофатро Умар (р) ба даст гирифт, аз ӯ иҷоза гирифт ва ба сӯи Шом рафт.

Ба ҳарду тақдир Билол боқимондаи ҳаёт ва умрашро назри он намуд, ки дар сарҳадоти замини мусалмонон посбонӣ кунад ва ба худ тасмим гирифта буд Худо ва Паёмбарро (с) дар ҳоле мулоқот кунад, ки ӯ дар беҳтарин ва дӯстдоштатарин амали писандидаи Худо ва Паёмбар (с) бошад.

Ва дигар овози баланди марҳабо гӯяндаи бовиқораш бо садои азон баланд намешуд. Зеро чун дар азонаш калимаи (Гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (с) Паёмбараст)- ро мегуфт, лаҳзаҳои ҳаёти Паёмбар (с) ба ёдаш мерасид, овозаш дар зери фишори аламу доғҳо, паст мешуд ва бо ҳамроҳии калимаҳои азон оби дидагонаш ҷорӣ мешуд.

Ва охирин азони вай дар ҳоле буд, ки амири мӯъминон Умар (р) Шомро зиёрат намуд ва мусалмонон халифаро восита гардониданд, ки Билолро барои дар як намоз азон гуфтан розӣ кунад.

Ва Умар (р) Билолро пеши худ хонд ва дар ҳоле, ки вақти намоз шуда буд, аз ӯ хоҳиш кард, ки барои ин намоз азон гӯяд. Ва Билол болои миъзана баромад ва азон гуфт. Пас тамоми он саҳобагони лаҳзаҳои ҳаёти Паёмбар (с) дарёфта, ки Билол барои ӯ муаззинӣ мекард, дар гиря даромаданд. Чунон гиристанд, ки ҳеҷ гоҳ барои чизе пеш аз ин чунин нагириста буданд ва Умар (р) аз ҳама дида зиёдтар ва баландтар мегирист.

Билол чуноне ки мехост, дар ҳоли посбонӣ дар марзҳои ислом дар Шом вафот кард.

Дар зери хоки Димишқ имрӯз ҷасади марде хобидааст, ки аз устуворӣ дар истиқомат, дар ақида ва боварӣ аз бузургтарин мардони башарият аст.

## 5. АБДУЛЛОҲ ИБНИ УМАР
## Муҷтаҳид ва руҷӯъкунанда...

Ӯ дар лаҳзаҳои охири умри дарозаш чунин қисса мекард:

– Ба таҳқиқ ба Паёмбари Худо (с) байъат намудам ва ҳеҷ гоҳ ба сӯи қафо барнагаштам ва аҳди кардаамро то имрӯз табдил нанамудам.

Ва ба ҳеҷ каси фитнаандоз байъат накардам.

Ва ҳеҷ бандаи мӯъминеро аз ҷойгоҳи хобаш бедор нанамудам.

Дар ин чанд калима хулосаи мустаҳкамест барои зиндагонии марди солиҳе, ки зиёдтар аз ҳаштод сол зиндагонӣ кардааст. Он шахсе, ки дар сини 13 солагӣ алоқаашро бо ислом ва Паёмбар (с) оғоз кард. Дар ҳоле, ки ҳамроҳи падараш барои ғазои Бадр хориҷ шуд. Бо умеде, ки дар миёни муҷоҳидон роҳ ёбад, вале Паёмбар (с) ӯро аз сабаби хурдсолиаш бозгардонид.

Аз ҳамин рӯз, то рӯзи мулоқот бо Парвардигораш, ки умраш 85 сол буд, ӯро пайгирӣ мекунем. Дар куҷое, ки набошад, ҳамчун шахси кӯшишгор ва руҷӯъкунанда ба Худо, ки аз роҳу равиши ихтиёркардааш қадри як мӯй берун нарафт ва байъати кардаашро ҳаргиз нашикаст ва аҳдеро, ки намуда буд, хилоф накард.

Ба таҳқиқ фазилатҳои чашмгири Абдуллоҳ ибни Умар хеле зиёданд.

Пас илми ӯ, тавозӯъаш, истиқомати ақида ва роҳи ихтиёркардааш, саховаташ, парҳезгориаш ва бурдбориаш дар ибодат ва ростиаш дар чанг задан ба аъмоле, ки намунаи ибрат барои дигарон бошад аз фазоили ӯянд.

Аз ҳамаи ин фазилатҳо ва хислатҳо ибни Умар шахсияти нодири хеш ва зиндагонии покизаи ростии хешро қолабрезӣ намуд.

Ба таҳқиқ, ӯ аз падараш Умар ибни Хаттоб некии бисёреро омӯхта буд ва бо ҳамроҳии падараш аз Паёмбари Худо (с) тамоми некиҳоро ва тамоми азамату бузургиро омухт.

Мисли падараш имони ба Худо ва расулро бисёр нек анҷом дод ва аз ин сабаб мутобиъати ӯ ҳар қадами Паёмбарро (с) ба дараҷаест, ки ақлҳо дар назди ӯ хира мемонанд.

Ӯ нигоҳ мекард, ки Паёмбар (с) дар ҳар кор чӣ хел рафтор мекунад, пас он амалро биъайниҳи ба як диққати том ва худфидоӣ ва итоъатгарӣ иҷро менамуд ва таҷассум мекард.

Масалан ҷое Паёмбари Худо (с) намоз мехонд, ибни Умар низ он ҷо намоз мехонд.

Ва ҷое буд, ки Паёмбар (с) истода дуъо мекард, пас ибни Умар он ҷо истода дуъо мекард.

Ва дар ҷое Паёмбар (с) нишаста дуъо кардааст, Абдуллоҳ низ нишаста дуъо мекард.

Ва ин ҷо дар ин роҳ Паёмбар (с) рӯзе аз пушти шутураш поин шуда ва ду ракаъат намоз гузоридааст, пас ибни Умар инчунин мекунад.

Балки ӯ ба ёд меорад, ки Паёмбар (с) дар Макка пеш аз он, ки аз пушти шутур фуруд ояд ва ду ракаъат намоз хонад, шутури ӯ дар он ҷо ду бор чарх зад ва шояд шутур ин корро аз пеши худ барои омода шуданаш баҳри нишастан карда бошад.

Абдуллоҳ ибни Умар ҳамин ки рӯзе ба он ҷой расид, аввал ду бор шутурашро давр дод, он гоҳ ӯро хобонид. Баъд аз он барои Худо ду ракаъат намоз хонд.

Комилан тавре ки пеш аз ин аз Расули Худо (с) дида буд.

Ғояти таваҷҷуҳаш аз пайравии Паёмбар (с) дар сатҳе қарор дошт, ки модари мӯъминон Оишаро ба ҳаяҷон оварда буд. Дар ин хусус ӯ гуфтааст:

– Ҳеҷ кас мисли ибни Умар рафтори Паёмбарро (с) ҳамчунон ки дар асл буд, пайравӣ накардааст.

Ӯ умри дарози бобаракаташро бо ҳамин муҳаббату дилбастагӣ сипарӣ намуд, то ҳадде ки барои мусалмонон замоне расид, ки марди солиҳе аз онҳо чунин дуъо кард:

– Бор Худоё, Абдуллоҳ ибни Умарро то замоне ман зиндаам, нигоҳ дор, то ба ӯ пайравӣ кунам. Зеро ман ҳеҷ касро дар амал ва пайравӣ дар шакли исолат ба Паёмбари бузург (с) мӯътамадтар аз ӯ намебинам.

Бо вуҷуди қудрат, тавоноӣ, устувории қадамҳо ва рафтор, дар пайравӣ аз суннату равиши Паёмбар (с) ибни Умар дар ривояти ҳадис аз Паёмбар (с) метарсид ва ҳеҷ гоҳ ҳадисеро ривоят намекард,

магар он ҳадисеро, ки тамоми ҳарфҳои он якто-якто дар ёдаш монда бошад.

Дар ҳаққи ӯ ҳамасронаш чунин гуфтаанд:

– Касе аз асҳоби Паёмбар (с) дар бобати он ки чизе дар ҳадиси Паёмбар (с) зиёд ё кам накунанд, мисли Абдуллоҳ ибни Умар сахт ҳазаркунанда набуд.

Ҳамчунин ӯ дар вақти фатво доданаш сахт ҳазаркунанда ва сахт эҳтиёткунанда буд.

Рӯзе шахсе ба ҳузури ӯ барои пурсидани фатвое омад. Чун суолашро ба ибни Умар дод, ӯро чунин ҷавоб гуфт:

– Ман дар бораи он чӣ ту мепурсӣ, илм надорам.

Он мард ба роҳи худ рафт ва ҳанӯз аз ибни Умар чанд қадам дур нарафта буд, ки ибни Умар кафҳои дасташро аз шодӣ ва фараҳ ба ҳам молид ва худ ба худ гуфт:

– Аз ибни Умар чизеро пурсиданд, ки намедонист, пас гуфт, намедонам.

Ӯ аз иҷтиҳод кардан дар фатвояш метарсид, ки мабодо хато накунад, бо вуҷуди ин ки ӯ мувофиқи таълимоти дини бузурге зиндагонӣ мекард, ки барои шахси дар иҷтиҳодаш хатокарда як савоб ва барои дуруст иҷтиҳодкунанда ду савоб муқаррар намудааст, лекин парҳезгориаш аз ӯ ҷасорати иҷтиҳодро дар фатво салб намуда буд.

Ҳамчунин тақвояш ӯро аз қабули мансаби қозигӣ низ дур нигоҳ медошт.

Дар он рӯзгор қозигӣ аз бузургтарин ва баландтарин мансабҳои давлат ва муҷтамаъ ба шумор мерафт ва барои шахси ишғолкардаи ин мансаб сарват ва обрӯи бузургеро тазмин мекард.

Валекин ибни Умари Худотарсро ба сарвату обрӯй ва қадрдонии мардум чӣ муносибат аст? .

Рӯзе халифа Усмон (р) ӯро даъват намуд ва аз ӯ хоҳиши қабули мансаби қозигиро кард. Вале ӯ узр пеш овард ва қабул накард. Усмон (р) дар ин амр бисёр истодагарӣ ва пофишорӣ намуд. Вале ибни Умар низ дар узр гуфтанаш барои қабул накардан устувор истод.

Пас Усмон (р) ба ӯ гуфт:

– Оё амри маро қабул наменамоӣ?

Ибни Умар ҷавоб дод:

– Ҳаргиз не. Валекин ба ман расидааст, ки қозиҳо се фирқаанд; қозие, ки ба нодонӣ ҳукм мекунад, пас ӯ дар оташ аст, қозие, ки ба хоҳиши нафси худ ҳукм мекунад, ӯ низ дар оташ аст, қозие, ки аз худ иҷтиҳод мекунад, вале хато намекунад, ҳар ду тарафаш баробар аст: на гуноҳе ва на савобе. Ва ман аз ту хоҳиши онро дорам, ки маро аз баҳри Худо аз ин кор халос кунӣ.

Усмон (р) баъди гирифтани аҳд аз ӯ, ки ҳеч касро аз ин воқеъа хабардор накунад, ӯро аз ин амр озод кард. Сабабаш ин буд, ки мақоми ибни Умарро дар дилҳои мардум медонист ва ӯ метарсид, ки чун шахсони покдоман ва солиҳ аз даст кашидани ибни Умар аз мансаби қозигӣ огаҳӣ ёбанд ва пайравии ӯро бикунанд ва аз роҳи пешгирифтаи ӯ бираванд, ин ҳангом халифа шахси ботақвоеро пайдо карда наметавонад, ки кори қозигиро анҷом бидиҳад.

Дар зоҳир ин рафтори Абдуллоҳ ибни Умар як рафтори салбӣ менамояд. Аммо дар асл ин тавр нест, зеро Абдуллоҳ ибни Умар аз мансаби қозигӣ дар лаҳзае даст накашид, ки ғайри ӯ дигар касе ба ин мансаб лоиқ набошад. Балки он ҷо бисёре аз ҳамсӯҳбатони Паёмбар (с) вуҷуд доштанд, ки соҳиби тақво ва салоҳ буданд ва баръакс баъзе аз онҳо машғул ба ин амали қозигӣ ва фатво буданд. Ва дар даст кашидани ибни Умар аз ин мансаб, маътал гузоштани ин мансаби козигӣ набуд. Ва ин рафтори ӯ маънои онро надошт, ки ӯ ин мансабро ба касони салоҳияти онро надошта вогузор карда бошад. Аз ҳамин ҷиҳат, ки (ғайри ӯ дигарон буданд) ӯ барои нафси худ онро сазовор дид, ки барои тазкияи нафси худ боқӣ монад ва онро ба зиёд намудани тоъат ва ибодат нумӯъ бахшад ва покизааш гардонад.

Дар он даврони футуҳоти ислом дунё барои мусалмонон кушода шуда буд ва молу сарвати фаровон ва мансабу роҳбарӣ зиёд гардида буд.

Ва молу мансаб майли ба дили мӯъминон роҳ ёфтан дошт. Ин боиси он гардид, ки баъзе аз ҳамсӯҳбатони Паёмбар (с), мисли ибни Умар бо гирифтани роҳи олии зуҳду парҳезгорӣ ва даст кашидан аз мансабҳои бузург ва ғолиб омадан дар муқобили фитнаи мол ва майлу рағбат ба он байрақи муқовиматро баланд бардоранд.

* * *

Ибни Умар шабзиндадор буд ва тамоми шаб ба намоз меистод. Ва субҳро дӯст медошт ва онро ба истиғфор ва гиря сипарӣ мекард.

ӯ дар овони ҷавониаш хобе дид. Паёмбар (с) он хоброро тафсир намуд, ки дар натиҷа шабзиндадориро мунтаҳои орзу, фароҳмандӣ ва хушбахтии Абдуллоҳ гардонид.

Биёед хабари хоб диданашро аз худи ӯ бишнавем:

– Дар аҳди Расули Худо (с) хобе дидам, ки дар дасти ман истабрақ (навъе аз матоъи ғафси абрешим) буд. Ва гӯё ҳар ҷоеро, ки аз биҳишт мехостам, парида маро ба он ҷо мебурд. Ва дидам, ки гӯё ду нафар ба пеши ман омаданд ва хостанд маро ба дӯзах баранд. Пас малаке пеши роҳи онҳоро гирифт ва ба сӯи ман гуфт: (ло тураъ), яъне, натарс. Пас маро сар доданд.

Пас ин хоби маро апаам Ҳафса ба Паёмбар (с) қисса намуд.

Расули Худо (с) гуфт:

– Абдуллоҳ нек мардест. Агар шабҳо намоз мегузорид, пас ин корро зиёдтар мекард.

Аз ҳамон рӯз сар карда то аз дунё риҳлат намуданаш қиёми шабро на дар ҳоли муқимиаш ва на дар сафараш тарк нанамуд.

Ӯ шаб намоз мехонд ва тиловати Қуръон мекард ва Парвардигорашро бисёр ёд мекард. ӯ мисли падараш буд. Дар ҳоле ки оёти тарсро мешунид, оби дидагонаш шаш қатор мешуд.

Убайд ибни Умайр мегӯяд, ки рӯзе ин оётро дар назди Абдуллоҳ ибни Умар тиловат намудам:

Пас чӣ гуна мекунанд, вақте ки мо аз ҳар гурӯҳ шоҳиде биёрем ва туро бар болои онҳо шоҳид созем. Он рӯз онон ки кофир шуданд ва нофармонии Паёмбарро намуданд, орзу мекунанд, ки онҳоро замин фурӯ барад ва ҳамвор гардад ва аз Худованд ҳеҷ суханеро пӯшонида наметавонанд. (сураи Нисо, ояҳои 41-42).

Абдуллоҳ ибни Умар гирён шуд, то ҳадде, ки ришаш аз оби дидааш тар гашт.

Рӯзе дар байни бародаронаш нишаста ин оятро қироат намуд:

Вой бар ҳоли аз тарозу камкунандагон, онон ки вақте аз мардум гирифтан паймонаро пур мекунанд. Чун барои мардум паймона кунанд ё вазн кунанд, кам бармекашанд. Оё онҳо гумон намекунанд, ки рӯзе барангехта хоҳанд шуд, барои рӯзи бузург, рӯзе, ки мардум

барои ҳисоб дар назди Парвардигорашон ба по меистанд. (сураи Мутаффифин, ояҳои 1-6).

Баъд аз он ӯ ин пораи оятро такрор кардан гирифт:

Явма яқуму-н-носу лирабби-л-ъоламин.

Ва оби дидагонаш мисли селоб рехтан гирифт. То ҷое, ки аз зиёдатии гиря ва ҳаяҷон беҳӯш шуд.

* * *

Ба таҳқиқ саховатмандиаш ва майл надоштанаш ба дунё ва парҳезгориаш якҷоя дар як муттаҳидии фавқулъодда амал мекарданд, то равшантарин фазилатҳои ин шахсияти бузургро муҷассам созанд. ӯ бисёр мебахшад, медиҳад, зеро саховатманд аст.

Ва аз моли ҳалол медиҳад, зеро парҳезгор аст.

Ва боке надорад, ки саховаташ ӯро фақир месозад, зеро ки ба дунё майл надорад.

Ибни Умар аз ашхосе буд, ки соҳиби даромади фаровон буд, зеро ӯ тоҷири амонатнигоҳдори бобарор буд. Як қисми ҳаёташро ба ин касб сарф карда буд ва аз байтулмол низ моҳонаи зиёде мегирифт. Лекин ӯ ин молҳоро фақат барои нафси худ захира намекард, балки онҳоро ба фақирон, мискинон ва талбандагону гадоён мефиристод.

Аюб ибни Воили Росибӣ аз яке аз бахшишҳои ӯ чунин ривоят мекунад:

– Рӯзе барои ибни Умар чор ҳазор дирҳам ва ҷомае оварданд.

Рӯзе баъд Аюб ибни Воил ӯро дар бозор мебинад, барои аспаш хӯрока ба насия мехарад, яъне қарз.

Пас ибни Воил ба назди аҳли хонаводаи ибни Умар меравад ва аз онҳо мепурсад:

– Оё дина барои Абиабдурраҳмон, яъне ибни Умар чор ҳазор дирҳам ва як ҷома наоварданд?

Гуфтанд:

– Оре.

Ибни Воил мегӯяд:

– Ман ӯро дар бозор дидам, ки барои аспаш алаф мехарид, вале ӯ пул надошт.

Гуфтанд:

– Ӯ дина то ҳамаи он пулҳоро тақсим накард, хоб накард. Баъд он ҷомаро гирифта ба пушташ партофт ва берун баромад. Вақте, ки баргашт, ҷома ҳамроҳаш набуд.

Мо аз ӯ пурсидем, ки ҷома кучост?

ӯ гуфт:

– Ба фақире додам.

Пас ибни Воил дар ҳоле, ки кафҳои дасташро ба ҳам мезад, аз хона баромад ва ба бозор омад ва дар баландие баромад ва дар байни мардум фарёд кашид:

– Эй ҷамоъаи тоҷирон!

– Дунёро чӣ кор мекунед, бубинед, ки ба пеши ибни Умар чор ҳазор дирҳамро меоранд, то субҳи рӯзи дигар барои алафи аспаш пул қарз мекунад!

– Огоҳ бошед, ки касеро, ки Муҳаммад (с) устоди ӯ бошад ва Умар (р) падараш бошад, шахсияти хеле бузург аст ва ҳамвазнаст барои ҳар бузург!

Ба дурустӣ, ки саховат ва дурӣ аз дунё ва парҳезгориаш, ин се хислати Абдуллоҳ ибни Умар буданд, ки дар назди Абдуллоҳ аз ростӣ дар пешвоӣ ва ростӣ дар фарзандӣ ҳикоят мекардаанд.

Чиро чашмдор бояд шуд, ба ғайри ин гуфтаҳо?

Аз шахсе, ки дар пайравии Расули Худо (с) то ҳадде дақиқ кӯшиш мекунад, ки шутури худро дар ҷое боз медорад, ки рӯзе Расули Худо (с) шутурашро онҷо боздошта бошад ва мегӯяд:

– Шояд сумби шутур дар ҷои сумби шутури Паёмбар (с) афтад.

Ва аз шахсе, ки дар пайи эҳсони падараш, бузургдошти ӯ ва мафтун шудан аз рафтори ӯ меравад, ки то андозае корҳоеро пайравӣ мекунад, ки шахсияти Умар (р) дар ҳаққи душманонаш лозим медонист, гузашта аз он ҳуқуқе, ки дар ҳаққи хешовандон ва фарзандонаш қоил буд.

Ман мегӯям, ки : лоиқ нест барои шахсе, ки то он андоза ба Паёмбар (с) ва падараш нисбат дорад, барои моли дунё ғулом гардад.

Дар ҳақиқат мол ба сӯи ӯ фаровон меомад, лекин аз назди ӯ монанди роҳгузар мегузашт.

Саховатмандии ӯ роҳе ба сӯи фахру кибр ва ба сӯи ба некӣ сухан гуфтан байни мардум набуд.

Аз ҳамин ҷиҳат буд, ки ӯ саховаташро хосса барои мӯҳтоҷон ва фақирон мекард ва ӯ кам дар ҳолате буд, ки танҳо таъом бихӯрад.

Ба худ лозим медонист, ки бо ҳамроҳаш ятимон ва фақирон бошанд ва аксар вақт фарзандонашро сарзаниш мекард, чун медид, ки онҳо барои сарватмандон зиёфат медиҳанд ва ҳамроҳи онҳо фақирон намеоянд. Ва ба фарзандонаш мегуфт:

– Шумо шикамсеронро ба зиёфат даъват макунед ва гуруснагонро тарк макунед.

Фақирон ва бечорагон шафқати ӯро шинохта буданд ва ширинии эҳсон ва меҳрубониашро чашида буданд. Дар роҳаш менишастанд, то онҳоро ҳамроҳаш ба хонааш барад. Ҳолатҳое буд, ки чун ӯро медиданд, мисли гурӯҳи занбӯрҳои асале, ки бо мақсади макидани шираи гулҳо ба онҳо мечаспанд, атрофашро мепечониданд.

* * *

Мол дар назди ӯ хидматгор буд, на хоҷа.

Як василаи зиндагӣ буд, на исроф ва ғутта хӯрдан дар неъмат.

Ва мол танҳо аз ӯ набуд, балки дар он барои фақирон ҳаққи маълуме буд, балки ҳаққи баробар буд, ки ҳиссаи ҳар яке фарқ карда намешуд.

Ӯро дар ин саховатмандии зиёдаш дурӣ аз муҳаббати дунё ёрмандӣ мекард.

Ибни Умар аз шахсиятҳое набуд, ки худро барои дунё ҳалок созад ва барои ҷамъ карданаш низ кӯшиш намекард, балки ҳатто орзуи дунёро аз он беш надошт, ки аз либос он миқдоре бошад, ки ҷасадашро пӯшад ва аз таъом он миқдоре, ки қомати хамидаро рост нигоҳ дорад.

Рӯзе яке аз бародаронаш, ки аз Хуросон омада буд, барояш як ҷомаи қимат ва бисёр зебо овард ва ба ӯ гуфт:

– Ин либосро аз Хуросон бароят овардам ва агар аз танат ин либоси дуруштро берун кунӣ ва ин либоси зеборо бипӯшӣ, чашмони ман равшан мешаванд.

Ибни Умар ба ӯ гуфт:

– Либосро ба ман нишон бидеҳ.

Баъд аз он ӯро ба даст санҷид ва гуфт:

– Оё либоси шоҳии ҳарир аст?

Дӯсташ гуфт:

– Не, ба таҳқиқ аз пахта аст.

Пас каме он либосро тамошо кард баъд аз он ба дасти дӯсташ баргардонида дод ва гуфт:

– Не, барои нафси худам метарсам. Метарсам, ки маро мутакаббир ва фахркунанда нагардонад ва Худованд ҳеҷ як мутакаббири фахркунандаро дӯст намедорад.

Рӯзе як дӯсти дигараш як зарфи пурро ба ӯ ҳадя кард.

Ибни Умар пурсид:

– Ин чист?

Гуфт:

– Ин доруи бисёр қиматест, ки бароят аз Ироқ овардаам.

Ибни Умар гуфт:

– Ин даво чӣ чизро табобат мекунад?

Гуфт:

– Ҳазми таъом мекунад.

Ибни Умар табассуме намуд ва ба дӯсташ гуфт:

– Ҳазми таъом мекунад? Ман чиҳил сол аст, ки ба серӣ таъом нахӯрдаам.

ӯ шахсест, ки чиҳил сол аз таъом сер нагаштааст ва ин корро на аз рӯи камбағалӣ ва нодорӣ кардааст, балки аз рӯи дунёбезорӣ ва парҳезгорӣ ва аз рӯи пайравӣ кардан ба Расули Худо (с) ва ба падараш.

ӯ аз он метарсид, ки дар рӯзи қиёмат барояш бигуянд, ки шумо хушиҳои зиндагиатонро дар ҳаёти дунявиатон гузаронидед ва аз он баҳра бурдед.

ӯ дарк мекард, ки дар дунё мисли меҳмон ва ё роҳгузар аст.

ӯ дар бораи худ чунин ривоят мекунад:

– Ман аз замоне, ки Паёмбари Худо (с) даргузашт, хиштеро болои хиште нагузоштаам ва дарахте нашинондаам.

Маймун бинни Мӯҳрон чунин мегӯяд:

– Рӯзе ба назди ибни Умар даромадам ва тамоми ашёи хонаашро, ки иборат аз кӯрпача, кӯрпа ва гилем ва ҳама чизеро, ки дар хона буд, барои худам қимат гузоштам. Чунин ёфтам, ки ба сад дирҳам намерасид!

Ин кори ӯ аз рӯи камбағалӣ набуд. Ба таҳқиқ ибни Умар сарватманд буд.

Ва ин кораш аз рӯи бахилӣ набуд, зеро ӯ дасткушод ва саховатманд буд.

Вале ба таҳқиқ аз рӯи дунёбезорӣ ва бад дидани исроф ва фурӯ рафтан дар неъмат ва зарур донистани роҳи ихтиёркардааш дар ростӣ ва парҳезгорӣ буд.

Ибни Умар умри дарозе дид ва дар асри хулафои Уммавӣ зиндагонӣ кард, ки молу сарват фаровон буд ва киштзорҳо зиёд шуданд ва сарватмандӣ ва серию пурӣ бисёре аз хонадонҳоро, балки аксари қасрҳоро ба коми худ кашид. Бо вуҷуди ин ҳама ин шахсияти ба кӯҳи бузург монанд, ҳамчунон гарданфароз ва устувор боқӣ монд. Аз роҳи ихтиёркардааш берун нарафт ва парҳезгорӣ ва дунёбезории худро аз даст надод.

Ҳар гоҳ ки лаззатҳои дунё ва матоъи онро дар назди ӯ зикр мекарданд, ки ӯ аз онҳо гурезон буд, мегуфт:

– Ман бо ҳамсӯҳбатонам ба коре аҳду паймон баста будем ва ман метарсам, ки агар мухолифаташон кунам, ба онҳо дигар нарасам.

Баъд аз он дигаронро мефаҳмонд, ки дунёи онҳоро аз рӯи оҷизӣ тарк накардааст. Пас дасташро ба сӯи осмон баланд менамуд ва мегуфт:

– Бор Худоё, ту хуб медонӣ, ки агар тарси ту намебуд, мо албатта қавми худамон, Қурайшро дар ҳамин дунё ҳам музоҳим мешудем. (яъне дар рақобати дунё ба онҳо ғолиб мешавем).

* * *

Оре, агар тарси Худо намебуд ҳар оина дар ин дунё ба дигарон музоҳим мешуд ва албатта аз ҷумлаи ғолибон мебуд.

Балки ӯ ба музоҳим шудан ба дигарон ҳоҷат надошт, зеро худи дунё ба сӯи ӯ саъй мекард ва бо лаззатҳо ва ангезаҳояш ӯро дунболагирӣ менамуд.

Оё ин ҷо аз мансаби Хилофат дида ангезае болотар ҳаст?

Ба ибни Умар ин мансаби Хилофатро борҳо пешниҳод намуданд, вале ӯ аз ин кор саркашӣ намуд, то ҳадде ки агар қабул накунад, ба куштанаш таҳдид намуданд, вале ӯ қабул накард ва рӯй гардонд.

Ҳасан (р) мегӯяд:

– Вақте ки Усмон бинни Аффон (р) кушта шуд, ба Абдуллоҳ ибни Умар гуфтанд:

– Ту пешвои мардум ҳастӣ ва фарзанди пешвои мардумӣ, берун ой, то ба ту байъат намоем.

Гуфт:

– Қасам ба Худо, тавонои онро надорам, ки ба сабаби ман қадри олудагии наштар хун рехта шавад.

Гуфтанд:

– Ё қабул мекунӣ ё кушта мешавӣ.

Пас ба онҳо сухани аввалаашро ҷавоб дод.

Пас дар тамаъ афкандандаш ва тарсонидандаш. Аммо аз вай чизе гирифта натавонистанд.

Ва дар оянда, дар ҳоле ки замон мегузашт ва фитнаҳо зиёд мешуданд, ибни Умар ҳамеша мавқеи орзуи мардум буд. Мардум исрор мекарданд, то мансаби хилофатро қабул намояд ва барои байъаташ биёянд, вале ӯ доимо рад мекард.

Дар сарчашмаи ин рад кардани мансаб норавшанӣ ва ишколе ворид мешавад, ки ба ибни Умар равона карда мешавад (яъне ба таври манфӣ).

Лекин ибни Умар дар ин рафтораш мантиқи хос ва ҳуҷҷати хоси худро дорад.

Баъди куштани Усмон (р) корҳо бад шудан гирифтанд ва шакли печида ва ҷиддиеро ба худ гирифтанд, ки эълони бадӣ ва хатар мекард. Ва ибни Умар агарчанде аз мақоми хилофат гурезон буд, лекин масъулиятҳои онро қабул мекард ва хатарҳояшро бардошт менамуд, аммо ба шарте ки тамоми мусалмонон ӯро ихтиёр кунанд ва итоъаташ намоянд бо ихтиёри худ. Аммо агар як нафар ва на аз ин зиёда барои байъати ӯ бо зӯрии шамшер маҷбур карда шавад, инро ибни Умар қабул надорад ва бо ҳамроҳии ин мансаби хилофатро низ рад мекунад.

Вале дар он лаҳзаҳо бо вуҷуди фазлу бузургии ибни Умар ва якҷоя будани мардум дар муҳаббат ва бузургдошти ӯ ин кор номумкин буд. Зеро васеъ шудани низоъҳо байни қавму шаҳрҳо ва дурии онҳо аз якдигар ва ба гурӯҳҳо тақсим шуданашон. Чун ки байнашон даргириҳо афтода буд ва якдигарро ба шамшер даъват

мекарданд ва ин ҳодисаҳо муҳитро барои он омода намекарданд, ки он иҷмоъеро, ки ибни Умар шарт гузошта буд, ҳосил гардад.

Рӯзе ӯро як марде мулоқӣ шуд ва гуфт:

– Ҳеҷ касе барои уммати Муҳаммад (с) аз ту дида бадтар нест.

Ибни Умар гуфт:

– Чаро? Қасам ба Худо ман хуни умматро нарезондаам ва ҷамъияти онҳоро парешон нанамудаам ва асои ваҳдати онҳоро нашикастаам.

Он мард гуфт:

– Дуруст, ки агар ту бихоҳӣ, барои ту ҳатто ду нафар ихтилоф намекунанд.

Ибни Умар гуфт:

– Ман дӯст намедорам, ки ин интихоб ба болои ман ояд ва марде бигуяд -не ва дигаре бигуяд -оре.

Ва ҳатто баъди он ки ҳодисаҳо ба дарозо кашиданд ва кор дар Муъовия қарор гирифт, баъд аз он ба писараш Язид. Баъд аз он Муъовияи сонӣ ибни Язид, баъди чанд рӯзи хилофатро соҳиб шуданаш аз он даст кашид.

Ҳатто дар он рӯз, ки ибни Умар муйсафеди калонсоле шуда буд, ҳоло ҳам мавқеъи таваҷҷуҳи мардум буд барои хилофати вай. Аз ин сабаб Марвон ба сӯи ӯ рафта гуфт:

– Дастатро ба ман бидеҳ, то ба ту байъат намоям, зеро ту пешвои Араб ва фарзанди пешвои Араб ҳастӣ.

Ибни Умар гуфт:

– Пас бо аҳли машриқ чӣ кор мекунем?

Марвон гуфт:

– Онҳоро мезанем, то ин ки байъат намоянд.

Ибни Умар гуфт:

– Қасам ба Худо, ман орзуе надорам, ки ҳафтод сол агар хилофат азони ман бошад ва ба сабаби ман як мард кушта шавад.

Пас Марвон боз гашт дар ҳоле, ки чунин шеъреро замзама мекард:

Ман фитнаеро мебинам, ки дегаш<br>
аз қаҳру кина меҷӯшад.<br>
Ва мулк баъди Абилайло барои касест, ки ғолиб ояд.

Бо таъбири Абилайло Муъовия бини Язид дар назар дошта шудааст.

* * *

Ҳамин инкор кардани истифодаи қувват ва шамшер боиси он гардид, ки ибни Умар дар фитнаи мусаллаҳонаи байни тарафдорони Алӣ ва тарафдорони Муъовия мавқеъи бетарафӣ ва гӯшагириро ихтиёр кард ва барои худ ин маъниро шиор ва роҳи ихтиёркардааш гардонид:

– Касе гуяд ба сӯи намоз биё, меоям (қабул дорам) ва касе бигӯяд ба сӯи наҷот биё, меоям (қабул дорам) ва касе гуяд, ки барои куштани бародари мусалмон ва гирифтани моли ӯ биё, мегӯям:

– Не.

Лекин дар лаҳзаҳои гӯшанишинӣ ва бетарафиаш низ ҳаргиз бо ботиле ёрӣ надода ва ҳамкорӣ нанамудааст. Бисёр вақт бо Муъовия, ки ӯ дар авҷи салтанат буд, дар сатҳе мухолифат мекард, ки Муъовияро дардманд ва ошуфта месохт, то ҳадде ки Муъовия ӯро таҳдид ба куштан намуд.

Бо вуҷуди ин ки Муъовия шахсе буд, ки мегуфт:

– Агар байни ман ва байни мардум мӯеро гузоранд, ҳаргиз канда нахоҳад шуд.

Рӯзе Ҳаҷҷоҷ дар ҳоли хутбахониаш гуфт:

– Ба дурустӣ, ки ибни Зубайр китоби Худоро таҳриф намудааст.

Пас ибни Умар дар рӯи ӯ фарёд зад:

– Дурӯғ гуфтӣ. Дурӯғ гуфтӣ. Дурӯғ гуфтӣ.

Ҳаҷҷоҷ чӣ кор карданашро намедонист ва инкори ногаҳонӣ ӯро чун раъду барқ зарба зад, ҳол он ки ҳама аз Ҳаҷҷоҷ метарсиданд. Пас ӯ дар ҳоле, ки ибни Умарро ба бадтарин ҷазоҳо таҳдид намуд, бирафт.

Ва ибни Умар дар рӯи Ҳаҷҷоҷ дасташро афшонда дар ҳоле, ки мардум дар ҳайрат буданд, ӯро чунин ҷавоб дод:

– Агар он чизеро, ки ту ваъда мекунӣ ба ҷо биёварӣ, ҳеҷ аҷаб нест, зеро ту шахси беақли соҳибқудрат ҳастӣ.

Бо вуҷуди қудрат ва ҷуръаташ то охири умр ба он ҳарис буд, ки дар фитнаҳои мусаллаҳ шарикӣ ва даст надошта бошад. ӯ ба сӯи ягон гурӯҳе майл наменамуд.

Абулолия ал-Барроъ мегӯяд:

– Рӯзе ман аз паси ибни Умар мерафтам ва ӯ аз будани ман огоҳӣ надошт. Шунидам, ки ӯ мегуфт:

– Шамшерҳояшонро дар сари китфашон ниҳодаанд ва якдигарро мекушанд ва мегӯянд:

– Эй Абдуллоҳ ибни Умар дастатро бидеҳ.

Вақте медид, ки хунҳои мусалмонон бо дастони худи онҳо мерезад, аз ғояти ҳузну алам пора мешуд.

Ва ӯ шахсе буд чунончи дар аввали сухан аз ӯ гуфта гузаштем:

– Ҳеҷ мӯъминеро аз бистари хобаш бедор накардааст.

Агар қудрат медошт, дар муқобили ҷанг меистод ва рехтани хунро манъ мекард, лекин рафти ҳодисаҳо аз ӯ дида қавитар буданд. Пас худро аз онҳо канора гирифт.

Воқеъан, дили ӯ бо Алӣ (р) буд, балки яқинаш низ чунончи зоҳир мегардад бо Алӣ (р) буд. Ҳатто ривоят мекунанд, ки дар лаҳзаҳои охири ҳаёташ гуфтааст:

– Маро дар дунё дарнамеёбӣ, барои чизе аз дастам рафта бошад, таассуф бихӯрам, магар аз иштирок накарданам дар муборизаҳои Алӣ (р) бар зидди гурӯҳҳои саркаш.

Бо вуҷуде, ки ӯ муқотила карданро бо ҳамроҳии Алӣ (р), ки ҳақ барои ӯ ва бо ҳамроҳии ӯ буд, рад намуд. Ба дурустӣ, ки ин корро аз рӯи гурехтан ва ҷустуҷӯ кардан барои наҷоташ накард, балки барои он кард, ки ихтилофотро ба куллӣ рад кунад ва фитнаро ба тамом аз байн бибарад ва садди роҳи кушторе шавад, ки на байни мусалмонон ва мушрикон, балки байни худи мусалмонон буд, ки хуни якдигарро мерехтанд.

ӯ ба таҳқиқ ин нуктаро тамоман равшан намуд.

Вақто ки Нофиъ аз ӯ пурсид:

– Эй Або Абдураҳмон, ту фарзанди Умар (р), ту саҳобаи Расули Худо (с) ҳастӣ. Пас туро чӣ монеъ мешавад аз ин кор – яъне нусрат додани Алӣ.

Ба ӯ бо чунин сухан ҷавоб гардонид:

– Маро манъ мекунад, ин ки Аллоҳ таъоло бар ман ҳаром гардонидааст хуни мусалмононро. Ба таҳқиқ ҳақ гуфтааст он зоти тавонои бузург:

Ба онҳо муқотила кунед, то ин ки фитна дигар боқӣ намонад ва дин барои Худо бошад. (сураи Бақара ояти 193).

– Ба таҳқиқ, мо ҳамчунон кардем ва бо мушрикон муҳориба намудем, то ин ки дин ҳама аз они Худо гардид. Аммо имрӯз барои чӣ меҷангем?

– Дар ҳақиқат ҷангидем, дар ҳоле, ки бутҳо ҳарами Каъбаро пур карда буданд. Аз кунҷи хона то лаби даромадгоҳ, то ин ки Худованд онҳоро аз замини Араб берун кард. Оё имрӯз дар муқобили касоне. ки Ло илоҳа иллаллоҳ мегӯянд, биҷангем?

Ҳамчунин буд мантиқи ӯ ва ҳуҷҷати ӯ ва қаноъатмандии ӯ.

Пас ӯ аз ҷанг дурӣ ҷуст ва иштирок накард. На ба хотири гурехтан ва қафокашӣ (аз рӯи беҷуръатӣ), балки барои он ки қарор доштани ҷанги хонаводагиро байни мусалмонон инкор мекард ва шамшер кашидани мусалмон дар рӯи мусалмонро бо нафрат бад медид.

Абдуллоҳ ибни Умар умри дарозе дид ва ҳамасри он рӯзҳое буд, ки дарҳои дунё бар рӯи мусалмонон кушода гардиданд ва мақсадҳо ва рағбатҳо сахту мураккаб ва ҷиддӣ шуданд.

Лекин қудрати азими нафсиаш кимиёи замонро тағйир дод. Пас тағйир дод асри рағбатҳо ва молу фитнаҳоро. Ин асрро нисбат ба Абдуллоҳ ибни Умар–замони дунёбезорӣ, парҳезгорӣ ва сулҳу оштӣ гардонид. Ин шахси бисёр муҷоҳид, ба сӯи Худо руҷуъкунанда бо тамоми яқинаш ва роҳу рафтори хосааш ва олиҳимматиаш зиндагонӣ кард ва ҳаргиз ин (майлу рағбат) бар болои табиат ва фазилати ӯ, ки ислом дар рӯзҳои аввали пайдоишаш бо ниҳояти бузургӣ дар қолаб рехта ва сайқалаш дода буд, ғолиб наомадаанд.

Табиъати зиндагонӣ тағйир ёфт. Аз ибтидои асри Умавӣ ва аз ин тағйирот роҳи гурезе ҳам набуд ва он рӯзҳо асри кушодагӣ ва дастёбӣ дар ҳама чиз гардид, ки ин тавсиъаҳо танҳо мақсади давлатӣ набуда, балки мақсадҳои гурӯҳӣ ва шахсӣ низ дунболагирӣ мешуд.

Дар миёни амвоҷи ин таҳрикҳо ва ҷӯшиши ин асре, ки бо зиёд кардани гурӯҳҳо ва бо ғаниматёбиҳояш ва зебогиҳояш мафтункунанда аст, ибни Умар буд, ки бо фазилатҳояш зиндагонӣ мекард ва ба сабаби алоқамандиаш маҳз пешбурди бузурги рӯҳиашро аз ҳамаи ин гирудор барканор медошт. Аз ғаразҳои зиндагонии бузургаш он чиро мехост, ба даст овард. Ҳатто ҳамсаронаш ӯро чунин васф менамуданд:

Ибни Умар вафот намуд, ҳол он ки ӯ дар фазоилаш мисли Умар буд. Вақте ки дурахшидану ҷилои фазилатҳои ӯ ҳамасронашро дар таааҷуб меандохт, барои онҳо хеле хуш буд, ки бигуянд ибни Умар баробари Умар буд дар фазилат, то андозае, ки ҳамасронаш ӯро васф намуда гуфтаанд:

– Умар (р) дар замоне зист, ки барои ӯ ҳамсонҳо буданд, вале ибни Умар дар замоне зист, ки барои ӯ ҳамсоне набуд.

Албатта ин муболағае буд, ки лаёқатмандии ибни Умар, мар ин муболағаро сабаби бахшоиш аст. Вагарна аз ақл дур аст, ки барои Умар (р) дар тамоми асру замонҳо монанде пайдо шавад..

* * *

Ва дар соли ҳафтоду сеюми ҳиҷрат . офтоб ба сӯи ғуруб майл намуд ва яке аз киштиҳои абадият лангари хешро бардошт ва ба сӯи олами дигар ба сӯи Худованди хеш ба шино даромад, дар ҳоле ки ҷасади охирин нишонаи рӯзҳои ваҳйро дар Макка ва Мадина, – ҷасади Абдуллоҳ ибни Умар ибни Хаттобро бо худ бардошта буд.

Охирин аз саҳобагон, ки аз дунё риҳлат намуданд, Анас ибни Молик буд, ки дар Басра вафот кард ва ин дар соли 91-ум аз ҳиҷрат буд ва баъзеҳо соли 93-ум аз ҳиҷрат низ гуфтаанд.

## 6. САЪД ИБНИ АБИВАҚҚОС
## Шере дар сарпанҷааш

**Хабари ҳуҷумҳои аҳдшиканонае, ки қувваҳои Форс бар сари мусалмонон ворид месохтанд, ва хабари ҷанги Сари Пул, ки қурбонии якрӯзаи он чаҳор ҳазор шаҳид буд ва хабари аҳдшикании аҳли Ироқ, амирулмӯъмин Умар ибни Хаттобро (р) дар ташвишу изтироб андохтанд.**

Пас халифа қарор дод, ки худаш биравад, то лашкари мусалмононро дар маъракаи ҳалкунанда бар зидди Форсҳо роҳбарӣ намояд..

Ва бо ҳамроҳии чанд тан аз ҳамсӯҳбатонаш савор шу-данд ва дар Мадина Алӣ ибни Абутолибро (р) ҷонишин намуданд.

Чун каме аз Мадина дур шуданд, баъзе аз ҳамсӯҳбатонаш чунин раъй пешниҳод карданд, ки халифа бозгардад. Ва дар ин кор яке аз дӯстон ва ҳамсӯҳбатонро маъмур гардонад.

Ин пешниҳодро Абураҳмон ибни Авф пешниҳод намуд ва эълон дошт, ки зиндагии халифаро дар хатар андохтан дар ҳоле, ки ислом рӯзҳои ҳалкунандаи худро аз сар мегузаронад, як кори оқилона нест.

Ва Умар (р) амр кард, ки мусалмонон барои машварат ҷамъ шаванд ва эълон карда шуд, ки намоз, ҷамъкунанда аст. Ва Алӣ ибни Абутолибро (р) боз хонд ва ӯ бо ҳамроҳии баъзе сокинони Мадина ба сӯи он ҷое, ки халифа ва ёронаш буданд, рафт.

Маслиҳат ба пешниҳоде, ки Абдураҳмон ибни Авф эълон карда буд, қарор гирифт. Ва ҷамъомадагон ба ин қарор омаданд, ки Умар (р) ба Мадина бозгардад ва барои мулоқоти Форсҳо як сарлашкари дигар аз байни мусалмонон ихтиёр кунанд.

Ва амири мӯъминон ба ҳамин фикр розӣ шуд ва бар-гашта аз ҳамсӯҳбатонаш мепурсид:

– Киро лоиқ мебинед, ки ба Ироқ бифиристам?

Онҳо каме хомӯш шуданд ва ба фикр фурӯ рафтанд .

Баъди чанде Абдураҳмон ибни Авф фарёд кард:

– Ба таҳқиқ ӯро ёфтам!

Умар гуфт:

Ӯ кист?

Абдураҳмон гуфт:

-Шере дар сари панҷаҳояш.Саъд ибни Молики Заҳрӣ.

Ва дигар мусалонон низ ин фикрро қувват доданд ва халифа ба сӯи Саъд ибни Молики Заҳрӣ кас фиристод. Ин ҳамон Саъд ибни Абиваққос аст ва аморати Ироқ ва сарлашкарии ҷанговаронро ба ӯ супурд.

Пас ин шери дар сари панҷаҳояш кист..? Ин шахс кист, ки ба вақти пеши Паёмбар (с) омаданаш дар ҳоле ки Паёмбар (с) дар миёни асҳоб буд, ӯро хуш омадед мегуфт ва бо ӯ бо чунин суханон шӯхӣ мекард:

–Ин тағои ман аст, пас ҳар як мард тағояшро нишон бидиҳад.

Ба дурустӣ, ки ин шахс Саъд ибни Абиваққос аст, бобояш Уҳайб ибни Маноф, амаки саида Омина модари Расули Худо (с) аст.

Ба таҳқиқ ӯ исломро дар синни 17 солагиаш қабул на-мудааст ва исломи ӯ хело барвақт буд ва ӯ дар бораи ху-даш чунин ҳикоят мекунад:

– Бар сари ман рӯзҳое гузашт, ки ман ҳар оина сеяки ислом будам. (Яъне ӯ шахси сеюм аз се нафаре буд, ки ислом оварда буданд).

Дар нахустин рӯзҳое, ки Паёмбар (с) аз Маъбуди ягона, аз дини ҷадиде, ки Паёмбар (с) хабарҳои хуши башоратии онро мерасонид, сухан гуфтанро оғоз намуд ва қабл аз он ки Паёмбар (с) ҳавлии Арқамро бо ҳамроҳии ёронаш, ки ба имон овардан шурӯъ карда буданд панохгоҳ қарор дод, Саъд ибни Абиваққос барои байъат досташро сӯи Расули Худованд (с) дароз кард.

Бо вуҷуди ин ки дар таърихҳо навишта шудааст, ки ӯ баъди ислом овардани Абубакр ба дасти ӯ имон овардааст, шояд он рӯзҳо ба сабаби онҳоро қаноъатманд намудани Абубакр (р) исломашро ҳамроҳи касони мусалмониашонро эълон карда, чун Усмон ибни Аффон (р), Зубайр ибни Аввом, Абдураҳмон ибни Авф, Талҳа ибни Убайдуллоҳ ошкор карда бошад. Ва ин эълон пештар ислом оварданашро ба тарзи пинҳонӣ манъ намекунад ва ба дурустӣ, ки барои Саъд ибни Абиваққос чандин бузургиҳоест, ки метавонад ба онҳо бинозад ва ифтихор кунад.

Магар ки ӯ аз ин бузургиҳояш танҳо ду чизи бузургашро мунтазам замзама мекард.

Аввалини онҳо: нахустин касе буд, ки дар роҳи Худо тир андохт ва низ аввалин касе буд, ки ба сӯяш тир андохтанд.

Ва дуюмаш: ин ки ӯ ягона шахсест, ки Расули Худо (с) дар рӯзи ҷанги Уҳуд гуфтааст:

– Тир кун эй Саъд, падару модарам фидои ту бод!

Оре, ӯ доим ин ду неъмати бузургро замзама мекард ва шукри Худоро ба забон меовард ва мегуфт:

– Қасам ба Худо, ба таҳқиқ ман аввалин шахсе ҳастам аз Араб, ки дар роҳи Худо тир андохтааст.

Ва Алӣ ибни Абутолиб мегӯяд:

– Ман аз Расули Худо (с) нашунидам, ки касеро падару модарам фидои туст гуфта бошад, магар Саъдро. Пас ба таҳқиқ Расули Худоро шунидам, ки дар рӯзи ҷанги Уҳуд мегуфт:

– Тир кун эй Саъд, падару модарам фидои ту бод!

Саъд яке аз шуҷоатмандтарини ҷанговарони Араб ва мусалмон шуморида мешуд ва ӯ ду силоҳ дошт, яке найзааш ва дигаре дуъояш. Вақте дар ҷанг ба сӯи душман тир меандохт, албатта ба нишон мерасид, вақте ки ягон дуъоеро аз Худо талаб мекард, иҷобат мешуд.

ӯ ва дигар дӯстонаш инро аз асари дуъои Паёмбар (с) нисбати ӯ медонистанд. Як рӯз Паёмбар (с) аз Саъд кадом кореро дида хурсанд шуд ва барояш ин дуъои таърихиро кард:

– Бор Худоё, тирашро рост гардон ва дуъояшро иҷобат намо.

Ва ҳамчунин ба ин сифат байни бародарон ва дӯстонаш, ки дуъояш монанди шамшер бурраст, шинохта мешуд. ӯ низ аз худаш ва ҳолатҳои рӯй додаи худ инро медонист, аз ин рӯ ҳеҷ касеро дуъо намекард, магар ки корашро ба иродаи Худо вобаста менамуд.

Аз ҳамин ҳодисаҳост, ки Омир ибни Саъд ривоят мекунад ва мегӯяд:

– Рӯзе Саъд як мардеро дид, ки Алиро дашном медиҳад ва Талҳа ва Зубайрро низ. Пас ӯро манъ намуд, манъ нашуд.

Пас ба ӯ гуфт:

– Агар бас накунӣ, дар ҳақат дуъо мекунам.

Он мард гуфт:

– Мебинам, ки маро таҳдид мекунӣ, гӯё ки Паёмбар бошӣ!

Саъд бозгашт ва таҳорат кард ва ду ракаъат намоз гузорид. Баъд ҳарду дастро боло намуда гуфт:

–Эй бор Худоё, агар ту медонӣ, ки ин мард ба таҳқиқ дашном дод одамонеро, ки пештар ба онҳо аз ҷониби ту некӣ расидааст ва ба дурустӣ, ки агар он бузургонро дашном додани ин шахс туро дар ғазаб оварда бошад, ӯро нишона ва ибрати дигарон гардон.

Пас андак вақте нагузашта буд, ки аз яке аз ҳавлиҳо шутуре ҳаросида баромад, ки ҳеҷ чиз ӯро гардонида наметавонист, то ин ки дар миёни тӯдаи мардум даромад ва гӯё чизеро ҷустуҷӯ мекард.

Пас ба болои он мард ҳуҷум кард, ӯро байни пойҳояш гирифт ва то мурданаш поймолаш кард.

Ба дурустӣ, ки ҳамин ҳоли зоҳиршуда аввалин чизеро, ки огоҳ мекунад, покизагии рӯҳи ӯ ва ростии яқинаш ва амиқии ихлосаш аст.

Ва ҳамчунин буд Саъд, рӯҳаш озод, яқинаш мустаҳкам ва ихлосаш амиқ.

Ва ӯ ҳамеша барои мустаҳкам намудани тақвояш аз луқмаи ҳалол ёрӣ меҷуст. ӯ бо як исрори бузург ҳар як дирҳамеро, ки дар он заррае шубҳа бошад, рад менамуд.

Саъд хеле зиндагӣ кард, то ин ки аз ҷумлаи давлатмандон ва сарватмандони мусалмон гашт. Баъди аз дунё гузаштанаш сарвати зиёде боқӣ гузошт. Бо вуҷуди ин ки зиёдатии мол ва ҳалолии он кам вақт ҷамъ мешаванд, вале дар пеши Саъд ҷамъ шуда буданд, зеро Худованд ба ӯ бисёр, ҳалол ва покиза дода буд.

Саъд дар бахшиши мол устод буд, чунончи дар талаби покизагии мол устод буд.

Ва қудратмандиашро дар ҷамъ намудани моли ҳалоли холис, қудратмандиаш дар бахшиши мол дар роҳи Худо монандӣ мекард, балки фавқи он буд.

Дар Ҳаҷҷатулвадоъ ӯ ҳамроҳи Расули Худо (с) буд ва бе-мор шуд. Паёмбар (с) ба аёдаташ омад.

Саъд аз Расули Худо (с) пурсид:

– Эй Расули Худо (с), ман соҳиби мол ҳастам ва ба ғайри як духтар ворисе надорам. Оё аз се ҳисса ду ҳиссаи моламро садақа кунам?

Паёмбар (с) гуфт:

– Не.

Гуфт:

– Пас нисфашро чӣ?

Паёмбар (с) гуфт:

– Не.

Гуфт:

– Пас сеяки моламро чӣ?

Паёмбар (с) гуфт:

– Оре, сеяк хеле бисёр аст. Ба таҳқиқ агар ту ворисо-натро баъди худат сарватманд бигузорӣ, беҳтар аст аз ин ки онҳоро мӯҳтоҷ гузорӣ, то аз мардум биталабанд. Ва ба дурустӣ, ки ту агар чизеро, ки кам аст, нафақа кунӣ ва хотири Худоро талаб дошта бошӣ, савоби онро мегирӣ, ҳатто як луқмаеро, ки дар даҳони занат мегузорӣ.

Он ҳангом Саъд фақат як духтар дошт. Баъдан Худованд чанд писари дигар ба ӯ арзонӣ дошт ва Саъд аз тарси Худо бисёр мегирист. Вақте ки ба мавъизаҳои Паёмбар (с) гӯш медод, чашмонаш аз ашк пур мегаштанд, то ҳадде ки оби дидагонаш рухсораашро тар менамуд.

Ва ӯ марде буд, ки ба неъмати тавфиқ ва қабул аз ҷониби Худо сарфароз шуда буд.

Рӯзе Паёмбар (с) ҳамроҳи асҳоб нишаста буданд. Дар ин ҳол Паёмбар (с) нигоҳашро ба сӯи уфуқ гардонид ва мисли касе ки як сухани гӯшакӣ ва пинҳониро гӯш мекунад, чанде истод. Баъд аз он рӯй ба асҳоб намуда гуфт:

– Алҳол ба назди шумо як марде аз аҳли ҷаннат меояд.

Асҳоб ҳар тараф нигоҳ мекарданд ва он шахси саъодатманди муваффақ ва бонасиброб ҷустуҷӯ мекарданд.

Баъди чанд лаҳза Саъд ибни Абиваққос назди онҳо омад.

Рӯзе Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ба сӯи Саъд омад. Ва илтиҷокунон бо исрор аз ӯ мепурсид, ки ӯро тариқи ба Худо наздик шуданро бо роҳи ибодат ва амал нишон бидиҳад, то ӯ низ ба ҳамин неъмат ва башорат сазовор гардад.

Саъд ба ӯ гуфт:

– Аз он чизҳое, ки мо ҳамаамон амал мекунем ва ибодат менамоем, чизе зиёдтар нест. Магар ки ман нисбати ягон нафаре аз мусалмонон кина ва бадие дар дилам нигоҳ намедорам.

Ана ҳамин кас аст шере дар сари panҷаҳояш, чунон ки Абдураҳмон ибни Авф ӯро васф намуд.

Ана ин ҳамон шахсест, ки Умар (р) ӯро барои рӯзи Қодисияи бузург ихтиёр намуд.

Дар он ҳол тамоми фазилат ва қобилияти Саъд дар пеши назари амири мӯъминон Умар (р) ҷилвагар мешуд, то ӯро барои душвортарин коре, ки ба ислом ва муслимин мувоҷеҳ шуда буданд, ихтиёр мекард.

Дар ҳақиқат ӯ мустаҷобаддаъват аст, вақте ки аз Худо-ванд нусрат талаб кунад, ӯро медиҳад.

Ба дурустӣ, ки луқмаи ӯ ҳалол, забонаш ҳалол ва қалбу фикраш ҳалол аст.

Ва ӯ яке аз бошандагони биҳишт аст, чунон ки Паёмбар (с) хабар дода буд.

Воқеъан, ӯ яке аз диловарони рӯзи Бадр ва рӯзи Уҳуд ва диловари ҳар як корзор буд, ҳамроҳи Паёмбар (с).

Ва охирин ва муҳимтарин чизе, ки Умар (р) онро фаромӯш намекунад ва аз аҳамият ва қимат ва қадри он барои шахсоне, ки мутасаддии корҳои бузург мегарданд ғофил намемонад, ин салобат ва мустаҳкамии имони ӯст.

Ба дурустӣ Умар (р) воқеъаи рӯзи имон овардан ва пайравӣ намудани Саъд Паёмбарро ва мухолифати модарашро фаромӯш намекунад.

Он рӯз тамоми воситаҳои бозгардонидан ва манъ намудани ӯ аз роҳи Худо бенатиҷа монданд. Пас модараш аз як воситае кор гирифт, ки ҳеҷ кас шубҳа намекард, ки албатта ин кор рӯҳи Саъдро мешиканад ва азиматашро ба сӯи бутпарастии аҳлаш ва хешовандонаш бозмегардонад.

Ба таҳқиқ модари Саъд эълон намуд, ки аз хӯрдан ва ошомидан даст мекашад, то ин ки Саъд ба сӯи дини падарҳояш ва қавмаш бозгардад ва ҳамчунин дар ин тасмими қатъияш дар бобати хӯрок нахӯрдан ва нанӯшидан истодагарӣ намуд, то ин ки қариб ба марг расид.

Ҳамаи ин корҳо мегузаштанд, вале Саъд парвое надошт ва имону динашро ба чизе намефурӯхт, агарчи он чиз зиндагӣ ва ҳаёти модараш ҳам бошад.

Дар ҳоле ки модараш дар дами марг буд, баъзе аз хешовандон Саъдро ба пеши модараш оварданд, то як назари видоъкунанда ба сӯи модараш андозад ва умеди онро доштанд, ки вақте модарашро дар дами марг бинад, дилаш мулоим мегардад.

Саъд бо онҳо рафт ва он ҳолатеро, ки санг аз диданаш мегудозад, дид.

Лекин имонаш болотар аз ҳар санг буд ва аз ҳар пулод. Ӯ рӯяшро ба рӯи модараш наздик намуда фарёд кард, то модараш бишнавад:

– Эй модар бидон, қасам ба Худо, агар барои ту сад ҷон бо-шад ва ҳар яке пас аз якдигар аз бадани ту бароянд, ман ин динамро барои ҳеҷ чиз тарк намекунам. Пас бихӯр, агар хоҳӣ ё нахӯр.

Пас модараш аз он қасди кардааш бозгашт ва ваҳй бар Паёмбар нозил шуд, ки ин кори Саъдро қарор дод ва таъйид намуд.

Пас гуфт:

– Ва агар (падару модар) кӯшиши онро кунанд, ки ту ба ман шарик биёрӣ, як чизеро ки ба он илм надорӣ, пас онҳоро итоъат нанамо. (сураи Луқмон ояти 15).

Пас оё ӯ дар ҳақиқат шери дар сари панҷаҳояш истода нест?

Ин ҳангом амири мӯъминон байрақи Қодисияро дар дасти ӯ дод, то таҳти роҳбарии ӯ Форсҳоро, ки зиёда аз 100 ҳазор ҷанговари варзида ва мусаллаҳ бо ҳама гуна асбоб ва силоҳ ҷамъ шуда буданд ва таҳти роҳбарии беҳтарин лашкаркашон ва доноёни илми ҳарб дар он рӯзҳо дар рӯи замин амал мекарданд, дур биандозад.

Оре, ба сӯи ин лашкари азим ва даҳшатнок, Саъд танҳо бо 30 ҳазор ҷанговар ба майдон баромад. Силоҳи онҳо найза буд. Танҳо найза. Валекин дар дилҳояшон иродаи дини ҷадид буд, бо тамоми мӯҳтавои он. Аз имон, тозагӣ ва иштиёқ ба сӯи марг ва ба сӯи шаҳодат ва ба сӯи мулоқоти Худованди хеш.

Ду гурӯҳ рӯ ба рӯ омаданд.

Вале не, ҳоло рӯ ба рӯ наомадаанд.

Ба дурустӣ, ки Саъд ин ҷо мунтазири насиҳатҳои амири мӯъминон Умар (р) ва роҳнамоиҳои ӯст. Ва акнун мактуби Умар (р)

ба сӯи ӯ омада, ки ӯро ба рафтан ба сӯи Қодисия амр мекунад. Зеро он ҷо дарвозаи Форс аст ва дар дили ӯ чанд суханеро меандозад, ки ҳамааш нур ва ҳидоят аст:

– Эй Саъд ибни Вуҳайб, туро мағрур насозад ва аз Худо дур насозад гуфтори мардум, ки ӯ тағои Паёмбари Худост ва саҳобаи ӯст, зеро байни Худо ва байни ҳеҷ кас хешутаборӣ ва насаб нест, магар ба тоъати ӯ. Ва одамон чӣ бо обрӯ ва беобрӯ дар назди зоти Илоҳӣ баробаранд. Худо Парвардигори онҳост ва онҳо бандагони ваянд. Аз якдигар дар тандурустӣ ва талаби ризқ пешдастӣ менамоянд (яъне, яке зиёдтар ва дигаре камтар ин чизҳоро ба даст меоранд) ва он чиро ки дар назди Худост (ризоият ва раҳмат) ба тоъат ба даст меоранд. Пас ту дар корҳо назар кун ба он чизе ки Расули Худоро дида будӣ, аз замоне ки мабъус шуд, то вақти аз дунё гузаштанаш, пас ҳамонро лозим бигир, зеро кор ҳамон аст. Аз тамоми ҷузъиёти вазъият ба ман навис, ки чӣ гуна фуруд омадед? Ва душманатон нисбати мавқеи шумо дар куҷо ҷойгир аст ва ба воситаи мактубҳоят маро чунон огоҳ кун, ки гӯё ман ба сӯи шумо назар мекарда бошам.

Ва Саъд низ ба сӯи амири мӯъминон навиштан гирифт. Барои ӯ ҳама чизро васф мекард. Ба дараҷае, ки ҷои мавқеи ҳар як аскарро гӯё менавишт. Саъд ба Қодисия фуруд омад ва Форсҳо низ лашкар-лашкар ва гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ шуданд. Чунончи ҳеҷ гоҳ инчунин ҷамъ нашуда буданд ва роҳбарии лашкарро машҳуртарин ва хатарноктарин сарлашкари онҳо Рустам ба ӯҳда дошт.

Ва чун Саъд ба сӯи амири мӯъминон ин гузоришҳоро ирсол намуд, Умар (р) ба сӯи ӯ чунин навишт:

"Туро ҳаргиз он чӣ аз онҳо мешунавӣ, ғамнок насозад ва ё он чӣ ба сӯи ту меоранд (аз қувва) ба Худо таваккал кун ва аз ӯ ёрӣ пурс ва ба сӯи Рустам (сарлашкари Форс) чанд марде аз аҳли назар ва фикр ва шуҷоъро бифирист, то ӯро ба сӯи Худо даъват кунанд. Ва ба сӯи ман ҳар рӯз навис".

Саъд боз барои амири мӯъминон менависад:

"Рустам лашкаргоҳи худро дар Собот (номи мавзеъ) қарор додааст ва аспҳо ва филҳои зиёдеро он ҷо оварда ва ба сӯи мо ҳаракат дорад".

Умар (р) ӯро бо оромӣ ҷавоб медиҳад ва роҳнамоияш мекунад.

Ба дурустӣ, ки Саъд, ин ҷанговари зирак ва зарбазананда, тағои Расули Худо (с) ва собиқадори ислом, диловари маъракаҳои ҷанг ва ғазоҳо, он касе, ки шамшер ва найзааш ҳамеша ба ҳадаф мерасад, дар сари лашкар дар яке аз маъракаҳои бузурги таърихӣ истодааст. ӯ мисли як сарбози оддӣ меистад, на мағрурии қувват ва на собиқаи сарлашкарӣ сабаби он намегардад, ки ӯ аз андоза зиёд ба нафси худ такя на-мояд. Балки ӯ ба амири мӯъминон такя мекунад, ки дар Мадина аст ва байни онҳо масофаи дур мебошад. Пас ба сӯи ӯ ҳар рӯз мактубе менависад ва бо ӯ табодули назар мекунад, дар ҳоле, ки маъракаи ҷанг дар ибтидои оғоз аст.

Сабабаш дар он аст, ки Саъд медонад Умар (р) дар Мадина танҳо фатво намедиҳад ва танҳо ба як қарор намеояд. Балки бо шахсоне, ки дар атрофаш аз мусалмонон ва беҳтарин асҳоби Паёмбаранд, машварат менамояд. Саъд иродае надорад, ки бо вуҷуди тамоми ҳолатҳои ҷанг худашро ва лашкарашро аз баракати машварат ва атову бахшиши он маҳрум созад, хусусан вақте дар маркази он Умар (р), ин шахси илҳомёфтаи бузург қарор дошта бошад.

* * *

Саъд васияти Умарро (р) ба ҷо меорад ва ба сӯи Рустам сарлашкари Форс чанд нафар аз ҳамсӯҳбатонашро мефиристад, то ӯро ба сӯи Худо ва ба сӯи ислом даъват кунанд.

Баҳс байни онҳо ва лашкаркаши Форс хеле тӯл мекашад ва дар охир бо ҳамин сухан сӯҳбатро бо ӯ қатъ мекунанд:

– Дар ҳақиқат Аллоҳ моро ихтиёр намуд, то ба сабаби мо ҳар киро хоҳад аз махлуқоташ аз парастиши бутҳо ба сӯи тавҳид бозоварад ва аз тангнои дунё ба сӯи фаррохии дунё ва аз ҷабри ҳокимон ба сӯи адли ислом. Пас ҳар ки инро аз мо қабул кунад, мо низ аз ӯ инро қабул дорем ва аз ӯ бозмегардем ва касе бо мо ҷанг карданӣ бошад, бар алайҳаш меҷангем, то ба ваъдаи Худованд бирасем.

Рустам мепурсад:

– Он ваъдаеро, ки Худованд барои шумо додааст, чист?

Пас он саҳоба ҷавоб медиҳад:

– Ҷаннат барои шаҳидони мо ва зафар барои зиндаҳои мо..

Ва ин намояндагон ба сӯи сарлашкари мусалмонон Саъд бозмегарданд, то ӯро хабардор намоянд, ки ба таҳқиқ ҷанг мешавад.

Ва чашмони Саъд аз ашк пур мешавад.

Ӯ дӯст медошт, ки маъракаи ҷанг каме таъхир шавад ё каме пештар рӯй медод, зеро ӯ бемор буд ва бемории ӯ вазнин шуда буд ва обила тамоми вуҷудашро пӯшонида буд, ҳатто нишаста наметавонист, чӣ бошад ба болои асп савор шудан ва ба маъракаи хеле сахт даромадан.

Агар маъракаи ҷанг пеш аз бемориаш меомад ва ё каме таъхир мешуд, то беморӣ рӯй мегирифт ва шифо меёфт, он ҳангом ҷаҳду кӯшиши беандозаи хешро менамуд. Аммо ҳоло чӣ? Валекин не, чаро ӯ агар мегӯяд, ҳол он ки Расули Худо (с) онҳоро фаҳмонида буд, ки ягон каси онҳо "агар" нагуянд, зеро "агар" ин калима аз оҷизӣ хабар медиҳад ва мӯъмини қавӣ ҳеҷ гоҳ ночор ва оҷиз намешавад.

Ин ҳангом ҷаста бархост "Шери дар сари панҷаҳояш" ва дар сари лашкараш ба хутба хондан истод ва хутбаашро бо ояти карима оғоз намуд:

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.

"Ба таҳқиқ навишта кардем дар "Забур" аз баъди зикр ин ки заминро бандагони солиҳи ман ба мерос мегиранд". (Сураи Анбиё, ояти 105).

Ва баъди аз мавъизааш фориғ шудан, ҳамроҳи лашкар намози пешинро гузорид ва пас рӯ ба сӯи лашкар гардонида чаҳор бор: "Аллоҳу Акбар" гуфт.

Дунё садо дод ва такбирашонро бо ҳамроҳии такбиргуён такрор намуд ва дасташро ба мисли тири гузарон ба пеш дароз намуд, дар ҳоле, ки ба сӯи душман ишора мекард ва дар миёни лашкар фарёд зад:

– Бо баракатҳои Худованд ба пеш бишитобед!

Ӯ бо вуҷуди дардмандиаш худро ба болои айвони хонае, ки дар он ҷо фуруд омада буд ва он ҷойро барои фармондиҳии худ марказ интихоб намуда буд, кашида баровард ва дар айвони хона ба болои як гилем бо сандуқи синааш дароз кашид. Дари ҳавлӣ кушода буд ва камтарин ҳуҷум аз тарафи Форсҳо бар болои ҳавлӣ ӯро зинда ё

мурда ба дасташон меафтонид, вале ӯ наметарсид ва хавфе намекард.

Обилаҳояш варам карда аз онҳо хун мечакид, вале ӯ аз онҳо фаромӯш карда буд ва ӯ аз болои баландӣ такбир мегуфт ва фарёд мекард ва амру фармонашро барои лашкариён содир менамуд: ба як гурӯҳ мегуфт, ин ки ба сӯи тарафи рост биравед ва ба дигарон мефармуд, ки холигиҳҳои тарафи чапро маҳкам созед. Ба тарафи пешат ҳуҷум кун, эй Муғира... ва аз пушташон ҳуҷум кун, эй Ҷарир. Эй Нуъмон, бизан. Эй Ашъас, ҳуҷум кун ва ту эй Қаъқоъ, эй ҳамсӯҳбатони Паёмбар (с), ба сӯи пеш ҳаракат кунед!

Ва овози ӯ, ки ба қуввати азми росих ва орзумандӣ, бақувват шуда буд, аз ҳар афроди лашкар, як лашкари алоҳида муназзам мекард.

Ва лашкари Форс ба ҳар тараф бошиддат парешон ме-гашт, мисли пашшаҳое, ки боди сахт онҳоро парешон мекунад ва бо ҳамроҳии лашкариёни онҳо бутпарастӣ ва ибодати оташ низ аз рӯи замин рӯфта мешуд.!

Ва фавҷҳои шикастхӯрдаи лашкари Форс баъди кушта шудани сарлашкарашон ва беҳтарин ҷанговаронашон ба ҳар тараф парешон гаштанд ва лашкариёни мусалмон онҳоро то Наҳованд дунболагирӣ намуданд, пас аз он то Мадоин. Пас дар Мадоин даромаданд, то тоҷу тахти Кисроро ба ғанимат бигиранд!

* * *

Ва дар муҳорибаи Мадоин корнамоиҳо ва ҷонфидоиҳои бузурге нишон дод. Ва муҳорибаи Мадоин баъди муҳорибаи Қодисия буда, байнашон қариб ду сол фосила аст. Дар ин муддат байни Форсҳо ва мусалмонон даргириҳое идома дошт, то ин ки тамоми дастаҳои пароканда ва боқимондаи лашкари Форс дар Мадоин гирд омаданд ва худро барои задухӯрди охирин ва ҳалкунанда омода менамуданд.

Саъд ба хубӣ эҳсос намуд, ки дароз кашидани вақт ба фоидаи душманонаш аст, пас қарор дод, ки ин бартариро аз дасташон салб намояд. Аммо ин ба ӯ муяссар нагардид, зеро байни ӯ ва байни Мадоин рӯди Даҷла аст, ки дар ҳолати туғён ва баландшавии сатҳи об мебошад.

Ин ҷо Саъд ба қароре омад. Ва ин амалаш собит месо-зад, ки ӯ дар ҳақиқат “Шери дар сари панҷаҳояш”аст, чунончӣ Абдураҳмон ибни Авф ӯро сифат намуда буд.

Ба таҳқиқ имони Саъд ва тасмимгириҳои ӯ ҳароина дар рӯ ба рӯи хатар медурахшиданд ва ин ду ба корҳои номумкин даргир шуда бо як ҷонфидоии бузург дастболо мешаванд.

Ва ҳамчунин Саъд фармон баровард ба сӯи лашкар, ки Даҷларо убур намоянд ва амр намуд, ки дар наҳри Даҷла як ҷое пайдо намоянд ки гузаштан аз он ҷо мумкин бошад. Ва дар охир як маконеро пайдо намуданд, ки гузаштан аз он ҷой аз хатарҳои бузург холӣ набуд.

Пеш аз он ки лашкариён кори аз наҳр гузаштанро сар кунанд, ин лашкаркаш, Саъд дарк намуд, ки таъмин кардани як ҷое беҳтар дар он тарафи наҳр, ки таҳти нигоҳбонии душман қарор дорад, лозим аст. Дар ин ҳангом ду гурӯҳе тартиб дод.

Катибаи (гурӯҳи) аввалиро “Катибату-л-аҳвол” (гурӯҳи даҳшатҳо) ном ниҳода буданд ва Саъд дар роҳбарии он Осим ибни Амрро таъин намуд. Катибаи дуввумро “Катибату-л-харсоъ” (гурӯҳи бесадоҳо, гунгҳо) ном ниҳоданд ва амири онро Қаъқоъ ибни Амрро таъин намуд.

Ва бар ӯҳдаи ин ду катиба гузаштан аз наҳр ва дар даҳшатҳо фурӯ шудан ва дар он тарафи соҳил пайдо на-мудани як макони амне буд барои лашкариёне, ки аз пушти онҳо мегузаранд. Онҳо ин вазифаашонро бо як маҳорати ҳайратовар анҷом доданд ва нақшаи Саъд он рӯз хеле муваффақона анҷом ёфт, ки муаррихон аз он дар ҳайратанд. Ин муваффақият худи Саъд ибни Абиваққосро низ дар ҳайрат андохт ва ҳамсӯҳбат ва рафиқаш Салмони Форсиро дар ҳайрат афканд, ки аз ғояти таъаҷҷуб кафи дастонашро ба якдигар мезад ва мегуфт:

– Ба таҳқиқ ислом дини нав аст.

Қасам ба Худо, баҳрҳо дар наздаш хору таслим гаштанд, чунон ки хушкиҳо мутеъу хор гашта буданд.

Қасам ба Худое, ки ҷони Салмон дар дасти ӯст, ҳар оина шумо гурӯҳ-гурӯҳ аз ин баҳр мебароед, чунон ки гурӯҳ-гурӯҳ даромада будед!

Ва ҳамчунон шуд. Ва чунон ки якҷоя ба наҳри Даҷла даромаданд, боз якҷоя аз он баромаданд, ҳатто як фарде аз лашкар талаф нагардид ва ҳатто як лаҷомро гум накарданд.

Дар ҳақиқат аз дасти яке аз ҷанговарон қадаҳаш дар дарё афтид ва барои ӯ хеле гарон омад. Зеро ӯ ягона шахсе буд, ки дар миёни лашкар аз вай чизе гум шуд ва ӯ ба ёронаш хитоб намуд, ки барои ёфтани он қадаҳ барояш ёрӣ намоянд. Ва мавҷи баланди об он қадаҳро ба як тарафе андохт, ки баъзе аз гузарандагони он ҷо ӯро ёфта гирифтанд.

Ва барои мо яке аз ривоятҳои таърихӣ, он саҳнаи аҷоиберо, ки онҳо аз Даҷла мегузаштанд, қисса мекунад:

Саъд ба лашкариён амр намуд, ки Ҳасбуналлоҳ ва ниъма-л-вакил (Яъне Худо моро басанда аст ва нек вакилест) – ро бигуянд ва худ бо аспаш ба Даҷла даромад ва лашкариён аз пушташ ба наҳр фурӯ рехтанд. Ҳатто як нафар аз амраш тахаллуф наварзид ва дар болои наҳр, чунон ки дар хушкӣ мераванд, равон буданд, то ин ки тамоми болои наҳр ва миёни ду тарафи соҳил аз саворон пур шуд ва болои обро аз сабаби бисёрии саворону пиёда дида намешуд. Лашкариён дар вақти гузаштан бо якдигар оромона сӯҳбат мекарданд. Гӯё гумон мекардӣ, ки дар болои замин бошанд. Ин аз он сабаб буд, ки онҳо як оромӣ ва эминиро эҳсос намуда буданд ва ба нусрату ваъдаву ёрии Худованд боварӣ доштанд.

* * *

Аз рӯзе, ки Умар (р) Саъдро волии аморати Ироқ гар-донид, ӯ барои мардум сохтмон ва ободониро оғоз кард. Асоси шаҳри Куфаро гузорид ва таҳкурсии исломро дар мамлакати паҳнои васеъ бунёд гузошт.

Рӯзе аҳли Куфа назди амири мӯъминон аз Саъд шикоят намуданд. Ба таҳқиқ табиатҳои саркаш ва ноустувори онҳо бар сарашон ғолиб омад ва гумони хандаоваре намуданд. Гуфтанд:

– Ба таҳқиқ Саъд хуб намоз хонда наметавонад.

Вақте ин суханро Саъд шунид, аз сидқи дил хандид ва гуфт:

– Қасам ба Худо, ҳар оина барои онҳо намози Паёмбарро мехонам. Дар ду ракаъати аввал дароз мекунам ва дар дуи охир кӯтоҳтар.

Ӯро Умар ба сӯи Мадина бозхонд. ӯ ба ғазаб наомад, балки нидои халифаро дарҳол лаббайк гуфт.

Ва баъди чанд муддате Умар (р) қасд кард, ки ӯро боз ба сӯи Куфа бозгардонад. Баъди ин Саъд хандида чунин ҷавобаш дод:

– Оё маро амр мекунӣ, ки ба сӯи қавме бозгардам, ки онҳо гумон мекунанд ман дуруст намоз хонда наметавонам?

Ва истоданашро дар Мадина авлотар донист.

Вақте ки ба халифа Умар (р) сӯиқасд шуд, ӯ аз байни саҳобагони Паёмбар (с) шаш нафарро ихтиёр кард то кори таъини халифаи ҷадидро онҳо бубинанд. Ва чунин мегуфт:

– Ман ба таҳқиқ шаш нафареро интихоб намудам, ки Паёмбар (с) то дами марг аз онҳо розӣ буд. Ва Саъд низ дар миёни ин шаш нафар буд.

Аз гуфтори Умар (р) чунин зоҳир мегардид, ки агар ӯ халифаро аз миёни саҳобагон ихтиёр мекард, албатта Саъдро интихоб менамуд.

Ӯ дар ҳоле, ки бо дӯстонаш васият ва видоъ мекард чу-нин гуфт:

– Агар ихтиёр дар Саъд қарор ёфт, хеле хуб ва агар ғайри ӯ дигар кас интихоб шавад, пас аз Саъд талаби ёрӣ кунад (дар корҳояш).

* * *

Саъд умри дарозе дид ва фитнаи бузург пеш омад. Пас аз он фитнаҳо худро канор гирифт. Балки аҳлу авлодашро амр кард, то ин ки чизе аз хабарҳои ин фитнаро ба ӯ наоранд.

Рӯзе гарданҳо ба сӯи ӯ дароз мешаванд ва ба сӯи ӯ писари бародараш Ҳошим ибни Утба ибни Абиваққос омад ва гуфт:

– Эй амак, бубин ин ҷо сад ҳазор шамшери бараҳна туро лоиқтарини мардум медонанд дар ин амри хилофат.

Саъд ӯро чунин ҷавоб дод:

– Ман аз миёни ин сад ҳазор шамшер шамшереро мехоҳам, ки агар ман ба он мӯъминеро бизанам, ҳеҷ коре накунад ва агар кофирро бизанам, бибурад.

Писари бародараш ғарази ӯро дарк намуда ба ӯ дигар кордор нашуд ва ӯ дар гӯшанишинӣ ба саломат зиндагонии худро давом дод.

Дар ҳоле, ки кор ба Муъовия тамом шуд ва ҳукм ба дасти ӯ қарор гирифт, аз Саъд пурсид:

– Ба ту чӣ шуд, ки бо ҳамроҳии мо наҷангидӣ?

Ӯро ҷавоб дод:

– Ман аз миёни шамоли ториккунандае гузаштам ва ах-ах гуфтам ва шутурамро хобондам, то ин ки дунё равшан гардад.

Муъовия гуфт:

– Дар китоби Худо ах-ах, нест валекин Худованд гуфта-аст:

Агар ду гурӯҳи мусалмонон бо якдигар ҷанг кунанд, пас байни онҳо ислоҳ кунед. Агар яке аз онҳо бар болои дигаре зулм кунад, пас дар муқобили он гурӯҳе, ки зулм мекунад ҷанг кунед, то ин ки кор ба сӯи амри Худо хомӯш гардад. (сураи Ҳуҷурот ояти 9)

– Ва ту на бо ҳамроҳии ёғӣ будӣ дар муқобили одил ва на бо ҳамроҳии одил дар муқобили ёғӣ.

Саъд чунин ҷавоб дод:

– Ман наметавонистам ба муқобили марде биҷангам, (ӯ Алӣ ибни Абутолибро дар назар дошт) ки Паёмбари Худо (с) дар борaи ӯ гуфта буд:

– Ту дар баробари ман мисли Ҳорун нисбати Мӯсо ҳастӣ, магар ки баъди ман набие намеояд.

* * *

Рӯзе дар соли 45 аз ҳиҷрат, ки ин замон умри Саъд аз 80 гузашта буд, ӯ дар ҳавлиаш дар Ақиқ, омода барои мулоқоти Худо мешуд.

Ва фарзандаш барои мо аз лаҳзаҳои охири ҳаёташ чу-нин ривоят мекунад:

– Сари падарам дар канори ман буд ва ӯ ҷон медод. Ман мегиристам.

Гуфт:

– Чӣ туро мегирёнад, эй фарзанд? Ба таҳқиқ Худованд маро ҳаргиз азоб намекунад. Ва ба дурустӣ ман аз аҳли Ҷаннатам.

Ба таҳқиқ сахтии имонашро, ҳатто даҳшати марг ва ларзонидани он суст карда наметавонад.

Ба таҳқиқ Паёмбари Худо (с) башораташ дода буд ва ӯ ба садоқати Расули Худо (с) мустаҳкамтарин имон дорад. Пас ин ҳангом тарс аз чист?

– Ба таҳқиқ Худованд маро ҳаргиз азоб намекунад. Ва ба дурустӣ ман аз аҳли Ҷаннатам.

Акнун ӯ мехоҳад, ки Худовандро дар як ҳолате мулоқот кунад, ки ҳамроҳи худ равшантарин ва зеботарин ёдго-риеро, ки ӯро бо динаш ҷамъ месозад ва ба Паёмбар (с) мечаспонадаш, дошта бошад ва аз ин лиҳоз ба сӯи сандуқаш ишора мекунад. Онро мекушоянд ва аз он як либоси кӯҳнае, ки фарсуда гашта буд, берун мекунанд. ӯ хонаводаашро амр мекунад, ки ӯро дар ҳамин либос кафан кунанд ва мегӯяд:

– Ба таҳқиқ ман мушриконро дар ҷанги “Бадр” дар ҳамин либос мулоқот намудам ва ба таҳқиқ инро барои ҳамин рӯз захира карда будам.

Оре, ин либоси кӯҳна фақат як либос нест, балки байрақест, дар болои ҳаёти устувори тӯлонии соҳибаш, ки ин зиндагиро ҳамчун мӯъмини содиқ ва шуҷоъ сипарӣ намуд.

Ҷасади охирин муҳоҷир аз рӯи вафот, дар болои гарданҳои мардон ба сӯи Мадина оварда шуд. То ҷои худро дар осудагӣ, дар ҳамсоягии як гурӯҳ рафиқони неку бузургаш, ки пеш аз ӯ ба сӯи Худо рафтанд ва ҷисмҳои меҳнаткашидаи онҳо дар хоки Бақиъ ва заминаш ба худ қароргоҳ ва оромгоҳ ёфтаанд, бигирад.

Видоъ эй Саъд.!

Видоъ эй диловари Қодисия ва фотеҳи Мадоин ва то абад хомӯшкунандаи оташи парастидашуда дар Форс!

## 7. СУҲАЙБ ИБНИ СИНОН
### Тиҷорат фоида дод, эй Абояҳё!

Ӯ дар канори неъмат таваллуд шуда буд.

Падараш ҳокими Убилла ва аз ҷониби Хисрави Парвиз волии он ҷо буд.

Ӯ аз ҷумлаи арабҳое буд, ки аз сарзаминҳои худ дур шуда, пеш аз ислом ба Ироқ омада буданд. Ӯ дар қасри падараш, ки дар соҳили дарёи Фурот дар наздикии ал-Ҷазира ва ал-Мувсил бино шуда буд, серу пур ва хушбахтона зиндагӣ мекард.

Замоне ин сарзамин таҳти ҳуҷуми Рум қарор гирифт ва ғоратгарон адади зиёди мардумро асир гирифтанд ва ин кӯдакро, ки Суҳайб ибни Синон аст, низ ба ғуломӣ бурданд.

Ва ӯро ғуломфӯрушон баъди сарсониҳо ва мусофиратҳои тӯлонӣ ба Макка меоранд. Дар он ҷо ба Абдуллоҳ ибни Ҷудъон фурӯхта мешавад. Ин ҳодиса баъди он рӯй медиҳад, ки ӯ замони тифлиашро сипарӣ намуда, айёми навҷавониашро дар сарзамини Рум гузаронида ва дар он мулк то андозае забон ва лаҳҷаи онҳоро аз худ карда буд.

Ақлу заковат, ҳӯшёрӣ ва мухлисии ӯ ба хоҷааш писанд меояд. Аз ин рӯ, ӯро озод мекунад ва барои ӯ имконияти тиҷорат карданро ҳамроҳи худаш муҳайё месозад.

Ва рӯзе, беҳтараш бигузорем дӯсти ӯ Аммор ибни Ёсар аз он рӯз ба мо қисса кунад:

– Ман рӯзе Суҳайб ибни Синонро дар назди ҳавлии Арқам дидам, дар ҳоле, ки Паёмбари Худо (с) он ҷо буд.

Ба ӯ гуфтам:

– Ту чӣ мехоҳӣ?

Суҳайб ба ман ҷавоб дод:

– Ва ту чӣ мехоҳӣ?

Ман гуфтам:

– Мехоҳам ба назди Муҳаммад (с) дароям ва ба гуфтори ӯ гӯш диҳам.

Суҳайб гуфт:

– Ман низ ҳаминро мехоҳам.

Мо ҳарду ба назди Паёмбари Худо (с) даромадем, ӯ ба мо исломро арза намуд. Мо ислом овардем.

Он ҷо то бегоҳ нишастем. Аз он ҷо хориҷ шудем ва махфиёна роҳ мерафтем. Бо ҳамин Суҳайб роҳашро ба сӯи хонаи Арқам ёфт.

Ӯ роҳашро ба сӯи ҳидоят ва нур ёфт ва низ ба сӯи қурбониҳои пурмашаққат ва фидяҳои бузург роҳро пайдо кард. Гузаштан аз дари чӯбине, ки даруни хонаи Арқамро аз берун ҷудо месозад, ин муҷаррради гузаштани остонаи дар не, балки гузаштан аз тамоми ҳудуди олам буд.

Олами қадим бо ҳама он чизҳое, ки аз худ таҷассум мекунад аз дин, ахлоқ, низоми зиндагӣ. Ва қадам ниҳодан аст ба сӯи олами нав, бо тамоми он чизҳое, ки дар худ муҷассам менамояд аз дин, ахлоқ ва низоми зиндагӣ.

Ва гузаштан аз остонаи ҳавлии Арқам, он ҳавлие, ки паҳноии ӯ аз як қадам зиёда нест дар воқеъ, ин гузариш аз як уқёнуси пурдаҳшат буд, васеъ ва паҳно.

Ва гузаштан аз ин фароз, яъне ин остона, эълоне буд ба як аҳде, ки дар зимни худ масъулиятҳои хело бузургро дарбар мегирифт.

Ва ба нисбати фақирон, ғарибон ва ғуломон, гузаштани ин фарози ҳавлии Арқам, маънои қурбониеро дошт болотар аз тоқату бардоштҳои маъмулии башарӣ.

Ва ба дурустӣ, ки дӯсти мо Суҳайб марди ғарибе буд ва дӯсташ, ки ӯро дар назди ҳавлии Арқам мулоқот кард, Аммор ибни Ёсир низ марди фақир буд. Пас онҳо бо ин истиқболи машаққат ва боло кардани остинҳояшон барои мулоқоти ин хатарҳо чӣ мехоста бошанд?

Ин нидои имон аст, ки дар муқобилаш муқовимат карда намешавад.

Ва ин сифатҳои олии Муҳаммад (с) аст, ки таровати бӯи ӯ дилҳои накӯкоронро аз ҳидоят ва муҳаббат пур месозад. Ва ин дурахши навест аз маъдани холис, ки ақлҳои аз чизҳои бӯйгирифтаи қадим ва гумроҳиву қашшоқӣ безоргаштаро ба тааҷҷуб андохтааст.

Қабл аз ҳама ин раҳмати Илоҳӣ буд, ки ба касе хоҳад онро мерасонад ва ҳидоят аз ҷониби Худост, ки ҳидоят мекунад ба воситаи ӯ касеро, ки ба сӯи ӯ руҷӯъ менамояд.

* * *

Суҳайб ҷои худро дар ин қофилаи мӯъминон ёфт.

Ва ҷои ниҳоят васеъ ва баландеро дар миёни ранҷдодашудагон ва азобкардашудагон гирифт.

Ва низ мақоми баландеро дар миёни бахшандагон ва қурбонидиҳандагон барои худ ишғол кард.

Дар ҳақиқат ӯ ба мо аз сари ростӣ, аз садоқати бузургаш нисбати масъулиятҳояш мисли мусалмоне, ки бо Паёмбар (с) байъат намуда ва дар таҳти байрақи ислом рафтааст, нақл мекунад. ӯ мегӯяд:

Дар ҳар ҷамъомаде Паёмбар (с) ҳозир мешуд, ман ҳатман он ҷо ҳузур доштам.

Ва ӯ ҳар байъатеро ба ҷо меовард, ман ҳатман он ҷо ҳузур доштам.

Ва ҳар гоҳ бо гурӯҳи ҷанговароне, ки мерафт, ман ҳатман он ҷо ҳузур доштам.

Ва дар ҳар ҷое, ки ҳамчун ҷанговар дар ҷангҳо ё дар аввали замон ё дар охираш иштирок менамуд, ман дар он ҷо ё дар тарафи росташ ё чапаш будам.

Ва ҳар гоҳе, ки мусалмононро хатар аз пеши рӯяшон таҳдид мекард, ман дар пеши рӯяшон ҳозир будам ва агар хатар аз пушти сарашон таҳдид мекард, ман он ҷо ҳозир будам.

Ва ҳаргиз нагузоштам, ки Паёмбари Худо (с) байни ман ва душман бошад, то ин ки ба рафиқи аъло пайваст.

Ин ниҳоят сурати равшане аз имони нодир ва масъулиятшиносии бузург аст.

Суҳайб ба ин имони олӣ аз рӯзи аввале, ки нури Худоро истиқбол кард ва дасташро ба дасти рости Паёмбар (с) гузошт, сазовор буд.

Аз ҳамин рӯз иборат алоқааш на танҳо бо одамон ва бо дунё, балки бо нафси худаш табиати наверо бар худ касб кард.

Аз ҳамин рӯз ба худ як вуҷуди қоим ва аз муҳаббати дунё дур ва ҷонфидоие ҳосил намуд, ки ба воситаи он бо ҳодисаҳо рӯ ба рӯ мегашт, онҳоро мутеъ месохт ва бо даҳшатҳо рӯ ба рӯ мешуд, онҳоро ба ларза меандохт.

Ҳамчунин ба ҳаёташ идома медод ва бо як иқдоми ҷасурона ба масъулиятҳояш мувоҷиҳ мешуд.

Ӯ аз ҳеҷ саҳнаи набард ва хатаре тахаллуф наварзидааст.

Рӯзҳои муборизаҳои бузург ва садоқату муҳаббати олиаш аз рӯзи ҳиҷраташ оғоз гардиданд. Дар он рӯз аз тамоми сарват ва зару зевари аз тиҷорати судмандаш, ки дар тӯли солҳои зиёди дар Макка сукунат доштанаш ба даст оварда буд, даст кашид. Ӯ аз тамоми сарваташ дар ҳоле даст кашид, ки ин сарват тамоми доройияш буд ва дар як лаҳзае, ки азамати онро дудилагӣ ва ақибравӣ олуда насохта буд.

Вақте ки Паёмбар (с) азми ҳиҷрат намуд, аз ин қасдаш Суҳайбро огоҳ кард ва қарор чунин буд, ки Суҳайб шахси сеюми ин се нафара бошад, ки онҳо: Паёмбар (с), Абубакр (р) ва Суҳайб буданд.

Ва Қурайшиён низ нақшаи манъ намудани Паёмбарро хеле дақиқ тарҳрезӣ намуда буданд.

Суҳайб дар он замоне, ки Паёмбар (с) ва ҳамроҳаш (Абубакр (р)) бо ёрии Худо роҳи худро пеш гирифта буданд, дар яке аз домҳои онҳо афтид ва аз ҳиҷрат чанд вақт манъ шуд.

Ва Суҳайб баъди баҳсу талошҳои зиёд тавонист аз дасти бадхоҳонаш халосӣ ёбад ва ӯ дарҳол ба пушти шутураш савор шуд ва равона гардид ва дар биёбон бо суръат мерафт.

Аҳли Қурайш дар пайи ӯ сайёдони худро фиристода ӯро дарёфт карданд.

Вақте ки Суҳайб онҳоро дид, рӯ ба рӯяшон қарор гирифт ва ба сӯи онҳо фарёд зад.

– Эй гурӯҳи Қурайшиён! Шумо медонед, ки ман ҳунармандтарин тирандоз дар миёни шумоям ва қасам ба Худо, шумо ба ман наздик шуда наметавонед, то он даме, ки тамоми тирҳои дар тирдон будаамро ба сӯятон партоб накунам ва вақте ки тирҳо тамом шуданд, шуморо бо шамшер хоҳам зад, то он даме, ки ҳеҷ чизе дар дастам намонад. Пас агар хоҳед пеш биёед, вале агар хоҳед, ман шуморо ба сӯи молҳоям раҳнамоӣ мекунам ва шумо маро ба ҳолам бигузоред.

Онҳо дар нафсҳои худ кори худро нархгузорӣ ва савдо намуданд, ки кадом як беҳтар, пас нахостанд, ки бимиранд ва қабул намуданд, ки молҳояшро бигиранд ва ба ӯ гуфтанд:

– Ту ба назди мо мӯҳтоҷу фақир омадӣ, пас молҳоят дар назди мо зиёд гардид ва дар миёни мо то ин андоза, ки ҳастӣ расидӣ, акнун ҷону моли худро гирифта меравӣ?

Ӯ онҳоро ба ҷои пинҳон кардаи молаш роҳнамоӣ кард ва онҳо низ ӯро ба ҳолаш раҳо намуданд ва ба сӯи Макка бозгардиданд.

Таъаҷҷуб дар ин аст, ки онҳо сухани ӯро бе шакку тардид бовар карданд ва натарсиданд, ки фиребашон медиҳад ва шоҳиде ҳам напурсиданд. Ҳатто барои ростгӯияш қасамаш низ надоданд. Ин тарзи муомила ва мавқеъгирии Қурайшиён бузургӣ ва азамати Суҳайбро нишон медиҳад, ҳамчун марди ростгӯ ва амонатнигоҳдор.

Суҳайб ба ҳиҷрати худ аз нав шурӯъ кард. Танҳо, саодатманд, то ин ки дар Қубоъ бо Паёмбар (с) расид.

Он ҳангом Паёмбар (с) нишаста буд ва дар атрофаш баъзе саҳобагон низ буданд. Суҳайб намудор гардид. Чун Паёмбар (с) ӯро дид, садо кард: Эй Абуяҳё!

Савдо фоида дод! Савдо фоида дод! Эй Абуяҳё!

Ва дар он лаҳзаҳо ояти карима нозил гардид:

Баъзе мардумонанд, ки ҷони худро дар роҳи ризои Худо мефурӯшанд ва дар роҳи тоъати ӯ ба хидмат вомедорандаш ва Худо сахт раҳмкунандаи бандагон аст (Сураи Бақара, ояти 207).

Оре, Суҳайб нафси худро, ки мӯъмин аст, ба тамоми дороияш, ки барои ҷамъ намудани он тамоми ҷавониашро сарф намудааст, харид. Ва ҳаргиз ҳис накард, ки зиён дида бошад.

Пас мол, зар ва тамоми дунё чӣ арзише доранд, модоме имонаш бо ӯ боқӣ монд, вақте бузургӣ барои рӯҳаш ва ирода барои роҳи интихобнамудааш боқӣ буд.?

Паёмбар (с) ӯро хеле зиёд дӯст медошт ва Суҳайб бо вуҷуди парҳезгорӣ ва тақвояш бозарофат ва ҳозирҷавоб буд.

Рӯзе Паёмбар (с) ӯро дид, ки хурмо мехӯрад ва як чашмаш варамида аст.

Паёмбар (с) хандида ба ӯ гуфт:

– Оё дар ҳоле, ки чашмат варам аст, хурмо мехӯрӣ?

Ӯ дарҳол чунин ҷавоб дод:

– Чӣ зараре дорад? Ман хурморо бо ин чашми дигарам мехӯрам!

Ва ӯ хеле саховатманд буд. Тамоми моҳонаи аз байтулмол ба ӯ расидаро дар роҳи Худо садақа мекард, мӯҳтоҷон ва дармондагонро ёрӣ медод. Ҳамчунон ки дар ояти карима омадааст: Ва ҳам бар дӯстии Худо ба фақир ва ятим ва асир таъом медиҳанд (Сураи Инсон, ояти 😎.

То ҳадде, ки саховати аз андоза берунаш таваҷҷуҳи Умарро бедор кард ва ба ӯ гуфт:

– Ман мебинам, ки хеле зиёд саховатмандӣ мекунӣ, гумон мекунам, ки исрофкорӣ менамоӣ.

Суҳайб чунин ҷавоб дод:

Ман аз Паёмбар (с) шунидаам, ки мегуфт:

– Беҳтарини шумо касест, ки дигаронро таъом медиҳад.

* * *

Ва агар зиндагонии Суҳайб моломоли фазилатҳо ва бузургиҳо бошад, пас интихоб кардани Умар ибни Хаттоб (р) ӯро барои имоматии мардум дар намоз, як фазилати иловагиест, ки зиндагонии ӯро аз ҷило ва азамат саршор месозад.

Дар он ҳангом, ки амири мӯъминон Умар (р) намози бомдод мегузорид ва ба ҷони ӯ сӯиқасд шуд ва эҳсос кард, ки мӯҳлати зиндагиаш ба охир расидааст, ба ёронаш ва асҳоб бо чунин калимаҳо васият кард:

– Бигузор бо мардум Суҳайб намоз гузорад.

Он рӯз Умар (р) аз саҳобагон шаш нафарро ихтиёр кард ва кори интихоби халифаи навро ба онҳо вогузор намуд.

Ва он касе, ки бо мардум намоз мегузорад, албатта халифа аст. Пас дар рӯзҳои холии байни вафоти халифа ва интихоби халифаи нав, кӣ мусалмононро дар намоз имоматӣ мекунад?

Ба дурустӣ, ки Умар (р) ва хусусан дар он лаҳзаҳое, ки рӯҳи поки вай роҳашро ба сӯи Худо пеш мегирад, пеш аз он, ки касеро ихтиёр кунад, ҳазор бор фикр мекунад ва саросема намешавад. Чун ихтиёр мекунад, ҳеҷ касе ин ҷо муносибтар аз касе нест, ки интихоби халифа ба ӯ меафтад.

Умар (р) Суҳайбро интихоб мекунад.

Ӯро барои он интихоб мекунад, ки дар намоз имоми мусалмонон бошад, то вақте халифаи нав бархезад ва ба анҷоми вазифаҳояш пардозад.

Ӯро интихоб намуд, ҳол он ки медонист, ки дар лаҳҷаи қироаташ осори ғайриарабӣ вуҷуд дорад, пас ин интихоб аз камоли неъмате буд, ки Худованд бар бандаи солиҳаш Суҳайб ибни Синон дода буд.

## 8. МУЪОЗ ИБНИ ҶАБАЛ
## Донотарини онҳо ба амри ҳалол ва ҳаром

Ҳангоме ки Паёмбари Худо (с) бо ансор ба байъати Ақабаи дуюм машғул буд, дар миёни ҷамъияти аз 70 нафар иборатбудаи ансор ҷавоне бо чеҳраи нуронӣ, зебо ва дандонҳои мисли барқ рӯшан менишаст. Ӯ бо оромӣ ва хомӯшиаш дидаи назорагарро хира мекард. Чун сухан мегуфт, боз зиёдтар чашми бинандаро дар шигифтӣ меафканд.

Ин ҷавон Муъоз ибни Ҷабал (р) буд.

Ӯ ин ҳангом яке аз мардони ансорӣ аст ва рӯзи Ақаба байъат намудааст, пас аз ҷумлаи аввалин собиқадорони ислом мебошад.

Ва марде, ки мисли ӯ дар имондорӣ ва яқин собиқаи сазовор дошта бошад, дар ягон маъракае аз ғазоҳо аз Расули Худо (с) дар канор намемонад.

Ва Муъоз низ ҳамчунин кард.

Илова бар ин бартарии чашмраси ӯ, фақеҳ будани ӯст.

Ӯ дар фиқҳ ва илм ба дараҷае расид, ки ба ин сухани Паёмбар (с) сазовор гардид: Донотарини уммати ман дар амри ҳалол ва ҳаром, Муъоз ибни Ҷабал аст.

Ӯ дар равшании ақл ва дар шуҷоъату фаҳму идрокаш ба Умар ибни Хаттоб (р) хеле монандӣ дошт. Рӯзе, ки Паёмбар (с) ӯро ба сӯи Яман мефиристод, аз ӯ пурсид:

– Ту аз рӯи кадом дастур ҳукм мекунӣ?

Гуфт:

–Ба китоби Худо.

Паёмбар (с) гуфт:

– Агар ҳукмеро дар китоби Худо пайдо карда натавонӣ чӣ?

Муъоз гуфт:

– Аз рӯи суннати Паёмбар (с) ҳукм мекунам.

Паёмбар (с) гуфт:

– Агар дар суннати Паёмбар ин ҳукмро наёбӣ?

Муъоз гуфт:

– Фикри худро барои ёфтани он ҳукм дар кӯшиш меандозам ва ҳаргиз кӯтоҳӣ ва сустӣ намекунам.

Пас рӯи Паёмбар (с) аз ғояти сурур дурахшид ва гуфт:

– Шукру сипос мар Худовандеро, ки фиристодаи Паёмбарашро муваффақ ба коре кард, ки Расули Худоро розӣ мегардонад.

Пас муҳаббат ва наздикии Муъоз ба китоби Худо ва суннати Паёмбар (с) ақлашро аз пайравии бинишаш маҳҷуб намесозад. Ва ақлашро аз дарки маъниҳои бузурги пушида, ки мунтазири шахсе ҳастанд, ки онҳоро кашф намояд манъ намекунад.

Ва шояд ин қудрати иҷтиҳоду шуҷоатмандӣ дар истифодаи фаҳмиш ва ақл ду чизе бошанд, ки Муъоз бо ин сарвати илмӣ аз бародаронаш фоиқ омада ва сазовори суханони тавсифии Паёмбар (с): Донотарин мардум дар амри ҳалол ва ҳаром, гардидааст.

Ва ҳамаи ривоятҳои таърихӣ, ӯро ҳамчун соҳиби ақли расо ва яқинкунанда ва забткунанда ва дар тамоми корҳо, ёбандаи роҳи ҳалли онҳо тасвир менамоянд.

Оизуллоҳ ибни Абдуллоҳ ба мо чунин нақл мекунад, ки рӯзе дар аҳди Умар (р) бо ҳамроҳии ҷамъе аз саҳобагон ба масҷиде даромадам. Дар маҷлисе, ки аз 30 нафар зиёдтар буданд, ворид шуда нишастем. Онҳо ҳамаашон аз Паёмбар (с) ҳадис ривоят мекарданд ва дар ҳалқаи онон ҷавоне буд гандумгун, бо чеҳраи ширини дилчасп ва нуронӣ. Ӯ ҷавонтарини онҳо буд аз рӯи синну сол. Вақте ки дар ягон ҳадисе чизе барояшон иштибоҳ мешуд, ба ӯ муроҷиат менамуданд. Ӯ фатво медод. Вале то намепурсидандаш сухан намегуфт. Чун маҷлис ба поён расид, ба ӯ наздик шуда пурсидам:

– Ту кӣ ҳастӣ, эй бандаи Худо?

Гуфт:

– Ман Муъоз ибни Ҷабал ҳастам.

Абумуслим ал-Хавлонӣ мегӯяд:

– Ман ба масҷиди Ҳамс даромадам ва дидам, ки ҷамоъаи мӯйсафедон як ҷавонеро гирд кардаанд, ки дандонҳои пешаш хеле дурахшон буданд (киноя аз сертабассум будани ӯст. – мутарҷим) ва ӯ хомӯш менишаст. Сухан намегуфт. Вақте дар чизе шакку шубҳа менамуданд, ба ӯ рӯй меоварданд ва аз ӯ мепурсиданд. Як ҳамнишинамро пурсидам, ки ӯ кист?

Гуфт:

– Муъоз ибни Ҷабал.

Дар дили ман муҳаббате нисбат ба ӯ пайдо шуд.

Шаҳру ибни Ҳавшаб чунин мегӯяд:

– Саҳобагон вақте сӯҳбати илмӣ менамуданд ва Муъоз дар миёнашон мебуд, ба сӯи ӯ тарсида нигоҳ мекарданд.

Ва ба таҳқиқ амири мӯъминон Умар (р) аз Муъоз бисёр машварат мепурсид.

Ва дар баъзе лаҳзаҳо, ки аз фикру илми Муъоз истифода намуда буд чунин мегуфт:

– Агар Муъоз намебуд, Умар ҳалок мегардид.

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки Муъоз дорои ақле буд сайқал ёфта ва дорои мантиқи таъсиркунанда ва қаноъатбахшанда.

Дар кучоe, ки ӯро аз миёни ривоятҳои таърихӣ начӯем, ӯро мӯҳрае мебинем миёни гарданбанд.

Ӯ доимо нишастааст ва мардум дар атрофаш ҳастанд.

Ва ӯ хомӯш аст ва сухан намегӯяд, магар вақте ки ҳамнишинон ба сухан гуфтанаш шавқманд гарданд.

Ва агар ҳамнишинон дар коре ихтилоф менамуданд, ӯро ба Муъоз ҳавола менамуданд, то дар он равшанӣ андозад ва он мушкилро ҳал намояд.

Вақте сухан мегуфт, чунон буд, ки яке аз муосиронаш васфаш намудааст:

– Гӯё аз даҳонаш нур ва дурр берун мешуд.

Ӯ ба ин мартаба дар илм ва дар бузургдошт аз тарафи мусалмонон дар лаҳзаҳои ҳаёти Паёмбар (с) ва баъди фавташ расид, дар он лаҳзае, ки ӯ ҷавон буд.

Муъоз дар айёми хилофати Умар (р) вафот намуд. Дар ин айём умри ӯ аз 33 сол нагузашта буд.

* * *

Муъоз даст, нафс ва ахлоқи ҷавонмардона ва босаховате дошт.

Ҳар чизеро, ки аз ӯ дархост мекарданд, бо камоли мамнуният ба суолкунанда медод.

Дар ҳақиқат ҷавонмардӣ ва саховаташ тамоми молашро бурда буд.

Ва Расули Худо (с) аз олам рафт, дар ҳоле ки Муъоз дар Яман буд. Дар он ҷое, ки Паёмбар (с) ӯро ба он ҷо фиристода буд, то мусалмононро илм биомӯзонад ва дар динашон онҳоро фақеҳ гардонад.

Дар аҳди хилофати Абубакр (р) Муъоз аз Яман баргашт ва Умар (р) огоҳ гашта буд, ки Муъоз сарватманд гардидааст, ӯ халифа Абубакрро ба он тарғиб намуд, ки як миқдори сарвату моли ӯро ба байтулмол бигирад.

Ва Умар (р) мунтазир наистод, балки бархост ва зуд ба сӯи ҳавлии Муъоз равона гардид ва ба ӯ сухани худро гуфт.

Ва Муъоз дасти пок ва виҷдони пок дошт ва агар сарватманд гардида бошад, пас ба дурустӣ, ки ӯ гуноҳе накардааст ва муртакиби шубҳае нагардидааст. Аз ин ҷиҳат пешниҳоди Умарро рад намуд ва ба ӯ дар бораи ин фикраш муноқиша кард.

Ва Умар (р) ӯро гузошт ва пас гашт.

Рӯзи дигар Муъоз ба суръат сӯи хонаи Умар (р) омад. Ва ҳамин ки чашмаш ба Умар (р) афтод, дарҳол ӯро ба оғӯш кашид ва оби дидагонаш аз суханонаш пештар берун омаданд ва гуфт:

– Воқеъан, имшаб дар хоб дидам, ки дар гирдобе афтидаам ва дар бораи нафси худ аз ғарқ шудан тарсонам, то ин ки ту омадӣ ва маро наҷот додӣ, эй Умар!

Ва ҳарду ба сӯи хонаи Абубакр (р) рафтанд ва Муъоз аз халифа тақозои онро намуд, ки як ҳиссаи моли маро бигир. Аммо Абубакр (р) гуфт:

– Ман аз ту чизе намегирам.

Пас Умар (р) сӯи Муъоз нигариста гуфт:

– Акнун ҳалол ва гуворо шуд.

Ҳаргиз Абубакри парҳезгор барои Муъоз як дирҳами воҳидро намегузошт, агар медонист, ки ӯ онро ба ғайри Ҳақ ба даст овардааст ва Умар (р) низ дар болои Муъоз тӯҳмат ё гумонеро бор накарда буд.

Он аср, як асре буд намунавӣ ва дар ботини худ қавмеро дошт, ки ҳамеша ба сӯи қуллаҳои камолоти дастрас сабқат мегузиданд. Қисме аз онҳо паррандаи парвозӣ буданд ва гурӯҳе давида мерафтанд ва гурӯҳе бо қадамҳои миёна.. вале ҳамаашон дар як қофилаи хайр равона буданд.

* * *

Ва Муъоз ба сӯи Шом ҳиҷрат намуд, то дар миёни аҳли муқимӣ ва мардуми аз дигар ҷойҳо оянда, ҳамчун муаллим ва фақиҳ зиндагонӣ намояд. Чун амири он вақтаи Шом Абуубайда, ки дӯсти

самимии Муъоз буд, вафот кард, амири мӯъминон Муъозро қоимақоми амири Шом таъйин намуд ва аз даврони амириаш чанд моҳе нагузашт, ки ӯ Парвардигорашро ҳамчун итоаткор ва руҷӯъкунанда мулоқот намуд.

Ва Умар (р) чунин мегуфт:

– Агар ман Муъозро халифа таъин мекардам ва Парвардигорам мепурсид, ки барои чӣ ӯро халифа таъин намудӣ? Ҳар оина мегуфтам:

– Аз Паёмбари ту шунидаам, ки мегуфт: Ба таҳқиқ аҳли дониш ва олимон вақте дар ҳузури Парвардигори тавоно ва бузург ҳозир мегарданд, Муъоз дар пеши рӯи онҳост.

Ва он хилофатеро, ки Умар (р) ин ҷо дар назар дошт, хилофат бар болои ҷамиъи мусалмонон буд, на бар сарзамине ва вилояте.

Чун аз Умар (р) пеш аз мавташ пурсида шуд:

– Чӣ мебуд агар ба сӯи мо аҳде мекардӣ (яъне, халифае ба нафси худат ихтиёр мекардӣ ва мо ба ӯ байъат мекардем).

Ӯ чунин ҷавоб дод:

– Агар Муъоз ибни Ҷабал зинда мебуд ва ӯро ҳоким таъин мекардам (яъне халифа), баъд аз он ба пеши Парвадигори тавоно ва бузурги хеш мерафтам, агар аз ман мепурсид: киро бар уммати Муҳаммад (с) таъин намудӣ, ҳар оина мегуфтам: ман Муъоз ибни Ҷабалро бар болои онҳо ҳоким таъин намудам, баъди он ки аз Паёмбар (с) шунидам, ки мегуфт: Муъоз ибни Ҷабал имоми уламо аст рӯзи қиёмат.

* * *

Рӯзе Паёмбар (с) гуфт:

– Эй Муъоз, қасам ба Худо, ки ман туро дӯст медорам, пас фаромӯш накун. Дар ақиби ҳар намоз гуфтани ин дуъоро: Бор Худоё, барои ёди худат ва шукри худат ва ба хубӣ ибодат намуданат, маро ёрӣ намо.

Оре, Худовандо маро ёрӣ деҳ. Расули Худо (с) ҳақиқатан дар дуъову тазарруъ ҷаҳдкунанда буд ва ба мардум таъкид менамуд, ки ғайр аз Худованди бузург касеро қудрат ва тавоноӣ бар расонидани ёрӣ нест ва такя ҷуз ба зоти ӯ раво нест, ки олимартаба ва бузург аст.

Пас ба таҳқиқ Муъоз дарсро хело хуб фаҳмида буд ва онро дар ҳаёти амалӣ татбиқ менамуд.

Як пагоҳӣ Паёмбар (с) ӯро мулоқӣ шуда пурсид:

– Чӣ гуна шабро саҳар намудӣ?

Муъоз гуфт:

– Шабро ҳамчун мӯъмини ҳақиқӣ ба субҳ расонидам, эй Расули Худо (с).

Паёмбар (с) гуфт:

– Барои ҳар ҳақ ҳақиқатест, пас ҳақиқати имони ту чист?

Муъоз гуфт:

– Ман ҳеҷ шаберо саҳар намекунам ҳаргиз, магар ки гумон мекунам, ки онро ба бегоҳ намерасонам.

Ва ҳеҷ рӯзеро ба бегоҳ намерасонам, магар гумон мекунам, ки то сабоҳ нахоҳам зист.

Ва ҳеҷ қадамеро намегузорам, магар гумон мекунам, ки баъди ин қадам, қадами дигаре нахоҳам гузошт.

Ва ба ман чунин тасаввур мегардад, ки ба сӯи тамоми умматҳо, ки ба зону афтодаанд ва барои хондани номаи аъмолашон даъват карда мешаванд, нигоҳ мекунам.

Ва гӯё ман мебинам аҳли ҷаннатро, ки дар ҷаннат ба зиндагии хуш машғуланд.

Ва аҳли оташи дӯзах дар оташ азоб карда мешаванд.

Пас Паёмбар (с) гуфт:

– Дуруст фаҳмидаӣ, пас инро ба худ лозим бигир.

Оре, ба таҳқиқ Муъоз тамоми вуҷуд ва тамоми тақдирашро барои Худо таслим намуда буд ва ӯ ғайри таълимоти Худо чизи дигареро намедид.

Ибни Масъуд ӯро чунин васф карда буд:

– Муъоз як шахси сарсупурда барои Худо буд, ки аз роҳи рост ба ҳеҷ сӯ майл надошт ва мо Муъозро ба Иброҳим ташбеҳ мекардем.

* * *

Муъоз ҳамеша дар ҷаҳду кӯшиши даъват барои талаби илм ва ба сӯи ёди Худо буд.

Мардумро ба ҷустуҷӯи илми дурусти нофеъ даъват мекард ва мегуфт:

– Аз лағжиши ҳакимон ҳазар намоед. Ва ҳақро ба воситаи Ҳақ бишиносед, ба дурустӣ, ки барои ҳақиқат як нурест.

Назари ӯ дар бораи ибодат, муътадилӣ ва миёнравӣ буд (яъне бе ифроту тафрит).

Рӯзе яке аз мусалмонон аз вай пурсид:

– Маро биёмӯз.

Муъоз пурсид:

– Ту маро итоъат мекунӣ, агар туро биёмӯзам?

Он мард гуфт:

– Ман барои итоати ту бисёр ҳарис ҳастам.

Муъоз гуфт:

– Рӯза бигир ва ифтор кун ва намоз бигузор ва хоб ҳам бикун. Ба касбу кор машғул бош, вале гуноҳ накун. Ва аз дунё берун марав, магар мусалмон. Ва парҳез кун аз дуъои бади мазлум.

Ӯ илмро маърифат ва амал медонист, пас мегуфт:

– Шумо ҳар чизеро, ки омӯхтан мехоҳед, биёмӯзед. Вале ҳаргиз Худованд ба илми шумо нафъе намедиҳад, то амал накунед.

Ва ӯ имон ба Худо ва зикри Худоро дар ду амал хулоса мекард. Аввалан ҳузури доимии қалб аз барои дарки азамати Худо, сониян тафтишу муроқибати ҳамешагӣ аз барои сулуки нафс.

Асвад ибни Ҳилол мегӯяд:

– Мо ҳамроҳи Муъоз мерафтем, Муъоз гуфт:

– Биё биншинем, то чанд лаҳзае имон биёварем, (яъне, бо ёди Худо машғул гардем).

Ва шояд сабаби бисёр хомӯш буданаш вобаста ба амали тааммул ва тафаккураш буд, ки ҳаргиз дар дохили нафсаш ором намеёфт. Ин баёнгари он маънист, ки ба Паёмбар (с) гуфта буд, ки: Ҳаргиз қадаме намегузорад магар гумон мекунад, ки баъди он қадами дигар шояд наандозад ин рӯҳия аз он ҷиҳат буд, ӯ ки дар ёди Худо ва дар муҳосабаи нафсаш хело мустағрақ буд.

* * *

Аҷали Муъоз наздик расид ва барои мулоқоти Худо даъват карда шуд.

Дар лаҳзаҳои бехудии омадани мавт, беихтиёр ҳақиқати ҳар фарди зинда аён мешавад ва бар забонаш ҷорӣ мегардад – агар сухан гуфта тавонад, суханҳоеро мегӯяд, ки кору зиндагонии он шахсро хулоса менамоянд.

Дар ин лаҳзаҳо Муъоз чанд калимаи бузурге гуфт, ки аз рӯи аъмоли ин марди мӯъмини бузург парда мебардорад.

Нигоҳи ӯ ба сӯи осмон дӯхта шуда буд ва дар ҳоле, ки ба Парвадигори худ муноҷот мекард, чунин мегуфт:

– Бор Худоё, ман то ин лаҳза аз ту хавф доштам, лекин имрӯз аз ту умедворам. Бор Худоё, ту огоҳӣ, ки ман дунёро барои равона кардани наҳрҳо ва шинондани дарахтҳо, дӯст намедорам. Вале барои ташнагии нимирӯзӣ (яъне рӯза гирифтан – мутарҷим) ва соъатҳо ранҷ кашидан (яъне ибодат) ва барои зиёд кардани илм ва имону тоъат дӯст медорам.

Ва мисли касе, ки бо марг салом мекунад, дасти росташро ба пеш дароз кард ва дар ҳолати сакарот ва беҳӯшии охирин лаҳзааш мегуфт:

– Хуш омадӣ марг. Маҳбубе дар лаҳзаи тангдастӣ омад.

Ва Муъоз ба сӯи Худо сафар кард.

## 9. АЛ-МИҚДОД ИБНИ АМР
## Нахустин шаҳсавори Ислом

Ҳамсӯҳбатон ва рафиқонаш дар бораи ӯ чунин гуфтаанд:

– Аввалин касе, ки аспаш ҳамроҳаш дар роҳи Худо давид, Миқдод ибни Асвад буд.

Ва Миқдод ибни Асвад, ҳамин диловари мо Миқдод ибни Амр аст. ӯ дар давраи ҷоҳилият бо Асвад ибни Абуяғус аҳду паймони ёрмандӣ баста буд, дар навбати худ Асвад ибни Абуяғус ӯро ба фарзандхондагӣ қабул кард. Ба ин муносибат ӯро Миқдод ибни Асвад гуфта ном мегирифтанд, то он замоне, ки ояти карима дар ин боб нозил шуда фарзандхондагиро бекор кард, пас ӯро дубора ба сӯи падараш Амр ибни Саъд нисбат медодагӣ шуданд.

Миқдод аз ашхоси собиқ дар ислом аст ва яке аз ҳафт нафар шахсонест, ки исломашонро ошкоро эълон намуданд, дар ҳоле ки насибаашонро аз дарду алам ва кинатузиҳои Қурайш дар як шуҷоъатмандии мардона ва масаррату хушҳолии ҳаввориёна (шогирдону пайравони содиқи паёмбарони пешинро ҳаворӣ меномиданд. – мутарҷим) гирифта буданд.

Ва дар рӯзи ҷанги Бадр Миқдод мавқиферо гирифта буд, ки мисли як лавҳаи зебое ҳусни худро ҳеҷ гоҳ гум нахоҳад кард.

Як мавқифи хеле устуворе, ки ҳар касе онро медид, орзу мекард, соҳиби ин мавқифи бузург бошад.

Абдуллоҳ ибни Масъуд, саҳобаи Паёмбар (с) чунин мегӯяд:

– Ман аз Миқдод як лаҳзаеро аз мавқифгириаш мушоҳида намудам, ки агар ман соҳиби он мавқиф мебудам, барои ман азизтар аз он мебуд, ки тамомии он чӣ дар рӯи замин аст, аз они ман бошад.

Дар он рӯзе, ки бо даҳшату ҳайбати зиёд оғоз гардид, Қурайш бо зӯроварии зиёд ва саркашиҳои боисрор ва фахру такаббури худ ба он ҷо рӯй оварда буд.

Дар он рӯз мусалмонон хеле кам буданд ва ҳоло дар ҷангҳое, ки барои дифоъи ислом буд озмуда нашуда буданд ва ин аввалин набарде буд, ки дар он дохил мегардиданд.

Ва Паёмбар (с) хост, то имони ҳамроҳонашро озмоиш намояд ва омодагиашонро барои мулоқоти лашкари бо пиёдаву саворахояш ба сӯи онҳо ҳуҷум оварда бисанҷад.

Ва нахуст дар ин кор машварат оғоз кард. Саҳобагонаш медонистанд, вақте Паёмбар (с) аз онҳо машварат мепурсад, ин корро ҳақиқатан анҷом медиҳад ва аз ҳар кас талаби онро дорад, то фикреро, ки қалбашро қаноъат медиҳад, иброз кунад. Пас агар касе ягон фикре бигуяд, ки хилофи фикри ҷамоъат ҳам бошад, ҳеҷ боке нест ва маломат ҳам карда намешавад.

Ва Миқдод аз он хавф бурд, ки шояд дар байни мусалмонон шахсоне бошанд, ки дар шаъни ин маъракаи ҷанг, дар дил ҳазар ё афкори ғайримақбул дошта бошанд.

Ва қабл аз он ки касе аз ӯ пештар сухан гуяд, қасд намуд пештар аз ҳама сухан кунад ва бо суханони қотиъи худ шиъори маъракаро тарҳрезӣ намуда дар ташкили замири ҷамъият саҳм гузорад.

Вале пеш аз он ки лаб ба сухан кушояд, Абубакри Сиддиқ (р) ба сухан гуфтан оғоз намуд ва Миқдод хеле ором гардид, пас Абубакр (р) хуб сухан намуд ва баъди вай Умар ибни Хаттоб (р) сухан кард ва сухани хуб гуфт. Баъд аз он Миқдод пеш омаду гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с)! Ба он чизе ки Худо туро донондааст, иқдом кун, пас мо ҳамроҳат ҳастем. Қасам ба Худо, ба ту он суханонеро, ки фарзандони Исроил ба Мӯсо (ъ) гуфтанд, намегуем (ки гуфта буданд: ту бо ҳамроҳии Парвардигорат рафта бо онҳо биҷанг, мо ин ҷо менишинем), балки мо ба ту чунин мегуем: Бирав ту бо ҳамроҳии Парвардигорат бо онҳо биҷанг, мо ҳам ҳамроҳат дар ҷанг иштирок хоҳем кард.

Қасам ба зоте, ки туро ба ростӣ фиристодааст, агар моро то Баркилғимод бубарӣ, ҳар оина барои расиданат ба он ҷо ҷаҳду кӯшиш менамоем, то ба он ҷой бирасӣ. Ва аз тарафи дасти ростат қитол хоҳем намуд ва аз тарафи дасти чапат ва аз пеши рӯят ва аз пуштат. То вақте Худованд бар ту фатҳ ва нусрат ато фармояд.

Суханони ӯ мисли тирҳои паррондашуда берун омаданд ва рӯи Паёмбар (с) аз хушҳолӣ шукуфт ва забонаш ба дуъои нек дар ҳақи Миқдод кушода шуд ва рӯҳи қудрати суханони қотиъе, ки Миқдод ибни Амр ба сӯи мардум партоб кард, дар ин ҷамоъаи мӯъминон таъсири худро гузошт ва бо қудрату қаноъатбахшии хеш навъи

суханро барои касе, ки сухан гуфтан мехост, қолабрезӣ намуд ва тарзи ривоят карданро барои касе, ки ривоят кардан мехост, муайян намуд.

Оре, ба ҳақиқат суханони Миқдод дар дили мӯъминон таъсири амиқ расонданд, пас Саъд ибни Муъоз, пешвои ансор бархост ва гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ба дурустӣ ба ту имон овардем ва туро тасдиқ намудем ва гувоҳӣ додем, ки ҳар он чизеро, ки ту овардаӣ ҳақ аст. Ва дар бораи ин амр бо ту аҳду паймон намудем. Пас эй Паёмбари Худо (с) ба ҳар коре дилат мехоҳад, иқдом кун, мо ҳамроҳат ҳастем. Қасам ба зоте, ки туро ба ростӣ фиристодааст, агар ҳамроҳи мо ба баҳр рӯ ба рӯ шавӣ ва дар баҳр дароӣ, мо ҳамроҳат дохили он медароем ва аз мо ягон нафар аз амрат тахаллуф наметварзад ва моро бад намеояд агар фардо бо ҳамроҳии мо бо душманони мо рӯ ба рӯ гардӣ.

Ба ҳақиқат, мо ба мисли кӯҳҳо ҳастем дар ҷанг ва сахт собиту устувор ҳастем дар вақти рӯ ба рӯ омадан дар ҷанг. Шояд, ки Худованд аз ҷониби мо чизе туро бинамояд, ки боиси равшании чашми ту гардад.

Пас моро бо баракати Худованд ба сӯи пеш бубар.

Дили Паёмбар (с) аз башорат лабрез гардид ва ба асҳоб гуфт:

– Равона шавед ва башорат ёбед!

Ва ду гурӯҳ дар муқобили якдигар истоданд.

Ва аспсаворони мусалмон он рӯз се нафар буданд: Миқдод ибни Амр, Мурсид ибни Абимурсид ва Зубайр ибни Аввом. Дар ҳоле, ки боқӣ ҳамаи муҷоҳидон пиёда ё савори уштур буданд.

* * *

Ба таҳқиқ он калимаҳои Миқдод, ки пештар зикрашон гузашт, фақат аз шуҷоъати ӯ хабар намедиҳанд, балки як ҳикмати олӣ ва андешаи амиқеро аз ҷониби ӯ барои мо муҷассам менамоянд.

Ва Миқдод ҳамчунин буд.

ӯ шахси боҳикмат ва ҳӯшёр буд, вале ҳикмати ӯ танҳо бо роҳи сухан аз нафси ӯ таъбир намекард, балки аз рӯи асосҳои нофиз ва амали рости комил аз нафси ӯ таъбир менамуданд ва таҷрибаҳои ҳаёташ барои ҳикматҳояш ғизо ва барои зиракиву ҳӯшёриаш серобкунанда буданд.

Паёмбари Худо (с) ӯро дар баъзе ҷойҳо амир интихоб намуд, пас вақте аз маъмурият бозгашт, Паёмбар (с) аз ӯ пурсид:

– Аморатро чӣ тавр ёфтӣ?

ӯ бо як садоқати бузург чунин ҷавоб дод:

– Аморат маро чунон гардонид, ки ба нафси худ нигоҳ карда гумон менамудам, ки аз ҳамаи мардум болотарам ва ҳамаи онҳо аз ман пасттаранд.

– Қасам ба зоте, ки туро ба ростӣ фиристодааст, аз ҳамин рӯз эътиборан ҳаргиз бар болои ду нафар амирӣ намекунам.

Агар ин ҷавоб ва гуфтор ҳикмат набошад, пас чӣ чиз ҳикмат аст?

Вақте ки ин шахс ҳаким набошад, пас кӣ ҳаким аст?

Марде, ки дар бораи нафсаш ва заъфу камбудиҳояш низ дурӯғ намегӯяд, чун мансабдор мешавад, нафсашро ғурур ва ҳавобаландӣ фаро мегирад ва дар нафси худ ин заъфро мушоҳида менамояд ва қасам мехӯрад, ки нафсашро аз он ҷойҳое, ки сарчашмаи ин хислатҳои бад ва заъфҳо аст, дур нигоҳ медорад ва баъди ин таҷриба аморатро рад менамояд ва аз он дурӣ меҷӯяд. Баъд ба қасамаш содиқ мемонад ва ҳаргиз амир намешавад.

Ба таҳқиқ ӯ доимо ин ҳадисеро, ки аз Паёмбар (с) шунида буд, такрор мекард:

– Ҳаққо, ки шахси хушбахт касест, ки аз фитнаҳо худро канор бигирад.

Вақте ки ӯ дар аморат як худписандиву ғуруре мушоҳида менамояд, ки ӯро дар ғалатфаҳмӣ меандозад ё ин ки қариб аст ӯро дар фитна андозад, пас саъодати ӯ дар дур истодан аз ин аморат аст.

Аз ҳикматҳои зоҳир ва ҳувайдои ӯ сабру таҳаммулаш дар ҳукм намудан бар болои мардон аст. (яъне барои хуб ё бад гуфтани касе дарҳол қатъан хулоса намебаровард – мутарҷим).

Ва инро низ аз Паёмбар (с) омӯхта буд. Дар ҳақиқат Паёмбар (с) онҳоро огоҳ намуда буд, ки қалби фарзандони одам дар дигаргуншавӣ аз деги ҷӯшон тезтар аст.

Ва Миқдод ҳукми охирашро дар бораи ҳар фарди мардум, то охирин лаҳзаи мавташон умед мекард, то аниқ шавад, ки он ҳукмеро, ки ӯ мебарорад, тағйир намеёбад ва бар болои зиндагии

он шахс ягон тағйироти нав намеояд, зеро чӣ тағйире ва чӣ ҳолати наве баъди марг омада метавонад.?

Ва ҳикмати ӯ дар асоси таҷрибаҳои хеле возеҳ дар зимни ин гуфтугӯе, ки яке аз ҳамсӯҳбатонаш ва ҳамнишинонаш ба мо нақл менамояд, зоҳир мегардад.

Ӯ мегӯяд:

– Рӯзе дар назди Миқдод нишаста будем, пас аз пеши ӯ марде гузашт.

Ӯ ба Миқдод хитоб намуда гуфт:

– Хушо ба ин чашмон, ки Паёмбари Худоро дидаанд. Қасам ба Худо, мо дӯст медорем, ки он чизеро, ки ту дидаӣ, бубинем ва он чизеро, ки ту дар он ҳозир будӣ, мо низ ҳузур медоштем.

Миқдод ба ӯ рӯй оварду гуфт:

– Чӣ чизе боиси он мегардад, ки яке аз шумо як машҳадеро орзу намояд, ки Худо аз вай пӯшида доштааст. Ва ӯ намедонад, ки агар дар он лаҳза дар он ҷо ҳузур медошт, чӣ гуна рафтор мекард? Ба таҳқиқ ҳамасри Паёмбар (с) чандин фирқаҳое буданд, ки Худованди тавоно ва бузург онҳоро сар ба поён ба сӯрохиҳои биниашон ба ҷаҳаннам андохт. Оё шумо сипосгузорӣ намекунед Худоеро, ки шуморо аз он гирифтории онҳо барканор намуд ва шуморо мӯъмин ба Парвардигоратон ва ба Паёмбаратон берун овард?

Ҳикмат, чӣ ҳикмати бузурге!

Ба таҳқиқ ту ҳеҷ муъминеро, ки Худо ва Расули ӯро дӯст медорад намеёбӣ, ки орзӯи замони Паёмбар ва дидани ӯро надошта бошад.

Валекин басирати Миқдоди зирак ва ҳаким як чизи дури гумшударо дар зимни ин орзу ва хоҳиш кашф менамояд.

Оё аз ҷумлаи эҳтимолот нест барои ин шахси орзукунанда, ки агар ӯ дар он замон зиндагонӣ мекард, шояд аз ҷумлаи бошандагони дӯзах мебуд?

Оё эҳтимоли онро надорад, ки шояд ҳамроҳи кофирон ӯ низ кофир мешуд?

Ва оё ин беҳтар нест, ки Худовандро сипосгузорӣ кунад барои ин ки ӯро дар як асре зиндагонӣ дод, ки дини ислом дар он вақт

қарор ва субот пайдо намудааст, пас онро покиза ва бемашаққат ба даст овардааст?

Ин фикри Миқдод аз рӯи ҳикмат ва дурандешӣ, андешаи олист ва дар ҳама мавқифгириҳояш ва таҷрибаҳояш ва суханонаш ӯ ҳамин гуна як шахси дурандеш ва ҳаким буд.

* * *

Миқдод нисбати ислом муҳаббати беандоза дошт.

Муҳаббати беандоза ва бо зевари донишу ҳикмат пироста аз соҳиби худ як инсони бузурге месозад, ки орзуву ҳаваси ӯ танҳо дар лаззати вуҷуди муҳаббат набуда, балки лаззати онро дар масъулиятҳо ва амал дармеёбад.

Миқдод аз ҳамин қабил инсонҳо буд.

Пас муҳаббати Паёмбар (с) дил ва ҳастии ӯро аз масъулияти саломатии Паёмбар (с) essончунон пур сохта буд, ки агар як овозаи нооромиро дар Мадина мешунид, магар ки Миқдод дар як задани чашм дар назди дари хонаи Паёмбар (с) ҳозир мешуд, дар аспаш савор ва шамшери кашида дар даст.

Ва муҳаббаташ ба ислом дили ӯро аз масъулият нисбати ҳимояти ислом ончунон пур намуда буд, ки на танҳо аз макри душманони ислом, балки аз хатои дӯстонаш низ эҳтиёт мекард.

Ӯ рӯзе бо як гурӯҳи ҷанговарон ба сӯе равон шуд. Душманон дар он ҷо тавонистанд, ки атрофи мусалмононро муҳосира намоянд. Пас амири сария (гурӯҳи ҷанговароне, ки Паёмбар (с) дар он ҷо набошад) ҳукм баровард, ки ҳеҷ кас аспашро барои чаро сар надиҳад, валекин яке аз ҷанговарон, аз ин фармон он қадар огоҳии хуб надошт, аспашро ба чаро бурд ва ин мухолифи амри амир гардид. Пас аз ҷониби амир ҷазои зиёдтаре аз он миқдоре, ки мустаҳиқ буд, гирифт ва шояд умуман лоиқи ҳеҷ уқубате набуд.

Пас Миқдод аз назди он мард гузар кард, ки мегирист ва фарёд мекард. Аз ӯ сабаб пурсид. Ӯ аз ҳодисаи рӯйдода ӯро огоҳ сохт.

Миқдод дасти ӯро гирифт ва ҳар ду назди амири лашкар омаданд ва Миқдод бо амир дар муноқиша шуд, то ин ки хатои ӯро исбот кард ва ба ӯ гуфт:

– Акнун иҷоза бидеҳ, то аз ту қисосашро бигирад.

Ва амир низ таслим шуд, магар ки он ҷанговар ӯро бахшид. Миқдод аз лаззати ин саҳна ва аз азамати ин дине, ки ба онҳо ин

иззатро дода буд, гӯё сармаст гардид. ӯ замзамакунон ин суханонро зери лаб такрор мекард:

– Ман мемирам дар ҳоле, ки ислом боиззатаст.

Оре, ин буд орзуи Миқдод, ки бимирад дар ҳоле, ки ислом азиз бошад. Зеро ҳамроҳи сабру таҳаммулкунандагон, ӯ сабру таҳаммули зиёд намуд барои ба амал овардани ин орзу ва ӯ лоиқи он гардид, ки Паёмбар (с) барояш бигуяд:

– Худованд маро амр намуд барои дӯст доштани ту ва маро огоҳ намуд, ки ӯ (яъне Худованд) туро дӯст медорад.

## 10. САЪИД ИБНИ ОМИР
### Бузургӣ таҳти ҷандалибосҳо

**Кадоме аз мо ин номро медонем ва кадоме аз мо аз ин пеш ин номро шунидааст?**

Гумони асл ин аст, ки агар ҳамаи мо набошад, ҳам аксари мо ин номро аз ин пеш нашунидаем. Ман тасаввур мекунам, ки чун ин номро мехонед, мепурсед: Саъид ибни Омир кӣ бошад?

Оре, ба зудӣ хоҳед донист, ки ин шахси саодатманд кист!

* * *

Ӯ яке аз саҳобагони бузурги Расули Худост, агарчанде ки номи ӯ он шӯҳрату овозаи одатиеро, ки номҳои дигар саҳобагони бузург доранд, надорад.

ӯ яке аз бузургони аҳли тақво мебошад.

Ҳарчанд илова ва такрор шавад ҳам, мебояд ишора кард, ки ӯ дар тамоми набардҳо бо Паёмбар (с) ҳамроҳ буд. Ин амал тариқаи тамоми мусалмонон буд ва ҳеҷ мӯъмине ҳаққи онро надошт, ки аз Паёмбари Худо (с) дар ҳолати сулҳ ва ё ҷиҳод тахаллуф варзад.

Саъид пеш аз фатҳи Хайбар ислом овард ва аз лаҳзае, ки пойбанди ислом шуд, бо Паёмбар (с) байъат намуд. Тамоми ҳаёт, вуҷуд ва зиндагиашро ба ҳардуи онҳо бахшид.

Пас тоъат, зуҳд, бузургӣ, парҳезгорӣ ва баландмартабагӣ.

Ҳама фазилатҳои бузургӣ дар ин инсони пок ҳамчун бародар, дӯст ба андозаи хеле бузург ёфт мешаванд.

Дар ҳоле, ки барои мулоқоти ин шахс ҷаҳд дорем, ба мо лозим аст, зирак бошем, то дар дидани азамати ӯ фиреб нахӯрем ва нагузорем, ки аз пеши назари мо дар гӯшае монад ва нодида гирифта шавад.

Чун чашми кас дар байни издиҳом ба Саъид бияфтад, чизеро дида наметавонад, ки ӯро ба истодан ва андешидан водорад.

Зеро чашми бинанда як шахсеро аз афроди ин қофилаи пешқадам мебинад. Бо мӯи жӯлида ва ғуборолуд. Дар сару либос ва шакли зоҳириаш чизе нест, ки ӯро аз фуқарои мусалмонон фарқ кунонад.

Вақте ки мо аз сару либос ва шакли зоҳириаш ба сӯи ҳақиқати ӯ далел биҷӯем, мо чизеро намебинем. Зеро азамати ин мард аз рӯи асолат болотар аз он аст, ки дар зимни ягон мазоҳири сарвату боигарӣ ҳувайдо гардад.

Бузургии ӯ дар соддагӣ ва ҷандалибосҳои ӯ ниҳон аст.

Оё луълуъро мебинед, ки дар шиками садаф ниҳон аст? Ин шахс ба ин мисол шабеҳ аст.

* * *

Ҳангоме ки амири мӯъминон Умар ибни Хаттоб (р) Муъовияро аз волигии Шом барканор кард, ба атрофи худ нигариста шахсеро ҷустуҷӯ мекард, ки дар ҷои Муъовия ӯро сардор таъин намояд.

Ва услуби Умар (р) дар ихтиёр кардани роҳбарон ва муъовинонаш як услубест, ки ниҳояти ҳазарро дар диққат ва таҳаммул ҷамъ месозад. Ин аз он сабаб буд, ки ӯ боварӣ дошт ҳар хато ва камбудие, ки ягон роҳбари таъиннамудаи ӯ анҷом бидиҳад, дар ягон сарзамини дур ҳам бошад, Худованд ду нафарро таҳти пурсиш қарор медиҳад: аввалан Умарро ва дуввум соҳиби он хато ва камбудиро.

Ва меъёрҳои Умар (р) дар арзишгузории мардум ва интихоби волиҳо дақиқ ва ҳама ҷониба иҳотакунанда ва чашмрас буданд.

Вилояти Шом дар он рӯзҳо маркази бузурги тамаддун буд ва зиндагонӣ дар ин сарзамин асрҳо андаруни тамаддуни пешрафта ҷараён дошт. Шом маркази муҳими тиҷорат ҳам ба шумор мерафт ва ҷои фаровонии нозу неъматҳо низ буд ва ӯ аз ин сабабҳо ва барои ин сабабҳо маҳали ангезаҳо буд ва барои роҳбарии он ҷо ба фикри Умар (р) як шахси рӯҳонии хеле бузург ва ботақво лозим буд, то тамоми шайтонҳои бероҳкунанда дар назди парҳезгориаш гурезон бошанд. Шахсияти дунёбезор, ибодатгор, доимуттоъат ва руҷӯъкунанда ба сӯи Худованди бузург лозим буд.

Ва Умар (р) фарёд кашид:

– Ёфтамаш, Саъид ибни Омирро ба назди ман биёваред!

Ва баъдтар Саъид ба назари амири мӯъминон меояд ва халифа ба ӯ роҳбарии вилояти Ҳамсро пешкаш менамояд.

Валекин Саъид узр пурсида рад мекунад ва мегӯяд:

– Маро дар фитнаи дунё наандоз, эй амири мӯъминон.

Умар (р) фарёд мекашад:

– Қасам ба Худо, ки туро раҳо намекунам, оё амонатҳоятонро ва хилофататонро дар гардани ман бор мекунед ва баъд аз он маро танҳо мегузоред?

Ва Саъид дарҳол қаноъатманд мешавад, зеро суханони Умар (р) касро қонеъ мегардонданд.

Оре, ин аз рӯи адолат нест, ки амонат ва хилофатро ба ӯ банданд, баъд аз он ӯро танҳо бигузоранд.

Агар шахсоне мисли Саъид ибни Омир аз масъулияти роҳбарӣ бигурезанд, Умар (р) аз куҷо нафаре ёбад, то ӯро дар мушкилоти ин роҳбарии сангин ёрӣ кунанд?

Саъид ба сӯи вилояти Ҳамс раҳсипор шуд ва завҷааш ҳамроҳаш буд ва ҳарду арӯсу домоди нав буданд ва занаш аз кӯдакиаш хеле соҳибҷамол буд. Умар (р) барои Саъид як миқдор мол роҳхарчӣ ҷудо намуд. Чун дар вилояти Ҳамс қарор гирифт, завҷааш хост, ки ҳаққи худашро ҳамчун зан аз он моле, ки Умар (р) барои харҷ ба Саъид дода буд, истифода барад. Ӯ ба Саъид маслиҳат дод, ки аввалан сару либоси мувофиқ барои худашон биханд ва асбобу анҷоми хона ва боқиро захира намоянд.

Саъид ба ӯ гуфт:

– Оё туро ба чизе, ки аз ин беҳтар бошад, далолат намоям? Мо дар як мамлакате ҳастем, ки тиҷораташ фоидаовар аст ва бозораш хеле роиҷ аст. Мо бояд молро ба ягон касе бидиҳем, то ӯ бо тиҷорат зиёдаш намояд.

Завҷааш гуфт:

– Агар он шахс зиён бинад чӣ?

Саъид гуфт:

– Аввал товонашро ба ӯҳдааш мегузорам.

Занаш гуфт:

– Ин тавр бошад, хеле хуб.

Саъид пулро гирифта берун рафт ва баъзе чизҳое, ки барои зиндагии қашшоқонаи онҳо зарур буд, харидорӣ намуд. Ва боқимондаи молро ба фақирон ва мӯҳтоҷон сарфу харҷ кард.

Рӯзҳо мегузаштанд. Гоҳ-гоҳ занаш аз он тиҷораташ ва аз замони расидани фоидаҳояш пурсон мешуд.

Саъид ҷавоб медод, ки ин тиҷорати мо хеле судманд ва муваффақ аст ва фоидаҳояш зиёд гашта истодаанд.

Рӯзе занаш дар ҳузури яке аз хешовандони Саъид, ки аз ҳақиқати амр огоҳ буд, боз ҳамон суолашро ба Саъид дод. Саъид табасуме намуд, баъд хандид ва бо ин рафтор дар дили зан шак ва нобоварӣ андохт. Занаш исрор намуд, ки ӯро аз ҳақиқати амр огоҳ созад. Пас гуфт:

– Он молро ҳамон рӯз ба садақа додам.

Занаш аз он ки аз он мол фоидае нашуд, аз алам гирён шуд. Зеро на барои худаш чизи дилхоҳе харид ва на мол боқӣ монд.

Саъид ба сӯи занаш нигоҳ кард ва ашки бо алам рехтааш ӯро зеботар ва дилработар намуда буд.

Пеш аз он ки ин ҳолати дилфиреб дар қалбаш заъфе эҷод намояд, нигоҳашро ба сӯи ҷаннат равона намуд. Дар он ҷо дӯстони собиқашро, ки аз дунё риҳлат намуда буданд, дид ва гуфт:

– Ман дӯстоне доштам, ки пеш аз ман ба сӯи Худо рафтанд ва ман дӯст намедорам, ки аз роҳи интихобнамудаи онҳо мунҳариф шавам, агарчанде барои ман дунёро бо ҳама доройяш бидиҳанд.

Чун хавф бурд, ки мабодо занаш бо истифода аз ҳусну ҷамолаш ба болои ӯ ҷуръат ёбад, чунин гуфт:

– Бидон эй зан, ки дар ҷаннат аз занони шаҳлочашми сиёҳчашм ва некӯхислати зеборӯй чандон ҳаст, ки агар яке аз онҳо бар рӯи замин зоҳир гардад, тамоми рӯи заминро рӯшноӣ фаро мегирад ва нури ҷамоли яке аз онҳо бар рӯшноии офтобу моҳ ғолиб меояд. Агар туро барои онҳо қурбонӣ кунам (яъне аз даст бидиҳам) ин беҳтару хубтар аст, аз он ки онҳоро барои ту қурбон созам.

Ва суханашро ҳамчунон ки бо оромӣ, табассум ва ризомандӣ оғоз намуда буд, ба охир расонид.

Ва занаш низ ором гардид ва дарк намуд, ки ҳеҷ чиз беҳтар аз он нест, ки дар роҳи интихобкардаи Саъид биравад ва нафсро барои пайравии Саъид дар дунёбезорӣ ва тақво маҷбур созад.

* * *

Дар он рӯзҳо Ҳамсро Куфаи дуввум мехонданд ва сабаби ин васф аз бисёрии саркашӣ ва ихтилоф нисбати ҳокимонашон буд.

Ва аз сабабе, ки Куфа дар Ироқ дар саркашӣ ва ихтилоф аз дигарон пешқадамтар буд, Ҳамс номи онро ба худ гирифт, вақто ки дар ин саркашӣ ба он монандӣ кард.

Бо вуҷуде, ки мардуми Ҳамс дар саркашӣ хеле ҳарис буданд, Худованд дилҳои онҳоро ба сӯи бандаи солиҳаш Саъид ҳидоят намуд. ӯро дӯст доштанд ва итоъаташ намуданд.

Рӯзе Умар (р) ба ӯ гуфт:

– Аҳли Шом туро дӯст медоранд.

Саъид ҷавоб дод:

– Зеро ман низ онҳоро ёрӣ ва ҳамдардӣ мекунам.

Бо вуҷуди муҳаббати зиёд доштани сокинони Ҳамс нисбати Саъид, рӯй додани баъзе ранҷиш ва шикоятҳо амрест табиӣ. Ақаллан барои он ки Ҳамс собит кунад, ки ҳоло ҳам барои Куфаи Ироқ рақиби қавӣ аст.

Вақте, ки амири мӯъминон Умар (р) Ҳамсро зиёрат мекард, дар байни як ҷамоъати хеле зиёд аз мардуми он ҷо пурсид, ки дар бораи Саъид чӣ мегуед?

Баъзе нафароне ёфт шуд, ки пеш омада аз вай шикоят намуданд ва ин шикоятҳо хеле муборак буданд, зеро ба бисёр ҷанбаҳои азамати ин бузургмард равшанӣ андохтанд.

Умар (р) аз маҷмӯъи шикояткунандагон талаб намуд, ки ҳар нуктаи шикояташонро алоҳида-алоҳида баён намоянд. Аз ҷумлаи шикоякунадагон аз ҷониби ҳамаашон яке вакил шуда чунин гуфт:

– Мо аз чор чиз шикоят дорем:

Аввалан, ин ки то рӯз равшан нашавад, ба назди мо намебарояд.

Дуввум, ҳеҷ касро дар шаб ҷавоб намедиҳад.

Саввум, ӯ дар моҳе ду рӯз аслан аз хона берун намеояд ва ӯро намебинем.

Чаҳорум, агарчӣ ин ба ихтиёраш нест, вале моро ба танг овардааст ва ин он аст, ӯро беҳӯшӣ фаро мегирад, гоҳ-гоҳе беҳӯш мешавад.

Марди шикояткунанда бинишаст.

Умар (р) чанд лаҳза ба фикр фурӯ рафта ва бо Худо зери лаб розу ниёз мегуфт :

– Бор Худоё, ман Саъидро аз ҷумлаи бандагони солиҳ мешуморам. Худоё, дар бораи ӯ фаросат ва одамшиносии маро ноумед магардон.

Халифа Саъидро барои дифоъ аз худаш даъват намуд.

Саъид гуфт:

– Шикояташон, ки ман то рӯз чошт нашавад ба наздашон намебароям, ҳақ аст. Қасам ба Худо, ки ман макруҳ мешуморидам, ки сабаби онро зикр намоям. Сабабаш ин аст, ки ман барои хонаводаам хидматгор надорам ва худам хамирамро мешӯрам ва мегузорамаш, то бирасад, баъд нонамро мепазам, баъд барои чошт таҳорат мекунам, баъд ба пешашон мебароям.

Ва рӯи Умар (р) аз шунидани ин сухан шукуфт ва гуфт:

– Алҳамдулиллоҳ, акнун дуввумашро бигӯ?

Ва Саъид ба суханаш идома дод.

– Ва шикояти дигар, ки ман ҳеҷ касро дар шаб ҷавоб намедиҳам. Қасам ба Худо, ки зикри сабаби онро низ макруҳ мешуморидам, ман рӯзро барои онҳо ва шабро барои Худованд махсус гардонидам (яъне шаб намоз мехонам).

Ва аммо сабаби он ки ду рӯз дар як моҳ умуман берун намеоям, ин аст, ки ман ёваре надорам, ки либосҳои маро бишӯяд ва ман либосе надорам, ки онҳоро иваз кунам. Пас, ман либосҳоямро худам мешӯям, баъд мунтазир мешавам чанд муддате, то онҳо хушк шаванд ва дар охири рӯз ба пеши онҳо хориҷ мешавам.

Ва сабаби чорум, ки гоҳ-гоҳе маро беҳӯшӣ фаро мегирад, ин аст, ки ман дар вақти қатли Хубайби ансорӣ дар Макка ширкат доштам ва ба таҳқиқ мушрикони Қурайш гӯшти бадани ӯро пора-пора намуда буданд ва ӯро бар шохи як дарахт овехтанд ва дар вақти ин азобу кулфат аз вай пурсиданд, ки оё ту дӯст медорӣ, ки дар ҷои ту Муҳаммад (с) бошад ва ту солиму тандуруст бошӣ?

ӯ чунин ҷавоб дод: Қасам ба Худо, ки дӯст намедорам, ки ман дар миёни аҳлу фарзандонам бошам ва тамоми осоиши дунё ва неъматҳояш аз ман бошанд, вале ба бадани Паёмбар (с) хоре халад.

Пас ҳар вақте ин саҳнаеро, ки дидам, ба ёдам мезанад ва ҳол он ки ман дар он вақт аз ҷумлаи мушрикон будам, баъд аз он чун дар он рӯз ёрӣ надоданам ба Хубайб ба хотирам меояд, аз тарси азоби Худо меларзам ва маро беҳӯшӣ фаро мегирад.

Ва суханони Саъид дар ҳоле ба охир расиданд, ки сару рӯяш аз ашк тар буданд.

Ва Умар (р) дигар худашро нигоҳ дошта натавониста аз ғояти хурсандӣ фарёд кашид:

– Алҳамдулиллоҳ, сипосу ситоиш барои Худованде, ки орзуву омоли маро ноумед насохт!

Ва Саъидро ба оғӯш кашид ва пешонаи поку бузурги ӯро бӯсид.

* * *

Чӣ насибаи бузургеро ин қабил мардумон ба даст овардаанд?

Чӣ муаллими бузурге буд Паёмбари Худо (с)?

Чӣ нури равшан ва гузароест Китоби Худо?

Чӣ мадрасаи илҳомбахш ва таълимдиҳандае аст, дини ислом?

Валекин оё замин бардошти онро дорад, ки дар болои ӯ аз ин қабил одамон зиёд бошанд?

Агар чунин шавад, дигар онро замин гуфта намешавад, зеро ӯ ҷаннат ном мегирад.

Оре, замин ба ҳамон ҷаннати ваъда кардашуда мубаддал мегардад.

Ва азбаски ҳоло замони биҳишт нарасидааст, онон ки аз ин қабил шахсиятҳои бузурганд ва зиндагониро сипарӣ менамоянд ва дар рӯи замин мегузаранд, доиман хеле кам ҳастанд ва нодиранд.

Саъид ибни Омир яке аз онҳост.

Моҳона ва даромади ӯ аз рӯи вазифа ва амалаш хеле зиёд буд, вале ӯ ба ғайри он миқдоре, ки ба худаш ва занаш кифоя намояд, зиёд намегирифт ва боқимондаашро ба камбизоъатон тақсим мекард.

Рӯзе ба ӯ гуфтанд:

– Ту аз ин неъматҳои зиёд барои хонаводаат ва хусуронат бидеҳ.

ӯ чунин ҷавоб дод:

– Ба ман аҳли байт ва хусурон чӣ лозим? Қасам ба Худо ман ризои Худовандро ба ризои хешу табор иваз намекунам.

Ва ба ӯ аз ин қабил суханон хеле зиёд мегуфтанд. Ту барои нафси худат ва аҳли байтат дар нафақа кардан саховатмандӣ бикун, аз лаззатҳои зиндагӣ бархурдор шав.

Вале ӯ доим як ҷавоб медод ва ин сухани бузургро такрор мекард:

– Ман гурӯҳи собиқинро мухолифат карданӣ нестам. Баъд аз он ки аз Паёмбари Худо (с) шунидам, ки мегуфт:

– Худованди азизу тавоно мардумро барои ҳисоб гирд меорад, пас фуқарои мусалмонон меоянд, ки мисли кабутарон тез ҳаракат

мекунанд, ба онҳо гуфта мешавад, барои ҳисобу пурсиш боз истед, онҳо мегӯянд: мо дар дунё чизе надоштем, ки ҳисобот бидиҳем, пас Худованд мегӯяд: Бандагони ман рост мегӯянд, аз ин сабаб пеш аз дигар мардумон ба ҷаннат дохил мешаванд.

* * *

Ва дар соли бистум аз ҳиҷрат Саъид ба покизатарин саҳифаи аъмол ва ботақвотарин қалб ва бо дурахшонтарин сирату рафтор ба Парвардигори хеш мулоқот намуд.

Ва аз дергоҳ ӯ барои дидори мусалмонони садри аввал, ки ҳастиашро барои ҳифз намудани аҳди бо онҳо баста ва пайравии онҳо назр карда буд, иштиёқманд буд.

Оре, ӯ иштиёқманди рафтан буд ба сӯи Паёмбараш ва муаллимаш ва ба сӯи дӯстонаш, ки аввалин ва покизатарин буданд.

Ва имрӯз онҳоро ба дили хуш ва бо оромии нафс ва бо бори сабук мулоқот менамояд.

Ҳамроҳи ӯ ва аз пасаш бори дунё ва матоъи он чизе нест, ки пушти ӯро ва китфашро вазнинӣ кунад.

Бо ҳамроҳии вай чизе нест ҷуз парҳезгорӣ ва дунёбезорӣ, худотарсӣ ва азамати нафс ва сулуку рафтораш.

Фазилатҳое, ки тарозуи аъмолро вазнин мекунанд, вале пушти инсонро гаронбор намесозанд.

Ва фазилатҳое, ки ба воситаи онҳо соҳибаш дунёро ба ларза овард, вале кибру ғурур натавонист, ки ба ӯ роҳ ёбад.

* * *

Салом бар Саъид ибни Омир!

Салом бар ӯ дар зиндагиаш ва дар ҳаёти охираташ!

Ва салом, баъд аз он боз салом бар сират ва овозаву ёди ӯ!

Ва салом бар бузургмардони солиҳ, ҳамсӯҳбатони Паёмбари Худо (с)!

## 11. ҲАМЗА ИБНИ АБДУЛМУТАЛЛИБ
### Шери Худо ва пешвои шуҳадо

**Макка баъди сипарӣ шудани рӯзи саршор аз саъю машаққат, ибодат ва бозиву беҳудагӣ дар хоби ноз фурӯ рафта буд.**

Ва аҳли Қурайш дар ҳоли хоб дар бистарҳояшон ба ҳар паҳлӯ мегаштанд.

Магар як нафар, ки паҳлӯяш берун аз бистари хоб буд. Ӯ барвақт ба бистари хобаш медаромад ва ҳамагӣ чанд лаҳзаи кӯтоҳ истироҳат мекард. Баъди ин бо як иштиёқи бузург аз хобаш бармехест, зеро ӯ бо Худо мулоқот дошт. Пас рӯ ба сӯи ҷои намозаш мекард ва бо муноҷоту дуъо ба сӯи Парвардигораш руҷӯъ менамуд. Ва ҳар вақте ки завҷааш аз садои дили тазарруъкунандааш ва аз дуъову ниёишҳои боисрори гарми ӯ бедор мешуд, дилаш ба ҳоли ӯ месӯхт ва ӯро даъват мекард, ки ба ҷонаш каме раҳм кунад ва каме ҳам бошад, насибаи худро аз хоб бигирад. Дар ҳоле, ки оби дидагонаш пеш аз суханонаш ҷорӣ мегашт, ӯ чунин ҷавоб медод:

– Вақти хобу истироҳат гузашт, эй Хадиҷа!

Алҳол кори оғозкардаи ӯ хоби Қурайшиёнро напарронда буд ва агарчанде барои диққати онҳоро ба сӯи худ ҷалб кардан фаъолиятро оғоз карда буд, вале алҳол ин ибтидои даъват буд ва ӯ даъваташро ба тарзи сиррӣ ва гӯшакӣ иброз мекард.

Дар он рӯзҳо теъдоди касоне, ки ба ӯ имон оварда буданд, хеле кам буданд.

Ин ҷо ғайр аз касони ба ӯ имоноварда нафароне низ буданд, ки нисбати Паёмбар (с) муҳаббати зиёд ва эҳтироми хоса доштанд ва бо шавқи азим омода буданд, ки ба сӯи ӯ имон биёваранд ва дар раҳсипорӣ бо ин қофилаи бузург ҳамроҳ шаванд.

Дар ин ҳол ононро барои пайравӣ намудани Паёмбар (с) ба ҷуз бозмондаҳои урфу одати обоӣ ва тақлид бар гузашта, чизи дигаре бознамедошт.

Аз ин қабил одамон Ҳамза ибни Абдулмуталлиб буд, амаки Паёмбари Худо (с) ва бародари разоъии Паёмбар (с).

* * *

Ҳамза азамат ва камолоти писари бародарашро медонист. Ва аз ҳақиқати кори ӯ ва аз ҷавҳари хислатҳояш огаҳии комил дошт.

Ӯро на ҳамчун писари бародараш мешинохту бас, балки ҳамчун шинохтани бародар ва дӯст, зеро Паёмбар (с) ва Ҳамза аз як насл буданд ва синну солашон қариб баробар буд. Якҷоя бузург шуда буданд ва якҷоя бозӣ мекарданд ва аҳди бародарӣ дода буданд ва аз аввалин қадамҳо қадам ба қадам якҷоя дар кӯчаҳо пой мегузоштанд.

Агарчанде даврони ҷавонии онҳо дар роҳҳои гуногун сипарӣ гардид, Ҳамза роҳеро интихоб намуд, ки мақсад аз он ба даст овардани хушиҳои зиндагонӣ буд ва мебоист дигар ҳамсолонашро фишор орад ва дар байни калоншавандагони Макка ва дар миёни роҳбарони Қурайш барои худ ҷои васеъе ишғол намояд. Дар он ҳангом, ки Муҳаммад (с) машғули равшан гардонидани рӯҳаш буд, он рӯҳе, ки барои ӯ роҳи Худоро равшан созад. ӯ дар гуфтугӯ бо дилаш машғул буд, он диле, ки ӯро аз ғавғои зиндагонӣ ба сӯи тааммули амиқ мебурд ва ба сӯи омода шудан, барои ба ҳақиқат даст ёфтан ва мулоқот намудан.

Ман чунин мегӯям: агарчанде ҷавонии ҳар яке аз онҳо роҳи хоси худро дошт, вале Ҳамза ҳамарӯза дар хотираш фазилатҳои ҳамсол ва писари бародарашро дарк менамуд ва фаромӯш намекард. Он фазилатҳо ва макорими ахлоқе, ки дар дилҳои ҷамиъи мардум барои соҳиби худ як макони олиро соҳиб шуда буданд, барои оядаи бузурги ин мард сурати возеҳеро муҷассам менамуданд.

Пагоҳии он рӯз Ҳамза аз рӯи одати худ берун баромад. Ва дар назди Каъба чанд нафаре аз ашрофи Қурайш ва пешвоёни онро ёфт, ки нишаста буданд. Ҳамроҳи онҳо нишаст ва гӯш ба гуфтори онҳо фаро дод. Онҳо аз Муҳаммад (с) сухан мегуфтанд.

Аввалин бор буд, ки Ҳамза онҳоро дар ҳолате медид, ки аз сабаби даъвати писари бародараш бесабрӣ бар онҳо ғолиб омадааст ва дар суханрониҳояшон оҳанги кина ва қаҳру ғазаб зоҳир мегардид. Онҳо қабл аз ин ба ин масъала кам таваҷҷуҳ менамуданд ё худро чунон вонамуд месохтанд, ки ин мавзӯъ озорашон намедиҳад.

Аммо имрӯз изтироби зиёд ва ташвиш дар чеҳраҳояшон ҳувайдо буд ва хоҳиши онро доштанд, ба касе даррандавор ҳамла намоянд.

Ва Ҳамза аз суханони онҳо дурудароз хандид ва ин ташвишҳои онҳоро муболиға вонамуд ва нодуруст баҳо додан шумурд.

Абуҷаҳл боисрор ба ҳамнишинонаш таъкид мекард, ки Ҳамза аз ҳамаи мардум дида аз хатари даъвати Муҳаммад (с) огоҳ аст, валекин мехоҳад, ки ин корро ба дигарон саҳлу осон нишон бидиҳад, то Қурайш дар хоби ғафлат бошад ва баъд аз он рӯзе бедор гардад, ки рӯзаш сиёҳ гардидааст ва кори писари бародараш ошкор ва бар болои Қурайш ғолиб гардидааст.

Ва суханашонро ба ин лаҳн давом медоданд. Аз қаҳр меғурриданд ва таҳдид мекарданд. Ҳамза гоҳо табассум мекард ва гоҳо нороҳат мешуд. Дар ҳоле, ки ҷамъият пароканда шуд ва ҳар яке аз пушти кори худ рафтанд, Сари Ҳамза аз ин андешаҳои нав вазнин гардид ва ба хотироти нав дар кори писари бародараш худ ба худ мунокиша мекард.

* * *

Рӯзҳо яке аз паси дигаре мегузаштанд ва ҳар рӯз ташвишу изтироби Қурайш дар атрофи даъвати Муҳаммад (с) зиёд мегардид.

Баъд аз он ин изтиробҳо ба таҳрик анҷомидан гирифт ва Ҳамза ин лаҳзаҳоро аз дур истода мушоҳида мекард.

Сабру субoти писари бародараш ӯро моту мабҳут месохт. Ҷонфидоиҳои писари бародараш дар роҳи ақида ва даъваташ барои тамоми аҳли Қурайш чизи нав буд. Бар хилофи он чизҳое, ки онҳо аз ҷонфидоӣ ва устуворӣ медонистанд.

Агар имрӯз ростгӯӣ ва покии ахлоқи Паёмбар (с) касеро мавриди шакку шубҳа қарор диҳад ҳам, вале ин шак асло қудрати дар зеҳни Ҳамза роҳ ёфтан надорад.

Пас Ҳамза беҳтарин касест, ки Муҳаммадро аз даврони тифлӣ то даврони беолоиши ҷавонӣ ва ниҳоят то даврони поки камолоти олиаш мешиносад. ӯро мисли вуҷуди худаш мешиносад, ҳатто зиёдтар аз вуҷуди худаш, аз лаҳзаҳои аввалин, ки якҷоя ба дунё омаданд ва якҷоя ба воя расиданд, мешиносад. Ва тамоми зиндагии Муҳаммад (с) мисли шуъои офтоб пок ва беолоиш аст. Ҳамза ҳеҷ шубҳаеро ба ёдаш оварда наметавонад, ки дар ин зиндагии беолоиш нуқтае гузорад. ӯ ба ёд оварда наметавонад, ки ягон маротиба ӯро ғазабнок, навмед, дилшикаста, тамаъгар ё машғули лаҳву лаъаб ва ё асабонӣ ва ноором дида бошад.

Ҳамза касест, ки танҳо дорои қувваи ҷисмонӣ нест, балки бо камолоти ақл ва қуввати ирода низ ороста аст. Аз ҳамин ҷиҳат як чизи ғайримуқаррарист агар ӯ аз мутобиъат кардани инсоне, ки дар ӯ тамоми садоқат ва амонат мавҷуд аст, тахаллуф варзад.

Ҳамчунин ӯ андешаеро дар дил пӯшида нигоҳ медошт. Наздик аст замоне, ки он андеша ошкор хоҳад гардид.

Он рӯзи мавъуд низ фаро расид.

Ва Ҳамза дар ҳоле аз ҳавлиаш хориҷ шуд, ки силоҳаш дар камараш овезон буд ва рӯяшро ба сӯи биёбон гардонид, то ба машғулияти аз ҳама дӯстдошта ва риёзати аз ҳама тафзилдодааш, шикори ҳайвонот машғул гардад. Ҳамза дар ин кор маҳорати бузурге дошт. Чанд соати рӯзро бо ин машғулият гузаронид. Вақте ки аз сайдгоҳи худ баргашт, аз рӯи одат ба сӯи Каъба рафт, то пеш аз баргаштан ба сӯи ҳавлиаш онро тавоф кунад.

Ва дар наздикии Каъба ӯро як канизи Абдуллоҳ ибни Ҷудъон рӯ ба рӯ омад. Ва ҳамин ки чашмаш ба Ҳамза афтод, гуфт:

– Эй Абоаммора, агар ту чанд лаҳза пеш меомадӣ, медидӣ, ки Абулҳакам ибни Ҳишом ба писари бародарат Муҳаммад (с) чиро раво дид. Абулҳакам ӯро дар назди Каъба нишаста ёфт. Пас ӯро ранҷонид ва дашномаш дод ва ҳар он чӣ боиси ранҷишаш гардад, онро ба ҳадди камол расонд.

Ва тафсилоти воқеъаи ба Паёмбар (с) кардаи Абуҷаҳлро ба ӯ шарҳ дод.

Ҳамза суханони ӯро то охир гӯш кард ва лаҳзае чанд сарашро поин намуда ба андеша фурӯ рафт. Баъд аз он дасти росташро ба сӯи силоҳаш бурд ва онро дар сари китфаш сахттар рост кард ва бо қадамҳои тезу устувор, бо умеди он ки Абуҷаҳлро он ҷо ёбад, ба ҷониби Каъба раҳсипор гардид. Ва андешид, ки агар ӯро он ҷо пайдо накунад, пас ӯро дар ҳама ҷо ҷустуҷӯ хоҳад намуд, то ӯро биёбад.

Ҳамин ки ба Каъба расид, чашмаш ба Абуҷаҳл афтод, ки дар беруни Каъба дар иҳотаи чанде аз саркардагони Қурайш нишаста буд.

Бо як оромии даҳшатнок Ҳамза ба Абуҷаҳл наздик шуд ва силоҳашро кашида ба сари Абуҷаҳл зад. Сари ӯро кафонида

хунолуд кард ва пеш аз он ки ҳозирон аз ин даҳшат ба худ оянд, Ҳамза ба тарафи Абуҷаҳл фарёд зада гуфт:

– Оё ту Муҳаммадро дашном медиҳӣ, дар ҳоле ки ман дар дини ӯ ҳастам ва он чиро ӯ мегӯяд, ман ҳам мегӯям? Агар қудрат дошта бошӣ, боз ҳамон дашномҳоро ба ман ҳам бигӯ!

Чанд лаҳзае ҳамаи нишастагон он иҳонатеро, ки ба сари пешвояшон Абуҷаҳл омад, фаромӯш намуданд ва хунеро, ки аз сараш ҷорӣ мешуд, низ фаромӯш намуданд ва онҳоро ин калимае, ки мисли барқ ба гӯши онҳо расид, ба худ машғул намуд. Калимае ки Ҳамза онро эълон намуд, ки ӯ дар дини Муҳаммад (с) аст ва ҳар фикреро, ки Муҳаммад (с) дорад, ӯ низ дорад. Ва ҳар чиро Муҳаммад (с) мегӯяд, ӯ низ мегӯяд.

Оё Ҳамза мусалмон мешавад?

Боиззаттарин ва қудратмандтарин аз ҷавонони Қурайш?

Ин кор мусибати азимест, ки Қурайш барои пешгирии он қувват надорад. Пас ислом овардани Ҳамза зуд аст, ки бисёре аз қалбҳои покро ба сӯи ислом таҳрик менамояд ва зуд аст, ки Муҳаммад (с) дар атрофи худ қувват ва тавоноии бештаре меёбад. Он миқдоре, ки даъваташро қавӣ ва миёнашро мустаҳкам менамояд. Ва рӯзе фаро хоҳад расид, ки Қурайшиён аз садои зоғнулҳое, ки бутҳо ва худоҳояшонро хароб мекунад, бедор хоҳанд шуд!

Оре, Ҳамза ислом овард ва дар назди ҷамъи мардум он чизеро, ки дар дилаш пӯшида нигоҳ медошт, ошкор кард ва он ҷамъиятро дар ҳоли навмедӣ гузошт. Ва Абуҷаҳл хунеро, ки аз сари кафидааш мерехт, фурӯ мебурд. ва Ҳамза дасти росташро бори дигар ба сӯи силоҳаш дароз кард ва ӯро дар сари китфаш устувор намуд ва бо қадамҳои қатъӣ ва бо ҳайбате шадид ба сӯи ҳавлиаш раҳсипор гардид.

Ҳамза дорои ақли нофиз ва истеъдоди комил буд.

Вақте ки ба хонааш баргашт ва мондагии он рӯз аз ӯ зоил гардид, ба тафаккур нишаст ва хотироташро дар бораи ҳодисаи ба наздикӣ рухдода варақ зад.

Ӯ чӣ гуна исломашро эълон намуд ва кай?

Ба таҳқиқ ӯ имонашро дар лаҳзае эълон намуд, ки ба ғазаб омада ва таҳти таъсир қарор гирифта буд.

Тасаввури хор гардидани писари бародараш ва таҳти зулм қарор гирифтани ӯ бе он ки ёридиҳандае барои вай пайдо гардад, Ҳамзаро хаста ва малул намуд. Ин вазъ ӯро ба ғазаб овард ва барои дифоъи шарафу номуси бани Ҳошим ғайраташ ҷӯш зад. Дар ин роҳ сари Абуҷаҳлро шикаст ва бо эълон кардани исломаш ба сӯи Абуҷаҳл фарёд кашид. Вале оё ин аз ҷавонмардист, ки як инсон аз дини падарон ва қавмаш дурӣ ҷӯяд. Дине, ки асрҳо ин ҷониб давом дорад. Баъд аз он ба як дини ҷадид, ки то ҳол таълимоти онро наозмудааст ва аз ҳақиқати вай хеле кам огаҳӣ дорад, рӯй биёрад.

Бале дуруст аст, ки ӯ як лаҳза ҳам дар садоқати Муҳаммад (с) ва покии ақидаи вай шубҳа надорад.

Вале оё мумкин аст, ки мард ба як дини ҷадид рӯй биёрад бо вуҷуди тамоми масъулиятҳояш ва душвориҳояш дар лаҳзаи ғазаб, ҳамчунон ки Ҳамза ҳозир чунин кард?

Нисбати ин даъвати ҷадид, ки писари бародараш байрақи онро баланд бардошта буд, дар дилаш як эҳтироми пинҳонӣ нигоҳ медошт.

Вале агар барои ӯ имконият фароҳам ояд, ки яке аз пайравони ин даъват бошад ва имоновардаи ба вай ва аз ҷумлаи ҳимоятгарони ин дин, пас барои дохил гардидан дар ин дин кадом вақт муносибтар аст?

Лаҳзае ғазаб ва номус?

Ё вақти тафаккур ва андеша?

Ва ҳамчунин ростии ният ва покизагии андешааш, ӯро водор намуд, ки тамоми ин масъаларо аз сари нав таҳти андешаи қатъӣ ва дақиқ қарор бидиҳад.

Пас ба андеша фурӯ рафт ва чанд рӯзеро бад-ин минвол сипарӣ намуд. Дар он чанд рӯз ботинаш ором намегирифт ва шабҳо пилки чашмонаш хобро намедид.

Чун ҳалли ҳақиқатро тавассути ақл ҷустуҷӯ менамоем, дар ин ҳол шакку шубҳа мисли як васила барои дарёфти ҳақиқат, қабул ва эътибор карда мешавад.

Ҳамчунин Ҳамза истифода кардани ақлашро дар ҷустуҷӯи ҳақиқати ислом давом дод ва барои муқоисаи байни дини қадим ва ҷадид то ҳадде расид, ки дар нафсаш як шакку шубҳае эҷод гардид. Ин шакку шубҳаро муҳаббат ва дилбастагии фитрии ӯ нисбати

дини аҷдодиаш ва омодагии фитрати ӯ нисбати ҳар чизи нав барангехта буд.

Тамоми хотироташ дар бораи Каъба, олиҳаҳои дохили он ва бутҳо ва дар бораи азамату ифтихори дине, ки ин олиҳаҳои бо дасти одамон тарошидашуда ба тамоми аҳли Қурайш ва ба тамоми бошандагони Макка дода буданд, бедор гашт.

Тадриҷан тамоми таърихи қабила ва ин дини ба ёдгормонда пеши назараш ҳувайдо гардид. Ва рӯёрӯи ӯ нишебиие зоҳир шуд, ки роҳ паймудан ба сӯи онро Ҳамза барои худаш кори хеле душвор мепиндошт.

Барои Ҳамза таъаҷҷубовар менамуд, ки чӣ гуна барои инсон муяссар мегардад, ки аз дини обоии худ бо ин осонӣ ва бо ин зудӣ ҷудо гардад. Ва аз кори кардааш пушаймон гардид. Валекин андешидан дар доираи ақли худро давом дод. Вале чун дид, ки ақл ба танҳоӣ аз ӯҳдаи ин кор намебарояд, бо тамоми ихлосмандӣ ва ростӣ, рӯй ба ғайб овард.

Дар назди Каъба, дар ҳолати тазаррӯъу дуъо ва ёрӣ хостан рӯй ба осмон овард, то пешгоҳаш равшан шавад ва барои ёфтани роҳи ҳидоят ба сӯи Ҳақ тавоноӣ пайдо кунад.

Биёед идомаи суханро аз худи ӯ бишнавем:

– Баъд аз он ба сабаби ҷудо шуданам аз дини аҷдодӣ ва қавмӣ, маро пушаймонӣ фаро гирифт ва дар ҳоли шакку шубҳа нисбати ин кори бузург дармондам ва лаҳзае ҳам оромона хоб рафта наметавонистам.

Баъд ба назди Каъба омадам ва ба сӯи Худованд тазаррӯъ намудам, то дили маро барои ёфтани Ҳақ кушода гардонад ва аз ман шакку шубҳаро бибарад. Худованд дуъои маро иҷобат намуд ва қалби маро аз яқин саршор гардонид.

Субҳи рӯзи дигар ба назди Паёмбар (с) рафтам ва аз кори гузаштаи худ ба ӯ ҳикоят кардам.

Ӯ ба даргоҳи Худованд дуъо кард, ки дили маро ба дини худаш собит гардонад.

Ҳамин тавр, Ҳамза ислом овард, исломи ба яқин.

Худованд исломро ба сабаби Ҳамза иззат бахшид. Ва ӯ собиту устувор аз Паёмбар (с) ва асҳобаш дифоъ менамуд.

Чун Абуҷаҳл Ҳамзаро дар сафи мусалмонон истода дид, дарк намуд, ки ғайр аз ҷанг чорае нест ва ба таҳрику ташвиқи Қурайш пардохт, то бар болои Паёмбар (с) ва саҳобагони вай ҳар гуна азобро ҷорӣ намоянд ва аз он лаҳза омодагиашро барои ҷанги дохиликавмӣ дидан гирифт. Ва мехост ба воситаи ҷанг дарди қаҳру ғазаби ботиниашро шифо бахшад.

Табиист, ки Ҳамза қудрати онро надошт, ки тамоми ранҷу азоби мусалмононро манъ намояд. Бо вуҷуди ин ҳама, ислом овардани ӯ ҳимоя ва зиреҳе буд барои дигарон.

Чунончӣ таҳрики муваффақонае буд, барои аксари қабилаҳое, ки онҳоро аввалан исломи Ҳамза ва баъдтар исломи Умар (р) ба сӯи дини ислом таҳрик дод ва гурӯҳ-гурӯҳ дар он дохил гардиданд.

Аз лаҳзае, ки Ҳамза ислом овард, тамоми тандурустӣ, зурӣ ва зиндагониашро барои Худо ва дини ӯ назр кард, то андозае, ки Паёмбар (с) барои ӯ ин лақаби бузурги Шери Худо ва шери Расулро (с) сазовор дид.

Ва аввалин амири гурӯҳи ғозиёне, ки ба муқобили душман баромаданд, Ҳамза буд.

Ва аввалин байрақеро, ки Паёмбари Худо (с) барои яке аз мусалмонон баст, барои Ҳамза буд.

Ва рӯзе, ки ду гурӯҳи ҷанговарон ба якдигар дар ғазои Бадр рӯ ба рӯ гардиданд, Шери Худо ва шери Паёмбари Худо (с) он ҷо корҳои аҷоиберо анҷом дод.

* * *

Фавҷҳои шикастхӯрдаи Қурайш аз Бадр ба сӯи Макка дар ҳоли пешпо хӯрдан аз бемуваффақиятӣ бозгаштанд. Ва Абусуфиён ҳам бо қалби даҳшатзада ва сари хам бозгашт ва ба таҳқиқ дар марзу маъракаи корзор ҷасадҳои пешвоёни Қурайшро мисли Абуҷаҳл, Утба ибни Рабиъа, Шайба ибни Рабиъа, Умайя ибни Халф, Уқба ибни Аби Муъайт, Асвад ибни Абдуласади Махзумӣ, Валид ибни Утба, Назр ибни Ҳорис, Ос ибни Саъид, Туъма ибни Адий ва даҳҳо нафар аз амсоли инҳо аз мардони Қурайш ва пешвоёни онҳо боқӣ гузошта буданд.

Ва Қурайш наметавонист ин ҳазимати сахтро бо оромӣ таҳаммул намояд. Пас барои омода шудан тайёрӣ дидан гирифт ва

тамоми қувват ва дору нодори худро гирд овард, то барои худаш ва шарафу кушташудагонаш интиқом бигирад.

Ва Қурайш тасмими ниҳоияшро барои ҷанг гирифт.

Ва ғазои Уҳуд пеш омад, ки Қурайш дуюмбора бо сарлашкарии Абусуфиён саросар ҳама бо ҳамроҳии ҳампаймононашон аз дигар қабоили Араб низ иштирок доштанд.

Ва ҳадафи саркардагони Қурайш дар ин маъракаи ҷадид аз байн бурдани ду мард буд. Яке Паёмбар (с) ва дигар Ҳамза (р).

Оре, касе ки суханрониҳо ва машваратҳои онҳоро қабл аз азми набардро пеш гирифтанашон мешунид, дармеёфт, ки Ҳамза (р) то чӣ андоза дар забони онҳо баъди Паёмбар (с) беҳтарин байти қасида ва ҳадафи асосии маърака буд.

Ва пеш аз хориҷ шудан аз Макка барои анҷоми кори Ҳамза мардеро интихоб карда буданд, ки аслан як ғуломи ҳабашӣ буд ва дар партоб кардани найза маҳорати фавқулъоддае дошт. Вазифаи ӯро низ дар ин пайкор мушаххас намуданд. ӯ бояд аз қафои Ҳамза таъқиб карда гардад ва ҳадафи зарбаи найзаи ӯ танҳо Ҳамза бошад. Ва бояд новобаста ба чӣ сурат ва натиҷа анҷом пазируфтани маъракаи набард, аз ин амр дар ғафлат намонад.

Ва ӯро мукофоти бузурге ваъда намуданд.

Он мукофот озодии ӯ буд. ӯ ғуломе буд номаш Ваҳшӣ ва бандаи Ҷубайр ибни Мутъам буд ва амаки Ҷубайр дар рӯзи ҷанги Бадр кушта шуда буд. Ҷубайр ба ӯ гуфт:

– Ту бо ҳамроҳии мардум ба ҷанг хориҷ шав ва агар Ҳамзаро бикушӣ, ту озодастӣ.

Баъд аз он ӯро ба сӯи Ҳинд бинти Утба, зани Абусуфиён фиристоданд, то ӯро зиёдтар тарғиб намояд ва ба сӯи ҳадафе, ки доранд, ӯро ташвиқ намояд.

Ва Ҳинд ба таҳқиқ дар маъракаи Бадр падар, амак, бародар ва фарзандашро аз даст дода буд ва ба ӯ гуфта буданд, ки аксари онҳоро Ҳамза куштааст ва баъзеашонро дигарон захмӣ намудаанд ва Ҳамза корашонро тамом намудааст.

Аз ин ҷиҳат Ҳинд аз ҳамаи Қурайшиён дида дар ташвиқи берун омадан ба ҷанг зиёдтар мекӯшид. Магар барои он ки сари Ҳамзаро ба даст орад, агарчанде қимати он гарон бошад ҳам.

Ва чанд рӯзеро пеш аз ҷанг фақат ба тарғиби Ваҳшӣ гузаронид ва ӯ дигар коре надошт ҷуз рехтани тамоми кинаҳояш дар дили Ваҳшӣ ва кашидани нақшаи он масъулиятеро, ки бояд Ваҳшӣ анҷом медод.

Дар сурати ба қатли Ҳамза даст ёфтан, ӯро ба қиматтарин амвол, ки зан аз матоъу зинат молики он мегардад, ваъда дод. Пас бо ангушти кинавараш гӯшвори аз лӯълӯи қиматбаҳо сохта шуда ва гарданбанди тиллоиеро, ки гарданашро зинат медод, даст карда дар ҳоле, ки чашмаш ба сӯи Ваҳшӣ духта шуда буд, гуфт:

– Ҳамаи ин азони туст, агар Ҳамзаро бикушӣ!

Ва оби даҳони Ваҳшӣ аз ғояти шавқ равон шуд ва хотираш ба иштиёқи зиёд ҷониби маъракае гардид, ки дар он озодии худро ба даст меовард ва аз ин баъд ғулом намебошад ва он ҷанге, ки аз он тамоми он зиннатҳоеро, ки имрӯз гардани пешвои занони Қурайш ва духтари пешвои Қурайшро зеб медиҳад, ба даст хоҳад овард!

Пас машваратҳо ва ҷанг бо тамоми ҳастиаш бо шакли ошкору қатъӣ хоҳони аз байн бурдани Ҳамза буданд.

Ва ғазои Уҳуд пеш омад.

Ду лашкар бо якдигар бархӯрданд ва Ҳамза дар миёни замини марг ва ҷанг даромад, дар ҳоле, ки либоси ҷангӣ пӯшида буд ва бар сари синааш пари шутурмурғ часпонида буд, зеро ӯ одат дошт, ки сари синаашро рӯзи ҷанг бо ҳамин намуд пар зиннат медод.

Ва ба ҷавлон кардан ва ҳамла намудан оғоз кард ва ҳеҷ сареро қасд наменамуд, магар, ки шамшер онро ҷудо мекард ва дар миёни мушрикон задӯхурдро давом медод. Гумон мекардӣ, ки марг дар итоати ӯ бошад, ҳар киро ки хоҳад ба марг мезанадаш, пас бехато мерасад дар миёни устухонаш!

Ва дигар мусалмонон низ ҳамла намуданд, то ба дараҷае, ки наздик ба ғалабаи ниҳоӣ расида буданд ва баъзе фавҷҳои Қурайш ба шикаст ва ақибнишинӣ сар карданд.

Агар тирандозоне, ки дар болои Ҷубайли Румот (Кӯҳаки Румот) буданд, макони худро тарк наменамуданд ва барои ғаниматҳои душмани шикастхӯрда ба замини маъракаи ҷанг намефуромаданд, агар онҳо бо тарк намудани ҷои исташон як холигии васеъе барои саворагони Қурайш намекушоданд, албатта Ғазои Уҳуд мақбараи

тамоми Қурайш, мардон ва занонаш, балки барои аспону шутуронашон мегардид.

Саворагони Қурайш аз пушти сипоҳи мусалмонон дар ҳолати ғафлаташон нохост ҳуҷум намуданд ва шамшерҳои ташнаи девонаашонро дар миёни онҳо ба кор андохтанд ва мусалмонон аз сари нав худро ҷамъ намуданд дар ҳоле, ки баъзеашон аллакай силоҳҳояшонро ба замин гузошта буданд. Чун диданд лашкари Қурайш ақибнишинӣ менамояд ва пушт гардонидааст, вале ногаҳонӣ ҳамла намудани саворагони мушрик хело душвор буд.

Ҳамза чун ин корро дид, қуввату ғайрат ва корнамоияш дучанд гардид.

Ва аз чапу рост ва аз пасу пеш задан гирифт ва Ваҳшӣ ӯро мепоид ва лаҳзаи муносибро интизор буд, то ба ӯ зарба занад.

Ва биёед бигузорем, то худи Ваҳшӣ барои мо бо суханони худаш он лаҳзаро васф намояд:

– Ман як марди ҳабашӣ будам ва ба тарзи ҳабашиҳо найза меандохтам ва кам хато мекардам. Чун мардум ба қитол сар карданд, ман ба сӯи Ҳамза нигаристам ва ӯро меҷустам, то ин ки ӯро дар миёни мардум ба мисли шутури ало дарёфтам.

Мардумро ба шамшераш ҳар тараф меафганд ва дар пешаш чизе дошт карда наметавонист. Қасам ба Худо, ҳар оина ман найзаро барои ӯ омода месохтам ва аз ӯ худро дар пушти дарахте паноҳ мекардам то ба сӯи ӯ ҳамла кунам ё ба ман наздик шавад.

Ин ҳангом Субоъ ибни Абдулъузо аз ман пештар ба сӯи ӯ рафт. Пас, вақте Ҳамза ӯро дид, ба сӯяш фарёд заду гуфт:

Ба сӯи ман биё, эй писари зани хатнагар!

Баъд ӯро зарбае зад, ки сарашро бехато барканд. Дар ин ҳол ман найзаи худро барои нишон гирифтан меҷунбонидам, то он даме ки аз нишони гирифтаам розӣ шудам ва онро партофтам, найза дар поёни шикамаш бархӯрд ва аз миёни пойҳояш берун баромад ва ӯ ба сӯи ман ҳамла намуд, вале кори ӯ анҷом гирифта буд, баъд аз он ҳалок шуд. Ва ман ба пеши ӯ омадам ва найзаамро гирифтам ва ба лашкаргоҳ бозгаштам ва он ҷо нишастам, зеро дар ин ҷанг кори дигаре надоштам. Воқеан ӯро куштам, то озод шавам.

Ва ҳеҷ боке нест, то Ваҳширо бигузорем, суханашро худаш комилтар бисозад.

– Вақте ба Макка омадам, озод гардидам ва иқоматро дар он ҷо давом додам, то он рӯзе, ки Паёмбари Худо (с) дар он ҷо даромад, рӯзи фатҳи Макка ва ман ба сӯи Тоиф гурехтам.

Чун намояндагони Тоиф ба сӯи Паёмбари Худо (с) барои ислом овардан берун шуданд, дигар барои ман ҷои рафтан намонд ва ба худ андешидам то ба Шом ё Яман ё дигар ҷой биравам.

Пас қасам ба Худо, ки ман дар ҳамин ташвиш дармонда будам, ки як марде гуфт:

– Эй вой бар ту! Қасам ба Худо, ки Расули Худо (с) ҳеҷ нафаре аз мардуми дар дини ӯ даромадаро намекушад..

Пас хориҷ шудам ва ба Мадина ба пеши Расули Худо (с) омадам. ӯ маро надид, магар лаҳзае, ки аллакай дар назди ӯ истода будам ва гувоҳии ҳақро ба забон ҷорӣ мекардам.

Вақто, ки маро дид, гуфт:

– Оё ту Ваҳшӣ ҳастӣ.?

Гуфтам:

– Оре, эй Паёмбари Худо.

Гуфт:

– Пас ба ман нақл кун, чӣ гуна Ҳамзаро куштӣ.

Ба ӯ нақл кардам. Вақте, ки аз нақлам фориғ гардидам, гуфт:

– Вой бар ту. Кӯшиш кун, ки рӯятро ба ман нанамоӣ.

Аз ин баъд ҳар куҷое, ки дар роҳи Паёмбар (с) мерафтам, худро доимо канора мегирифтам, то маро набинад. Ин то замоне идома ёфт, ки ӯро Худованди бузург ба наздаш бурд.

Вақте ки мусалмонон ба сӯи Мусайламаи каззоб, соҳиби Ямома хориҷ гардиданд, ман низ бо онҳо хориҷ шудам ва он найзаеро, ки бо ӯ Ҳамзаро кушта будам, бо худ гирифтам. Чун мардум ба якдигар дар задухӯрд даромаданд, ман Мусайламаи каззобро дидам, ки дар дасташ шамшер буд, Худро барои қатлаш омода намудам ва найзаи худро барои нишона гирифтан дар ҷунбиш даровардам, то он даме, ки аз нишонаи гирифтаам розӣ шудам. Онро ба тарафаш партофтам. Ба ӯ расид. Агар ман бо ин найзаам беҳтарини мардумон Ҳамзаро кушта бошам, пас ман аз Худованд умеди онро дорам, ки маро мағфират намояд, зеро бо ин найза ман бадтарини мардумон, Мусайламаро низ куштаам.

* * *

Ҳамчунин Шери Худо ва шери Паёмбар (с) ҳамчун шаҳиди бузург афтид.

Ҳамчунон ки зиндагонии ӯ пурғулғула ва овозадор буд, мурданаш низ бо ҳангомаи зиёд воқеъ гардид.

Душманонаш ба марги ӯ иктифо нанамуданд. Чӣ гуна иктифо кунанд ё қаноъатманд гарданд, дар ҳоле ки онҳо шахсоне буданд, ки тамоми ҳампаймонони Қурайш ва мардони онро дар ин маъракаи корзор ҷамъ намуда буданд, ҳол он ки бо ин ҷанг ғайри Паёмбар (с) ва амакаш Ҳамза, қасди дигар надоштанд.

Ба таҳқиқ Ҳинд бинти Утба, зани Абусуфиён ба Ваҳшӣ амр намуда буд, ки ҷигари Ҳамзаро барояш биёрад. Ваҳшӣ низ ин рағбати девонамизоҷонаи ӯро иҷро намуд. Вақте ки Ваҳшӣ ҷигари Ҳамзаро ба назди Ҳинд овард, бо як дасташ ҷигарро ба ӯ дод ва бо дасти дигараш гӯшвораҳо ва гарданбандеро, ки ваъда карда буд, ҳамчун мукофот барои худ гирифт.

Ҳинд духтари Утба, он касе, ки мусалмонон рӯзи ҷанги Бадр падарашро кушта буданд ва зани Абусуфиён, лашкаркаши лашкари мушрикон ва бутпарастон он ҷигарро ба даҳонаш андохта хоид.

Ҷигари Ҳамзаро хоид, бо умеди он ки бо ин рафтори аблаҳонааш кина ва ғазаби худро шифо бахшад, вале ҷигари Ҳамза ба дандонҳои ӯ итоат накард ва онҳоро оҷиз гардонд, ки онро ба осонӣ бихояд. Пас онро аз даҳонаш берун кард ва ба болои санги баланде баромад ва бо ин иборати манзум фарёд кашид:

Мо шуморо дар муқобили рӯзи Бадр ҷазо додем,
Ва набард баъди набард, гармӣ ва аланга дорад,
Ман аз ҷиҳати Утба ҳеҷ сабре надоштам,
Ва аз ҷиҳати бародар, амак ва фарзанди нахустинам.

Ман нафсамро шифо бахшидам ва назри кардаамро иҷро намудам.

Ваҳшӣ ғубори диламро рӯшан кард...

Маъракаи ҷанг поён ёфт ва мушрикон ба шутурҳои худ савор гардиданд ва аспҳояшонро пешандоз карда ба сӯи Макка бозгаштанд.

Ва Паёмбар (с) ва асҳобаш ба замини маъракаи корзор фаромаданд, то аз шаҳидшудагон огаҳӣ ёбанд.

Ва он ҷо дар миёни водӣ, дар ҳоле ки Паёмбар (с) рӯйҳои саҳобагонашро, он касонеро, ки нафсҳои худро бо Худо фурӯхта буданд ва онро ҳамчун қурбонии пок барои Худованди бузург пешкаш карда буданд, гардонида медид, ногаҳон бозистод. Ва нигоҳ кард ва аз ғояти қаҳру алам хомӯш шуд. Ва дандонҳояшро ба ҳамдигар фишурд ва пилкҳои чашмонашро пӯшид.

Ӯ ҳеҷ гоҳ тасаввур карда наметавонист, ки ахлоқи арабӣ то ин андозаи ваҳшиёна паст мефаромада бошад. Ва бо мурдагон ин муомилаи бад мусларо (гушу бинии мурдаро буридан – мутарҷим) раво мебинанд, ҳамчуноне ки бар ҷисми амаки шаҳиди бузургвораш Ҳамза ибни Абдулмуталлиб, Шери Худо, ва сайиди шуҳадо онро раво диданд.

Ва Паёмбар (с) чашмонашро кушод ва дар ҳоле, ки нигоҳаш ба сӯи ҷасади амакаш равона шуда буд, чунин гуфт:

– Ҳаргиз бо чунин мусибате, ки ба сабаби мусла шудани ту гирифтор шудам, гирифтор нашуда будам. Ва дар ҳеҷ маконе бо қаҳру ғазаб ва душворӣ таваққуф накардаам, магар дар ин макон.

Баъд рӯ ба сӯи саҳобагонаш намуда гуфт:

– Агар Сафия, ки хоҳари Ҳамза аст, хафа намешуд ва баъди ман суннат гирифтани ин амал пеши роҳи маро намегирифт, албатта амакамро бо ин ҳолаш мегузоштам, то дар шиками даррандагон ва дар сангдони паррандагон ҷой мегирифт ва агар маро Худованд бар болои Қурайш дар ягон маъракае аз маъракаҳо пируз гардонад, албатта сӣ мардро аз онҳо мусла хоҳам кард.

Пас асҳоби Паёмбар (с) фарёд кашиданд:

– Қасам ба Худо, агар Худо моро бар болои онҳо ғолиб гардонад, албатта нисбати онҳо чунин мусла намоем, ки ҳеҷ фарде аз Араб ончунон мусла накарда бошад!

Валекин Худованде, ки Ҳамзаро ба шаҳодат икром намуд, бори дигар ӯро бо он икром сарфароз намуд, ки аз маргаш як дарси ибратомезро ихтиёр кард, ки ин дарс то абад адолатро ҳимоят мекунад ва раҳму шафқатро ҳатто дар ҷазо додан ва қассос, як амри воҷиб ва фарз эълон менамояд.

Ҳамчунин алҳол Паёмбар (с) аз баёни ваъдае, ки пештар зикраш гузашт, фориғ нагардида буд, ки ваҳй бар вай нозил гардид, бо чунин оёти карима дар ҳоле, ки ӯ аз ҷояш наҷунбида буд:

(Эй Расули мо) Халқро ба ҳикмат ва бурҳон ва мавъизаи некӯ ба роҳи Худо даъват кун ва бо беҳтарин тариқ мунозира кун, ки албатта Парвардигори ту оқибати ҳоли касеро, ки аз роҳи ӯ гумроҳ шуда ва онки ҳидоят ёфта аст беҳтар медонад. Ва агар ба шумо мусалмонон касе уқубат ва ситаме расонад, шумо бояд муқобили он (ва ба қадри он) интиқом кунед. Ва агар сабурӣ кунед, албатта барои собирон аҷре (беҳтар аз интиқом) хоҳад буд. Ва ту, (эй Расул) барои ризои Худо бар ранҷи тарбияти уммат сабр ва таҳаммул пеша кун. Ва бар онҳое, (ки тарҳи куфр ва инод мекунанд) ғамгин машав. Ва аз макри онон дилтанг мабош, (ки Худо аз макри халқ, ту ва дини туро маҳфуз медорад). Ҳамоно Худо ёвари муттақиён ва некӯкорони олам аст (Сураи Наҳл, оятҳои 125-128).

Ва нузули ин оятҳо дар ин макон беҳтарин ҳадди икром буд дар ҳаққи Ҳамзае, ки мукофоти амали ӯро Худованд бар ӯҳдаи худ гирифтааст.

* * *

Ва Паёмбар (с) ӯро хело зиёд дӯст медошт. ӯ ҳамчунон, ки пештар зикр намудем, фақат амаки дӯстдораш набуд, балки бародари разоъияш (ширхора) низ буд ва дӯсти бовафои якумрааш низ буд.

Дар лаҳзаҳои видоъ Паёмбари Худо (с) ҳеҷ сухане, ки бо он амакашро видоъ намояд беҳтар аз он наёфт, ки ба адади шаҳидони он маърака ӯро намози ҷаноза мегузорад.

Ҳамчунин ҷасади Ҳамзаро ба намозгоҳ оварданд дар замини маъракае, ки озмоишу корнамоияшро ҳозир ва шоҳид буд ва хуни поки ӯро дар худ гирифта буд. Пас Паёмбар (с) ва асҳоб бар ӯ намози ҷаноза гузориданд. Баъд аз он ҷасади шаҳиди дигарро оварданд ва Паёмбар (с) намоз гузорид. Баъд он шаҳидро бардоштанд ва Ҳамзаро он ҷо боқӣ гузоштанд ва шаҳиди сеюмро оварданд ва дар паҳлӯи Ҳамза гузоштанд ва Паёмбар (с) барои ҳарду намоз гузорид.

Пас ҳамчунин тамоми шаҳидонро оварданд. Якеро баъди дигаре ва Паёмбар (с) ба ҳар яке аз онҳо намоз гузорид ва бо ҳамроҳии ҳар яке бар Ҳамза низ намоз мегузорид, то ин ки он рӯз бар болои амакаш ҳафтод намози ҷаноза гузорид.

* * *

Паёмбар (с) аз маърака ба сӯи хонааш бозгардид. Дар роҳ шунид, ки занони бани Абу Ашҳал бар шаҳидонашон нола мекунанд. Ва Паёмбар (с) аз ғояти меҳрубонӣ ва муҳаббаташ нисбати Ҳамза чунин мегӯяд:

– Вале барои Ҳамза гирякунандае нест!

Ва Саъд ибни Муъоз ин сухани Паёмбарро шунида гумон кард, ки агар занон дар ҳаққи Ҳамза нола кунанд, Паёмбарро хуш меояд. Бо тезӣ ба сӯи занони бани Ашҳал рафт ва онҳоро амр кард, ки Ҳамзаро нола кунанд. Пас онҳо чунин карданд, вале ҳамин ки Паёмбар (с) овози гиряи онҳоро шунид, пеши онҳо баромада гуфт:

– Ман ин корро дар назар надоштам, Шумо ба сӯи хонаҳоятон бозгардед. Худо шуморо раҳмат кунад. Баъд аз ҳамин рӯз дигар гиряву нола иҷоза нест.

Баъди шаҳодати Ҳамза ёрони паёмбари Худо дар марсиягӯӣ ва тавсифи бузургиҳои ӯ бар якдигар пешдасти мекарданд.

Пас Ҳассон ибни Собит дар як қасидаи тӯлониаш чунин мегӯяд:

Ту манзилеро, ки аз он ҷуз асаре боқӣ намондааст,
тарк кун,
Ва биё, Ҳамзаи соҳибмукофотро гиря кун.
Боздоранда аспро чун саркашӣ кунад,
Ба мисли шери дар ҷангалаш диловар.
Ниҳоят аъло, покиза, аз қабилаи Ҳошим.
Ба ҷуз ҳақ ҳеҷ гоҳ ба сӯи ботил таваҷҷӯҳ нанамуда,
Дар миёни шамшерҳои шумо шаҳид шуда,
Худоё дастони Ваҳшӣ, ки қотили ӯст, фалаҷ гардад.
* * *

Ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа чунин гуфт:

Чашми ман гирист ва гиристан барои ӯ равост.
Вале куҷо нафъе аз гиря ва фиғон барои Шери Худо.
Дар он пагоҳе, ки гуфтанд: эй мардум,
он шахси кушташуда оё Ҳамза аст?
Аз марги ӯ тамоми мусалмонон
дар мусибат афтиданд.
Ин ҷо ба таҳқиқ Паёмбар (с) дар мусибат афтид.
Эй Або Яъло барои ту такягоҳҳо ларзиданд.
Ва ту соҳиби маҷд ва некӯӣ ва пайванд ҳастӣ.

* * *

Сафия духтари Абдулмуталлиб, аммаи Паёмбар (с) ва хоҳари Ҳамза чунин гуфт:

ӯро Худованди Ҳақ ва соҳиби Арш ба сӯи худ
даъвате намуд.
Ба сӯи ҷаннате, ки дар вай зиндагонӣ мекунад
ва сурур дорад.
Пас ин мақом ҷоест, ки орзӯи мост.
Барои Ҳамза рӯзи ҳашр ҷои беҳтарин?
Қасам ба Худо, ман туро фаромӯш нахоҳам кард,
модоме боди Сабо мевазад.
Аз рӯи гиристан ва малулӣ чӣ дар ҷои зист
ва ҳангоми сафар.
Барои Шери Худо, ки ӯ як ҳимоягаре буд.
Ҳар як кофиру носипосро аз ислом дур мекард.
Ман чунин мегӯям дар ҳоле ки гиряву фиғони
хешу табори ман баланд гаштааст.

Худованд мукофоту ҷазои беҳтар ба бародар ва ёридиҳандаи мо бидиҳад.

Илова бар ҳамаи ин беҳтарин марсияро, ки ёди ӯро муъаттар намуд ин суханони Паёмбар (с) аст, ки вақти дар болои ҷасади ӯ истода ӯро байни шаҳидони маърака дид, чунин гуфт:

– Раҳмати Худо бар ту. Пас ба дурустӣ то он ҳадде, ки ман медонам, ту барои хешу табор пайвандгар ва соҳиби хайрот будӣ.

* * *

Ин мусибати Паёмбар (с) барои амаки бузургвораш Ҳамза бисёр вазнин ва азодорӣ дар ин боб хеле сахт буд, магар ки тақдири Худо барои Паёмбар (с) зеботарин азодориро захира карда буд.

Дар роҳи бозгашт аз Уҳуд ба сӯи манзилашон Паёмбари Худо (с) аз назди як зане, ки аз қабилаи бани Динор буд, гузар кард, ки дар маъракаи Уҳуд падар, шавҳар ва бародарашро шаҳид дода буд. Чун ӯ мусалмононро дид, ки аз ғазо бозмегаштанд, тез ба сӯи онҳо омад, то аз хабарҳои маърака аз онҳо бипурсад.

Пас хабари марги шавҳар, падар ва бародарашро ба вай расониданд.

Вале ӯ бо ҳаяҷон ва бетоқатӣ аз онҳо пурсид, Паёмбар (с) дар чӣ ҳол аст?

Гуфтанд:

– Хуб аст. ӯ чуноне дӯст медоред, биҳамдиллоҳ офият аст!

Зан гуфт:

– ӯро ба ман нишон бидиҳед, то ба сӯи ӯ нигарам.

Ва дар назди ӯ саҳобагон истоданд, то ин ки Паёмбар (с) ба пеши онҳо наздик шуд.

Вақте ки Паёмбарро дид, ба сӯяш рӯй оварда гуфт:

– Ҳар мусибати дигар ба ғайри Ту кори хайр аст!

* * *

Оре.

Ин зеботарин ва давомноктарин сугворӣ буд.

Ва шояд Паёмбар (с) аз дидани ин манзараи бемислу монанд табассуме карда бошад ва барои ин дар дунёи фидокорӣ, дӯстӣ ва саховатмандӣ назаре нест.

Як зани бечораи муштипар, камбағал, дар чанд лаҳзае падар, шавҳар ва бародарашро аз даст медиҳад. Баъд аз он дар лаҳзае, ки хабари марги онҳо кӯҳҳоро дар ларза меорад, ба хабардиҳанда чунин мегӯяд:

– Паёмбар (с) чӣ кор кард.?

Ба таҳқиқ ин як саҳнаест, ки тақдири Худо нақшаи онро кашида ва вақти онро муайян намуда буд, то аз он барои Паёмбари Худо (с) тариқи азодориро нишон диҳад, азодорӣ дар ҳаққи Шери Худо ва пешвои шаҳидон!

## 12. АБДУЛЛОҲ ИБНИ МАСЪУД
## Нахустин нағмасари Қуръон

**Қабл аз он ки Паёмбар (с) ба ҳавлии Арқам дохил гардад, Абдуллоҳ ибни Масъуд ба ӯ имон оварда буд. ӯ шашумин шахс аз касоне буд, ки ба Паёмбар (с) имон оварда ва пайравии ӯро намуданд. Бар вай ва бар онҳо раҳмати Худо ва саломатӣ аз ҷониби Худо бод!**

Ин ҳангом вай аз ҷумлаи касони садри аввал ва имоновардагон дар сароғоз аст. ӯ аз аввалин мулоқоташ бо Паёмбари Худо (с) чунин нақл мекунад:

– Ман ҷавони ба синни булуғ расида будам ва гӯсфандони Уқба бинни Абимуъайтро мечаронидам. Гузари Паёмбар (с) ва Абубакр (р) ба пеши ман афтид. Ба ман гуфтанд:

– Эй ҷавон, оё шире дорӣ, ки моро бинӯшонӣ?

Ман гуфтам:

– Ман шахси амонатдорам ва шуморо шир нӯшонида наметавонам.

Паёмбар (с) гуфт:

– Оё гӯсфанде дорӣ, ки худро аз қушқорҳо манъ кунад ( яъне саркаш бошад) ва наринае бар вай нарасида бошад?

Гуфтам:

– Оре.

Пас он гӯсфандро ба пешашон овардам. Паёмбар (с) ӯро дастгир кард ва пистонашро масҳ кард ва ба Парвардигораш дуъо кард, пас пистон шир пайдо намуд. Баъд аз он Абубакр (р) як санги чуқурчадореро пайдо намуда оварда аз он шир ҷӯшид. Абубакр (р) аз он шир нӯшид ва ман ҳам нӯшидам. Баъд аз он Паёмбар барои он пистон гуфт:

– Хушк шав!

Хушк шуд.

Баъди ин кор рӯзе ба назди Паёмбар (с) омадам. Гуфтам:

– Маро аз ҳамон суханон биёмӯз.

Паёмбар (с) гуфт:

– Ту ҷавони таълимдидаӣ.

* * *

Ба таҳқиқ вақте Абдуллоҳ ибни Масъуд бандаи накӯкор ва Расули амонатдори Худоро дид, ки ба даргоҳи Парвардигораш дуъо мекунад ва пистонеро, ки асло шир надоштааст, масҳ мекашад ва ногаҳон аз он шир пайдо мешавад ва ин шир барои нӯшандагон хеле гуворост, моту мабҳут мегардад.

Ва ӯ дар он рӯз дарк карда наметавонист, ки алҳол ӯ хеле муъҷизаи кӯчак ва камаҳамиятро дидааст ва ӯ дар ояндаи наздик аз ин Паёмбар (с) муъҷизотеро хоҳад дид, ки дунёро ба ларза хоҳанд даровард ва онро аз ҳидоят ва нур лабрез хоҳанд намуд.

Балки ӯ он рӯз пай бурда наметавонист, ки ӯ як фарзанди камбағали заъифи мардикор ва чӯпони Уқба ибни Аби Муъайт, яке аз ин мӯъҷизаҳо мегардад. Рӯзе ислом аз ӯ як мӯъмине месозад, ки ӯ ба воситаи имонаш тамоми бузургманишиҳои Қурайшро ба ҳазимат вомедорад ва бар зӯроварии роҳбарони Қурайш пирӯз меояд.

Шахсе, ки қабл аз ислом оварданаш, аз назди маҷлисе, ки дар он яке аз бузургони Қурайш ҳузурдошт гузашта наметавонист ва агар мегузашт танҳо бо сари хам, хомӯш ва босуръат. Акнун барои ҷамъияти дар назди Каъба гирд омадаи сардорон ва пешвоёни Қурайш бо садои баланд ва шево Қуръони Худоро тиловат мекунад.

– Ба номи Худованди бахшандаи меҳрабон.

– Худои меҳрубон. Қуръон омӯхт. Ва инсонро офарид. Ва ба ӯ таълими нутқ ва баён фармуд. Ва хуршеду моҳ (ба офариниш ва амри ӯ) бо ҳисоби муайян (ва мадори муназзам) бо ҳам ба гардишанд. Ва гиёҳон ва дарахтон ҳам бо итоъати ӯ сар ба саҷда мениҳанд. (Сураи Ар-раҳмон, оятҳои 1-6).

Ва ӯ тиловаташро идома медиҳад. Дар ҳолати даҳшатзадагӣ саркардагони Қурайш бо чашмонашон медиданд ва бо гӯшҳояшон идомаи тиловати ӯро мешуниданд ва бовариашон намеомад, ки ин шахси бо зӯрӣ ва гарданкашии муқобилаткунанда, яке аз мардикорон ва чӯпонони бузургзодаҳои онҳо – Абдуллоҳ ибни Масъуди фақир ва беному насаб аст.

Беҳтараш ин лаҳзаи муассирро шоҳиди воқеии ҳодиса васф кунад. ӯ Зубайр (р) аст.

Ӯ мегӯяд:

– Аввалин касе, ки Қуръонро баъди Паёмбар (с) дар Макка ошкоро тиловат кард, Абдуллоҳ ибни Масъуд буд. Зеро рӯзе саҳобагони Расули Худо (с) ҷамъ омада гуфтанд:

– Қасам ба Худо, ки Қурайш ин Қуръонро бо овози ошкорову баланд ҳаргиз нашунидааст. Кист он марде, ки ин Қуръонро ба онҳо бирасонад?

Абдуллоҳ ибни Масъуд гуфт:

– Ман.

Асҳоб гуфтанд:

– Мо аз онҳо дар бораи ту бим дорем, мо касеро мехоҳем, ки қавму қабиладор бошад, то агар дар ҳаққаш коре кардaнӣ бошанд, аз онҳо манъаш кунанд (яъне ҳимояаш кунанд).

Ӯ гуфт:

– Бигузоред маро, ба зудӣ Худо маро аз онҳо ҳимоя мекунад.

Пас ибни Масъуд субҳ ба роҳ баромад ва дар вақти чошт ба он мақом расид, ки Қурайшиён дар он маҷлис буданд.

Ба маҷлисгоҳ ворид шуда ва қироат намуд:

– Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим.

Ва овозашро ҳангоми хондан хеле баланд намуд:

– Ар-раҳмон, ъаллама-л- Қуръон.

Баъд аз он рӯй ҷониби сардорон намуда ба қироаташ идома дод.

Пас чанд лаҳзае ба ӯ кордор нашуда ба тарафаш нигоҳ карда гуфтанд:

– Ибни Умми Абд чӣ мегуфта бошад.? Ба таҳқиқ ӯ баъзе аз гуфтаҳои Муҳаммадро мехонад.

Пас ба сӯяш бархостанд ва ба рӯяш задан гирифтанд ва ӯ қироаташро, то ҷое ки Худо хост, давом дод.

Вақте ба назди дӯстонаш баргашт, дар рӯяш ва баданаш осори зарбу лат буд.

Ба ӯ гуфтанд:

– Мо аз ҳаминаш барои ту метарсидем.

Абдуллоҳ гуфт:

– Ин душманони Худо ҳеҷ гоҳ дар назари ман хортар аз ин лаҳза набуданд ва агар бихоҳед фардо мисли имрӯз пагоҳӣ бо онҳо мулоқот мекунам.

Асҳоб гуфтанд:

– Барои ту басаст. Он чиро, ки намехоҳанд, ту барояшон шунавонидӣ.

Оре, ибни Масъуд дар он рӯзи нохост шир пайдо кардани пистони гӯсфандонаш дарк карда наметавонист, ки ӯ ва ҳаммаслакони ӯ аз қабили фақирон ва мардуми оддӣ шоҳиди мӯъҷизаҳои бузурги Паёмбар (с) мегарданд ва ливои исломро баланд мебардоранд, ки ин дурахши ливои ислом бар рӯшании Хуршед ҳам пирӯз мешавад.

ӯ намедонист, ки он рӯз қариб аст.

Вале ба зудӣ он рӯз расид ва соат занги вақтро зад ва он писарбачаи мардикори камбағали бекасу бечора ба мӯъҷизае аз мӯъҷизаҳо мубаддал гашт!

* * *

Дар миёни ҷамъияти мардум чашми кас ба ӯ ҳеҷ гоҳ барнамехӯрд. (Яъне каси гумном буд). Балки берун аз ҷамъият низ чашмрас набуд.

Ӯ дар миёни касоне, ки соҳиби мол буданд, мақоме надошт. Дар миёни ҷамъияти мардуми ҷисман бақувват ва дар миёни шахсони обрӯманд низ шахси шинохта набуд.

Яъне сарватманд набуд, ҷисман харобу лоғар ва аз нигоҳи қадру манзалат гумном буд.

Вале ислом дар ивази фақру нодорӣ барои ӯ аз хазинаҳои Хусрави Парвиз ва Қайсари Рум насибаи комиле ва ҳиссаи зиёде ато менамояд.

Ва дар ивази лоғарии ҷисм ва беқувватии вуҷудаш як иродаи қавие ато кард, ки ҷабборону золимони он даврро мағлуб сохт ва дар дигаргун сохтани маҷрои таърих саҳми худро гузошт.

Ва дар ивази гӯшагирӣ ва гумномиаш Худованд шӯҳрати ҷовидона ва илму шарафе ато намуд, ки ӯро дар байни мардумони машҳури таърих болонишин намуд.

Дар ҳақиқат он пешгӯиеро, ки Паёмбар (с) дар ҳаққи ӯ зикр кард, ба воқеъият рост баромад. Рӯзе Паёмбар (с) ба сӯи ӯ хитоб карда гуфта буд:

– Ту бачаи омӯзищдида ҳастӣ.

Оре, ӯро Парвардигораш омӯзонида буд, то ин ки донишманди уммати мусалмон гардид ва ба марҷаъи тамоми донандагону ҳофизони Қуръон табдил ёфт.

Ӯ дар бораи худаш чунин мегӯяд:

– Ман аз забони Паёмбар (с) ҳафтод сураро омӯхтам. Дар ҳоли омӯхтанам касе набуд, то дар гирифтану омӯхтани он ба ман мунозаъат намояд.

Чунин ба назар мерасид, ки Худованд ба ивази дар вартаи хатар андохтани ҳаёташ ва дар замони пинҳонӣ будани даъват наҳаросида дар атрофи Макка ошкоро эълон ва таблиғ кардани Қуръон ирода карда буд ӯро мукофоте бидиҳад. Ва ин мукофот тарзи ифодаи хос дар тиловати Қуръон ва фаҳму дарки фавқулъодда дар маъонии Қуръон буд, ки Худованд насибаш гардонд.

Паёмбари Худо асҳобро васият менамуд, ки тарзи қироати ибни Масъудро пайравӣ намуда, аз ӯ тариқаи ифодаи тиловатро ёд гиранд.

Паёмбар (с) чунин мегуфт:

– Шумо ба роҳу тариқаи тиловати ибни Умми Абд чанг бизанед.

Ва ҷои дигар гуфта:

– Агар касе хоҳад Қуръонро тару тоза бишнавад, ҳамчуноне, ки нозил шудааст, пас онро аз қироати ибни Умми Абд бишнавад.

– Агар касе хоҳад Қуръонро тару тоза қироат кунад, пас бо тарзу услуби ибни Умми Абд қироат кунад.

Ва аксаран Паёмбарро хуш меомад, ки Қуръонро аз даҳони ибни Масъуд бишнавад...

Рӯзе Паёмбар (с) ӯро ба наздаш хонд ва гуфт:

– Барои ман қироат кун, эй Абдуллоҳ...

Абдуллоҳ гуфт:

– Оё барои ту қироат кунам ва ҳол он ки Қуръон ба ту нозил гардид?

Пас Паёмбар (с) гуфт:

– Ман дӯст медорам, ки Қуръонро аз дигарон бишнавам...

Ибни Масъуд шурӯъ намуда аз сураи “Нисо” чанд оят тиловат кард, то ин ки ба ин сухани Худо расид: Чӣ гуна аст ҳоли умматҳо (дар рӯзи маҳшар ва чӣ андоза некон сарафроз ва бадон шарманда

бошанд) Он гоҳ ки аз ҳар тоифае шоҳиде орем ва туро (эй Паёмбар) бар болои онҳо ба гувоҳӣ хоҳем. Дар он рӯз онон, ки ба роҳи куфр рафта ва нофармонии Паёмбар карданд, орзу кунанд, ки эй кош, ки ба хоки замин яксон буданд ( ва ҳашре ба онҳо набуд) Ва аз Худо чизе аз аъмолашонро пинҳон натавонанд кард. (Сураи Ан-Нисо, ояҳои 41-42).

Пас гиря бар Паёмбар (с) ғолиб омад ва чашмонаш аз ашк пур шуд ва бо дасташ ба сӯи ибни Масъуд ишора намуд:

– Кифоя аст туро, кифоя аст, туро эй ибни Масъуд.

Ва ибни Масъуд аз он неъмате, ки Худованд ба ӯ арзонӣ доштааст, чунин ривоят мекунад:

– Қасам ба Худо ҳеҷ чизе аз Қуръон фуруд наёмадааст, магар ки ман донотарам ба он ки барои чӣ нозил гардидааст ва ҳеҷ кас аз ман дида донотар ба китоби Худо нест ва агар бидонам касеро, ки донотар бошад аз ман ба китоби Худо ва имконияте бошад, ки ба сӯи ӯ бо шутур рафта шавад, албатта ба сӯяш хоҳам рафт (барои омухтан) ва ҳол он ки ман аз шумоён беҳтар нестам...

Ва ба таҳқиқ саҳобагони Паёмбар (с) ба ин донишмандӣ ва сабқаташ гувоҳӣ додаанд.

Умар (р) дар бораи ибни Масъуд гуфт:

– Ӯ аз илми фиқҳ саршор аст.

Ва Абумӯсои Ашъарӣ чунин гуфтааст:

– То даме, ки ин донишманд дар миёни шумост, аз ман чизе напурсед.

На фақат мумтозии ӯ дар илми фиқҳ ва Қуръон ҷои тавсиф аст, балки ин сабқат дар зуҳду парҳезгории ӯ низ ҳаст.

Ҳузайфа дар бораи тақвову зӯҳдаш гуфта:

– Ман касеро дар роҳнамоӣ ва меҳрубонӣ ва хубии сурат аз ибни Масъуд дида ба Паёмбари Худо (с) монандтар надидаам. Ва касоне, ки аз ҷумлаи саҳобагони Паёмбар (с) соҳиби насибе аз камолот буданд, дониста буданд, ки ибни Умми Абд аз ҳамаи онҳо дида ба Худованд аз рӯи қурбат наздиктараст.

Рӯзе чанде аз саҳобагон дар назди Алӣ писари Абутолиб ҷамъ омада ба ӯ гуфтанд:

– Эй амири мӯъминон, мо ҳеҷ касро аз ибни Масъуд болотар надидаем аз рӯи хубии ахлоқ ва бо меҳрубонӣ таълимдиҳанда ва ҳамнишинии нек ва ниҳоят парҳезгорӣ.

Алӣ (р) гуфт:

– Ман шуморо ба Худо қасам медиҳам, оё ин суханонро аз рӯи садоқату ростӣ мегуед?

Гуфтанд:

– Оре...

Гуфт:

– Худовандо, ман туро гувоҳ мегирам. Худовандо, ман низ монанди гуфтаи инҳоро мегӯям, балки афзалтар аз гуфтаи инҳо. Ба таҳқиқ ӯ Қуръонро хонда, пас ҳалолҳои онро ҳалол ва ҳаромҳояшро ҳаром эътиқод намудааст, дар умури дин фақеҳ ва дар суннати Паёмбар (с) олим аст.

Ва саҳобагони Паёмбари Худо (с) аз ибни Масъуд чунин ривоят намудаанд:

– ӯ шахсе буд, ки дар лаҳзаҳои маҳҷуб будани мо аз даромадан ба пеши Паёмбар (с), ба ҳузури Паёмбар (с) медаромад ва ӯ дар фурсатҳои ғоиб будани мо аз маҷлиси Расули Худо дар ҳузури Паёмбар (с) буд.

Онҳо бо ин гуфтаҳояшон инро дар назар доранд, ки ба таҳқиқ Абдуллоҳ (р) шахсе буд аз ҳамсӯҳбатии Паёмбар (с) лаҳзаҳои нотакрорро дармеёфт ва ғайри ӯ касе наметавонист ба ин даст ёбад. Ба хонаи Паёмбар (с) аз дигарон дида зиёдтар медаромад ва аз дигарон дида бо Паёмбар (с) бештар як ҷо менишаст ва аз дигар саҳобагон дида, аз асрору корҳои пӯшидаи Паёмбар (с) огаҳӣ дошт, то андозае, ки ба ӯ лақаби “дӯст ва ҳамроҳи торикӣ” дода буданд. Яъне, соҳиби асрор.

Абумӯсои Ашъарӣ (р) чунин ривоят мекунад:

– Ман Паёмбарро дар ҳолате дида будам, ки ба ҷуз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р), аз аҳлу хонадонаш каси дигаре набуд.

Сабаби ин ҳамнишиниҳо дар ин буд, ки Паёмбари Худо, (с) ӯро хеле дӯст медошт ва дар вуҷуди ӯ парҳезгорӣ ва зиракӣ ва бузургии рӯҳу қалбашро дӯст медошт... То он ҳадде, ки Паёмбари Худо (с) дар борааш гуфтааст:

– Агар ман касеро бидуни машварати шӯрои мусалмонон амир таъин кардани бошам, албатта ибни Умми Абдро таъин мекунам.

Мо қаблан аз ин васияти дигари Паёмбарро (с) ёдовар шуда будем, ки ба асҳобаш гуфта буд:

– Ба тариқаи ибни Масъуд чанг бизанед...

Ва ҳамин муҳаббат ва ин боварӣ ӯро сазовори он гардонид, ки ба Паёмбар (с) зиёд наздик гардад ва ба ӯ ҳуқуқҳое дода шавад, ки ғайри ӯ ба касе дода нашудааст. Ва Паёмбар (с) ба ӯ гуфтааст:

– Ба ту иҷоза, ки ҳиҷобро бардорӣ.

Пас ин сухан барои ӯ эъломияи ҳуқуқи ӯ буд, ки дар кадом лаҳзаи шабонарӯз, ки бихоҳад, дар хонаи Паёмбар (с) бидарояд.

Ва ҳамчунин дар ин бора ҳамсӯҳбатонаш ривоят мекунанд: ӯ касе буд, ки дар вақти мамнӯъ будани даромадани мо, иҷозаи даромадан меёфт ва дар лаҳзаҳое , ки мо ғоиб будем, ӯ ҳозир буд.

Ба таҳқиқ ибни Масъуд ба ин мақом сазовор буд. Бо вуҷуди ин ҳамнишинии наздик бо Паёмбари Худо, ки одатан касеро бо ҷуръат мекунад, ибни Масъуд дар ҳузури Паёмбар ниҳояти адаб ва бузургдоштро риоя мекард.

Ва шояд беҳтарин чизе, ки соҳиби ин ахлоқи ҳамида буданро дар ин шахс тасвир мекунад, ҳолати зоҳирии ӯ бошад, ҳангоме, ки баъди вафоти Паёмбар (с) ҳадис ривоят мекард.

Бо вуҷуди кам ҳадис ривоят карданаш аз Паёмбар (с), мо ӯро чунин меёбем, ҳамин, ки лабонашро меҷунбонид, то бигуяд: аз Паёмбар (с) шунидаам, ки чунин мегуфт, ӯро ларзаи сахте фаро мегирифт ва дар вуҷудаш аломати изтироб ва беқарорӣ мушоҳида мешуд, аз тарси ин ки мабодо ҳарферо дар ҷои ҳарфи дигаре наниҳода бошад.

Биёед, бародарону дӯстонашро бишунавем, ки дар бораи ин ҳолатҳояш ривоят мекунанд.

Амр ибни Маймун чунин мегӯяд:

– Ман як сол Абдуллоҳ ибин Масъудро муттасил зиёрат кардам ва дар ин муддат надидам, ки ӯ аз Паёмбар (с) ҳадисе ривоят кунад. Магар рӯзе ҳадисе ривоят намуд ва дар забонаш чунин калима омад: Паёмбари Худо (с) гуфт, пас ӯро як вазниние рӯй дод, ки дидам арақ аз пешониаш ҷорӣ гардид. Пас аз он барои пешгирии

хато гуфт: Паёмбар (с) як сухане гуфт, ки ба ин гуфтаи ман қариб монанд буд.

Алқама ибни Қайс мегӯяд:

– Абдуллоҳ ибни Масъуд одате дошт, ки ҳар бегоҳии панҷшанбе барои ҳадис гуфтан дар байни мардум бармехост. Ва ман боре ҳам нашунидаам, ки бо ҷумлаи "Паёмбар (с) чунин гуфт" суханашро оғоз карда бошад, магар ҳамагӣ як бор (яъне, ҳадис мегуфт, вале лафзи Паёмбар (с) чунин гуфтро ба забон намеовард – мутарҷим). Пас ба сӯяш назар кардам, ӯ дар ҳоле, ки ба асое такя зада истода буд ва асои ӯ меларзид.

Масруқ аз Абдуллоҳ чунин ривоят мекунад, ки рӯзе ибни Масъуд аз Паёмбар (с) ривоят карда гуфт:

– Ман аз Расули Худо (с) шунидаам... Баъд аз он ларзид ва либосҳои танаш аз ларзиши ӯ меларзиданд. Пас гуфт: ё мисли ҳамин... ё монанди ҳамин...

Ҳадди бузургдошти ӯ нисбати Паёмбар (с) ва эҳтиромаш ба ин поя расида буд. Ва ин муносибат қабл аз ҳама баёнгари фаҳму идроки ӯст нисбати ҷоҳу мақоми Расули Худо (с).

Пас марде, ки бо Паёмбар (с) аз дигарон дида бештар ҳамроҳ буд, албатта пай бурданаш ба азамати ин Паёмбар (с) дурусттар аст... Аз ҳамин ҷиҳат нигоҳ доштани адабаш ҳангоми дар ҳаёт будани Паёмбар (с) ва дар ҳузураш ва одоби ёдовариаш баъди риҳлати Паёмбар (с) амри табиӣ ва воқеъист.

* * *

Ӯ чӣ дар сафар ва чӣ дар мақар аз Паёмбар (с) ҷудо намешуд...

Ба таҳқиқ ӯ дар ҳамаи маъракаҳои ҷанг иштирок карда буд ва дар ҷанги Бадр дар қатли Абуҷаҳл, ки ӯро шамшерҳои мусалмонон дар он рӯзи бузург аз пой дароварда буданд корнамоии назаррасе дорад...

Ва халифаҳои Паёмбар (с) ва саҳобагони вай қадру манзалати ӯро хуб мешинохтанд...

Амири мӯъминон Умар (р) ӯро дар байтулмоли Куфа сардор таъин намуд ва дар ҳоле, ки ӯро ба сӯи онҳо фиристод, ба бошандагони Куфа чунин гуфт:

– Қасам ба Худо, ки ба ғайри ӯ маъбуде нест, ба таҳқиқ дар фиристодани ибни Масъуд ба сӯи шумо афзалияти қадрдонии ман

нисбати шумост, бар қадри худам. Пас аз ӯ ибрат бигиред ва биёмӯзед (яъне ман худам мӯҳтоҷтарам, ки ӯ ҳамроҳи ман бошад – мутарҷим) .

Ва ба таҳқиқ аҳли Куфа ӯро хеле зиёд дӯст доштанд, ки касе ин қадар ба муҳаббати онҳо сазовор ва ноил нагардида буд. На пеш аз ӯ ва на баъд аз ӯ.

Ва ҷамъ гардидани аҳли Куфа барои изҳори муҳаббат дар атрофи як инсон як корест, мӯъҷизамонанд...

Зеро онҳо қавми саркаш ва ҷангҷӯй ҳастанд. Ба як таъоми воҳид сабр карда наметавонанд (ишора ба саркашиҳои қавми Мӯсо (р) аст) ва оромиву осудагиро ҳеҷ бардошт надоранд.

Камоли муҳаббаташон ба андозае буд, ки чун халифа Усмон (р) хост ӯро аз мансабаш барканор кунад, дар атрофаш ҷамъ шуда ба ӯ гуфтанд: дар назди мо бимон ва нарав, мо намегузорем, ки ҳеҷ газанде ба ту бирасад...

Вале ибни Масъуд бо чанд калимае онҳоро ҷавобе гуфта ва ин ҷавоб бузургии ӯро ва ҳадди парҳезгориашро дар худ муҷассам менамояд:

– Халифаи Расули Худо дар ҳақиқат дар ӯҳдаи ман ҳаққи итоат дорад ва ба зудӣ чанд корҳо ва фитнаҳо бояд ба вуқӯъ оянд ва ман намехоҳам, ки аввалин каси дари ин фитнаро кушоянда бошам...

Воқеан, ин рафтору гуфтори пурҳикмату парҳезгорона моро ба мавзеъгирии ибни Масъуд нисбати халифа Усмон (р) бурда мерасонад, пас дар ҳақиқат байни ибни Масъуд ва халифа Усмон (р) як баҳсе ва ихтилофи назаре рух дод, ки хеле ҷиддӣ ва хатарнок буд.

Ин ихтилоф то андозае расид, ки моҳона ва маъоши Абдуллоҳ аз хазина қатъ гашт. Бо вуҷуди ин ҳама дар ҳаққи халифа Усмон (р) як калима ҳам сухани бад нагуфт.

Балки чун норизоиятии мардум ба ҳадде расид, ки анқариб буд ба инқилоб бурда мерасонд, дар мавқифи тарафдор ва тарсдиҳанда истод.

Чун ба гӯшаш гуфтугӯи қасди ҷони халифа расид, як сухани таърихӣ гуфт:

– Агар ӯро кушта бошанд, баъди ӯ мисли ӯ ҳаргиз халифа нахоҳанд ёфт.

Баъзе аз дӯстони ибни Масъуд чунин мегӯянд:

– Ҳаргиз аз забони ибни Масъуд нашунидаем, ки дар ҳаққи халифа Усмон (р) ягон сухани носазое гуфта бошад.

* * *

Худованд ҳамчунон, ки ба ӯ тақво дод, инчунин ба ӯ ҳикмат низ ато намуд.

Ва ӯ дорои қобилияти дидани натиҷаи ҳар корро дошт ва қобилияти фавқулъоддаи фасеҳбаёниро низ доро буд.

Биёед масалан ба иборати, ӯ ки ҳаёти Умари бузургворро дар чанд калимаи ҷомеъ моҳирона баён менамояд, гӯш бидиҳем. ӯ мегӯяд:

– Исломи Умар (р) фатҳ буд ва ҳиҷраташ нусрат ва хилофаташ раҳмат буд.

Ва аз баёни ӯ дар бораи нисбӣ будани замон чунин мегӯяд:

– Дар ҳақиқат, дар назди Парвардигори шумо шабу рӯз нест, нури осмонҳо ва замин аз нури рӯи ӯст.

Ва ӯ дар бораи кору меҳнат ва аҳамияти он дар баланд бардоштани дараҷаи маданиятнокӣ барои соҳибаш чунин мегӯяд:

– Ман мардеро бад мебинам, ки бекор бошад ва дар ягон кори дунё ва ё кори охират машғул набошад.

Ва аз суханони ҷомеъи ӯ:

– Беҳтарини сарват боигарии нафс аст ва беҳтарини тӯша тақвост ва бадтарини нобиноӣ кӯрии дил аст ва бузургтарини хатоҳо дурӯғ аст ва зишттарин касб рибо (судхӯрӣ) аст ва ҳаромтарин хӯрданиҳо моли ятим аст. Ва касе, ки авф кунад, Худованд ӯро авф менамояд ва касе, ки мағфират кунад, Худованд мар ӯро мағфират менамояд.

* * *

Ин шахс Абдуллоҳ ибни Масъуд аст, ҳамсӯҳбат ва ёри Паёмбари Худо (с).

Ва ин ривоятҳо партаве аз зиндагии бузургмардест, ки соҳиби он дар роҳи Худо ва Расулаш (с) ва динаш онҳоро сипарӣ намуда ҳаёт ба сар бурдааст.

ӯ марде буд, ки ҷисмаш ба андозаи ҳаҷми гунҷишк, лоғар, кӯтоҳ, то андозае, ки як шахси нишаста баробари қомати рост истодаи ӯ буд.

Соқҳои пояш хароб ва борик буданд. Рӯзе ба болои дарахте баромад, то барои Паёмбар (с) шохчае бишканад. Саҳобагон соқҳои борики ӯро дида хандиданд.

Расул (с) гуфт:

– Соқҳои ибни Масъудро механдед, ҳар оина барои он соқҳо вазнест дар тарозуи аъмол назди Худо вазнинтар аз кӯҳи Уҳуд.

Оре, ин марди фақир, мардикор, лоғар ва беқувват, касест, ки имон ва яқинаш аз ӯ пешвое аз пешвоёни хайр, ҳидоят ва нур гардонидаанд.

Ва ба таҳқиқ ӯ аз тавфиқи додаи Худованд ва неъматҳои Худованд чандон бонасиб гашта буд, ки ӯро аз ҷумлаи даҳ нафар бузургони садри аввал аз саҳобагони Паёмбар (с) гардонид. Онҳое, ки дар ҳолати дар рӯи замин дар қайди ҳаёт буданашон ба ризои Худо ва ҷаннати ӯ башорат ёфта буданд.

Ӯ дар тамоми маъракаҳои зафармандонаи Паёмбар (с) ва халифагони баъди вай иштирок дошт.

Ва шоҳиди он буд, ки дар замон ва асри ӯ ду имперотӯрӣ дарҳояшонро аз рӯи итоат барои ислом ва иродаҳои исломӣ аз тарс кушоданд.

Ва медид, ки чӣ гуна мансабҳои давлатӣ, довталабони худро аз миёни мусалмонон меҷустанд (яъне хеле зиёд буд ва касе лозим буд, ки онро ишғол кунад) ва дид, ки молҳои дунё пеши мусалмонон пош мехӯрад. Вале ҳеҷ чизе аз инҳо (мансаб ва мол) ӯро аз аҳде, ки бо Худо ва Расули ӯ карда буд, ба худ машғул насохт ва ҳеҷ машғулкунанда ва бероҳакунандае ӯро аз итоатгорӣ ва тавозӯъмандӣ дар баробари Худо ва манҳаҷи зиндагониаш бероҳа накард.

Ва дар дили ӯ аз орзуву ҳавасҳои дунё ҳеҷ чизе набуд, магар як орзу, ки доим бетоқатона онро мехост ва онро такрор мекард ва орзуяш мекард, ки кошкӣ ба он мерасид.

Биёед суханони ӯро гӯш бидиҳем, то бо мо аз он орзуҳояш қисса кунад:

– Ман дар нимишабӣ аз бистари хобам бархостам, дар ҳоле ки ман бо ҳамроҳии Паёмбари Худо (с) дар ғазои Табук будам. Пас дар як гӯшаи лашкаргоҳ оташеро мушоҳида намудам. Паи он рафтам, то ба он бингарам. Дар он ҷо Паёмбари Худо (с) ва Абубакру

Умарро дидам ва дар он ҷо Абдуллоҳ Зубиҷодайни ал-Музанӣ мурда буд ва он ҳолат онҳо барои ӯ гӯр канда буданд ва Паёмбар (с) дар дохили гӯр буд ва Абубакру Умар (р) он ҷасадро ба сӯи ӯ дароз мекарданд ва Паёмбар (с) мегуфт:

– Бародаратонро ба ман наздик биёред.

Пас ӯро ба сӯяш дароз карданд. Вақте ки ӯро дар лаҳад хобонид ва омодааш сохт, гуфт:

Худовандо, ба таҳқиқ ман то ҳамин бегоҳ аз вай розӣ будам, пас ту низ аз вай розӣ бош...

– Эй кош, ман соҳиби он қабр мебудам.

* * *

Ҳамин буд орзуи ягонаи вай, ки доим дар дунё онро умед мекард.

Ва ин орзу, ҳеҷ гуна алоқае ба он орзуву ҳавасҳои мардум, ки одатан ба сӯи он рағбати зиёд доранд, аз ҷумлаи аслу насаб, боигарӣ, мансаб ва обрӯ надорад. Зеро ин орзуи шахсест, ки дорои дили бузург ва нафси (вуҷуди) азим ва яқини устувор аст. Марде, ки Худованд ӯро ҳидоят намудааст ва Паёмбар (с) тарбияташ карда ва Қуръон пешвояш будааст.

## 13. ҲУЗАЙФА ИБНИ ЯМОН
### Душмани дурӯягӣ ва дӯсти ошкоргӯӣ

**Бошандагони шаҳри Мадоин гурӯҳ-гурӯҳ барои истиқболи волии навашон, ки барои онҳо амири мӯъминон Умар (р) ихтиёр карда буд, беруни шаҳр баромаданд.**

Онҳоро иштиёқи дидани саҳобаи бузурге берун оварда буд, ки аз зуҳду парҳезгорияш хеле зиёд шунида буданд. Ва аз футуҳоти Ироқ ҳам қиссаҳое ба гӯшашон расида буд.

Ва ҳангоме ки онҳо гурӯҳи намояндагони фиристодашударо интизорӣ мекашиданд, дар наздашон як марди нурониеро диданд савори маркаб. Дар пушти маркаб як зини кӯҳна буд ва пойҳои ин мард овезон буда ва бо ду дасташ як пора нон медошт ва онро дар намак олуда мехӯрд.

Чун миёни ҷамоъаи мардум расид ва мардум донистанд, ки Ҳузайфа ибни Ямон, волии навест, ки интизораш ҳастанд, ҳайратзада шуданд.

Онҳо аз чӣ дар таъаҷҷуб бошанд?

Ва аз марде, ки Умар (р) ихтиёраш намудааст, чиро интизор ҳастанд?

Дар ҳақиқат, онҳо дар ин ҳайраташон маъзуранд, зеро ҳаргиз мамлакати онҳо чӣ дар аҳди Форсҳо ва чӣ қабл аз Форсҳо аз ин қабил одамони бузург роҳбареро надидааст.

* * *

Ҳузайфа равон гардид ва мардум атрофашро печонида буданд.

Чун дид, ки чашму гӯши мардум ба сӯи ӯ ҳастанд ва интизорӣ доранд, ки чӣ мегӯяд, бар чеҳраи онҳо бо диққат назар намуда гуфт:

– Аз мавзеъҳои фитна худро дур нигаҳ доред!

Гуфтанд:

– Мавзеъҳои фитна кадом ҷойҳоянд, эй Або Абдуллоҳ?

Гуфт:

– Дарбори амирон, зеро яке аз шумо ба пеши амир ва ё волӣ медарояд ва сухани дурӯғи ӯро рост мешуморад ва ба чизе ӯро мадҳ мекунад, ки дар вай нест.

Ва ин суханронии нахустини ӯ бо вуҷуди тааҷҷубовар буданаш хело зебову дилкаш буд. Ва мардум дарҳол он чиро, ки аз волии навашон шуниданд, дар зеҳни худ ҷой доданд ва дарк карданд, ки ӯ ҳеч чизро аз нуқсонҳои дунё бадтар ва ҳақиртар аз мунофиқӣ намедонад.

Ва ин суханронии нахустини ӯ беҳтарин таъбир аз шахсияти ҳокими нав ва аз равиши ӯ дар ҳукм ва раванди роҳбариаш буд.

* * *

Ҳузайфа ибни Ямон марде буд, ки аз замони по ба арсаи ҳастӣ гузоштанаш табиати хосе дошт. Ва ин табиати хос дар нафрати ӯ ба нифоқ ва дурӯягӣ буд. ӯ дар шинохту дарки нифоқ қобилияти фавқулъодда дошт ва ин падидаи зиштро дар қаъри дили соҳибаш низ дарёфт мекард.

Ва ин аз замоне, ки ӯ ҳамроҳи бародараш Сафвон ва падараш ба назди Пайғамбар (с) омаданд ва ҳар се дини исломро қабул намуданд, оғоз шуд. Ислом ин қобилияти фавқулъоддаи ӯро тавонотар гардонида сайқал дод.

ӯ динеро қабул намуд, ки хеле қавӣ, покиза ва рост буда, тарсуӣ, мунофиқӣ ва дурӯғро намеписандад.

Ва ӯ дар дасти Паёмбаре тарбият ёфт, ки мисли субҳи содиқ поку равшан аст ва ҷараёни зиндагонии ӯ ва шахсияти ӯ бар онҳо пӯшида набуд. Ростгӯ ва амонатдор аст. Шахсонеро, ки дар роҳи барқарории Ҳақ устуворанд, дӯст медорад ва касонеро, ки дар ақида ва амал тағйирпазир ва фиребгаранд, бад мебинад.

Пас дар ин ҷо муҳите, ки қобилиятҳои Ҳузайфа беҳтар ва хубтар нашъунамо ёбад ва бишукуфад аз ин муҳити исломӣ, дар пеши дастони Паёмбар ва миёни он қофилаи бузурги асҳоб набуд.

Аз ин ҷост, ки қобилияти фитрии ӯ хеле инкишоф ёфт ва дар шинохтани қиёфа (чеҳрашиносӣ) тахассус пайдо намуд. ӯ бо як нигоҳ аз чеҳраи шахс мақсади ӯро дарк мекард ва қаъри дили шахсро ва мақсадҳои пӯшидаи касро бемашаққат муайян менамуд.

ӯ дар ин ҳунар ба дараҷае расида буд, ки амири мӯъминон Умар (р) дар ҳоле, ки худ як қудрати илҳомӣ буд, аз фикру андешаҳои Ҳузайфа истидлол мекард ва ба биниши ӯ такя менамуд ва дар интихоби одамон барои кори роҳбарӣ ва донистани шахсияти онҳо ӯро ба ёрӣ мехонд.

Ҳузайфа бо зиракӣ ва ақли нофизи худ дарёфта буд, ки барои ҳар касе, ки ҳақро меҷӯяд, ҳақ зоҳир аст. Ва ба таҳқиқ бадӣ аз дид пӯшида ва пинҳон аст. Аз ин лиҳоз барои ҳар ақл воҷиб аст, ки барои донистани бадӣ дар ҷое, ки эҳтимоли он аст заҳмат бикашад

Бинобар ин ҳамчунин Ҳузайфа (р) барои омӯзиши бадӣ ва бадкорон, мунофиқӣ ва мунофиқон ҳиммат гуморид.

Ӯ мегӯяд:

– Мардум ҳамеша аз Паёмбари Худо (с) аз некӣ суол мекарданд ва ман ҳамеша аз бадӣ суолаш мекардам. Аз тарси он ки бадӣ аз ман сар назанад ва ба ман нарасад.

Гуфтам:

– Эй Расули Худо (с), мо то ин замон дар ҷоҳилият ва бадӣ мезистем ва Худованд моро насиби ин некӣ ва хайр кард, оё баъди ин некӣ бадие ҳаст?

Гуфт:

– Оре.

Гуфтам:

– Пас оё баъди ин бадӣ некие ҳаст?

Гуфт:

– Оре, вале дар миёни он дуде ҳаст.

Гуфтам:

– Ва дуди он кадом аст?

Гуфт:

– Гурӯҳе, ки қонунгузорӣ ва тарзи зиндагиашонро аз ғайри суннати ман ҷустуҷӯ мекунанд ва ғайри роҳнамоии ман роҳи наҷот меҷӯянд, гоҳо онҳоро мешиносӣ ва гоҳо дарки ин ашхосро карда наметавонӣ.

Гуфтам:

– Оё баъди ин некӣ бадие ҳаст?

Гуфт:

– Оре, доъиёне дар назди дарҳои дӯзах ҳастанд. Касе даъвати онҳоро қабул кунад, ӯро дар дӯзах меандозанд.

Гуфтам:

– Эй Паёмбари Худо (с), пас маро чӣ амр мекунӣ, вақте ки ин лаҳза маро дарёб кунад?

Гуфт:

– Ҷамоъати мусалмонон ва имоми онҳоро пайравӣ намо.

Гуфтам:

– Агар мусалмонон ҷамоъате ва имоме надошта бошанд?

Гуфт:

– Он ҳангом аз пайравии ҳамаи гурӯҳҳо даст бикаш, агарчанде решаи дарахтеро бихӯрӣ, то ин ки марг ба ту бирасад.

Оё сухани Ҳузайфаро дарк кардед, ки мардум аз Расули Худо (с) аз некӣ суол менамуданд ва ман ӯро аз бадӣ мепурсидам, аз тарси он ки аз ман бадӣ ба вуҷуд наояд.

Воқеъан, Ҳузайфа бо дилу дидаи бедор, бо дарки лаҳзаҳои фитна ва гузаргоҳҳои бадӣ зиндагӣ кард, то ки аз онҳо худро дур нигоҳ дорад ва то мардумро аз онҳо барҳазар дорад ва ба таҳқиқ ин амалаш ӯро басирате нисбати дунё ва огоҳӣ нисбати мардум ато намуд ва огоҳи афкору ақоиди замон буд, ки масоилро дар фикраш ва ақлаш бо услуби файласуфона ва дарки ҳакимона мечархонид.

Худо аз вай розӣ бошад, чунин мегуфт:

– Худованд Муҳаммадро фиристод ва мардумро аз гумроҳӣ ба роҳи рост даъват кард ва аз куфр ба сӯи имон. Пас ҳар касе, ки насибаш буд, даъвати ӯро қабул кард. Касоне, ки маънан мурда буданд, ба воситаи дарки ҳақиқат зинда гаштанд.

Ва касоне, ки зоҳиран зинда буданд, маънан аз рӯи қабул накардани ҳақ мурданд.

Баъд паёмбарӣ хатм шуд ва хилофат тибқи барномаи он пеш омад...

Баъд аз он подшоҳии газанда ва бадхашм хоҳад омад...

Баъзе аз мардум ин лаҳзаро бо дил ва забон ва даст инкор менамоянд. Инҳо касоне ҳастанд, ки ҳақиқатро лаббайк гуфтаанд.

Ва баъзе аз онҳо бо дил ва забон онро бад мебинанд, вале дасташонро аз нусрати ҳақ боз медоранд, ин қабил одамон як шохаи ҳақро тарк намудаанд.

Ва баъзе касонеанд, ки бо дилашон бад мебинанд, вале дасту забонашонро аз ёрӣ додани ҳақ манъ менамоянд. Ин қабил ашхос ду шохаи ҳақро тарк намудаанд.

Ва баъзе одамон на ба дилашон ва на бо дасту забонашон ин давраи мулкдориро бад намебинанд, пас ин одамон мурдаҳоянд аз ҷумлаи зиндагон.

Ва дар бораи ҳидоят ва залолати дил чунин мегӯяд:

– Дилҳо чаҳор намуданд:

Аввал, дили сахт ва ин дили кофар аст.

Дуввум, диле, ки болояш оҳанин аст (яъне мулоимтар), ин дили мунофиқ аст.

Сеюм, дили беолоиш ва муҷаррад ва дар дохилаш чароғест, ки нурпошӣ менамояд, ин дили мӯъмин аст.

Чорум, дилест, ки ҳам имон аст ва ҳам нифоқ, пас масали имон ба мисли дарахтест, ки онро оби покиза нашъунамо мебахшад ва масали нифоқ мисли обилаест, ки онро чирк ва хун нашъунамо дода месабзонад. Пас кадоме аз онҳо ғалаба кард, пирӯз шуд.

Ва огоҳиаш нисбати бадӣ ва пофишориаш дар муқовиматаш нисбати бадӣ, забони ӯро ва суханонашро як қадар тундӣ ато намуда буданд ва ӯ бо як шуҷоъати бузургворона моро аз ин ҳол хабардор намуда мегӯяд:

– Ман ба назди Паёмбари Худо (с) омадам ва гуфтам:

– Эй Паёмбари Худо (с), ба таҳқиқ ман забони тезе дорам нисбати аҳлу аёлам ва метарсам, ки ин тезии забонам маро дар оташи дӯзах наандозад.

Пас Паёмбар (с) ба ман гуфт:

– Ту чаро аз талаби омӯрзиш ғафлат мекунӣ? Ман дар як рӯз сад маротиба аз Худованд омӯрзиш металабам.

* * *

Ин кас Ҳузайфа ибни Ямон аст. Душмани нифоқ ва дӯсти ростӣ ва ошкоргӯӣ.

Имони ин қабил мардон хеле мустаҳкам мебошад ва дӯстиашон хеле самимист.

Ҳамчунин буд Ҳузайфа дар имондорӣ ва дӯстиаш.

Ба таҳқиқ дар рӯзи ҷанги Уҳуд падари мусалмонашро ба дасти як зани мусалмон кушта дид, ки ӯро ба хато ба қатл расонида буд, ба гумони ин ки яке аз мушрикон аст.

Нигоҳи Ҳузайфа тасодуфан афтид, дид, ки шамшерҳо падарашро иҳота кардаанд. Пас фарёд зад ба сӯи занандагонаш: падари ман, падари ман, ба таҳқиқ ин падари ман аст!

Лекин тақдири Худо кори худро кард. Вақте ки мусалмонон ин қазияро донистанд, онҳоро ҳисси малӯлӣ ва гунаҳкорӣ даст дод, лекин ӯ ба сӯи онҳо бо дилзӯзӣ ва бахшандагӣ нигоҳ карда гуфт:

– Худо шуморо бибахшояд ва ӯ беҳтарини бахшояндаҳост.

Баъд аз он бо шамшераш ба сӯи корзор шитофт, ки дар гирудор буд, то вазифа ва корнамоияшро анҷом бидиҳад ва масъулияти худашро адо намояд ва маъракаи ҷанг поён ёфт ва ин хабар ба Паёмбар (с) расид. Амр намуд, ки хунбаҳои падари Ҳузайфа, ки Ҳусайл ибни Ҷобир буд, дода шавад. Аммо Ҳузайфа аз гирифтани хунбаҳо узр хоста рад кард ва он молро байни мусалмонон садақа намуд. Паёмбар (с) дар баробари ин амалаш ӯро зиёдтар дӯст дошт ва қадрдонӣ намуд.

* * *

Имон ва муҳаббати ӯ оҷизӣ ва заъифиро эътироф надорад.

Дар ғазои Хандақ баъди он ки бенизомӣ ва рӯҳафтодагӣ дар байни сафҳои кофирони Қурайш ва ҳампаймонони яҳудашон афтид, Паёмбар (с) ирода кард, то аз авзоъи охирин дар лашкаргоҳи душман огоҳӣ ёбад.

Шаб ниҳоят торику ҳавлнок буд, боду бӯрон наъра ва фарёд мекашид, гумон мекардӣ, ки бод мехоҳад кӯҳҳои ниҳоят мустаҳкамро аз ҷояш барканад. Лаҳзае буд, ки аз рӯи даҳшати муҳосира, душманӣ ва пойфишориаш дар дилҳо тарсу изтиробро эҷод мекард ва гуруснагию қаҳтии сахт дар ҳақиқат дар миёни асҳоби Паёмбар (с) ба охирин марҳалаи худ расида буд.

Пас дар чунин ҳолат, кӣ қудрати фавқулъоддае дорад, ки миёни лашкаргоҳи душман, байни хатари марг биравад ва худро ба он ҷо бияндозад ё ба дохили он пинҳонӣ бидарояд ва кори душманро биозмояд ва хабари тасмимоти онҳоро бифаҳмад?

Худи Паёмбар (с) аз миёни асҳоб касеро интихоб намуд, ки ба ин кори муҳими ниҳоят сахт иқдом намояд.

Медонед, ки ин диловар кист?

Ба таҳқиқ, ӯ Ҳузайфа ибни Ямон аст.

Паёмбари Худо (с) ӯро барои адои ин вазифа даъват намуд. Ӯ низ гуфтаи Паёмбарро иҷобат кард ва аз рӯи садоқати бузургаш барои мо хабар медиҳад, ки ӯ илоҷи дигаре ҷуз қабул намудани даъвати Паёмбар (с) надошт. Ӯ бо ин суханонаш барои мо чунин

ишора мекунад, ки аз ин вазифае, ки ба ӯҳдаи ӯ гузошта шуда буд ва аз иҷрои он зери фишори гуруснагӣ ва сардӣ ва заҳмати тоқатфарсои муҳосираи якмоҳа ва аз он ҳам зиёди мушрикон ба болои онҳо боқӣ гузошта буд, метарсид.

Амали Ҳузайфа дар ин шаб хеле аҷиб аст. Ӯ аввалан масофаи тӯлонии байни ду лашкарро дар он шаби сард тай намуд ва муҳосираро рахна кард ва то лашкаргоҳи Қурайш пинҳонӣ расид. Дар он ҳол вазиши бодҳои сахт оташи лашкаргоҳро хомӯш карда, бар болои онҳо торикӣ хайма афканда буд ва Ҳузайфа дар миёни сафҳои ҷанговарон ҷои худашро гирифт.

Абусуфиён, сарлашкари Қурайш хавф бурд, ки мабодо аз торикӣ истифода карда мусалмонон ногаҳон ба сарашон ҳуҷум накунанд. Ӯ бархоста лашкарашро огоҳӣ дод ва Ҳузайфа мешунид, ки Абусуфиён бо овози баланди худ мегӯяд:

– Эй ҷамоъаи Қурайш, ҳар кадоми шумо бояд ҳамнишинашро нигоҳ кунад ва дасти ӯро бигирад ва бояд номашро бидонад...

Ҳузайфа мегӯяд:

– Ман низ дасти як ҷанговарро гирифтам, ки дар паҳлӯи ман буд ва ба ӯ гуфтам, ту кистӣ?

Ӯ гуфт: фалонӣ писари фалонӣ.

Ӯ бо чунин тадбир вуҷуди худро дар байни лашкаргоҳи кофирон эмин нигоҳ дошт.

Ва Абусуфиён бори дигар он нидоро дар миёни лашкаргоҳ такрор кард:

– Эй ҷамоъаи Қурайш, қасам ба Худо, дигар дар ин ҷо барои шумо ҷои иқомат намонд. Соҳибони сумҳо (яъне аспҳо) мурданд ва соҳибони панҷаҳо (яъне шутурон мурданд) ва бани Қурайза аҳди моро шикастанд ва аз онҳо ба мо коре расид, ки мо онро хуш надорем ва аз сахтии боду бӯрон ба ҳоле расидаем, ки шоҳиди он ҳастед. Кор ба ҳадде расид, ки дегамон ором намегирад ва оташи мо намесӯзад ва хаймаҳову бошишгоҳҳои мо рост намеистад. Пас кӯч бандед, ба дурустӣ ки ман кӯч бастам...

Баъд аз он ба болои шутураш ҷаҳида савор шуд ва ба роҳ даромад. Ҷанговарони дигар низ аз паи ӯ равон шуданд...

Ҳузайфа чунин мегӯяд:

– Агар Паёмбар (с) бо ман аҳд намекард, ки то омаданат ҳеҷ коре накунӣ, албатта Абусуфиёнро бо як тир ҳалок мекардам.

Ва Ҳузайфа бозгашта ба Расули Худо (с) ин ахборро мерасонад ва мужда медиҳад.

* * *

Биниш, тааммул, тарзи тафаккур ва андешаҳои мудовими фалсафии ӯ дар бораи маърифат касро ба чунин андешаҳои ғалат меандозад, ки аз Ҳузайфа дар майдонҳои ҷанг ҳеҷ диловарӣ ва шуҷоъатро чашмдорӣ накунад.

Бо вуҷуди ин, аъмоли Ҳузайфа дар ин боб хилофи ҳама гуна гумону пиндорҳо буд. Медидӣ, ки як марди обиди андешаманд шамшерашро аз ниём бармекашад ва бо лашкари бутпарастону гумроҳон муқобила менамояд, то ин ки қобилиятҳои фавқулъоддаи ӯ зоҳир мешаванд ва чашмҳоро хира мекунанд.

Барои мо басандааст бидонем, ки ӯ аз се нафар яке ва ё аз панҷ нафар яке аз ашхосест, ки дар тамоми футуҳоти Ироқ номбардор ва размандаи бесобиқа буданд.

Дар Ҳамадон, Рай, Диновар тавассути ӯ пирӯзӣ ба даст омад.

Дар маъракаи Наҳованд форсҳо дар ҳудуди як саду панҷоҳ ҳазор ҷанговарро ҷамъ оварда буданд. Амири мӯъминон Умар (р) барои сарлашкарӣ Нуъмон ибни Муқарринро ихтиёр намуд, баъд аз он ба сӯи Ҳузайфа чунин мактуб навишт, ки дар сардории лашкари Куфа ба мадади Нуъмон биёяд.

Ва Умар (р) ба ҷанговаронаш ин мактубро фиристод: “Чун мусалмонон ҷамъ омаданд, ҳар яке аз роҳбарони гурӯҳҳо амири лашкари худ бошад ва амири кулли лашкар Нуъмон бини Муқаррин аст. Вақте ки Нуъмон кушта шуд, пас бояд байрақро Ҳузайфа бигирад, агар ӯ низ кушта шавад, пас байрақдорӣ навбатӣ Ҷарир ибни Абдуллоҳ аст”.

Ва ҳамчунин Умар (р) амирони лашкарро паи ҳам ихтиёр намудан гирифт, то ин ки номи ҳафт нафарро зикр кард.

Ва ду лашкар ба ҳамдигар ҳамла намуданд.

Форсҳо дар ҳудуди як саду панҷоҳ ҳазор нафар ва мусалмонон аз сӣ ҳазор беш набуданд.

Ва муҳориба даргирифт, ки мислашро кам касе ба ёд дошт ва ҷанге оғоз ёфт, ки аз рӯи фидокорию ҷоннисорӣ аз ҷумлаи корзорҳои мушкилтарин ба шумор меравад.

Ва сарлашкари мусалмонон шаҳид шуда афтид... Нуъмон ибни Муқаррин меафтад ва пеш аз он ки байрақи ислом ба замин афтад, алаккай сарлашкари нав бо дасти росташ онро бардошта буд ва онро мисли боди нусрату пирӯзӣ бо як шӯру ҳаяҷони зиёд ва қаҳрамонии бемонанд ба пеш мебурд. Ин сарлашкари нав, Ҳузайфа ибни Ямон буд.

ӯ байрақро фавран бардошт ва чунин таъкид кард, ки то яктарафа шудани ҷанг, марги Нуъмонро ошкор накунанд ва аз рӯи посдории иззати Нуъмон, бародари ӯ Наъим ибни Муқарринро ба ҷои бародараш таъин кард.

Ва ин корҳоро дар чанд лаҳзаи фаврӣ, ки ҷанг давом дошт, анҷом дод.

Баъд аз он барқосо ба сӯи майдони ҷанг рӯй овард ва худро фарёдзанон ва наъракашон ба сафи форсҳо зад:

– Аллоҳу Акбар – Худованд аз ҳама бузургтар аст!

– Ӯ ваъдаи худро ба ростӣ анҷом дод!

– Аллоҳу Акбар. ӯ лашкарашро нусрат дод!

Баъд аз он лаҷоми аспашро ба сӯи ҷанговарони мусалмон гардонида гуфт:

– Эй пайравони Муҳаммад (с), огоҳ бошед, ки ҳозир биҳишти Худованд барои истиқболи шумо омодагӣ гирифта истодааст. Пас онро зиёд мунтазир насозед.

Биёед, эй диловарони Бадр.

Ба пеш, эй ҷавонмардони ғазои Хандақ, Уҳуд ва Табук...

Дар ҳақиқат Ҳузайфа рӯҳи диловарӣ ва шӯру шавқу рағбати маъракаро нигоҳ дошт. Ва ин ҷанг бо шикасти ҷуброннопазири форсҳо ба анҷом расид, шикасте, ки то ҳол назирашро касе надида буд.

* * *

Ин мард ҳангоми дар ибодатгоҳ будан нобиғаи илму ҳикмат ва ҳангоми дар марзи ҷангу қитол будан, ҷонфидо ва диловар буд.

ӯ ҳамчунин дар ҳар коре, ки ба вай супорида шавад ва дар ҳар машварате, ки аз вай пурсида шавад беназир буд.

Ҳангоме, км Саъд ибни Аби Ваққос ҳамроҳи мусалмонон аз Мадоин берун омада, ба сӯи сарзамини Куфа раҳсипор гардиданд ва онро ватани худ қарор доданд.

Ва ин ҳодиса баъди он рӯй дод, ки табиати боду ҳавои Мадоин дар вуҷуди арабҳои мусалмон ранҷи зиёде ворид намуд ва ин сабаб гардид, ки Умар (р) ба Саъд мактуб нависад, ки фавран аз он ҷо кӯч баста ба дигар ҷой биравад ва сарзаминеро пайдо намояд, ки барои сукунати мусалмонон аз ҳама мувофиқтар бошад.

Ва кист шахсе, ки кори интихоби ҷой барои зисту зиндагонии мусалмонон ба ӯ супорида шудааст?

Ба таҳқиқ, ӯ Ҳузайфа ибни Ямон аст. ӯ бо ҳамроҳии Салмон ибни Зиёд ба роҳ баромад, то барои мусалмонон ҷои зисти мувофиқеро ҷустуҷӯ намояд.

Чун ба замине, ки алҳол шаҳри Куфа аст, расиданд, дар он вақт он сарзамин регзор ва беҳосилу бекорхобида буд.

Ҳузайфа он ҷо гӯё бӯи офияту тандурустиро ҳис намуда ба ҳамроҳаш гуфт:

– Ҳамин ҷост манзил, агар Худо хоҳад.

Ва шаҳри Куфа тарҳрезӣ гардид ва дасти бунёдгари мусалмонон онро ба як шаҳри обод табдил дод.

Ва ҳамин ки мусалмонон ба он сарзамин кӯчиданд, дардмандони онҳо шифо ёфтанд ва беқувватони онҳо боқувват гардиданд ва бо саломативу тандурустӣ рагҳои онҳо дар париш даромаданд.

Оре, Ҳузайфа дорои фаҳмиши васеъ ва огоҳии комил буд ва ӯ муттасил ба мусалмонон мегуфт:

– Беҳтарини шумо касе нест, ки дунёяшро барои охират аз даст медиҳад ва на он касоне, ки охираташонро аз рӯи дилбастагӣ ба дунё аз даст медиҳанд, вале беҳтар касест, ки аз ҳар ду бонасиб мегардад.

* * *

Ва дар яке аз рӯзҳои соли сиву шаши ҳиҷрӣ ӯ барои мулоқот бо Худованди бузург даъват шуд.

Ва дар он ҳоле, ки ӯ омода ба сафари охират буд, баъзе дӯстонаш ба назди ӯ даромаданд. Аз онҳо пурсид:

– Оё ҳамроҳатон кафан овардед?

Гуфтанд:

– Оре.

Гуфт:

– Онро ба ман нишон бидиҳед.

Вақте кафанро дид, ки хеле нав ва зебост, дар лабонаш табассуми истеҳзоомез падидор шуд ва гуфт:

– Ин чӣ гуна кафан аст барои ман?

Маро кифоя мекунад, ду чодари сафеде, ки курта надошта бошад.

Ба дурустӣ, ки ман дар қабр он қадар зиёд намеистам, магар дар андак вақт ҳолам аз ин ду порча либос беҳтар мешавад ё бадтар.

Ва дигар суханонаш нофаҳмо гардиданд. Пас ҳозирон гӯшҳои худро наздик оварданд. Шуниданд, ки мегуфт:

– Хуш омад марг.... Дӯсте бо шавқи зиёд омад.... Наҷот наёфт касе, ки пушаймон шуд.

Ва рӯҳе аз бузургтарин арвоҳи башар ба сӯи Худо роҳ гирифт, рӯҳе, ки аз лиҳози тақво ва итоатгорӣ аз дигарон болотар аст.

## 14. АММОР ИБНИ ЁСИР
### Марде аз биҳишт

**Агар имкон медошт, ки як қисм одамон дар биҳишт таваллуд шуда, то синни ҷавонӣ дар оғӯши биҳишт ба воя мерасиданд ва пас онҳоро ба рӯи замин меоварданд, то зиннату нури рӯи замин бошанд, албатта Аммор ва модараш Сумайя ва падараш Ёсир аз ин гурӯҳ мебуданд.**

Вале чаро мо агар мумкин мебуд мегуем ва чаро ин фарзияро шартан мегузорем, ҳол он ки хонаводаи Ёсир дар ҳақиқат, билфеъл аз аҳли биҳиштанд?

Паёмбари Худо (с) ба онҳо мегуфт:

– Сабр кунед, эй хонаводаи Ёсир, ки ваъдагоҳи шумо биҳишт аст.

Ин сухан танҳо барои ҳамдардии онҳо гуфта намешуд, балки он ҳақиқатеро собит менамуд, ки онро медонист. Ва воқеъиятеро таъкид менамуд, ва эҳсос мекард ва онро медид.

* * *

Ёсир ибни Омир падари Аммор аз ватанаш Яман барои ҷустуҷӯи бародараш берун омад.

Ва дар шаҳри Макка зиндагонӣ барои ӯ хуш омад. Пас онро ватан кард ва бо Абуҳузайфа ибни Муғира аҳди бародарӣ барбаст.

Ва Абуҳузайфа як канизи худро ба вай ба занӣ дод, ки номаш Сумайя бинти Хаёт буд ва аз ҳамин издивоҷи муборак Худованд ба ин падару модар Амморро ато кард.

Ва исломи онҳо хеле барвақт буд, ҳамроҳи он бузургон, ки Худо онҳоро ҳидоят карда буд.

Ва ҳамчунон баробари он бузургоне, ки барвақт имон оварда, насиби комиле аз азоби Қурайш ва даҳшатҳои онро низ чашидаанд.

Ва аҳли Қурайш ҳар лаҳза фурсати муносибе меҷустанд, ки ба сари мусалмонон балоеро биёваранд.

Пас агар шахси имоноварда аз ҷумлаи ашхосе мебуд, ки дар байни қавмаш обрӯ ва ҳимояе дошт бо ваъиду таҳдид аз ӯ дур мешуданд. Ва чун Абуҷаҳл мӯъминеро аз ин қабил мардум медид, мегуфт:

– Ту дини аҷдодиатро тарк намудӣ ва ҳол он ки онҳо аз ту беҳтар буданд. Албатта мо ақлу идроки туро паст хоҳем зад ва албатта обрӯи туро хоҳем рехт ва албатта тиҷорати туро касод хоҳем намуд ва моли туро талаф хоҳем дод.

Пас аз ин бар зидди ӯ ҷанги тезу тунди асабӣ ва фикриро доман мезаданд, Вале агар он мусалмонон аз ҷумлаи бечорагони Макка ва камбағалону ғуломон бошанд, онҳоро дар оташ бирён мекарданд. Ва ба таҳқиқ авлоди Ёсир аз ҳамин қабил одамон буданд.

Ва азоб додани онҳоро ба бани Махзум ҳавола намуда буданд. Ҳамаи онҳоро берун мебурданд. Ёсир, Сумайя ва Амморро. Ҳар рӯз ба сӯи биёбони тафсони Макка. Ва ба онҳо ба ҳар навъ ва ба ҳар дастур азобҳои дарднок медоданд. Ва насибаи Сумайя аз ин азобҳо хеле вазнин ва даҳшатнок буд ва мо ин ҷо дар бораи вай ба тафсил чизе намегуем.

Мо аз рӯи қурбониҳои бузурги вай ва азму суботаш мулоқоте дорем алоҳида, ки дар бораи вай ва амсолаш аз он рӯзҳои ҷовидона аз хоҳарони мусалмон сухан хоҳем кард.

Аммо барои мо ҳамин қадар басандааст бе муболиға ёдовар шавем, ки ба таҳқиқ Сумайяи шаҳид, дар он рӯзҳо мавқифгирӣ намуд, то тамоми башариятро аз аввал то ба охир як шарафе ато намояд, ки ба сухан тамом намешавад. Ва як каромате дод, ки зебоиву дурахши он ҳеҷ гоҳ нест намегардад.

Як мавқифе гирифт, ки ӯро модари бузургворе барои тамоми мӯъминон дар тамоми асрҳо гардонид.

* * *

Паёмбари Худо (с) ба он ҷое, ки хонаводаи Ёсирро азоб мекарданд, мерафт.

Ва дар он рӯзҳо аз асбоби муқовимат ва дафъи дарду ранҷи онҳо чизе дар ихтиёраш надошт.

Ва ин ҳам аз машияти Худо буд...

Пас дини нави миллати Иброҳим (а), ки аз роҳи рост берун нарафтааст динест, ки Муҳаммад (с) байрақи онро баланд мебардорад ва ин дин як ҳаракати муваққатии зудгузар нест, ки ҷомеъаеро ислоҳи муваққате кунад... Он як тариқаи собит ва доимӣ барои зиндагонии башарияти мӯъмин аст, ки бо ҳамроҳии ин дин

таърихи бузурги худро бо тамоми диловариҳо ва қурбониҳо ва мухотироташ мерос мегирад.

Ин қурбониҳои бузурги даҳшатнок, як сахраи том аст, ки дин ва ақидаро устувории заволнаёбанда ва абадияте мебахшанд, ки кӯҳна намешавад.

Ин қурбониҳо як хушбӯиест, ки дилҳои мӯъминонро аз муҳаббат ва ризомандӣ ва сурур моломол мегардонанд.

Ва ин аъмол манораи нурест, ки наслҳоиояндаро ба сӯи ҳақиқати дин ва ростиву азамати он раҳнамоӣ менамояд.

Ва ҳамчунин маълум гардид, ки дар роҳи ислом ҷонфидоиҳо кардан ва қурбон шудан, асли ҳақиқат аст

Ва Қуръони Карим ин нуктаро барои мусалмонон дар чандин оятҳо равшан баён намудааст.

Қуръон мегӯяд:

Оё гумон мекунед ба биҳишт дохил хоҳед шуд, бидуни он ки Худо имтиҳон кунад ва бидона ононеро, ки дар роҳи дин ҷиҳод кардаанд ва онҳоеро, ки дар сахтиҳо муқовимат кардаанд. (Сураи Оли Имрон, ояи 142).

Оё мардум мепиндоранд, ки танҳо ба гуфтани ин ки мо ба Худо имон овардем, раҳояшон кунанд ва бар ин даъво имтиҳонашон накунанд. (Ҳаргиз чунин нест). (Сураи Анкабут, ояи 2).

Ва мо ҳамаи касонеро, ки пеш аз инон буданд, ба имтиҳон ва озмоиш овардем, то Худо дурӯғгӯёнро аз ростгӯён комилан маълум кунад. (Сураи Анкабут, ояи 3).

Ва ҳаргиз Худованд мӯъминонро вонагузорад ба ин ҳоли кунунӣ, то он ки бо озмоиш бадсириштро аз покгавҳар ҷудо кунад. (Сураи Оли Имрон, ояи 179).

Оё гумон мекунед, ки раҳо карда мешавед бидуни ин ки Худованд бидонад ононеро, ки ҷиҳод намуданд аз ҷумлаи шумоён. (Сураи Тавба, ояи 16)

Ва он чизе, ки ба сари шумо омад дар рӯзе, ки ду гурӯҳ бар зидди якдигар ҷамъ шуданд, ҳама ба изни Худо буд, то мӯъминонро бидонад.

Ва он чанд сахтие, ки ба шумо дар рӯзи задухӯрди ду гурӯҳ расид, бо иҷозаи Худо буд, то Худованд мӯъминонро бидонад. (Сураи Оли Имрон, ояи 166)

Оре, Қуръон касонеро, ки масъулияти амал намудан ба таълимоти илоҳиро ба ӯҳда гирифтаанд, чунин таълим додааст, ки ҷавҳари роҳи имондорӣ, ҷонфидоӣ ва қурбон шудан аст. Ва дар муқобили рақобати беадолатонаи золимон, сабру субот ва истодагарӣ, дар ҳақиқат афзалтарин фазилатҳои имондориро таҷассум месозад.

Ва аз ин ҷиҳат дини Худованд дар ҳоле, ки таҳкурсии худро мегузорад ва пояҳояшро мустаҳкам менамояд ва намунаи ҳастии худро пешкаш менамояд, барои ӯ лозим аст, ки пояҳои вуҷуди худро бо қурбонӣ мустаҳкам намояд ва нафсашро бо фидокорӣ тазкия ва пок созад.

Пас барои ин кори бузург чанд нафареро аз фарзандон ва дӯстдорон ва некӯкоронаш баргузидааст, то ки барои мусалмонони минбаъд меомада, як тимсоли олӣ ва роҳнамо бошанд.

Ва ба таҳқиқ Сумайя ва Ёсир ва Аммор, аз ҳамин қабил насли муборак ва бузурге буданд, ки онҳоро ченакҳои ислом интихоб намуд, то аз ҷонфидоиҳо, сабру субот ва истодагариҳои онҳо шаҳодатномаи бузургӣ ва ҷовидонагии худро мураттаб бисозад.

Ҳамчунон ки зикр шуд, Паёмбари Худо (с) ҳар рӯз назди хонаводаи Ёсир меомад ва устуворию диловарии онҳоро марҳабо мегуфт ва дили бузургаш аз дидани он манзараи азобҳои тоқатшикане, ки бар онҳо раво медиданд, аз рӯи раҳму шафқат об мешуд.

Рӯзе дар ҳоле ки Паёмбар (с) онҳоро хабар мегирифт, Аммор ба сӯи ӯ нидо карда гуфт:

– Эй Паёмбари Худо (с), ба таҳқиқ азоби мо аз ҳар андоза гузашт.

Пас Паёмбар (с) ба ӯ нидо карда гуфт:

– Сабр кун, эй падари бедориҳо.... Сабр кунед, эй олӣ Ёсир.... Пас ба дурустӣ, ваъдагоҳи шумо биҳишт аст.

Ва атрофиёни Аммор он азоберо, ки ба ӯ расида буд, дар ҳадисҳои зиёде чунин васф мекунанд.

Амр ибни Ҳакам чунин мегӯяд:

– Амморро чандон азоб медоданд, ки дигар намедонист, ки чӣ мегӯяд.

Ва Амр ибни Маймун мегӯяд:

– Мушрикон Амморро дар оташ сӯзонданд ва Паёмбар (с) дар он вақт аз наздашон мегузашт ва досташро ба сари Аммор молида гуфт:

– Эй оташ, сард ва саломат шав бар Аммор, чунон ки сард ва саломат гардидӣ бар Иброҳим.

Бо вуҷуди ин ҳама даҳшатҳо натавонистанд бар рӯҳи Аммор фишор биёваранд ва агарчанде, ки ҷисмашро фишор доданд ва қуввату тавонашро суст намуданд.

Ва Аммор ҳеҷ гоҳ эҳсоси маргро накард, магар дар он рӯзе, ки ҷаллодонаш аз тамоми ҳунарашон дар гуноҳу зулм истифода намуданд, аз доғ намудан дар оташ сар карда, то саҳрои сӯзон дар болои сангҳои тафсон ӯро чормех намудан, то ғутта додани сараш дар об, то ки нафасаш бигирад. Ба ҳадде, ки обилаҳо ва захмҳояш пӯст канданд.

Дар он рӯз ҳангоме, ки дар зери фишори он азобҳо ёди худро аз даст дода буд, ба ӯ гуфтанд: Дар бораи худоёни мо чизе бигӯй. Ва ба ӯ талқин кардан гирифтанд ва ӯ дар ҳолати бешуурӣ аз пушти онҳо такрор мекард.

Дар он рӯз, баъди он ки каме ба ҳӯш омад, он гуфтаҳояшро ба ёд овард ва безобита шуд ва ин лағжишро дар назди худаш як хатое пиндошт, ки ҳеҷ бахшиш ва кафорате надорад. Ва дар чанд лаҳзаи бошумор он тасаввури гуноҳ он миқдор азоб ба болои ӯ ворид сохт, ки азобҳои мушриконро дар баробараш марҳам гардонид.

Ва агар Амморро бо ҳамроҳии ҳиссиёташ дар ин чанд соат мегузоштанд, ҳеч илоҷе набуд, ки ба ҳалокат нарасад.

Дар ҳақиқат ӯ азобҳоеро, ки бар ҷисми ӯ раво медиданд, таҳаммул мекард, зеро рӯҳаш устувор буд.

Аммо ҳозир чӣ? ӯ гумон мекард, ки рӯҳи ӯ рӯ ба ҳазимат овардааст, ташвишу изтиробаш ӯро ба марг ва ҳалокат рӯ ба рӯ сохта буданд.

Лекин Худованди бузург ирода намуд, ки ин манзараи нуронӣ бо азамат ва шукӯҳ хотима ёбад. Ва ваҳйю илҳоми Илоҳӣ дасти муборакашро дароз намуд ва бо Аммор мусофаҳа (саломи дастӣ) кард ва ба ӯ нидо карда гуфт:

– Бархез, эй қаҳрамон.... Ҳеч сарзанише ва ҳеч гуноҳе бар ту нест.

Ва Паёмбари Худо (с) дӯсти худашро дар як ҳолате ёфт, ки мегирист. Паёмбар (с) оби дидагони ӯро бо дастони муборакаш пок намуда гуфт:

– Туро кофирон гирифтанд ва дар об фурӯ андохтанд, пас чунину чунон гуфтӣ?

Аммор дар ҳоле гиряву фиғон мекард, гуфт:

– Оре, эй Паёмбари Худо (с).

Пас Паёмбари Худо (с) дар ҳоле, ки табассум мекард, ба ӯ гуфт:

– Агар ба сари ту бозгарданд, аз ҳамин сухане, ки гуфтӣ, боз барояшон бигӯй.

Ва баъд аз он ояти каримаро тиловат намуд: Магар касе, ки маҷбур карда шавад ва дилаш дар имон собит бошад (Сураи Наҳл, ояти 106).

Ва Аммор оромии қалбии худро бозгардонид ва аз он азобҳое, ки бар болои ҷисми ӯ раво дида буданд, аламу дарде дигар эҳсос намекард ва парвое надошт.

Ӯ рӯҳ ва имони худро ҳамчун нафъ ба даст овард ва ба таҳқиқ Қуръон барои ӯ ҳамин ақди муборакро намуд. Пас баъди ин ҳар чизе рӯй диҳад, рӯй додан гирад.

Ва Аммор ба дараҷае сабру устуворӣ намуд, ки мондагиву афсурдагӣ бар ҷаллодонаш ғолиб омад ва дар назди устувории ӯ хору нотавон гардиданд.

Баъди ҳиҷрати Паёмбар (с) ба Мадина мусалмонон дар он ҷо сукунат ихтиёр намуданд ва ҷамъияти мусалмонон он ҷо бо суръат ташкил ёфт.

Ва дар миёни ин ҷамоъаи мусалмонони мӯъмин Аммор як мақоми олиеро соҳиб шуд.

Ва Паёмбари Худо (с) ӯро хеле зиёд дӯст медошт. Ва аз рӯи имондорӣ ва ҳидояташ, ӯ дар байни асҳоб мубоҳот карда мегуфт:

– Дар ҳақиқат, Аммор то мағзи устухонаш аз имон саршор аст.

Ва ҳангоме, ки як нофаҳмии зудгузар байни Холид ибни Валид ва Аммор рӯй дод, Паёмбар (с) гуфт:

– Касе бо Аммор душманӣ кунад, Худо ба ӯ душманӣ мекунад ва касе бад бинад Амморро, Худо бад мебинад ӯро.

Ва дар назди Холид – қаҳрамони ислом чорае намонд ҷуз ин ки бишитобад ба сӯи Аммор барои узр пурсидан аз вай, то ин ки аз гуноҳаш бигзарад.

Ва дар ҳоле, ки Паёмбар (с) ва саҳобагон масҷиди Мадинаро баъди дар Мадина фуромаданашон бино мекарданд, Алӣ (р) чанд қитъа шеър эҷод карда буд, ки такрор ба такрор мехонд. Ва онҳоро мусалмонон низ такрор мекарданд. Он қитъа ин аст:

Баробар нест он ки масҷид бино мекунад,

Ва аз таҳти дил нишаста ва бархоста заҳмат мекашад.

Ба он касе ки аз чанги ғубор худро дур мегирад.

Аммор ҳам дар як гӯшаи масҷид кор карда ҳамин порчаҳои шеърро такрор менамуд ва дар хондани он овозашро баланд мекард.

Ва яке аз рафиқонаш гумон кард, ки ӯро дар назар дорад. Пас ба сари ӯ ғазаб кард ва чанд сухане гуфт. Аз ин ҳол Паёмбар (с) бохабар шуда дар ғазаб шуд ва гуфт:

– Онҳо куҷову Аммор куҷо? Аммор онҳоро ба сӯи ҷаннат мехонад ва онҳо ӯро ба сӯи оташ мехонанд. Ба таҳқиқ Аммор пардае байни бинӣ ва чашмони ман аст.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) мусалмонеро то ин андоза дӯст дорад, пас зарурист, ки имони ӯ ва хидмату муҳаббаташ ва азамати нафсаш истиқомати замир ва роҳу равиши зиндагонияш бояд ба ҳадди интиҳо ва то авҷи камолоти имконпазир расида бошад.

Ва Аммор ҳамчунин кас буд.

Худованд ба ӯ аз неъматҳои маънавӣ ва роҳнамоиҳояш чунон фаровон ато карда буд, ки дар зинаҳои ҳидоятёбӣ ва ҳосил кардани яқин ба дараҷае расида, ки Паёмбар (с) имони ӯро ситоиш менамуд ва худи ӯро дар миёни асҳоб ҳамчун пешво ва масал медонист ва қадрашро меафзуд.

Ва дар ҳақаш чунин мегуфт:

– Шумо ба ду нафари баъди ман, Абубакр ва Умар (р) пайравӣ кунед ва ба роҳи ҳидоятёфтаи Аммор ҳидоят биёбед.

Ровиён сифатҳои ӯро чунин васф намудаанд: ӯ марди дарозқад буд, чашмсабз ва миёни китфонаш васеъ. Аз касоне буд, ки аз ҳама зиёдтар хомӯш менишастанд ва кам сухан мегуфтанд.

Пас ҳаёти ин марди бузург, хомӯш, чашмсабз, синапаҳн чӣ гуна сипарӣ гардида. Он касе, ки дар ҷисмаш осори шиканҷаҳои ваҳшиёна ва даҳшатнок нақш бастааст, ҳамчунон ки дар як вақт боз ин осор нишонаи устувории ҳайратовар ва бузургии хориқулодда низ ҳаст.

Зиндагонии ин шогирди мухлис ва мӯъмини содиқ ва фидоӣ чӣ гуна сипарӣ шуд?

ӯ ҳамроҳи муаллимаш ва Расулаш (с) дар тамоми маъракаҳо Бадр, Уҳуд, Хандақ, Табук ва тамоми набардҳои минбаъда иштирок дошт.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) бо рафиқи аъло пайваст, ин бузургмард пешравӣ ва муборизаи худро ба муқобили душман то охирин лаҳза идома дод.

Дар задухӯрди мусалмонон ба муқобили форсҳо ва румиҳо ва пеш аз ин дар набардҳо дар муқобили лашкари ҷаррори муртадҳо, Аммор доимо дар сафи аввал буд ва ҳамчун сарбози шуҷоъ ва содиқ ҳаргиз зарбаи шамшераш хато намерафт ва ҳамчун бузургтарин мӯъмини парҳезгор, ҳеҷ рағбате ӯро аз роҳи Худо боз намедошт.

Вақте ки амири мӯъминон Умар ибни Хаттоб (р) бодиққат ва эҳтиёткорӣ роҳбарони мусалмононро интихоб мекард, бо боварии том Амморро пеши назар меовард. Ва дар ин кор таъхир накарда Амморро волии Куфа таъин намуд. Ва ибни Масъудро бо ҳамроҳии Аммор маъмури Байтулмоли уламои Куфа таъин кард. Ва ба мардуми Куфа мактубе фиристода, онҳоро бо волии навашон табрик намуда, чунин навишт:

"Ман ба сӯи шумо Аммор ибни Ёсирро ба сифати амир ва ибни Масъудро ҳамчун муаллим ва вазир фиристодам. Ва ҳардуи онон аз ҷумлаи бузургонанд аз саҳобагони Паёмбар (с) ва аз аҳли Бадранд".

Аммор дар вақти ҳокимияташ зиндагиеро ихтиёр намуд, ки барои хосторони моли дунё таҳаммули он хеле душвор буд. То андозае, ки бар зидди ӯ шӯриш бардоштанд. Ё наздик буд, ки шӯриш бардоранд...

Баръакс, ҳокимият якбора тавозӯъ, парҳезгорӣ ва дунёбезории ӯро зиёд намуд. Ибни Аби Ҳузайл, яке аз муосирони ӯ дар Куфа чунин мегӯяд:

– Ман Амморро дар ҳолати амири Куфа буданаш дидам, ки аз бозор тарра (як навъ бодиринг) мехарид. Баъд аз он онҳоро бо банде мебаст ва пуштора карда ба хонааш мерафт.

Ҳангоми дар Куфа амир буданаш, яке аз мардумони оддӣ ба сӯи ӯ бо қаҳр ва ситеза чунин хитоб кард:

– Эй гӯшбурида!

Бо ин сухан он мард гӯши дар набарди Ямома аз тарафи муртадон буридаи ӯро таъна зад.

Амире, ки ҳукми давлатдорӣ дар дасти ӯст, дар ҷавоби ин таъну маломат ба сӯи он шахси дашномдиҳандааш аз ин зиёд намегӯяд:

– Ту беҳтарин гӯши маро ҳақорат кардӣ. Дар ҳақиқат ин гӯш дар роҳи Худо қурбон шудааст.

Оре, гӯши ӯ дар роҳи Худо ва рӯзи Яммома зарба хӯрдааст, ки он рӯз яке аз рӯзҳои бузурги Аммор буд.

Зеро ин марди диловар бо як шуҷоъати бемисл пеш мерафт ва лашкари Мусайламаи каззобро сар мебурид ва ба сӯи онҳо марг ва ҳалокатро равона мекард. Вақте ки ӯ дар сафҳои мусалмонон сустие мушоҳида намуд, дар миёни сафҳои онҳо фарёди ғулғуладори худро сар медод.

Пас онҳо мисли тирҳои партобкарда шуда ба пеш мерафтанд. Абдуллоҳ ибни Умар чунин мегӯяд:

– Аммор ибни Ёсирро рӯзи Яммома болои харсанге дидам. Болои он баромада фарёд мезад: Эй гурӯҳи мусалмонон... Оё аз ҷаннат мегурезед? Ман Аммор ибни Ёсирам, ба сӯи ман бишитобед!

Пас ба сӯи вай назар кардам, дар он ҳангом гӯши вай бурида ва овезон буд. Бо вуҷуди ин хеле далерона ва бебокона меҷангид.

Акнун огоҳ бошед он касоне, ки дар бузургии Паёмбари содиқ (с) ва муаллими комил буданаш шубҳае доранд, дар назди ин намунае аз пайравон ва ҳамсӯҳбатонаш каме таваққуф намоянд ва аз худ суол кунанд, ки оё барои ба воя расонидани ин қабил бузургон ба ғайри Расули Карим ва муаллими азим каси дигаре қодир аст?

Вақте ки дар роҳи Худо ба ҷанг дароянд, мисли касе ҳамла мекунанд, ки маргро ҷустуҷӯ дорад, на мисли касе, ки ғалаба мехоҳад.

Вақте ки халифа ва ҳоким таъин мешаванд, мебинӣ, ки халифа рафта гӯсфандони бевазанонро meҷӯшад ва орди ятимонро хамир мешӯрад.

Чунон ки Абубакр (р) ва Умар (р) кардаанд.

Ва ҳар вақте, ки волӣ таъин мешаванд, онҳо хӯрокашонро бар пуштҳояшон бо ресмон баста пуштора мекунанд. Чунон ки Аммор мекард.

Ё ин ки аз моҳонаашон даст мекашанд ва нишаста аз пӯсти хурмои тобдодашуда зарфҳо ва сабадҳо мебофанд ва аз музди он зиндагӣ мекунанд. Ҳамчунон ки Салмони Форсӣ карда буд...

Огоҳ бошед, пас бояд сарҳо барои таъзими ин дине, ки чунин бузургонро ба вуҷуд овард ва барои Расуле, ки онҳоро тарбият кард, хам гардад. Ва таъзим пеш аз дин ва Пайғамбар (с) барои Худованди бузурге сазовор аст, ки ин бузургонро барои ин корҳо ҳидоят намуд ва онҳоро пешвоёни беҳтарини уммат гардонид.

Ҳангоми ба мулоқоти Худованди бузург омодагӣ доштани Ҳузайфа ибни Ямон, он шахси аз асрори забон ва дилҳо огоҳ яке аз дӯстонаш пурсид:

– Вақто мардум ихтилоф намуданд, моро ба сӯи кӣ амр мекунӣ, то пайравиаш кунем?

Ӯ дар ҳоле, ки охирин суханашро мегуфт, чунин ҷавоб дод:

– Ибни Сумайяро пайравӣ кунед, зеро ӯ то дами марг аз ҳақ ҷудо нахоҳад шуд.

Оре, Аммор дар ҳамбастагӣ бо Ҳақ мечархад ба ҳар самте Ҳақ роҳнамоӣ кунад.

Ва акнун мо осори муборакаи ӯро пайгирӣ мекунем. Ва нишонаҳои зиндагонии бузургашро ҷустуҷӯ менамоем.

Биёед ба як намоишномаи бузург наздик шавем. Вале пеш аз он ки ба ин машҳади дар ҳоли зебоӣ ва бузургӣ, камолоту ҷонфидоӣ ва истодагарӣ мувоҷеҳ шавем, биёед ба машҳади дигаре назар андозем, ки қабл аз ин саҳна меояд ва аз он огоҳӣ медиҳад ва барои дидани саҳнаи баъдина касро омода месозад.

Ин машҳад баъди мустақар шудани мусалмонон дар Мадина дар он лаҳзае рӯй дода буд, ки Пайғамбари амин (с) ва дар атрофаш саҳобагони аброр бо мӯйҳои ҷӯлида ва ғуборолуд бархоста хона ва масҷиди ӯро бино мекарданд. Қалбҳои боимони онҳоро як

хурсандии азим фаро гирифта буд ва аз сабаби башорат медурахшиданд ва аз ҳамду санои Худоро гуфтан дилҳояшон сӯи Худо дуъо ва ниёиш менамуданд ва ҳамагӣ бо як сурур ва орзуҳои нек якҷоя кор мекарданд. Сангҳоро пуштора менамуданд ва ё лои андова мешӯриданд ё девори хонаро мебардоштанд.

Як гурӯҳ ин ҷо ва гурӯҳи дигаре он ҷо...

Ва уфуқ гӯё нағмасароиҳои онҳоро, ки бо овози баланд ва шоду мамнун месароиданд, такрор мекард:

Чун мо бинишинем ва Паёмбар (с) кор кунад, ин кори мо, кори гумроҳонаест.

Ҳамчунин месароиданд ва шеърхонӣ мекарданд, баъд аз ин садои ғулғуланоки онҳо боз ба як суруди нав баланд гардид:

Бор Худоё, ба ҳақиқат айш, айши охират аст.

Пас бар ансор ва муҳоҷирон раҳм кун.

Ва суруди сеюм:

Баробар нест он касе, ки масҷид обод кунад

Ва истодаву нишаста дар он заҳмат мекашад.

Ба он касе, ки аз ғубор худро канора мегирад.

Ба таҳқиқ ин ҷамоъат аз они Худост, ки кор мекунанд ва онҳо лашкариёни ӯянд, ки байрақи ӯро мебардоранд ва бинои ӯро баланд мекунанд.

Ва Паёмбари покиза ва амин (с) бо ҳамроҳии онҳост ва сангҳои вазнинтареро пуштора мекунад ва аз ҳар кор сахтаринашро анҷом медиҳад. Овозҳои сурудхонии онҳо аз хурсандии нафсҳои ризошудаи итоаткорашон гувоҳӣ медиҳанд.

Ва осмон аз болои онҳо ба замине, ки ин гурӯҳро дар пушти худ бардоштааст, ҳасад мебарад.

Ва Аммор ибни Ёсир ин ҷо, миёни ин ҷамоъаи серодам сангҳои вазнинро аз ҷои канда шуданашон, то ҷои қароргоҳашон пуштора карда мебурд.

Ва он раҳмати ҳидоятёфта, Муҳаммад Расули Худо (с) ӯро мебинад, пас нисбати ӯ як раҳму шафқати азиме ӯро фаро мегирад ва ба ӯ наздик мешавад ва бо дасти муборакаш ғубореро, ки сари ӯро пӯшида буд, меафшонад ва ба рӯи содда ва зебои мӯъмини ӯ бо нигоҳе, ки пур аз нури Худост, назар карда, дар миёни анбуҳи саҳобагон мегӯяд:

– Афсӯси ибни Сумайя! Ӯро як гурӯҳи саркашҳо (ёғиҳо) хоҳанд кушт.

Ва ин пешгӯӣ бори дигар низ такрор мешавад. Чун деворе, ки Аммор дар зери он кор мекард, меафтад ва баъзе аз бародаронаш гумон мекунанд, ки ӯ мурд ва хабари марги ӯро назди Паёмбар (с) мебаранд ва аз шунидани ин хабар асҳоб ба фиғон меоянд, вале Расули худо (с) бо як оромӣ ва дилпурӣ мегӯяд:

– Аммор намурдааст... Амморро як гурӯҳи ёғиҳо хоҳанд кушт.

Пас кӣ бошанд, он гурӯҳи ёғиҳо? Ва пурсида мешавад дар куҷо ва кай?

Ин пешгӯиро Аммор шунид, мисли касе, ки ба ростии биниши қалбие, ки Паёмбари бузург (с) ҳомили он аст, бовар дорад.

Вале ӯ натарсид, пас ӯ аз замоне, ки ислом овардааст мувоҷиҳи марг ва шаҳодат аст, дар ҳар лаҳзае аз шаб ва рӯз...

Ва рӯзҳо мегузаштанд... ва солҳо...

Паёмбари Худо (с) ба сӯи рафиқи аъло сафар кард. Баъди ӯ Абубакр (р) бо ӯ ба ризои Худо пайваст. Баъд аз ҳар дуи онҳо, Умар (р) пайваст.

Ва Зуннурайн, Усмон (р) хилофатро соҳиб гардид. Душманон нақшаву маслиҳатҳои зидди исломиро тарҳрезӣ мекарданд ва мехостанд, ки бо ғадру хиёнат ва барангезонидани фитнаҳо, он чизеро ки дар ҷангҳо аз даст дода буданд, боз ба даст биёранд.

Ва кушта шудани Умар (р) аввалин дастоварде буд, ки аз ин нақшаҳо ва маслиҳатҳо ба даст оварданд. Он нақшаҳое, ки ба сӯи Мадина мисли боди гармсели сӯзон аз мамлакатҳое, ки ислом ҳокимият ва тахтҳояшонро зеру забар намуда, мевазид.

Ва шаҳодати Умар (р) он душманонро барои идома додани саъю кӯшишашон таҳрик намуд. Ва онҳо фитнаҳояшонро дар аксари шаҳрҳои ислом ривоҷ доданд.

Шояд Усмон (р) ин таҳрикотро ба ҳадди лозима аҳамият надод ва дар назар нагирифт, ки он воқеъаи таърихӣ рӯй дод ва Усмон шаҳид шуд ва бо ин кор дарвозаи фитнаҳо ба рӯи мусалмонон кушода гардид... ва Муъовия, халифаи нав – Алӣ карамаллоҳу ваҷҳаҳуро итоъат нанамуд ва бо ӯ дар кори хилофат низоъ кард.

Ва таваҷҷӯҳу майли саҳобагон чанд фирқа гардид. Баъзеашон дасташонро аз ин мухолифатҳо афшонда ба кунҷи хонаҳояшон

хазиданд ва шиъори худашон суханони ибни Умарро гардониданд, ки мегуфт:

– Касе ба ман бигуяд, ки ба сӯи намоз биё, ӯро иҷобат мекунам. Ва касе бигуяд, ки сӯи наҷот биё, даъваташро иҷобат мекунам. Вале агар касе маро ба сӯи қатли бародар ва гирифтани молаш даъват намояд, пас мегӯям, ки: не!

Ва баъзе аз онҳо ба тарафи Муъовия майл намуданд ва базеи онҳо дар паҳлӯи Алӣ (р) соҳиби байъат ва халифаи барҳақи мусалмонон истоданд.

Ту чӣ мепиндорӣ, ки имрӯз Аммор дар куҷо меистод?

Он марде, ки Паёмбар (с) дар ҳаққаш чунин гуфта буд, ки: Шумо ба роҳи ҳидоятёфтаи Аммор роҳ гиред, дар куҷо меистад?

Он касе, ки Паёмбари Худо дар ҳақаш гуфта: касе бо Аммор душманӣ кунад Худо бо ӯ душман аст.

Он касе ки чун ба манзили Паёмбар (с) наздик мегардид, Паёмбар (с) овози ӯро мешунид ва мегуфт:

– Хуш омад каси покиза ва покгардонидашуда... ӯро иҷозат бидиҳед, то дарояд.

Ба таҳқиқ ӯ дар паҳлӯи Алӣ ибни Абутолиб (р) қарор гирифт, аммо на аз рӯи таъассуб, балки аз рӯи итоъатгорӣ ба Ҳақ ва ҳифз кардани ҳудуди шаръ.

Пас Алӣ (р) халифаи мусалмонон аст ва соҳиби байъат ва имомат аст.

Ва ба таҳқиқ Алӣ (р) хилофатро гирифт ва ӯ барои хилофат лоиқ ва сазовор аст.

Ва Алӣ (р) пеш аз ин ва баъд аз ин соҳиби фазилатҳоест, ки қурбу манзалати ӯро нисбат ба Паёмбар (с) мисли наздикии Ҳорун ба Мӯсо гардонидааст.

Ба таҳқиқ Аммор шахсе, ки дар ҳар куҷо бо ҳамроҳии ҳақ давр мехӯрад, воқеъан ба нури басират ва ихлосаш ба сӯи ягона соҳиби ҳақ дар ин низоъ ҳидоят меёбад ва соҳиби ҳақ он рӯзҳо дар яқини Аммор ғайри Алӣ (р) каси дигаре набуд.

Пас дар паҳлӯи Алӣ (р) ҷой гирифт.

Алӣ (р) аз кӯмак кардани Аммор хеле хурсанд шуд ва шояд ягон вақт инчунин хурсанд нашуда буд. Ва имону бовариаш зиёд

шуд ба ин ки ӯ дар роҳи ҳақ аст, модоме ки ин марди бузург Аммор ба ӯ рӯ оварда ва ҳамроҳаш рафтааст.

Ва рӯзи Сиффини даҳшатнок низ фаро расид ва имом Алӣ (р) берун омада рӯ ба рӯи кори бузурге истод, ки онро нофармонбардорӣ эътибор мекард ва дар худ масъулият ҳис намуд, ки онро пахш намояд ва Аммор низ ҳамроҳи Алӣ (р) хориҷ шуд.

Аммор дар он рӯз ба синни 93 солагӣ расида буд.

93 сол ва ӯ барои ҷанг кардан берун меояд.

Оре, чун эътиқод дорад, ки ҷанг масъулият ва аз воҷиботи ӯст.

Ва ӯ чунон сахт муҳориба кард, ки беҳтар аз муҳорибаи ҷавонони 30 сола.

Ӯ марде буд, ки доим хомӯш меистод ва кам сухан мегуфт ва агар гоҳ – гоҳе лабонашро ҳаракат медод, ин танҳо барои илтиҷо ва дуъо буд:

– Аз Худо талаб мекунам паноҳ доданро аз фитна. Паноҳ металабам аз Худованд аз фитна!

Баъди вафоти Паёмбар (с) ин калимот зикру дуъои доимии ӯ гардида буданд ва чун рӯзҳо мегузаштанд, ӯ ин дуъо ва паноҳ талабиданашро зиёд мекард. Гумон мекардӣ, ки ба наздик расидани рӯзҳояш қалби софи ӯ эҳсоси хатари доимӣ мекунад.

Ва чун хатар рӯй дод ва фитна сар зад, ибни Сумайя ҷои худашро медонист. Пас ӯ рӯзи Сиффин дар ҳоле, ки 93 сола буд шамшерашро бардошта дар сафи ҷанговарон истод, то ҳақиқатеро, ки ба воҷиб будани нусрати ӯ имон дорад, ёрӣ диҳад.

Ӯ назари худро дар бораи ин ҷанг чунин эълон кард:

– Эй мардум, биёед, бо мо биравед, ба муқобили ин гурӯҳе, ки гумон мекунанд, онҳо хуни Усмонро талаб мекунанд. Қасам ба Худо, ки қасди онҳо гирифтани хуни Усмон (р) нест, балки онҳо лаззати дунёро чашидаанд ва ҳаловати онро бурдаанд. Ва онҳо медонанд, ки ҳақ байни онҳо ва байни он лаззатҳо ва дунёи онҳо монеъ мешавад ва барои ин гурӯҳ хизмати собиқа дар ислом нест, ки ба воситаи он мустаҳиқ ва сазовори итоати мусалмонон гарданд. Ва инчунин ҳуқуқе надоранд, ки раҳбарони мусалмонон бошанд ва дилҳои онҳо тарси Худоро нашинохта, ки боиси пайрави кардани он аз ҳақ гарданд.

Ва ба таҳқиқ онҳо мардумро мефиребанд ба ин даъвояшон, ки онҳо хуни Усмонро металабанд. Ва онҳо бо ин корашон ҷуз зулму ситам ва подшоҳӣ чизи дигареро ирода надоранд.

Баъд аз он байрақро ба дасташ гирифт ва онро болои сарҳо баланд ва парфишон кард. Ва дар байни мардум фарёд зада гуфт:

– Қасам ба зоте, ки нафси ман ба дасти ӯст, ба таҳқиқ ман бо ин байрақ ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) дар ҷангҳо иштирок намудам ва имрӯз бори дигар тахти ин байрақ меҷангам. Ва қасам ба зоте, ки нафси ман ба дасти ӯст, агар моро шикаст бидиҳанд, то ин ки ба саъафоти ҳаҷар бирасанд, ҳар ойина медонам, ки мо дар роҳи Ҳақ ҳастем ва онҳо дар роҳи ботил.

Ба таҳқиқ мардум аз Аммор пайравӣ намуданд ва ба ростии суханонаш бовар карданд.

Абуабдураҳмони Суламӣ мегӯяд:

– Мо ҳамроҳи Алӣ (р) дар ҷанги Сиффин ҳозир будем. Пас дидам, Аммор ибни Ёсир ба ҳеҷ аз гӯшае аз гӯшаҳои майдони ҷанг ва водиҳои он ҷо намерафт. Магар дидам, ки саҳобагони Муҳаммад (с) ӯро пайравӣ мекарданд ва дунболаш мерафтанд, гӯё ӯ барои онҳо як нишонае буд.

Аммор дар он рӯз, дар маъракаи ҷанг ҷавлон мекард ва ҳамла менамуд ва боварӣ дошт, ки ӯ яке аз шаҳидшавандагони ин маърака аст. Ва ба таҳқиқ он пешгӯии Пайғамбар (с) дар пеши чашмони ӯ бо ҳарфҳои бузург ҷилва мезад.

– Амморро як гурӯҳи саркаш ва нофармонбардор мекушанд.

Аз ҳамин сабаб садои ӯ дар уфуқи маърака ба ин нағма садо медод!

– Имрӯз дӯстонро мулоқӣ мешавам, Муҳаммад (с) ва саҳобагони ӯро.

Баъд аз он ӯ худро мисли тири тӯпи зарбазананда ба сӯи ҷои исти Муъовия ва касони дар атрофи ӯ аз Уммавиён мезанад ва наъраи шеронаи худро ба сӯи онҳо мефиристад:

Ба таҳқиқ мо пеш аз ин ба шумо зарба зада будем,
бино ба ҳукми зоҳирри Қуръон.
Ва имрӯз шуморо мекӯбем,
ба ҳукми таъвилии Қуръон.
Ончунон зарбае, ки сарҳоро аз ҷояшон ҷудо мекунад.

Ва дӯстонро аз ёди дӯстон ғофил мегардонад,

ё ин ки ҳақ ба ҷояш бозмегардад.

Ва ӯ ба ин суханонаш хоҳони ин матлаб буд, ки саҳобагони собиқи Пайғамбар (с), ки Аммор низ аз ҷумлаи онҳост, дирӯз бо Уммавиён ҷангиданд, ки роҳбари онҳо Абусуфиён буд. Он шахсе, ки дар он вақт байрақи ширкро боло мебардошт ва лашкари мушриконро роҳбарӣ менамуд.

Дирӯз бо онҳо ҷанг намуданд, ҳол он ки Қуръони Карим онҳоро ошкоро ба муқобили онон амр мекард, зеро мушрикон буданд.

Аммо имрӯз агарчанде ислом оварданд ва Қуръон онҳоро дар муқобили уммавиён ошкоро ба ҷанг амр намекунад, магар ки иҷтиҳоди Аммор (р) дар ҷустуҷӯи Ҳақ ва фаҳмиши ӯ дар бораи мақсадҳои ғоявии Қуръон ва мароми он ӯро қаноъатманд месозад, то бар зидди уммавиён биҷангад, то ҳаққи ғасбшуда ба соҳибони ҳақ бозгардад ва то оташи исён ва фитна то абад хомӯш гардад.

Инчунин ӯ бо ин суханонаш мехоҳад чунин мақсадеро баён намояд, ки саҳобагони Паёмбар (с) дирӯз бар зидди уммавиён аз рӯи кофир шуданашон ба дин ва Қуръон меҷангиданд.

Ва имрӯз бо онҳо аз рӯи инҳироф ва бероҳа шуданашон аз дини Ҳақ ва бероҳа шуданашон аз таълимоти Қуръони карим ва аз рӯи таъвилу тафсири нодуруст намуданашон Қуръон ва мазмуни оятҳоро ба мақсадҳои ғаразнок ва тамаъҳои худ меҷанганд.

Ин марди 93 сола вориди охирин маъракаи ҳаёти ҷавонмардона ва бузурги худ гардида буд.

Ва ӯ пеш аз он ки ба ҳаёт падруд гуяд, охирин дарсҳои худро дар бораи устуворӣ дар роҳи Ҳақ барои зиндагонии башарият таълим медод ва талқин мекард.

Ҷанговарони Муъовия ҷаҳд мекарданд, ки то ҳадди имкон худро аз Аммор дур гиранд, то ӯ бо шамшери онҳо кушта нагардад ва бо ин кор қавми саркашу нофармонбардор буданашон барои мардум ошкор нашавад.

Вале ба дурустӣ, ки Аммор бо шуҷоъату диловарӣ чунон меҷангид, ки гумон мебурдӣ як лашкари алоҳида аст ва ақлу ҳӯши онҳоро аз сарашон рабуда буд. Аз ин сабаб баъзе аз лашкариёни Муъовия фурсат меҷустанд, то ба ӯ зарба зананд ва фурсати муносиб ёфта ба ӯ зарба заданд.

* * *

Лашкари Муъовия дар он лаҳза бисёре аз мусалмонони навъаҳдро дар бар мегирифт. Онҳо касоне буданд, ки аз садои таблҳои пирӯзии ислом дар шаҳрҳои бисёре, ки ислом аз таҳти юғи истисмори Рум ва Форс озодашон намуда буд, ислом оварда буданд ва аксари онҳо ҳезуму сӯзишвории ҷангҳои дохилие гардиданд, ки сабаби он нофармонбардорӣ ва саркашии Муъовия аз байъати Алӣ (р) буд... Халифа... имом... онҳо сӯзишворӣ ва равғани он ҷанг буданд, ки алангаи онҳоро бештар мекарданд.

Ин ихтилоф бо вуҷуди хеле бузург ва хатарнок буданаш, имкони онро дошт, ки бо сулҳу салоҳ ба поён расад, агар кор дар дасти мусалмонони садри аввал мебуд, вале ҳамин ки ин хилоф ба худ шаклҳои тезутунде гирифт ба дасти бисёр касоне афтид, ки масири ислом барои онҳо ҳеҷ аҳамияте надошт ва тоза кардани он оташ ва зиёд намудани даргирии онро пешаи худ намуда буданд...

Фардои он рӯз хабари марги Аммор паҳн гардид ва мусалмонон ахбори пешгӯии пайғамбарро, ки ҳамаи саҳобагони Паёмбар (с) дар як рӯзи хело дур, ки масҷиди Мадинаро бино мекарданд, шунида буданд...

– Эй афсӯси ибни Сумайя, ки ӯро як гурӯҳи ёғӣ ва саркаш хоҳанд кушт.

Ва акнун мардум донистанд, ки он фирқаи ёғӣ кӣ будааст. Ба таҳқиқ гурӯҳе буданд, ки Амморро куштанд. Ва ӯро ҷуз гурӯҳи Муъовия каси дигаре накуштааст.

Ва бо ин рӯйдод имони лашкари Алӣ (р) зиёд гардид.

Аммо ба таҳқиқ шакку шубҳа ба дилҳои гурӯҳи Муъовия роҳ ёфт ва баъзеи онҳо худро барои он омода менамуданд, ки аз Муъовия нофармонӣ кунанд ва бо Алӣ (р) бипайванданд.

Ҳамин ки Муъовия ин хабарро шунид, дарҳол ба байни мардум баромад ва чунин суханонеро овоза намуд: Бале пешгуии Паёмбар (с) ҳақ аст ва ба таҳқиқ Расули Худо (с) дар ҳақиқат огоҳ гардида буд, ки зуд аст, Амморро як гурӯҳи ёғӣ хоҳанд кушт. Вале кист он шахсе, ки Амморро кушт? Баъд аз он дар миёни он касоне, ки ҳамроҳаш буданд, фарёд кашид ва гуфт:

– Ба таҳқиқ ӯро он касоне куштанд, ки аз ҷои истиқоматаш ӯро берун оварданд ва ӯро ба ҷанг кашиданд.

Пас баъзе аз он гумроҳоне, ки дилҳои онҳоро ҳавову ҳавас пур карда буд, бо ин таъвили ҳалоккунанда фиреб хӯрданд ва маъракаи ҷанг ба кори худ бозгардид ва то марраи маълуми худ расид.

* * *

Аммо Амморро имом Алӣ (р) ба сари синаи худаш бардошта ба ҷои ҷанозагоҳ овард ва дигар мусалмонон ҳамроҳаш буданд, баъд аз он бо ҳамроҳии либосҳояш ӯро гӯрониданд...

Оре, дар либосе ки бо хуни бегуноҳӣ ва покаш олуда буд. Пас ҳеҷ ҳарири дунё ва дебое он арзишро надорад, ки барои шаҳиди бузург ва пешвои азим ба мисли Аммор кафан шавад.

Мусалмонон дар сари қабри ӯ истода таъаҷҷуб мекарданд.

Чанд соат қабл Аммор болои замини маъракаи ҷанг дар байни онҳо суруд мехонд ва замзама мекард ва вуҷуди ӯро як муҳаббату ҳиссиёти ғарибе фаро гирифта буд, ки ба сӯи ватанаш ӯро марҳабо мегуфт ва ӯ фарёд мезад:

– Имрӯз ман бо муҳибонам мулоқот хоҳам кард, бо Муҳаммад (с) ва саҳобагонаш.

Оё ӯ бо онҳо дар ин ҷо ваъдадор буд ва медонист, вақтеро ки интизораш буд?

Ва баъзе аз саҳобагон ба якдигар рӯй оварда аз якдигар суол мекарданд.

Яке аз дигаре мепурсид, оё дар ёд дорӣ ҳақиқати он рӯзро дар Мадина, ки мо бо ҳамроҳии Паёмбар (с) нишаста будем. Ногаҳон рӯи Паёмбар (с) аз ғояти хурсандӣ шукуфт ва гуфт:

– Ҷаннат барои Аммор муштоқ гардидааст…

Пас он рафиқаш гуфт:

– Оре, дар ёдам ҳаст ва ба таҳқиқ он рӯзро дигарон низ ба ёд оварданд... аз ҷумла Алӣ (р), Салмон (р) ва Билол (р)...

* * *

Пас ҷаннат барои Аммор муштоқ шуда буд...

Пас ба таҳқиқ шавқи ӯ ба сӯи Аммор хеле тӯл кашида буд, вале Аммор аз ӯ мӯҳлат мехост, то тамоми масъулиятҳояшро иҷро намояд ва охирин воҷиботашро ба иҷро расонад...

Пас масъулиятҳояшро аз сари инсофу виҷдон адо намуд ва воҷиботашро аз сари муҳаббат ба ҳадди иҷро расонид.

Оё акнун вақти он нарасидааст, ки нидои шавқеро, ки аз дохили ҷаннатҳо ӯро садо мекунад, ҷавоб гуяд?

Бале... вақти он расидааст, ки он нидоро лаббайк гуяд... Пас ҷазову мукофоти некӣ ҷуз некӣ намебошад ва ҳамчунин найзаашро партофт ва рафт.

Ва дар он ҳоле, ки хоки қабраш ба дасти дӯстонаш болои ҷасади покаш баробар карда мешуд, рӯҳи ӯ ба орзу ва саодатмандии худ ба боғҳои ҷовидонӣ, боғҳое, ки замони тулонӣ муштоқи Аммор буданд, расида буд.

## 15. УБОДА ИБНИ СОМИТ
### Пешвое дар ҳизби Худо

**Ӯ яке аз ансориҳост, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳаққашон чунин гуфтааст: – Агар ансор дар водие ё дарае раванд, ҳар оина ман низ дар он водӣ ва дар он дараи ансор хоҳам рафт. Ва агар ҳиҷрат намебуд, албатта ман марде аз ансор мебудам.**

Ва Убода ибни Сомит бо вуҷуди аз ансор будан яке аз роҳбарон ва саркардагони ансор аст, ки Паёмбар (с) онҳоро ҳамчун роҳбари рӯҳонӣ барои хонадон ва қавму қабилаашон интихоб намуд.

Ҳангоме ки аввалин намояндагони ансор ба сӯи Макка омаданд, то бо Паёмбари Худо (с) байъати машҳури Байъати Ақабаи аввал-ро бубанданд, Убода (р) яке аз дувоздаҳ нафаре буд, ки барои ислом овардан шитобиданд ва дастҳояшонро ба сӯи Паёмбар (с) барои байъат дароз намуданд ва ҳамчун ёвар ва мусалмон ба дасти ӯ сахт часпиданд.

Дар соли оянда дар мавсими ҳаҷ ӯ шоҳиди «Байъати Ақабаи сонӣ" гардид, ки гурӯҳи дуввуми намояндагони ансор иборат аз 70 марду зани мусалмони ансор буданд, бо Паёмбари Худо (с) байъат намуданд, Убода дар ин маротиба низ аз саркардагони ин гурӯҳ ва аз ҷумлаи роҳбарони ансор буд.

Ва солҳои баъдӣ, дар ҳоле, ки саҳнаҳо паи ҳам меомаданд ва мавқифҳои қурбонӣ ва бахшояндагӣ ва фидокорӣ пайи ҳам дунболи якдигар буданд, Убода дар он ҷо низ аз ҳеҷ саҳнае тахаллуф наварзид ва дар қурбонӣ додан ҳеч гуна бахилӣ ва канорагирӣ накард.

Ва аз замоне, ки Худо Паёмбари худро интихоб кард ва Паёмбар (с) бо беҳтарин наҳв барои иҷрои масъулиятҳои худ қиём намуд, ҳамаи дӯстиаш барои ризои Худо буд ва ҳамаи тоъаташ барои Худо буд ва ҳам робитааш бо хешу табор ва пайвандону ҳампаймонҳояш, бо душманонаш, ҳамаро имони ӯ ба қолаб мерехт ва танзим мекард.

Хонаводаи Убода дар Мадина пойбанди як паймоне бо яҳудиёни бани Қайнуқоъ буданд.

Ва аз рӯзе, ки Паёмбари Худо (с) ва саҳобагонаш ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуданд, яҳудиёни он ҷо зоҳиран худро чунон вонамуд карданд, ки бо мусалмонон аз дари сулҳу салоҳ ва хайрхоҳӣ ворид мешаванд. То ин ки баъди ҷанги Бадр ва қабл аз ғазои Уҳуд лаҳзае фаро расид, ки яҳудиёни Мадина ба макру ҳилагарӣ шурӯъ намуданд. Ва яке қабилаҳои онон, бани Қайнуқоъ чанд тадбире андешиданд, ки барои мусалмонон сабаби фитна ва иғво гардид.

Ва ҳамин ки Убода ин рафтори ононро дид, дарҳол аҳду паймони онҳоро ба сӯи онҳо бозгардонид ва паймонашро бо онҳо бурида, ба онҳо гуфт:

– Ман Худованд ва Паёмбар (с) ва мӯъминонро барои худам ҳампаймон мегирам.

Пас оят нозил гардида рафтору мавқифгирии ӯро бо ин суханон мадҳу ситоиш намуд:

Ва ҳар кӣ валӣ ва фармонфармои ӯ Худо ва Расули ӯ ва аҳли имонанд (пирӯз аст), ки танҳо лашкари Худо дар ду олам фотеҳ ва ғолиб хоҳад буд (Сураи Моида, ояи 56).

* * *

Ояти каримаи Қуръони Маҷид қиёми ҳизби Худовандро эълон намуд. Ва ҳизби Худованд он мӯъминоне ҳастанд, ки дар атрофи Пайғамбари Худо (с) бархостанд ва байрақи ҳидоят ва Ҳақро ҳамроҳи худ мебурданд. Онон касоне буданд, ки дар сулуки худ муҷассамкунандаи давомдиҳандагони роҳи мӯъминоне буданд, ки пеш аз онҳо дар тӯли таърих гузашта буданд ва низ дар атрофи пайғамбарон ва расулонашон бархоста буданд. Ва дар замона ва асрҳои худашон каломи Худовандро таблиғ мекарданд.

Ин дафъа низ ҳизби Худованд мунҳасир бар саҳобагони Муҳаммад (с) намегардад, балки анқариб дар тӯли наслҳои паи ҳам оянда ва замонҳои аз пеш оянда давом хоҳад кард ва дар атрофи худ касонеро, ки ба Худо ва Расули ӯ имон доранд, гирд меоварад.

Ҳамин тавр, мардеро, ки ояи карима нозил гардида мавқифгирии ӯро марҳабо мегуфт ва дӯстию имондории ӯро месутуд, дигар танҳо роҳбаре аз роҳбарони Мадина намебошад, балки ӯ роҳбаре аз роҳбарони дине гардидааст, ки ба зудӣ тамоми мардуми замин дар атрофи ӯ ҷамъ мегарданд.

Оре, Убода ибни Сомит, ки роҳбари қабилаи худаш Хазраҷ аст, акнун роҳбаре аз роҳбарони ислом ва имоме аз имомони мусалмонон аст, ки номи ӯ ҳамчун байрақ дар бисёре аз гӯшаву канори замин на дар як насл ё ду ва се насл, балки то он замоне, ки Худованд мехоҳад, аз наслҳо ва замонҳо парафшон хоҳад буд!!!

* * *

ӯ Паёмбари Худоро шунид, ки рӯзе аз масъулияти амирон ва волиҳо сухан мекард. Аз оқибати баде сухан мекард, ки мунтазир барои касоне аст, ки дар ҳаққи касе беаҳамиятӣ мекунад ва ё касоне, ки аз мансабашон сӯи истифода мебаранд. Пас аз тарси Худованди бузург ларзид ва ба Худо савганд ёд намуд, ки ҳаргиз бар сари ду одам амир нахоҳад шуд.

Ва ба қасамаш бовафо монд.

Дар замони хилофати Умари Форуқ (р) халифа натавонист, ки ӯро барои қабули мансабе розӣ кунонад. Магар масъулияти таълими мардум ва фақеҳ намудани онҳоро дар дин.

Оре, ин ягона амалест, ки Убода барои худ ихтиёр карда ва худро аз дигар мансабҳое, ки бо фахру худнамоӣ ва бузургманишӣ, сарватмандӣ алоқаманданд ва низ хатарҳои зиёдеро дар динаш ва роҳу сулукаш ҳамроҳ доранд, барканор гирифт.

Ва ҳамчун шахси сеюм дар ҳайати сенафара ҳамроҳи Муъоз ибни Ҷабал ва Абудардо ба сӯи Шом сафар кард, то он сарзаминро аз илм, фиқҳ ва нур саршор гардонанд.

Убода замоне ба сӯи Фаластин низ сафар кард ва муваққатан мансаби қозигиро ба ӯҳда дошт ва ин корро ба номи халифаи вақт Муъовия анҷом медод.

* * *

Убода ибни Сомит дар лаҳзаҳои дар Шом сукунат доштанаш нигоҳашро ба роҳҳои дур берун аз ҳудуди он ҷо, ба сӯи Мадинаи мунаввара, пойтахти ислом ва дору-л-хилофат равона месохт ва он ҷо Умар ибни Хаттоб (р), мардеро медид, ки мисли ӯ каси дигаре халқ нашудааст.

Ва пас нигоҳашро ба сӯи мақоми сукунаташ бармегардонид ва дар Фаластин Муъовия ибни Абусуфиёнро медид. Мардеро, ки дунёро дӯст медорад ва ошиқи ҳокимият ва салтанат аст.

Убода аз гурӯҳи садри авваласт, ки беҳтарин рӯзҳои ҳаёт ва бузургтарин ва пурқиматтарини онро ҳамроҳи Паёмбари бузург (с) гузаронидааст. Он ҷамоъаи садри аввал, ки мубориза҃ҳо ӯро об карда, дар қолиб рехтаанд ва қурбониҳо ӯро сайқал додаанд ва дини исломро бо рағбат ва майл на аз тарси касе қабул намудааст ва нафсу моли худро ба Худованд фурӯхтааст.

Убода аз гурӯҳест, ки Муҳаммад (с) бо дастони худаш тарбияташ намуда ва дар ҷону тани ӯ аз рӯҳи худ ва нури худ ва аз азамату бузургии худ рехтааст.

Ва агар ин ҷо аз зиндаҳо масали оддие барои ҳоким будан вуҷуд дошта бошад, ки нафси Убодаро аз тарси бузургиаш пур созад ва дилашро боварию эътимод бахшад, пас он шахси бузурги нишаста дар Мадина Умар ибни Хаттоб (р) аст.

Вақте ки Убода кору тасарруфоти Муъовияро бо ин ченак қиёс менамояд, байни ин ду нафар фарқияти бузурге мебинад, пас он замон дур нест, ки байни онҳо бархурде рух надиҳад ва ҳамин тавр ҳам шуд.

* * *

Убода (р) мегӯяд:

– Мо бо Паёмбари Худо (с) аҳду паймон намуда будем, ки дар роҳи ризои Худованди бузург аз маломати маломаткунандагон натарсем.

Ва Убода аз беҳтарин касонест нисбат ба вафо кардани байъат. Ва ӯ ин ҳангом бо вуҷуди қудратмандии Муъовия аз ӯ наметарсад. Ва ба зудӣ барои ҳар як хатои аз Муъовия сарзада ба муқобили ӯ дар муқобилаш қарор мегирад.

Дар ҳақиқат аҳли Фаластин он рӯзҳо воқеъаҳои аҷиберо мушоҳада карданд. Ахбори муқовамате, ки Убода ҷасурона дар муқобили Муъовия анҷом медод, ба бисёр мамолики исломӣ мерасид. Дар ин ҳол ӯ барои мардум пешво ва ҳидоятгаре гардид.

Бо вуҷуди ҳилму сабре, ки Муъовия ба он машҳур гардидааст аз мавқифгириҳои Убода хело ба душворӣ меафтад ва ин рафтори ӯро таҳдид ба шукӯҳу ҷалоли салтанати худ мебинад.

Убода низ дар навбати худ эҳсос мекунад, ки масофаи ҷудоӣ байни ӯ ва Муъовия ба гузашти замон меафзояд аз ин рӯ ба Муъовия хитоб намуда мегӯяд:

– Қасам ба Худо, ки дар як сарзамин ҳаргиз бо ту як ҷо зиндагонӣ нахоҳам кард.

Ва аз Фаластин хориҷ шуда ба сӯи Мадина омад.

* * *

Амири мӯъминон Умар (р) соҳиби назар ва андешаи амиқ буд ва ҳамеша таваҷҷуҳ дошт, то мисли Муъовия волиҳоеро, ки ба ақлу дониши худ такя намуда ва аз зиракиашон хеле зиёд истифода мекунанд, танҳо нагузорад ва мекӯшад то онҳоро бо чанд нафаре аз саҳобагони парҳезгор ва зоҳид ва насиҳатгарони мухлис иҳота намояд, то ин ки саркашиҳои хоҳишоти зиёд ва рағбатҳои дар ин волиҳо вуҷуд доштаро саркӯб намоянд ва барои онҳо ва дигар мардумон як панду андарз ва тимсоли доимӣ аз сирати Паёмбари Худо (с) гарданд.

Аз ҳамин сабаб, ҳамин ки чашми амири мӯъминон Умар (р) ба Убода ибни Сомит афтид ва мушоҳида кард, ки ба сӯи Мадина бозгаштааст, дарҳол аз ӯ пурсид:

– Эй Убода, чӣ чиз туро ба ин ҷо боз овард?

Вақте ки Убода воқеъаеро, ки байни ӯ ва Муъовия рух дода буд, барои халифа қисса кард, Умар (р) ба ӯ гуфт:

– Ту ба ҷои аввалаат баргард, пас Худованд заминеро, ки дар он ҷо амсоли ту набошад, нобуд гардонад.

Баъд аз он Умар (р) ба Муъовия бо чунин мазмун мактубе ирсол кард:

«Ту бар Убода ҳуқуқи роҳбарӣ надорӣ!»

Оре, Убода ҳокими нафси худаш буд.

Чун Умари Форуқ (р) касеро чунин эҳтиром намояд, пас ӯ шахсияти бузургест.

Ва Убода дар имондориаш ва дар ростии замир ва зиндагониаш ниҳояд марди бузург буд.

* * *

Ва дар соли сиву чаҳори ҳиҷрӣ ин пешвои ҳидояткунанда ва муршиде аз саркардагони ансор ва ислом дар Рамаллои сарзамини Фаластин вафот ёфт ва бӯи атрогини худро барои оламиён боқӣ гузошт.

## 16. ХАББОБ ИБНИ АРАТ
## Устоди фанни фидокорӣ

**Як гурӯҳе аз Қурайшиён берун омаданд ва бо қадамҳои тез ба сӯи хонаи Хаббоб рӯй оварданд, то шамшерҳоеро, ки барои сохтани онҳо бо Хаббоб аҳд карда буданд, бигиранд.**

Хаббоб воқеъан шамшерсоз буд. Шамшерҳоро сохта ба аҳли Макка мефурӯхт ва ба бозорҳои атроф низ мефиристод. Хилофи одати Хаббоб, ки ҳаргиз аз ҳавлӣ ва кораш ҷудо намешуд, ин гурӯҳи Қурайшиён ӯро дар хонааш наёфтанд ва интизораш нишастанд.

Баъди чанд муддат Хаббоб омад ва дар чеҳрааш аломати огоҳии равшан ва дар чашмонаш ашки шодӣ дида мешуд. Ва меҳмононашро хайра мақдам гуфта нишаст.

Ва он мардон саросемавор аз ӯ пурсиданд:

– Оё сохтани шамшерҳоро ба охир расондӣ, эй Хаббоб?

Ва оби дидаи Ҳаббоб хушк шуд ва ҷои онро дар чашмонаш як хурсандии дурахшон ишғол кард ва дар ҳоле, ки гӯё бо нафсаш гӯшакӣ мекарда бошад гуфт:

– Ба таҳқиқ амри ӯ аҷиб аст.

Ва он гурӯҳ боз саволашонро такрор карданд, ки кадом корро мегӯӣ эй мард? Мо туро аз шамшерамон мепурсем, ки оё сохтани онҳоро ба итмом расондӣ?

Хаббоб ба онҳо меҳрубонона нигариста гуфт:

– Оё ӯро дидаед? Оё суханҳои ӯро шунидаед?

Пас онҳо баъзеашон ба баъзеи дигарашон бо даҳшат ва таъаҷҷуб нигаристанд. Ва яке аз онҳо бо қаҳру ғазаб баргашта аз ӯ пурсид:

– Оё ту ӯро дидаӣ, эй Хаббоб?

Хаббоб қаҳру ғазаби ин шахсро масхара карда, баргашта ба ӯ савол дод:

– Киро дар назар дорӣ?

Ва он мард бо ғазаб гуфт:

– Он касеро дар назар дорам, ки ту дар назар дорӣ!

Ва Хаббоб баъди он ки худро нишон дод, ки ӯ дуртар аз он аст, ки фиребида шавад, ҷавобашон дод. Ва агар ӯ ҳозир дар назди онҳо

ба имони худ эътироф кунад, пас ин маънои онро надорад, ки ӯро фиреб карда бошанд ва забонашро лағжиш дода бошанд, балки ӯ ҳақро дида онро ба оғӯш гирифта ва акнун ба худ қарор додааст, ки барои ошкор кардани Ҳақ фарёд кашад.

Пас ба онҳо дар ҳоле ки дар ишқи худ сармаст ва рӯҳаш болида буд, чунин ҷавоб дод:

– Оре, ӯро дидам ва суханонашро шунидам, ҳақиқатро дидам, ки дар атрофи ӯ ҷӯш мезад ва нур аз байни дандонҳояш берун меомад!

Харидорони Қурайшӣ матлабро фаҳмиданд ва яке аз онҳо фарёд кашид:

– Кист он шахсе, ки дар баробараш сухан мегӯӣ? Эй ғуломи модари Анмор!

Хаббоб бо як оромии бузургона чунин ҷавоб дод:

– Ва кист ғайри ӯ, эй бародари Араб? Кист ғайри ӯ дар қавми ту, ки аз атрофаш ҳақиқат ҷӯш занад ва нур аз байни дандонҳояш берун ояд!

Ва дигараш дар ҳоле, ки аз ғояти тарс бархоста буд, фарёд кашид:

– Гумон мекунам, ки ту Муҳаммадро (с) дар назар дорӣ?

Ва Хабоб сарашро ҷунбонида гуфт:

– Оре, ба таҳқиқ ӯ фиристодаи Худост ба сӯи мо, то моро аз торикиҳо ба сӯи нур раҳнамоӣ кунад.

Ва дигар Хаббоб дар ёд надорад, ки баъди ин калимаҳо чӣ гуфт ва ё бо ӯ чӣ гуфтанд ва он чизеро дар ёд дорад, ин аст, ки ӯ аз беҳӯшӣ ба худ омад. Баъди чанд соати дарозе дид, ки зиёраткунандагонаш рафтаанд.

Ва бадану устухонҳояш аз асари зарбу лат месӯзад. Ва хуни равонаш бадан ва либосашро олуда сохтааст.

Бо чашмони калонаш ба атроф назар кард ва ҷой барои нигоҳҳои гузарои ӯ тангӣ мекард. Дарду аламашро таҳаммул кард ва ба ҳавои кушод баромад ва дар пеши дари ҳавлиаш бар девор такя карда истод ва чашмони гузарояш ба як сафари дур равона шуданд. Ва ба тарафи уфуқ назар мекарданд ва тарафи росту чап давр мехӯрданд, ба таҳқиқ ин чашмон дар назди масофаҳои одатии мардум намеистанд, балки як чизи дури аз назарҳо пинҳонро

ҷустуҷӯ менамоянд. Оре як чизи дури гумшудаеро ҷустуҷӯ менамояд, ки дар ҳаёти худи ӯ ва мардуми Макка ва мардумони дигар дар ҳама макону замон гумшуда аст.

Ӯ меандешад, ки оё он суханони аз Муҳаммад (с) шунидааш, имрӯз нуре ҳастанд, ки ба ҳамон дуриҳои номаълум дар зиндагонии тамоми башарият роҳнамоӣ кунанд.

Ва Хаббоб дар ин таамулоти олӣ ва тафаккури амиқ фурӯ рафт. Баъд аз он ба дохили ҳавлиаш даромад. ӯ ба ҳавлиаш бозгашта ҷароҳатҳояшро баст ва худро барои азобҳои нав ва дардҳои нав омода намуд.

Ва аз ҳамин рӯз сар карда Хаббоб дар байни азобдодашудагон ва канора гирифташудагон ҷои олие ба худ касб намуд.

Дар байни он касоне, ки бо вуҷуди фақириашон ва заъифиашон ба кибриёи Қурайш ва дуруштиву девонагии Қурайш зиддият намуданд.

Ӯ ҷои худро дар миёни он ашхосе ҷой дод, ки дар дилҳояшон пояи байрақеро шинонида буданд ва он дар фазои беканори осмон парфишонӣ мекард ва аз нобудии асри бутпарастиву Қайсарӣ дарак медод ва аз пайдоиши оламе, ки аз Худост ва мардум танҳо Худоро парастиш мекунанд ва динро фақат аз они Худо медонанд, башорат медод ва аз рӯзҳои озодии бечорагон ва заҳматкашон, ки дар таҳти ин байрақ бо вазъи баробарӣ бо касоне башорат медод, ки аз ин пеш инҳоро истисмор мекарданд ва маҳрумият ва азобро ба онҳо мечашониданд.

Ва бо як диловарии бузург Хаббоб мушкилоти ба сараш омадаро мисли пешво таҳаммул мекард.

Шаъбӣ мегӯяд:

– Ба таҳқиқ Хаббоб сабр кард ва дар назди кофирон иродааш нашикаст ва он кофирон дар пушти урёни ӯ сангҳои гармро мечаспониданд, то ин ки гӯштҳои тахтапушташ захмӣ шуданд.

Оре, насибаи Хаббоб аз ин гуна азобҳо хеле зиёд буд ва лекин муқовимат ва сабри ӯ аз азобҳо дида бештар буд.

Ба таҳқиқ кофирони Қурайш тамоми оҳанҳои дар ҳавлии Хаббоб бударо, ки ӯ аз онҳо пештар шамшер месохт, ҷамъ намуда ва аз онҳо ишкел ва занҷир сохтанд.

Пас кофирон он занҷирҳоро дар оташ гарм мекарданд, то ин ки сурх мешуд ва аланга мезад. Баъд аз он бо он занҷирҳо дастон ва пойҳои ӯро мепечониданд.

Рӯзе Хаббоб бо баъзе аз рафиқонаш, ки мисли худаш аз ҷамъият дуркардашуда ва дар азоб буданд, ба пеши Паёмбари Худо (с) рафтанд, вале на аз рӯи бетоқатӣ аз қурбонӣ, балки бо умеди офият ва гуфтанд:

– Эй Паёмбари Худо (с), оё ҳеҷ имконе надорад, ки дар ҳақи мо дуъо кунӣ, ки Худо моро нусрат бахшад? Яъне аз Худованд барои мо илтиҷо кунӣ нусрат ва офиятро.

Биёед бигузорем, ки худи Хаббоб барои мо он лаҳзаро бо суханони худаш нақл намояд:

– Мо ба назди Расули Худо (с) шикоят намудем ва ӯ дар сояи Хонаи Каъба дар ҳоле буд, ки ҷомаашро таги сар ниҳода хобида буд. Ба ӯ гуфтем:

– Эй Паёмбари Худо (с), оё ҳеҷ роҳе надорад, ки дар ҳақи мо дуъо кунӣ?

Паёмбари Худо (с) дар ҳоле ки рӯяш сурх гардида буд, бархоста нишаст ва гуфт:

– Пеш аз шумо дар умматони дигар Паёмбарон ҳолатҳое буд, ки мардеро аз онҳо мегирифтанд, пас ӯро дар замин гӯр мекарданд (то сари синааш) баъд аз он арра меоварданд ва ба фарқи сараш мениҳоданд (ва арраааш мекарданд), вале бо вуҷуди ин ӯ аз динаш барнамегашт! Ва ё он мардро бо шонаҳои оҳанин гӯштҳояшро аз устухонаш ҷудо мекарданд, вале ҳамаи ин азобҳо ӯро аз динаш бознамедошт! Ва албатта Худованд ин динро комил мегардонад, то як савора аз Санъо то Ҳазрамавт меравад ва ба ҷуз аз Худованд ва ё аз гург барои гӯсфандонаш аз касе наметарсад, валекин шумо саросема мешавед.

Хаббоб ва рафиқонаш чун ин суханро шуниданд, пас имон ва исрорашон зиёд гардид ва қарор доданд, ки ҳар кадомашон барои Худо ва Паёмбар (с) як рафторе нишон бидиҳанд, ки онҳо дӯст медоранд ва он иборат аз тасмим ва сабр ва қурбонӣ бошад.

Ва Хаббоб дар ин маъракаи ҳавлнок босаброна ва устувор бо умеди аҷру савоб дохил шуд. Ва Қурайшиён аз умми Анмор, ки

хоҷаи Хаббоб пеш аз озод карданаш буд, илтимос намуданд ва ёрӣ ҷустанд. ӯ ҳам бо ин гурӯҳи азобдиҳандагони Хаббоб пайваст.

Ва он зан оҳанҳои сурхшудаи аланганокро гирифта бар фарқ ва равзанаи сари Хаббоб мегузошт ва Хаббоб аз ғояти дард печутоб мехӯрд. Аммо зӯр зада нафасҳояшро пинҳон медошт, то овозе набарояд, ки кибру ғурури ҷаллодонашро розӣ гардонад.

Рӯзе Паёмбари Худо (с) аз наздаш дар ҳоле гузашт, ки як оҳани доғкардашуда дар тори сараш буд ва аланга мезад ва ӯро месӯзонид.

Пас дили Паёмбари Худо (с) аз рӯи раҳму шафқат ва таассуф об гардид, вале аз дасти Паёмбари Худо (с) дар он рӯзҳо барои Хаббоб чӣ ҳам меомад?

Ҳеҷ чиз, магар ки ӯро дилбардорӣ карда дар ҳаққаш дуъо кунад.

Дар он ҷо Паёмбари Худо (с) дастони кушодаашро ба сӯи осмон баланд карда чунин дуъо кард:

Боро Худоё, Хаббобро нусрат бахш!

Ва бо хости Худо чанд рӯзе нагузашта ба умми Анмор қисоси оҷил расид. Гӯё тақдир ин корро ба мисли як панд барои ӯ ва дигар ҷаллодҳо гардонид. Ин кор чунин сурат гирифт. ӯ ба касалии девонагие гирифтор шуд, ки хеле сахт буд ва хело камназир ва ғариб. Чунончӣ таърихнигорон навиштаанд: ӯ мисли сагҳо аккос мезад «Ва он рӯз табибон ба ӯ гуфтанд, ки ин бемори ба ҷуз доғ кардани фарқи сар бо оташ, илоҷи дигаре надорад! Ва ҳамчунин сари бо кибру ғурури ӯ ҳар субҳу шом зарбу алами оҳани доғро чашид.»

* * *

Қурайшиён дар муқобили имони мардум азобро истифода мекарданд ва мӯъминон бошанд, дар муқобили азоби Қурайшиён, қурбонӣ ва ҷонфидоиро истифода менамуданд. Ва Хаббоб аз ҳамин қабил касоне буд, ки тақдири Илоҳӣ ӯро интихоб намуда буд, то аз ӯ як устозе дар фанни қурбонӣ ва фидокорӣ омода намояд. Хаббоб аз ин баъд фурсати зиндагониашро дар хидмати дине сарф кард, ки байраққояш дар эҳтизоз буданд.

Дар замони даъват Хаббоб ба ибодат ва намоз иктифо нанамуда, қуввату тавоноияшро дар роҳи таълими ислом сарф кард. ӯ пинҳонӣ ба хонаҳои баъзе аз бародарони мӯъмин, ки

исломашонро аз тарси Қурайш пинҳон медоштанд, мерафт. Пас бо ҳамроҳии онҳо Қуръон мехонд ва онҳоро таълим медод.

Ӯ дар илми Қуръон дар замоне малакаву дониш пайдо намуд, ки Қуръон оят-оят ва сура-сура нозил мешуд ва то андозае, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд он шахсе, ки дар борааш Паёмбари Худо (с) гуфта буд:

– Касе ирода дорад, ки Қуръонро тару тоза мисли лаҳзаи аввали ваҳяш бихонад, пас бар ӯ лозим аст, ки ба қироъати ибни Умми Абд пайравӣ кунад.

Оре Абдуллоҳ ибни Масъуд Хаббобро ҳамчун як марҷаъ мешинохт ва дар он умуре, ки тааллуқ ба Қуръон ва ҳифз ва диросати он дорад, қавли ӯро эътибор мекард.

Ӯ касест, ки ба Фотима духтари Хаттоб ва шавҳараш Саъид ибни Зайд дарси Қуръон медод, дар он ҳолате, ки Умар ибни Хаттоб (р) ба наздашон даромад дар ҳоле, ки шамшерашро ҳамоил намуда барои баробар намудани ҳисоб бо ислом ва расулаш берун омада буд, лекин ҳамин ки Қуръонеро, ки навишта дар саҳифае буд ва Хаббоб аз рӯи он саҳифа дарс медод, хонд, дарҳол он фарёди таърихии муборакашро сар дод:

– Маро ба сӯи Муҳаммад (с) роҳнамоӣ намоед!

Чун Хаббоб суханони Умарро (р) шунид, аз ҷои пинҳон гаштааш берун омада фарёд кашид:

– Эй Умар, қасам ба Худо, ман гумон мекунам, ки Худованд туро барои даъвати Паёмбар (с) махсус гардонидааст ва ман дирӯз аз вай шунидам, ки мегуфт: Бор Худоё, дини исломро ба сабаби имон овардани беҳтарин марде аз ин ду мард дар назди худат қувват бахш, яке Абулҳакам ибни Ҳишом ва дигаре Умар ибни Хаттоб.

Ва Умар (р) дарҳол пурсид:

– Ман Расули Худоро аз куҷо пайдо кунам, эй Хаббоб?

Хаббоб ҷавоб дод:

– Дар назди кӯҳи Сафо, дар хонаи Арқам ибни Аби Арқам.

Ва Умар (р) ба роҳи бузурги ихтиёркардааш, равона гардид.

* * *

Хаббоб ибни Арат дар тамоми маъракаҳо ва ғазоҳо ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) иштирок намуд ва тамоми умрашро дар роҳи ҳифзи имон ва яқинаш сарф кард.

Дар он замоне, ки хазинаи мусалмонон дар замони хилофати Умар (р) ва Усмон (р) комилан аз моли дунё пур буд, аз рӯи муҳоҷири собиқ ба сӯи ислом буданаш, Хаббоб соҳиби моҳонаи калон буд. Ин даромади калон барои Хаббоб имконият фароҳам овард, ки дар Куфа як ҳавлие бино кунад ва ӯ ҳамаи маблағашро дар як ҷои маълуме аз ҳавлиаш мегузошт, ки дӯстон ва меҳмононаш онро медонистанд ва ҳар касеро, ки ҳоҷаташ ба мол меафтид, рафта аз он пул қадри ҳоҷаташро мегирифт.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, вақте ки Хаббоб ёди Паёмбари Худо (с) ва саҳобагонаш мекард, ки зиндагиашонро дар роҳи Худо сарф намуданд ва ба мулоқоти Худо комёб гардиданд, пеш аз он ки дунё барои мусалмонон кушода шавад ва дар дасташон молҳо фаровон гардад, ҳаргиз оби дидагонаш аз рафтан бознамеистод.

Гӯш кунед, ки ӯ ба касоне, ки пеш аз вафоташ ба аёдати ӯ омада буданд, чӣ мегӯяд.

Ба ӯ гуфтанд, башорат биёб эй Або Абдаллоҳ, зеро ту фардо бо бародаронат мулоқот хоҳӣ кард.

Ва дар ҳоле, ки ӯ гиря мекард, чунин ҷавобашон дод:

– Аммо ман ба таҳқиқ ҳеҷ даҳшате надорам аз марг, вале шумоён ба ёди ман қавмҳо ва бародаронеро овардед, ки аз дунё гузаштаанд ва савобу аҷрҳои худро комилан соҳиб шудаанд, вале аз дунё чизе ба даст наёварданд. Ва мо баъди онҳо боқӣ мондем, то ин ки аз дунё он қадар ба мо расида, ки ҷои онро намеёбем, магар дар хок.

Инро гуфта ба сӯи хонаи хоксоронаи худ, ки бино карда буд, ишорат кард. Баъд бори дуввум ба он ҷое, ки молҳояшро мегузошт, ишора карда гуфт:

– Қасам ба Худо, ки ҳеҷ гоҳ инҳоро ба ресмоне набастаам ва аз мӯҳтоҷе онро манъ нанамудаам.

Баъд ба сӯи кафане, ки барояш омода карда буданд, рӯй овард ва онро исроф ва беҳуда шуморида, дар ҳоле ки оби дидагонаш мерехтанд, гуфт:

– Бубинед, ин кафани ман аст, лекин Ҳамза амакии Расули Худоро дар рӯзе, ки шаҳодат ёфт, барояш кафан ёфт нашуд, магар як ҷомаи дарида. Ҳангоме, ки бо он сарашро бор мекардем, аз болои пойҳояш мелағжид (яъне пойҳояш луч мемонданд) ва агар пойҳояшро мепӯшонидем, аз сараш мелағжид.

* * *

Хаббоб дар соли сиву ҳафтуми ҳиҷрат вафот кард.

Устоди санъати шамшерсозии замони ҷоҳилият вафот кард.

Ва устоди санъати қурбонӣ ва фидокорӣ дар вақти ислом.

Марде фавтид аз ҷумлаи он ҷамоъае буд, чун баъзе аз саркардагони Қурайш талаб намуданд, ки Паёмбари Худо (с) як рӯзро махсуси онҳо бигардонад ва барои дигар фақирон, амсоли Хаббоб ва Суҳайб ва Билол як рӯзи дигарро барои дифоъи онҳо ваҳй нозил шуд. Пас ин ҳангом Қуръони азим ин мардони Худоро бо як бузургдошт ва икром дар оғӯш гирифт ва оёти каримааш фуруд омад, ки барои Паёмбари карим (с) чунин мегуфт:

Ва ононро, ки субҳу шом Худоро мехонанд ва муроду мақсадашон Худост, зинҳор онҳоро аз худ марон, ки чизе аз ҳисоби онҳо бар ту ва на чизе аз ҳисоби ту бар онҳост. Пас агар ту он Худопарастонро аз худ биронӣ, аз ситамгорон хоҳӣ буд. Ва ҳамчунин мо бархе бар бархе дигар (фуқароро бо ағниё) биёзмудем, то он ки (бо таън ва масхара ва инкор) гуянд: оё ин фақиронро Худо дар миёни мо бартарӣ (ба неъмати ислом) дод? Оё Худо аз ин мункирон ва аҳволи сипосгузорон донотар нест? Ва ҳар гоҳ онон, ки ба оёти мо мегараванд назди ту оянд, бигу: Салом бар шумо бод, Худо раҳмат ва меҳрубониро бар худ лозим гардонид... (Сураи Анъом, оятҳои 52-54)

Ва ҳамчунин Паёмбари Худо (с) баъди нозил гардидани ин оятҳо, ҳамин ки касе аз ин ҷамоъатро медид, дар эҳтирому иззаташ мекӯшид. Барояш ридои худро дар замин паҳн мекард (то биншинанд) ва ба китфони онҳо аз рӯи меҳрубонӣ, зада мегуфт:

– Хуш омаданд, касоне ки дар бораи онҳо Парвардигорам маро васият кард.

Оре, боз яке аз фарзандони неки рӯзҳои ваҳй ва аз гурӯҳи қурбониён вафот кард.

Шояд беҳтарин калимае, ки барои ёдбуди ӯ мегуем, ин суханони имом Алӣ (р) аст, ки Худо чеҳраашро мекаррам гардонад. Дар лаҳзае, ки аз ҷанги Сиффин бозгаштанд, назари ӯ ба як қабри наву тоза афтид ва пурсид:

– Ин қабри кист?

Ба ӯ ҷавоб доданд, ки қабри Хаббоб аст.

Пас бо таассуф қабри ӯро аз назар гузаронид ва гуфт:

– Худованд Хаббобро раҳмат кунад. ӯ бо рағбат ислом овард. Ва ҳамчун муҷоҳид умр ба сар бурд.

Ва аз рӯи ихтиёр ҳиҷрат кард.

## 17. АБУУБАЙДА ИБНИ ҶАРРОҲ
### Амонатдори ин уммат

**Ин шахс кист, ки Паёмбари Худо (с) дасти рости ӯро гирифта гуфт: – Барои ҳар уммат амонатдоре ҳаст ва амонатдори ин уммат, Абуубайда ибни Ҷарроҳ аст.**

Кист он шахсе, ки Паёмбари Худо (с) дар ғазои Зоту-с-салосил ӯро барои мадади Амр ибни Ос фиристод ва ӯро амири лашкаре гардонид, ки дар ҳайати он Абубакру Умар (р) буданд?

Кист он саҳобае, ки аввалин шуда ба лақаби амиру-л-умаро мушарраф гардид?

Кист ин шахси қоматбаланди лоғарандом, ки рухсораҳои хароби камгӯшт дошт ва риши тунук ва дандоншикаста, дандонҳои пешаш афтида буданд?

Оре, кист ин шахси боқувват ва амонатдоре, ки дар борааш Умар ибни Хаттоб (р) дар ҳоле, ки нафасҳои охиринашро мекашид, чунин гуфт:

– Агар Абуубайда ибни Ҷарроҳ зинда мебуд, албатта ӯро халифа таъйин менамудам. Пас агар Парвардигорам дар бораи вай аз ман мепурсид, мегуфтам: Ман амини Худо ва пайғамбарро халифа таъин кардам.

Ба таҳқиқ Абуубайда, Омир ибни Абдуллоҳ ибни Ҷарроҳ аст.

Ӯ ба дасти Абубакри Сиддиқ (р) дар рӯзҳои аввали ислом, пеш аз он ки Паёмбари Худо (с) дар ҳавлии Арқам дохил шавад, ислом овардааст. Ва ба сӯи Ҳабаша дар ҳиҷрати сонӣ ҳиҷрат кардааст.

Баъд аз он аз ҳиҷрат бозгардид, то дар Бадр, Уҳуд ва боқимонда ҳамаи саҳнаҳо дар паҳлӯи Паёмбари Худо (с) ва баъди вафоти Паёмбари Худо (с) баъд аз он муборизаро паҳлӯи халифа Абубакр (р) ва дар паҳлӯи амири мӯъминон Умар (р) давом бидиҳад. Дар ҳоле, ки дунёро паси пушт андохта, дунёбезорӣ, парҳезгорӣ, устуворӣ ва амонатнигаҳдориро барои масъулиятҳои диниаш пеша карда буд.

* * *

Чун Абуубайда бо Паёмбари Худо (с) дар бобати дар роҳи Худо сарф намудани ҳаёташ байъат намуд, ӯ ба хубӣ дарк кард, ки ин се

калима чӣ масъулиятҳоеро назди кас мегузоранд, яъне дар роҳи Худо.

Ва ӯ бо тамоми омодагии комил тайёр буд, то дар ин роҳ ҳар чиро, ки аз ӯ талаб карда мешавад аз бахшиш ва қурбонӣ бидиҳад.

Ва аз замоне, ки ӯ дасти росташро ба сӯи Паёмбари Худо (с) барои байъат дароз намуд, дигар дар вуҷуди худ ва дар рӯзҳои худ ва зиндагониаш, ғайри як амонате, ки Худо ба вай вогузор кардааст, то онҳоро дар роҳи ӯ ва ризои ӯ сарф намояд, дигар чизеро намедид ва ӯ аз пушти ягон фоидаи нафсаш равона набуд ва ӯро аз роҳи Худо ягон фоидае ва тарсе боз дошта наметавонист.

Вақте ки Абуубайда ба аҳде, ки дигар саҳобагон содиқ монданд, вафо кард, Паёмбари Худо (с) дар роҳи интихобнамудаи замираш ва маслаки зиндагониаш як чизеро мушоҳида намуд, ки ӯро ба ин куният сазовор гардонид. Он лақабе, ки Паёмбари Худо (с) барояш бахшид ва чунин гуфт:

– Амонатнигоҳдори ин уммат, Абуубайда ибни Ҷарроҳ аст.

* * *

Ба таҳқиқ, амонатдории Абуубайда нисбати масъулиятҳояш, боризтарин хислати ӯст. ӯ дар ғазои Уҳуд аз рафти маърака эҳсос намуд, ки мушрикон аз ғалаба дар ҷанг дида ба зарба задан ба зиндагонии Паёмбари бузург (с) ҳаристаранд, пас бо нафси хеш аҳд кард, ки ҷои исташро дар маъракаи ҷанг наздик ба ҷои исти Паёмбари Худо (с) гардонад.

Ва зарба заданро ба шамшере, ки мисли худаш амонатдор буд дар муқобили лашкари бутпарасте шурӯъ кард, ки бо саркашӣ ва зулм омада ва ирода дошт нури Худовандро хомӯш созад.

Ва ҳар вақте ки зарурати маъракаи ҷанг ӯро дуртар аз Паёмбари Худо (с) мебурд, ӯ ҷанг мекард, вале чашмонаш ба куҷо равона шудани зарбаҳояшро мушоҳида намекарданд, балки доим онҳо мутаваҷҷеҳи ҷои исти Паёмбари Худо (с) ва ҷанги Паёмбари Худо (с) буданд ва ӯро ба ҳирс ва бетоқатӣ наззора мекарданд.

Ва ҳар вақте Абуубайда хатареро медид, ки ба Паёмбари Худо (с) наздик мегардад, аз ҷояш бармехест ва он масофаи заминро парида тай менамуд, то душманони Худоро мағлуб сохта ва онҳоро пеш аз он, ки аз Паёмбари Худо (с) чизе ба даст биёранд, ба қафо бозгардонад.

Ва дар яке аз ҳуҷумҳояш дар лаҳзае, ки ҷанг ба авҷи аълояш расида буд, Абуубайдаро як гурӯҳи ҷанговарон иҳота намуданд ва чашмони ӯ аз рӯи одат мисли чашмони шоҳин ҳамеша ҷои исти Паёмбари Худоро (с) наззора мекарданд.

Чун Абуубайда дид, ки тиреро як зани мушрика ба сӯи Паёмбари Худо (с) андохт ва он тир ба Паёмбари Худо (с) расид, наздик буд, ки ӯ девона шавад. Пас шамшерашро дар миёни он касоне, ки ӯро иҳота карда буданд, чунон ба кор андохт, ки гумон мекардӣ сад шамшер бошад, то ин ки ҷамоъаро парешон кард ва гӯё ба сӯи Паёмбари Худо (с) парвоз намуд. Дид, ки хуни поки Паёмбари Худо (с) бар рухсорааш равон аст ва Паёмбари аминро (с) дид, ки хунро ба дасташ тоза карда мегӯяд:

– Он қавме, ки рӯи Паёмбарашонро бо хунаш рангин намуданд, чӣ гуна наҷот меёфта бошанд, дар ҳоле, ки ӯ онҳоро ба сӯи Парвардигорашон мехонад.

Ва дид, ки ду ҳалқаи кӯлоҳи оҳанине, ки Паёмбари Худо (с) дар сараш мениҳод, ба таҳқиқ дар паҳлӯҳои сараш даромадаанд. Дигар тоқаташ намонд ва наздики Паёмбари Худо (с) омад ва бо дандонҳои пешаш он ҳалқаро аз бари рухсораи Паёмбари Худо (с) берун кашид ва як дандони пешаш канда шуда афтид. Баъд аз он ҳалқаи дигарашро берун кашид ва дандони дигараш афтид.

Чӣ некӯст, ки суханро ба Абубакр (р) вогузорем, то барои мо он саҳнаро бо дид ва суханони худаш васф кунад:

– Вақте ки рӯзи Уҳуд Паёмбари Худоро бо тир заданд, ду ҳалқаи кулоҳи оҳанин ба рухсораи Паёмбари Худо (с) нишаст. Ман зуд ба сӯи Паёмбари Худо (с) шитофтам ва дидам, ки як кас аз тарафи машриқ ба сӯи Паёмбари Худо (с) гӯё парвоз мекард. Гуфтам:

– Худоё, ӯро итоаткунанда гардон.

Чун дар назди Паёмбари Худо (с) ҷамъ омадем, дидам, ки Абуубайда ибни Ҷарроҳ аст ва ӯ аз ман пеш гузашт ва гуфт:

– Аз барои Худо аз ту чунин хоҳиш дорам эй Абубакр (р), ки маро бигузорӣ, ки он ҳалқаҳоро аз рӯи Расули Худо (с) берун орам.

Пас ба ӯ иҷоза додам. Абуубайда яке аз он ҳалқаҳоро ба дандонҳои пешаш кашида берун овард. Он ҳалқа афтид ва ҳамроҳи он як дандони ӯ низ афтид.

Пас ҳалқаи дигарро бо дандони дигараш берун кашид ва дандони дигараш низ афтид. Аз ин баъд Абуубайда дар байни мардум бедандон буд.

Дар рӯзҳое, ки масъулияти саҳобагон хеле зиёд шуда буд, Абуубайда аз рӯи садоқат ва амонаташ ҳамеша дар дараҷаи баландтарин меистод.

Чун Паёмбари Худо (с) дар ғазои Хаббат ӯро ба сифати амир бар сесаду чанд нафар мард аз ҷанговарон интихоб кард, ҳамроҳи онҳо ҳамагӣ як халта хурмо барои тӯша буду халос. Масъулият хеле душвор ва сафари дур дар пеш буд. Абуубайда ин вазифаи худро бо як фидокорӣ ва фараҳмандӣ истиқбол намуд ва ӯ ҳамроҳи лашкариёнаш он масофаро дар ҳоле тай менамуд, ки тӯшаи якрӯзаи ҳар яке аз онҳо дар давоми рӯз як мушт хурмо буду халос.

Чун диданд, ки хурмо ба охир мерасад, ҳиссаи ҳар як аз онҳоро дар як рӯз ба як дона хурмо поён овард. То дараҷае, ки хурмоҳо тамом шуданд. Ва ҳар яке аз онҳо бо камонҳояшон баргҳои дарахтонро хам намуда мечиданд ва онҳоро майда мекарданд ва дар даҳон мегузоштанд ва аз болояш об менӯшиданд. Ва аз ҳамин ҷиҳат ин ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги барги дарахт» зикр мешавад.

Онҳо дар роҳи худ ба гуруснагӣ ва маҳрумият аҳамият намедоданд ва онҳо ҷуз ин фикр, ки бояд ҳамроҳи ин амири тавоно он масъулияти бузургеро, ки онҳоро Паёмбар (с) барои он ихтиёр намудааст, ба иҷро расонанд, дигар андешае надоштанд.

* * *

Паёмбари Худо (с) ин амонатдори умматро, ки Абуубайда аст, хеле дӯст медошт ва эҳтиром мекард. Ва рӯзе, ки намояндагони Наҷрон аз Яман мусалмон шуда омаданд ва аз Паёмбар (с) хоҳиш карданд, ки бо ҳамроҳии онҳо касеро бифиристад, то ба онҳо Қуръон, суннат ва исломро биёмӯзад, Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ба таҳқиқ мардеро бо ҳамроҳии шумо мефиристам, ки амин аст. Ба таҳқиқ амин аст, ба ҳақиқат амин аст, ба ҳақиқат амин аст.

Ва чун саҳобагон ин тавсифро аз Расули Худо (с) шуниданд, пас ҳар яке аз онҳо орзу мекард, ки шояд интихоби Паёмбар (с) дар ӯ афтад ва ин шоҳидии рости Паёмбар (с) насибаи ӯ гардад.

Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд:

– Ҳаргиз ман роҳбариро он миқдор, ки дар он рӯз дӯст доштам, дӯст надошта будам. Ба умеди он ки ман соҳиби он гардам. Бо ин умед то пешин ҳеҷ коре накардам.

Вақте ки Паёмбар (с) ҳамроҳи мо намози пешинро хонд, салом дод, баъд аз он ба сӯи росташ назар кард ва пас ба сӯи чапаш назар кард ва қомати худро меёзонидам, то маро бубинад.

Паёмбари Худо (с) бо назари хеш ҷустуҷӯяшро давом дод, то ки Абуубайдаро дид. ӯро ба наздаш хонд ва гуфт:

– Бо ҳамроҳии онҳо бирав ва ба ростӣ дар байнашон аз он чи ки ихтилоф доранд, ҳукм кун.

Баъд аз ин Абуубайда ҳамроҳи онҳо бирафт.

Ба таҳқиқ ин воқеъа чунин маъно надорад, ки фақат Абуубайда мавқеъи эътимоди Паёмбар (с) буду халос, вале ин маъноро дошт, ки ӯ яке аз он родмардонест, ки ба ин боварии пурарзиш ва ин қадрдонии бокаромат муваффақ шуда буд.

Баъд аз он ӯ ягона марде буд, ки доираи амал ва даъват дар он рӯзҳо барои аз Мадина берун рафтанаш гунҷоиш дошт ва метавонист барои адои ин масъулияте, ки фазилатҳояш барои анҷоми он вазоиф муҳайё намуда буданд, берун равад.

Ва ҳамчунон ки Абуубайда ҳамроҳи Паёмбар (с) боамонат зиндагонӣ намуд, баъди вафоти Паёмбар (с) низ боамонат зист. ӯ масъулиятҳояшро бо тарзи амонате иҷро мекард, ки агар мардуми рӯи замин ҳар кадоме чизе барои худаш бигирад, барои ҳама кифоя мекард.

Ӯ таҳти байрақи ислом қадам мезад ва ҳар куҷо, ки байрақ мерафт, ӯ низ равон буд. Ҳарчанд аскари оддӣ буд, вале ба фазл ва кӯшишаш гумон мекардӣ, ки амир аст. Ва агарчанде амир буд, вале аз рӯи тавозӯъ ва ихлосаш гумон мекардӣ, ки аскари оддист.

Дар он замоне, ки Холид ибни Валид дар яке аз маъракаҳои ҳалкунандаи бузург лашкари исломро раҳбарӣ мекард, амири мӯъминон Умар (р) ибтидои кори хилофаташро аз он сар кард, ки Абуубайдаро дар мақоми Холид роҳбар сохт.

Абуубайда ҳамин ки фиристодаи Умарро бо ин амри нав мулоқот намуд, аз ӯ илтимос кард, ки ин хабарро пинҳон дорад ва худаш низ дар нафсаш онро пинҳон дошт ва дили дунёбезор ва

огоҳу амонатдораш онро дар худ пӯшида дошт, то ин ки он сарлашкар Холид ғалабаи бузургашро ба анҷом расонид.

Баъди ин бо як адаби бузург мактуби Умарро ба Холид пешкаш кард. Холид аз ӯ пурсид:

– Худо туро биёмурзад, эй Абуубайда, чӣ чиз туро монеъ гардид, ки дар ҳоле ки ин мактуб омад, маро хабар накардӣ?

Амини уммат ӯро чунин ҷавоб дод:

– Ман ба худ макруҳ доштам, ки ҷанги туро бишиканам ва ҳол он ки мо салтанати дунёро ирода надорем ва барои дунё кору фаъолият намекунем, ҳамаи мо дар роҳи Худо бародарем.

* * *

Ва Абуубайда дар вилояти Шом амири умаро таъин гардид ва дар таҳти амри ӯ аксарияти лашкари ислом ба дарозӣ ва паҳноӣ ва асбобу анҷомаш дохил гардиданд.

Вале бо вуҷуди ин ӯро яке аз лашкариён гумон мекардӣ ва як фарди оддӣ аз ҷумлаи мусалмонон ва ба гӯши ӯ суханҳои сокинони вилояти Шом расиданд, ки ба амири умаро будани ӯ фахр мекарданд, онҳоро ҷамъ намуда дар миёни онҳо ҳамчун хатиб суханронӣ кард.

Бубинед, ки ба тарафи он касоне, ки аз қувват ва азамат ва амонати ӯ мафтун буданд, чӣ гуфт:

– Эй мардум, ман як мусалмоне аз аҳли Қурайш ҳастам. Ва ҳеҷ яке аз шумо чӣ сурх ва чӣ сиёҳ агар аз роҳи парҳезгорӣ аз ман болотар бошад, ман дӯст дорам, ки дар пӯсти ӯ бошам.

Зиндагониат дароз бод, эй Абуубайда! Ва зиндагонии он дине, ки туро ба воя расонид ва Расуле, ки туро таълим кард, низ дароз бод!

Як мусалмон аз аҳли Қурайш, на кам ва на беш.

Дин: Ислом.

Қабила: Қурайш.

Ҳамин аст, на чизи дигар, моҳияту ҳастии ин мард!

Аммо ӯ ҳамчун амири умаро ва сарлашкари бузургтарин лашкари ислом аз рӯи адад ва тавонотарин аз рӯи қувват ва бузургтаринашон бо пирӯзӣ.

Аммо ӯ чун амири Шом амрашро итоат мекунанд ва хостааш ба иҷро мерасад.

Тамоми ин чизҳо ва чанд баробари ин чизҳо натавонистанд, ки як лаҳзае ҳўшёрии ўро салб кунанд ва ин мансабу мақомҳо дар назди ў ҳеҷ арзише надоштанд.

* * *

Ва амири мўъминон Умар (р) чун ба зиёрати Шом рафт, муттасил аз истиқболкунандагонаш мепурсид:

– Бародари ман куҷост?

Чун аз ў пурсиданд, ки чӣ касест?

Ҷавоб дод:

– Абуубайда ибни Ҷарроҳ.

Ва Абуубайда омад. ўро амири мўъминон ба оғўш гирифт. Ҳамроҳаш ба тарафи ҳавлии ў рафт. Дар хонаи ў аз дорой ғайр аз шамшер сипар ва зини асп чизе дигаре наёфт. Ва Умар (р) табассумкунон аз ў пурсид:

– Чаро барои зиндагониат аз молу ниёзи хона чизе гирд наёвардӣ?

Абуубайда гуфт:

– Эй амири мўъминон, он маро фориғбол мегардонад.

* * *

Рўзе чун Умари Форуқ (р) дар Мадина ба танзими шуъуни олами паҳновари ислом машғул буд, хабари марги ўро оварданд, ки Абуубайда вафот ёфт.

Дар он ҳол Форуқ (р) чашмонашро пўшид, ки пур аз ашк шуда буданд.

Ва чун ашкаш фурў рехт, барои итоаткорӣ ва таслим гаштан дар ҳукми Худо чашмонашро кушод.

Ва бар дўсташ тараҳҳум намуда ва бо як сабру таҳаммул ва меҳрубонӣ хотироти дар зиндагонӣ гузаронидаи худро бо ў ба ёд овард ва сухани таърихиашро дар бораи ў боз такрор кард:

– Агар ман чизеро орзу кунам, ба ҷуз як хонае, ки пур аз мардоне мисли Абуубайда бошад, чизи дигаре нахоҳад буд.

* * *

Ва дар сарзамине, ки онро аз олудагиҳои бутпарастии Форс ва зулму ситами Румиҳо пок сохта буд, амини уммат вафот кард.

Имрўз он ҷо дар зери хоки Урдун ҷисми бузурге хобидааст, ки ҷои қароргоҳи як рўҳи нек ва нафси оромида буд.

Ва барои ӯ ва ту баробараст, ки қабраш овозадор ҳаст ё не...

Зеро агар ту хоҳӣ, ки ба зиёраташ бирасӣ, барои ту касе лозим нест, ки туро ба сӯи ӯ роҳнамоӣ кунад...

Зеро бӯи хуши хокаш туро ба сӯи ӯ далолат менамояд.

* * *

## 18. УСМОН ИБНИ МАЗЪУН
### Гӯшанишине, ки хонақоҳаш зиндагист

**Агар ту бихоҳӣ, ки номгӯи саҳобагони Паёмбарро аз рӯи сабқати замонашон ба ислом мураттаб созӣ, пас бидон, ки чун рақам ба 14 расид, ба таҳқиқ соҳиби ин рақам Усмон ибни Мазъун аст.**

Ва инчунин бидон ибни Мазъун аввалин касест аз муҳоҷирон, ки дар Мадина вафот ёфтааст, ҳамчунон, ки аввалин касест аз мусалмонон, ки дар гӯристони Бақиъ мадфун гардидааст.

Ва дар охир бидон, ки ба таҳқиқ ин саҳобаи бузург, ки алъон сирати ӯро меомӯзӣ, роҳиби басо бузурге буд. Вале на гӯшанишини хонақоҳҳо, балки аз роҳибони зиндагонӣ.

Оре, зиндагонӣ бо тамоми ҷӯшу хурӯшаш ва масъулиятҳо ва фазилатҳояш хонақоҳи ӯ буд.

Ва раҳбонияти ӯ як амали бардавом дар роҳи Ҳақ буд ва як ҷонсупории босаброна дар роҳи хайр ва салоҳ.

* * *

Чун нури ҷавони тару тозаи ислом аз қалби Паёмбари Худо (с) берун меомад ва аз суханҳои ӯ, ки дар баъзе гӯшҳо ба таври сиррӣ ва пинҳонӣ илқо мекард, Усмон ибни Мазъун аз иддаи он гурӯҳи каме буд, ки ба зудӣ сӯи даъвати Худованд рафтанд ва дар атрофи Паёмбар (с) ҳалқа заданд.

Ва дере нагузашта ранҷу азоб ба сари ӯ фуруд омад, ҳамчунон, ки он рӯзҳо ба сари мӯъминони собир ва устувор фуруд меомад.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) барои ин гурӯҳи ками мӯъминони мазлум офияту тандурустиро авло донист, онҳоро ба ҳиҷрат кардан ба сӯи Ҳабаша амр намуд. Ва рӯ ба рӯ шудан ба ин ранҷу азобро ба танҳоияш ихтиёр кард. Усмон ибни Мазъун роҳбари гурӯҳи аввали муҳоҷирин буд ва писараш Соибро ҳамроҳаш гирифта аз макри душмани Худо Абуҷаҳл ва хунхории Қурайш ва сахтии азоби онҳо мутаваҷҷеҳи як билоди дур гардид.

Мисли рӯҳияи дигар муҳоҷирини Ҳабаша дар ҳарду ҳиҷрат, Усмон ибни Мазъун ба ҷуз чанг задан ба ислом ва пайравӣ аз вай дигар коре надошт.

Мусаллам аст, ки ин ду ҳиҷрат ба Ҳабаша, зуҳур ва кашфи бузургеро дар қазияи ислом муҷассам ва намоиш медоданд.

Пас он касоне, ки ба Паёмбари Худо (с) имон оварда буданд ва нуреро, ки бо ҳамроҳии ӯ фиристода шуда буд, пайравӣ карданд, ба таҳқиқ аз бутпарастӣ бо тамоми гумроҳӣ ва ҷаҳолаташ безор шуда дорои фитрати ростин гардида буданд ва ҳаргиз ибодати бутҳои аз санг тарошидашуда ва аз сафол тайёр кардашуда барояшон гуворо ва мавриди қабул набуд.

Вақте ки онҳо ба сӯи Ҳабаша ҳиҷрат намуданд, дар он ҷо ба як дини ҳоким ва муназзам бархурд карданд, ки дорои ибодатхонаҳо ва роҳибон ва зоҳидон буд. Сарфи назар аз баъзе ҷузъиёти эътиқод ва биниши онҳо нисбати динашон – насроният аз бутпарастие, ки онҳо дар мамлакаташон улфат гирифта буданд, хеле дур буд.

Аз ҷумлаи заруриёт аст, ки соҳибони дайрҳои насронӣ дар Ҳабаша кӯшиши зиёде карданд, ки муҳоҷирини мусалмонро ба сӯи дини худ моил намоянд ва онҳоро ба ин, ки дини масеҳият ҳақ аст, қаноъат бидиҳанд.

Бо вуҷуди ин ҳама талошҳо муҳоҷирини мусалмонро мебинем, ки бар муҳаббати амиқи худ нисбат ба ислом ва Муҳаммад (с) содиқ боқӣ монданд. Ва бо як шавқу беқарорӣ чашмдори он рӯзи наздике буданд, ки дар он рӯз ба сӯи ватани маҳбубашон бозгарданд ва Худовандро ба танҳоияш парастиш намуда ва ҷои худро пушти Паёмбари бузургашон (с) бигиранд, чӣ дар масҷид бошад ҳангоми сулҳу оштӣ ва ё дар майдони ҷанг, чун қувваҳои ширк онҳоро ба сӯи ҷанг маҷбур намоянд.

* * *

Он ҳангом дар Ҳабаша муҳоҷирин бо амну оромии хотир зиндагонӣ намуданд. Ва Усмон ибни Мазъун низ ҳамроҳи онҳо буд, вале дар ғурбат ҳам бадкирдориҳои писари амакаш Умайя ибни Халфро фаромӯш намекард ва он ранҷу азобе, ки ба ӯ ва дигар ёронаш расида буд, ба воситаи ҳаҷв ва таҳдид нисбати ӯ худро тасаллӣ медод:

Ту ба тире пар пайванд мекунӣ, ки пари он муносиби ту нест,
Ва мо тирҳоеро тез мекунем, ки ҳамаи парҳояш аз они туст.
Ту бо қавмҳои бузургу бо эҳтиром ҷангидӣ,
Ва қавмҳоеро ҳалок намудӣ, ки аз рӯи онҳо бо ҳайбат будӣ.

Чун рӯзе бадбахтӣ ба ту расад ва авбошон туро танҳо гузоранд.

Оқибати бадкирдориҳои худро хоҳӣ донист.

Ва дар он ҳоле, ки муҳоҷирин дар дори ҳиҷраташон Худовандро парастиш менамуданд ва он сураҳои Қуръонро, ки наздашон буд, ба якдигар меомӯзониданд ва таълим медоданд ва бо вуҷуди дар ғурбат буданашон дорои рӯҳияи тавоно ва камназир буданд, он ҳангом хабаре ба онҳо расид, ки аҳли Қурайш имон оварданд ва бо ҳамроҳии Паёмбар (с) Худованди ягонаи ғолибро саҷда намуданд. Он ҳангом муҳоҷирон матоъҳояшонро бардошта, гуё ба сӯи Макка парвоз намуданд, ки шавқашон онҳоро пешдастӣ менамуд ва ёди ватан онҳоро ба он сӯ тела медод.

Мутаассифона чун ба теппаҳои атрофи Макка наздик гардиданд, дурӯғ будани хабари ислом овардани Қурайш барояшон маълум гардид.

Он соат донистанд, ки каме саросема шудаанд, вале акнун куҷо раванд, ҳол он ки Макка дар пеши назарашон аст.

Мушрикони Макка аз омадани сайде, ки хеле вақт боз онро гурезонида буданд ва турҳояшонро барои ба дом андохтани он насб карда буданд, огоҳ шуданд.

Ва акнун фурсаташ фаросида ва тақдирашон онҳоро пеш овардааст.

Он рӯзҳо ҷивор, яъне дар паноҳи касе даромадан, як тақлиде аз одатҳои Араб ба шумор мерафт ва соҳиби қидосат ва бузургдошт буд.

Агар як марди мустазъаф дар паноҳи яке аз пешвоёни Қурайш медаромад, дар ҳимояи ӯ дохил мешуд, хунаш резонда намешуд ва амнияташро касе халалдор намекард.

Вале на ҳамаи муҳоҷирони аз он ҷо бозгашта дар ёфтани ҳимоя аз тарафи касе баробар буданд.

Аз ин сабаб каме аз онҳо соҳиби ҳимоя гардиданд ва аз ҷумлаи он афрод Усмон ибни Мазъун буд. ӯ дар ҳимояи Валид ибни Муғира даромад.

Ҳамчунин дар амну оромӣ дар Макка даромад ва дар кӯчаҳои он гардиш мекард ва дар маҷлисҳои онҳо иштирок дошт ва таҳқир ва ранҷише ба ӯ расонида намешуд.

* * *

Ибни Мазъун, марде ки ӯро Қуръон покиза намудааст ва Муҳаммад (с) ӯро тарбия кардааст, ба атрофаш назар мекунад. Мебинад, ки бародарони мусалмонаш фақирон ва мустазъафон ва касоне ҳастанд, ки барои онҳо ҳимоягаре ёфт намешавад. Онҳоро мебинад, ки аз ҳар тараф барои онҳо ранҷу азоб мерасад ва зулму ситам дар ҳар роҳ онҳоро ба ҳар тараф меронад. Дар он ҳоле ки ӯ бо қалби ором ва дур аз ранҷу таъаб қарор дорад, рӯҳи озоди ӯ ба ҳаяҷон меояд ва дили огоҳи ӯ ба хурӯш медарояд ва худаш бар болои нафсаш ғолиб мегардад ва ба қасди ин ки ҳимояи Валидро аз худ дур кунад аз ҳавлиаш берун меравад ва аз китфаш он ҳимояеро, ки лаззати таҳаммули азобро дар роҳи Худо ва шарафи монанди ба бародарони мусалмонашро аз ӯ маҳрум сохтааст, аз дӯши худ дур меандозад.

Ва биёед бишнавем шоҳидеро, ки барои мо он ҳодисаро қисса мекунад:

Чун Усмон ибни Мазъун он балоҳои ба сари саҳобагони Паёмбар (с) омадаро мушоҳида намуд ва худаш таҳти ҳимояи Валид ибни Муғира субҳу шомашро мегузаронид, чунин гуфт:

– Қасам ба Худо, ки дар оромӣ ва осоиш субҳу шоми худро гузаронидам, таҳти ҳимояи марде аз аҳли ширк қарор ёфтам, дар он ҳоле ки дӯстони ман ва аҳли дини ман ранҷу азоберо рӯ ба рӯ ҳастанд ва ин ҳар оина нуқсони бузургест дар нафси ман.

Пас ба сӯи Валид ибни Муғира равона шуд ва ба ӯ гуфт:

– Эй падари Абдушамс, ту вазифаи худатро иҷро намудӣ, вале ман ҳимояатро боз ба сӯят мегардонам.

Валид ба ӯ гуфт:

– Бо чӣ сабаб, эй писари бародари ман, шояд касе аз қавми ман туро ранҷонда бошад?

Усмон гуфт:

– Не, вале ман дар ҳимояи Худо буданро авлотар медонам ва намехоҳам, ки таҳти ҳимояи каси дигаре бошам. Биё бо ҳам ба сӯи масҷид биравем ва дар байни мардум ошкоро ҳимояи маро аз худ соқит кун, ҳамчунон, ки ошкоро маро таҳти ҳимояат гирифта будӣ.

Пас ҳар ду ба сӯи масҷид рафтанд ва Валид эълон карда гуфт:

– Усмон омадааст, ки ҳимояи маро ба сӯям рад кунад.

Пас Усмон гуфт:

– Валид рост мегӯяд, ман ӯро дар ҳимоят ниҳоят карим ва бовафо ёфтам, вале дӯст медорам, ки ба ғайр аз Худо аз касе ҳимоя наҷӯям.

Баъд аз он Усмон бозгашт ва дар яке аз маҷлисҳои Қурайш дар ҳоле, ки Лабид ибни Рабиъа барои онҳо шеърхонӣ мекард, иштирок намуд. Пас Лабид чунин шеъре хонд:

– Огоҳ бошед, ки ҳар чизе ки ғайри Худост, ботил аст.

Усмон гуфт:

– Рост гуфтӣ.

Ва Лабид давом дода гуфт:

– Ва ҳар як неъмат илоҷе надорад ва зоеъ мегардад.

Пас Усмон гуфт:

– Дурӯғ гуфтӣ... неъматҳои биҳишт ҷовидонианд.

Пас Лабид гуфт:

– Эй ҷамоъаи Қурайш, қасам ба Худо, пеш аз ин ҳеҷ кас ҳамнишинони шуморо намеранҷонид, аз кай ин кор дар байни шумо одат шудааст?

Баъди ин як марде аз он гурӯҳ гуфт:

– Ба таҳқиқ ин як аҳмақест, ки аз дини мо ҷудо гашта, берун рафтааст ва аз сухани ӯ маранҷ ва дар дилат магир.

Усмон ба сухани ин мард низ ҷавоб дод, то ин ки корашон ба ҷанҷол кашид. Он мард бархост ва муште ба чашми Усмон зад.

Валид дар он наздикӣ нишаста буд ва он ҳодисаи ба сари Умон омадаро медид. Ва ба Усмон гуфт:

– Қасам ба Худо, эй писари бародар, албатта чашми ту аз он чӣ ба вай расид, беҳоҷат буд, ту дар таҳти ҳимояти хело боқувват будӣ.

Усмон гуфт:

– На, қасам ба Худо, ки чашми сиҳатам мӯҳтоҷи он чизест, ки ба хоҳараш расидааст дар роҳи Худо ва ман таҳти ҳимояи зоте ҳастам, ки аз ту тавонотар аст ва боиззаттар, эй писари Абдушамс.

Пас Валид ба ӯ гуфт:

– Биё эй писари бародар, агар хоҳӣ боз ба таҳти ҳимояи ман дарой.

Ибни Мазъун гуфт:

– На!

Ва ибни Мазъун он саҳнаро дар ҳоле тарк кард, ки чашмаш аз ғояти дард, гӯё аз хонааш берун мешуд, вале рӯҳаш аз рӯи тандурустӣ ва устуворӣ ва башорат саршор буд.

Ва ӯ ҳангоми ба сӯи хонааш раҳсипор будан чунин шеъре мехонд:

Пас агар чашми ман дар роҳи Худо ин дардро чашида бошад,

Дастони он кофар бар дин ҳаргиз ҳидоят намеёбанд.

Ба ростӣ Худованд аҷри онро савоб ато кард,

Ва касе, ки Худованд аз ӯ розӣ бошад, эй қавм, ӯ хушбахт аст.

Чун ба пиндори шумо ман агарчанде, беақлу гумроҳам,

Вале ман бо муҳаббати дини Паёмбар Муҳаммад (с) зиндаам.

Ман бо ин кор ризои Худоро меҷӯям ва мутмаинам, ки дини мо ҳақ аст,

Ҳарчанд касоне ҳастанд, ки бар болои мо зулму ситам менамоянд.

* * *

Усмон ҳамин гуна масале зад, ки ӯ лоиқ ва аҳли он аст.

Дар баробари ин ҳаёт, шоҳиди зиндагии як инсони хело устувор гардид, ки ҳастии башарият бо рафтори нодиру нотакрораш муаттар мегардад. Ва бо суханони кӯбанда ва муассираш ҷовидон мемонад:

– Қасам ба Худо, ки чашми сиҳати ман мӯҳтоҷ ба он чизест, ки дар роҳи Худо ба хоҳараш расидааст ва ман дар таҳти ҳимояи зоте ҳастам, ки ӯ аз ту дида азизтар ва қудратмандтар аст.

Ва Усмон баъди рад намудани ҳимояи Валид аз ҷониби Қурайшиён ранҷу азобро чашидан гирифт, вале бо он азобҳо худро хеле ва хеле хушбахт мешуморид.

Пас ин ранҷу азоб мисли оташе буд, ки имонро мепазонид ва мегудозидаш ва покизааш мегардонид.

Ва ҳамчунин ҳамроҳи дигар бародарони мӯъминаш равонаи роҳи Худо буданд, онҳоро ягон заҷру манъе дар ҳарос намеафганд ва бо задану беҳолу бемадор намудан онҳоро бознамедошт.

Усмон ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуд, ба он маконе, ки дигар мисли Абуҷаҳлҳо ва Абулаҳабу Умайя ва Утбаҳо набуданд, ки хоби онҳоро нороҳат кунанд ва аз ин ғулҳову девҳое, ки муддати дароз

шабҳо хобро аз чашмонашон мерабуд ва рӯзҳои онҳоро ҷароҳатнок мегардониданд, набуданд.

Ӯ ҳамроҳи ин қабил саҳобагони иззом ба сӯи Мадина ҳиҷрат намуд. Он саҳобагоне, ки бо сабру устувории хеш дар имтиҳони сахтӣ ва машаққат ва даҳшати он ба ҳадди ниҳоӣ расида буданд. Ва касоне, ки ҳиҷраташон ба сӯи Мадина барои истироҳат ва танбалӣ набуд, балки барои он буд, ки аз дарвозаҳои кушода ва васеъи он ба сӯи тамоми гӯшаҳои замин байрақи Худовандро гирифта баранд. Ва ба суханони ӯ ва ояту роҳнамоии ӯ мардуми оламро башорат бидиҳанд.

Ва дар дори ҳиҷрати мунаввара ҳастии Усмон ибни Мазъун кашф мегардад ва ҳақиқати бузургии нотакрораш ошкор мешавад. Пас ин ҳангом ӯ ибодатгар, дунёбезор, худро барои Худо супоранда ва руҷӯъкунанда ба сӯи Худост.

Ва ин ҳангом ӯ обиди бузурге ва донишмандест, ки дар ибодатгоҳи худ гӯша гирифта аз зиндагонӣ даст намекашад, балки бо амал ва ҷиҳоди дар роҳи Худо анҷомдодааш зиндагиро пурнур месозад.

Оре, обиди шабонгоҳ, аспсавори рӯз, балки обид ва аспсавори шабонарӯзӣ.

Ҳарчанд, ки саҳобагони Паёмбар (с) хоса дар он лаҳзаи ҳаёташон (яъне вақти зинда будани Паёмбар (с)) ҳамагӣ як рӯҳияи дунёбезории худро барои ибодати Худо махсус ифода менамуданд, вале ибни Мазъун дар ин доира табиати фарқкунандае дошт, зеро ӯ дар дунёбезорӣ ва фано шуданаш хеле амиқ кӯшиш намуда буд, зиндагиашро куллан чӣ дар шабу чӣ дар рӯз ба намози доимӣ ва ба тасбеҳу таҳлили дарозу ширину гуворо мегузаронид.

Чун ӯ лаззати фурӯ рафтан дар ибодатро чашид, қасд кард, ки тамоми асбоберо, ки мардумро ба лаззатҳои зиндагонӣ мепайванданд, қатъ намояд.

Аз ин пас ӯ ҷуз либоси дурушт дигар либосе намепӯшид ва ҷуз таъоми соддаву бемазза чизе намехӯрд.

Рӯзе ба масҷид даромад, дар ҳоле, ки Паёмбар (с) ва асҳоби киром нишаста буданд. ӯ либоси даридае дар бар дошт ва баъзе ҷои ӯ бо порчаҳои пӯстин дарбеҳ карда шуда буд. Дили Паёмбар (с) ба

ҳоли ӯ сӯхт, чашмони саҳобагон пуроб гардид. Паёмбар (с) ба сӯи онҳо хитоб карда гуфт:

– Худатонро чӣ гуна тасаввур менамоед? Рӯзе мерасад, ки ҳар яке аз шумо дар либоси фохире ба берун мебарояд ва бо либоси фохири дигаре ба хона бармегардад. Ва дар наздатон як косаи таъоме мениҳанд, дар ҳоле, ки дигарашро аз пешаш мебардоранд ва хонаҳоятонро мисли хонаи Каъба бо пардаҳо мепӯшонед.

Саҳобагон гуфтанд:

– Мо хушамон меояд эй Паёмбари Худо (с), ки ҳамчунин бишавад ва мо ба зиндагонии осуда бирасем.

Паёмбари Худо (с) ба онҳо ҷавоб дода гуфт:

– Ин ҳол албатта мешавад, вале шумо имрӯз беҳтаред аз он рӯз.

Ва табиист, ки ин суханонро ибни Мазъун мешунавад ва боз зиёдтар ба қашшоқӣ рӯй меорад ва аз неъматҳои дунё худро канора мегирад. Балки ҳатто бо зани худ алоқаи заношавҳариро қатъ мекунад ва аз ӯ рӯй мегардонад ва алоқаро билкул меканад.

Аммо Паёмбар (с) сари вақт аз ин кор огоҳ гардида ӯро назди худ талабида ва насиҳат карда ба ӯ мегӯяд:

– Барои занат бар болои ту ҳақ аст.

* * *

ӯро Паёмбари Худо (с) хеле зиёд дӯст медошт. Вақте ки рӯҳи неки вай барои рафтан омода мешуд, то ки соҳиби он рӯҳ аввалин муҳоҷире бошад аз рӯи вафот ёфтан дар Мадина ва аввалин касе бошад дар зиёрат кардани роҳи ҷаннат, Паёмбари Худо (с) он ҳангом дар паҳлӯяш буд.

Паёмбари акрам (с) болои пешонии ӯ хам шуда ӯро бусид ва оби дидагони муборакаш аз чашмони меҳрубонаш мерехт ва рӯи Усмонро, ки дар он соати қабл аз марг дар беҳтарин ҳолати зебоӣ ва бузургиаш буд, тар кард. Ва Паёмбари Худо (с) дӯсти меҳрубонашро видоъ намуда чунин гуфт:

– Худо туро биёмурзад, эй падари Соиб. Ту аз дунё мегузарӣ дар ҳоле, ки аз он чизе баҳраманд нагардидӣ ва дунё низ аз ту чизе ба даст наёвард.

* * *

Ва Паёмбари меҳрубон (с) дӯсташро баъди мавташ низ фаромӯш накард, балки доим аз ӯ ёд мекард ва ба ӯ дуъову сано мегуфт.

То ин ки суханони барои вадоъ ба духтараш Руқия гуфта, дар ҳоле ки рӯҳаш аз баданаш хориҷ мешуд ин буд:

– Ту эй рӯҳ ба гузаштаи солиҳи мо бипайванд, ки Усмон ибни Мазъун аст.

## 19.ЗАЙД ИБНИ ҲОРИСА
### Дӯстдории вай каси дигареро набуд

**Паёмбари Худо (с) дар видоъи лашкари ислом, ки барои мулоқоти Рум дар ғазои Муъта равона буданд, ҳозир буд ва амирони лашкарро эълон мекард, ки се нафар буданд:**

– Амири шумо Зайд ибни Ҳориса аст, пас агар ба ӯ осебе расад, Ҷаъфар ибни Абутолиб ва чун ба Ҷаъфар осебе расад, пас Абдуллоҳ ибни Равоҳа.

**Пас Зайд ибни Ҳориса кист?**

Кист ин марде, ки бо лақаби «Дӯстдошташуда», яъне маҳбуби Паёмбари Худо (с) мулаққаб гардидааст?

Зоҳири вуҷуд ва сурати ӯ ончунон ки ривояткунандагон ва таърихнигорон менависанд чунин буд:

Кӯтоҳқомат, гандумгун, ки сиёҳии пӯсташ хеле зиёд буд ва дар роҳи нафасаш иллате вуҷуд дошт, ки аз биниаш садо меомад.

Ва аммо хабарҳои аз ӯ расида хело бузург аст.

* * *

Ҳориса, падари Зайд барои занаш Суъдо аспи саворӣ ва матоъи сафар омода намуд, ки ӯ қасди зиёрати хонаводаашонро дар бани Маън дошт.

Ӯ берун омад то занашро, ки дар дасташ тифли хурдсол дошт ва он Зайд ибни Ҳориса буд, видоъ намояд ва ҳар вақте ки қасд менамуд, ки онҳоро ба он қофила, ки занаш дар сӯҳбати онҳо хориҷ шуда буд, вогузор намуда ба сӯи ҳавлиаш бозгардад, як ҳиссиёти аҷиби пинҳоние ӯро барои ҳамроҳи зану фарзандаш рафтан ташвиқ мекард. Лекин масофа хело дароз гардид ва қофила низ суръати сайрашро тезонид ва барои Ҳориса дигар илоҷе набуд магар, ки фарзанд ва занашро видоъ намуда бозгардад.

Ҳамчунин дар ҳоле, ки оби дидагонаш ҷорӣ мешуд, онҳоро видоъ намуд ва муддати дарозе дар ҷояш беҳаракат истод, то ин ки аз назараш нопадид гардиданд ва чунин пиндошт, ки дилаш дар ҷояш нест. Гӯё ҳамроҳи мусофирон рафта бошад.

* * *

Ва Суъдо чанд муддате, ки Худо мехост, дар миёни қавмаш истод. Рӯзе болои он қавм ҳуҷуми ногаҳоние омад. Ба болои қабилаи бани Маън яке аз қабилаҳои рақибашон ҳуҷум намуд ва онҳоро шикаст дода ва чандеро ба асорат гирифтанд ва дар миёни асироне, ки онҳо гирифта буданд, тифлеро низ бо худ бурданд, ки ӯ Зайд ибни Ҳориса буд. Ва модараш ба пеши шавҳараш танҳо бозгашт.

Ва ҳамин, ки Ҳориса он хабарро шунид, мисли шахси барқзада беҳӯш шуда афтид ва асояшро ба китфаш гирифта шаҳр ба шаҳр ба ҷустуҷӯи фарзанд баромад. Саҳроҳоро қатъ менамуд ва аз қабилаҳо ва қофилаҳо хабари фарзанд ва оромии қалбашро пурсон мешуд. Ба воситаи ин шеъре, ки аз фитрат ва нолаҳои ӯ бадоҳатан гуфта шудааст, худро тасаллӣ медод ва шутурашро тезак мекард:

Барои Зайд гиристам, вале намедонам чӣ кор кард?<br>
Магар ӯ зиндааст, ки умеде карда шавад?<br>
Ё ин ки аҷал ба ӯ расидааст?<br>
Қасам ба Худо, ки намедонам ва дар ҳақиқат,<br>
ман ҷӯяндаам.<br>
Оё туро дар набудани ман даштҳо куштаанд,<br>
Ё ки кӯҳҳо фурӯ бурдаанд?<br>
Чун офтоб тулуъ кунад, ӯро ба ёдам меорад,<br>
Ва хотироташ пеши назар меояд,<br>
чун қурси офтоб фурӯ менишинад.<br>
Чун бодҳо вазанд, ёди ӯ маро ба ҳаяҷон меорад,<br>
Пас вой аз дарозӣ ва дарди ҷудоии ӯ.

* * *

Ғуломдорӣ дар он замонҳои дури қадим як падидаи иҷтимоӣ донистa мешуд, ки лозим ба заруратaш мешумориданд. Дар Юнону Рум ҳатто дар замонҳои шукуфоии озодӣ ва тараққиёташон чунин вазъ ҳукмраво буд.

Дар олами қадим дар ҳама ҷойҳо, хоса дар нимҷазираи Араб низ вазъи ғуломдорӣ ҳукмфармо буд.

Чун он қабилаи ғоратгар бар қабилаи бани Маън пирӯз шуд ва асирони худро гирифта бозгардид ба сӯи бозори Уккоз раҳсипор шуданд, ки он вақтҳо ташкил шуда буд ва дар он ҷо асиронашонро фурӯхтанд.

Ва ин тифл дар дасти Ҳаким ибни Изом афтид ва ӯ баъди харидорӣ он кӯдакро ба аммааш Хадиҷа бахшид. Хадиҷа дар он вақт ҳамсари Муҳаммад ибни Абдуллоҳ (с) шуда буд ва дар он замон бар вай ҳанӯз ваҳйи Илоҳӣ наёмада буд. Аммо ӯ дорои сифати бузурге буд, ки тақдири Илоҳӣ ба ӯ ато намуда буд, то фардо аз ҷумлаи расулон бошад.

Ва дар навбати худ Хадиҷа ин ходимашро, ки Зайд буд, ба шавҳараш Паёмбари Худо (с) бахшид. Пас Расули Худо (с) ӯро бо хурсандӣ қабул кард ва дар ҳол озодаш намуд ва аз нафси бузург ва дили бузурги худ тамоми меҳрубонӣ ва риъояро ба ӯ ато кард.

Дар яке аз мавсимҳои ҳаҷ як гурӯҳе аз ҳамдиёрони Ҳориса Зайдро дар Макка дучор омаданд ва аз андӯҳу ташвиши падару модараш нисбати ӯ барояш хабар доданд. Зайд низ дар навбати худ салом ва меҳрубонӣ ва иштиёқи худро ба воситаи он ҳамдиёронаш ба падару модараш фиристод. Ва барои ҳоҷиёни қавмаш чунин гуфт:

– Падари маро огоҳ кунед, ки ман дар ин ҷо ҳамроҳи беҳтарин падар ҳастам.

Ва ҳамин ки падари Зайд ҷои истиқомати писарашро донист, ба зудӣ ба сӯи ӯ равон гардид ва ҳамроҳаш бародараш низ буд.

Дар Макка аз Муҳаммади амин (с) ба пурсидан шурӯъ намуданд, чун Муҳаммадро (с) ёфтанд, ба ӯ гуфтанд:

– Эй писари Абдулмуталлиб, эй писари пешвои қавми худ, шумо соҳибони ҳарами Макка ҳастед ва шахсони дар машаққат афтидаро аз он халосӣ мебахшед ва асиронро таъом медиҳед...

Мо барои фарзандамон омадем, пас бар мо миннат бинеҳ ва ба гирифтани фидя ва озод намудани ӯ ба мо некӣ кун.

Паёмбари Худо (с) дилбастагии Зайдро нисбати худаш хуб медонист ва дар айни ҳол ҳуқуқи падариро дар бораи фарзандашон низ қадр мекард.

Барои ҳамин ба Ҳориса гуфт:

– Зайдро талаб кунед ва ихтиёраш бигзоред, агар ӯ шуморо ихтиёр кунад, бе фидя ӯ аз шумост. Вале агар маро ихтиёр кунад, пас қасам ба Худо, ки ман он касе нестам, ки фидяро дар муқобили касе, ки маро ихтиёр кардааст, бипазирам.

Рӯи Ҳориса аз шунидани ин суханон шукуфт, зеро ин андоза ҷавонмардиро умед надошт ва гуфт:

– Ба таҳқиқ хеле боинсофона бо мо рафтор намудӣ ва дар инсоф кардан ба мо меҳрубонона рафтор кардӣ.

Баъд аз он Паёмбари Худо (с) ба сӯи Зайд кас фиристод ва чун ӯ омад аз ӯ пурсид:

– Ин одамро мешиносӣ?

Зайд гуфт:

– Бале, ин яке падарам ва он дигараш амакам мебошанд.

Паёмбари Худо (с) суханонеро, ки ба Ҳориса гуфта буд, барои Зайд такрор кард.

Зайд дар ҷавоб чунин гуфт:

– Ман аз ҷумлаи касоне нестам, ки дар муқобили ту каси дигареро ихтиёр кунам. Ту ҳам падар ва ҳам амаки ман ҳастӣ.

Дар он ҳол чашмони Паёмбари Худо (с) аз рӯи шукргузорӣ ва меҳрубонӣ аз ашк тар шуданд. Баъд аз он дасти Зайдро бигирифт ва ба наздикии хонаи Каъба рафтанд. Дар ҷое, ки мардум ҷамъ буданд. Ва Паёмбар (с) ба сӯи онҳо нидо кард:

– Шумо гувоҳ бошед, ки Зайд писари ман аст. Ӯ аз ман мерос мебарад ва ман аз ӯ мерос мебарам!

Дили Ҳориса аз ғояти хурсандӣ, гӯё ба парвоз омад. Писари ӯ на танҳо озод аст, балки писари як шахсест, ки мардуми Қурайш ӯро содиқ ва амин меноманд. Аз асли покизаи бани Ҳошим ва қавме, ки мавқеъи эҳтироми тамоми аҳолии Макка мебошад.

Ва падару амак ҳарду ба сӯи қавмашон бозгаштанд ва аз писарашон, ки дар Макка ҳамчун пешво гузошта буданд, хотирҷамъ буданд. Баъди оне, ки намедонист, ки кӯҳҳо ӯро фурӯ бурдаанд ва ё саҳроҳо ӯро ҳалок кардаанд.

* * *

Паёмбари Худо (с) Зайдро ба фарзандӣ қабул намуд ва вазъи ӯ чунон буд, ки дар тамоми сарзамини Макка бо номи Зайд ибни Муҳаммад зикр мешуд.

Ва дар як рӯзи поку мусаффо ба Муҳаммад (с) ваҳй омад:

Бихон ба номи Парвардигорат, ки халқ намуд, инсонро аз як хуни баста биёфарид, бихон ва Парвардигори ту каримтар аст, он

зоте ки ба қалам дононид ва инсонро аз он чӣ намедонист огоҳ намуд. (Сураи Алақ, оятҳои 1-5)

Баъд аз он нидоҳои ваҳй ва калимаҳои ваҳй пайи ҳам омадан гирифтанд:

Эй шахси ба ҷомапечида, бархез ва мардумро бим деҳ ва пас Парвардигоратро ба бузургӣ ёд кун (Сураи Мудассир, оятҳои 1-3)

Эй Паёмбар. он чизеро, ки аз ҷониби Парвардигорат ба сӯи ту фиристода шудааст, ба мардум бирасон ва агар нарасонӣ, пас ту рисолати Худоро нарасонидаӣ ва Худованд туро аз мардум дар паноҳи худ нигоҳ медорад. Ба таҳқиқ Худованд қавми кофиронро ҳидоят намекунад (Сураи Моида, ояти 67).

Ва ҳамин ки Паёмбари Худо (с) масъулияти рисолаташро ба ӯҳда гирифт, Зайд дуввумин шахсе буд, ки имон овард, балки ба гуфтаи баъзе қавлҳо, ӯ аввалин шахсест, ки имон овард.

Паёмбари Худо (с) ӯро хеле дӯст медошт ва ӯ низ ба ин муҳаббат лоиқу сазовор буд. Вафои бемисл дошт ва бузургии рӯҳи вай ва покии дилу забону дасташ низ камназир аст. Ҳамаи ин ва аз ин зиёдтар чизҳое буданд, ки хислатҳои Зайд ибни Ҳорисаро ё ки Зайди дӯстдошташударо, ҳамчунон ки саҳобагони Паёмбар (с) ӯро бо ин лақаб ном мебурданд, зиннат мебахшиданд.

Ойиша (р) чунин мегӯяд:

– Паёмбари Худо (с) Зайд ибни Ҳорисаро дар ҳеҷ лашкаре нафиристод, магар, ки ӯро бар болои онҳо амир таъин намуд ва агар ӯ баъди Паёмбари Худо (с) зинда мемонд, албатта ӯро Паёмбари Худо (с) халифа эълон мекард.

Қурбу манзалати Зайд дар назди Паёмбари Худо (с) то ин андоза буд...

Пас ин Зайд кист?

Ӯ чунон, ки гуфтем, як тифли асир буд, ки фурӯхта шуд ва баъд аз он ӯро Паёмбари Худо (с) озод намуд.

Ӯ як марди кӯтоҳқомати сиёҳпӯст буд ва биниаш вақти нафаскашӣ садо мебаровард, вале дар баробари ин сифот ӯ инсоне буд бо дили ҷамъ ва рӯҳи озод.

Ва аз ин ҷиҳат барои ӯ дар дини ислом ва дар дили Паёмбари Худо (с) баландтарин манзалат ва болотарин мақом ёфта мешавад.

Ин далели он аст, ки дини ислом ва Паёмбари Худо (с) ҳаргиз ба обрӯю насаб ва зебоии зоҳирӣ таваҷҷӯҳе зоҳир накардаанд.

Дар домани ин дини бузург мисли Билол ва Суҳайб ва Аммор ва Хаббоб ва Усома ва Зайд барин шахсиятҳо ба воя мерасанд ва зуҳур мекунанд.

Онҳо ба сифати некӯкорон ва пешвоён ҳамагӣ медурахшанд.

Дини ислом арзиши ҳаётро ба таври саҳеҳ ва воқеъӣ муайян намудааст ва мегӯяд:

Ба таҳқиқ мукаррамтарини шумо дар назди Худо, ботақвотарини шумост. (сураи Ҳуҷурот ояти 13)

Дини ислом дарвозаҳо ва муҳитро барои нубуғи қобилиятҳо ва истеъдодҳои тавоно, пок, боимон ва бахшанда кушодааст.

Паёмбари Худо (с) духтари аммааш Зайнабро ба Зайд издивоҷ кард.

Чунин ба назар мерасид, ки Зайнаб (р) ин издивоҷро ба ғайри хоҳиши худаш қабул карда буд, дар зери таъсири ҳаё аз ин ки миёнравии Паёмбарро (с) рад кунад ё худро аз Зайд болотар бишуморад.

Валекин зиндагии заношӯии онҳо ба лағжиш рӯбарӯ шуд ва асбоби давом ёфтани ин издивоҷ дигар боқӣ намонд ва Зайд аз Зайнаб ҷудо шуд.

Паёмбари Худо (с) масъулияти ин издивоҷро дар худ эҳсос мекард. Зеро ин издивоҷ бо имзову миёнравии ӯ ба амал омада буд, он издивоҷе, ки ба ҷудоӣ оварда расонид. Пас Паёмбар (с) духтари аммаашро ба занӣ гирифта ӯро ба худ наздик сохт, баъд аз он барои Зайд зани дигаре интихоб намуд, ки ӯ Умми Кулсум бинти Уқба буд.

Аз ин ҳодиса иғвогарон ва бадгӯйҳо дар Мадина чунин овозаро паҳн намуданд, ки Муҳаммад (с) чӣ гуна зани талоққардаи писараш Зайдро ба занӣ мегирифтааст?

Пас Қуръон онро ҷавоб дода фарқи байни фарзандхонд ва фарзанди аслиро баён кард. Ва бекор кардани одати фарзандхондиро муқаррар карда чунин эълон намуд:

Муҳаммад (с) падари ягон нафаре аз мардони шумо нест, вале Паёмбари Худост (с) ва хатмкунандаи Паёмбарон. (Сураи Аҳзоб, ояти 40)

Аз ин ҷиҳат барои Зайд боз номи хонаводагии аввалааш Зайд ибни Ҳориса баргашт.

* * *

Акнун ҳоло бубинем. Оё шумо қувваҳои мусаллаҳи мусалмононро, ки ба сӯи маъракаи ал-Ҷамуҳ берун омада буданд, мебинед? Ба таҳқиқ амири лашкар Зайд ибни Ҳориса аст.

Ва қувваҳое, ки ба сӯи сарзаминҳои ат-Тарф, ал-Ъис, Ҳисмо ва дигар мавзеъҳо берун рафта буданд, ба таҳқиқ амири кулли онҳо Зайд ибни Ҳориса буд.

Пас ӯ ҳамчуноне аз Оиша (р) шунидем, ки аз ин пеш ба мо нақл кард:

– Ӯро Паёмбари Худо (с) дар ҳар ғазое, ки мефиристод, амири он лашкар таъин мекард.

То ин ки ғазои Муъта пеш омад.

Румиҳо бо тамоми имперотурии фарсудаи худ аз дини ислом эҳсоси хатар карданд, ҳатто дар ислом як хатареро медиданд, ки ба ҳастии онҳо таҳдид менамуд. Хусусан дар сарзамини Шом, ки онҳо онро дар таҳти истеъмори худ нигоҳ медоштанд ва он сарзамин сарҳади ин дини нав буд ва дар айни қуввати ҷавонӣ ҳар чизеро, ки дар сари роҳаш буд, гирифта аз байн мебурд.

Ҳамчунин онҳо сарзамини Шомро барои худ як нуқтаи ҷаҳиш ва ҳамла бар ҷазираи Араб ва сарзамини ислом қарор доданд.

* * *

Паёмбари Худо (с) ҳадафи задухӯрдҳоеро, ки бо мақсади санҷидани қудрати ислом Румиҳо боз намуда буданд, дарк кард.

Пас қарор дод, ки онҳоро пешгирӣ намояд ва онҳоро қаноъат бидиҳад, ки дини ислом тасмими худро барои муқовимат кардан гирифтааст.

Ҳамчунин дар ҷимодиюлаввали соли ҳаштуми ҳиҷрӣ, лашкари ислом ба сӯи Балқо ном мавзеъ аз вилояти Шом берун омад, вале ҳамин, ки ба сарҳади он ҷо расид, бо лашкари Ҳирақли Румӣ, ки аслан аз қабилаҳои арабгаштаи сарҳадоти он ҷо иборат буданд, бархурд намуд.

Лашкари Рум дар як мавзеъе бо номи Машориф фуруд омаданд.

Лашкари ислом бошад, дар наздикии мавзеъе ба номи Мӯъта фуруд омад ва ин ғазо бо номи он ёд мешавад.

* * *

Паёмбари Худо (с) аҳамияти ин ҷанг ва хатари онро хуб дарк менамуд ва барои роҳбарии он се нафар аз обидони шабзиндадор ва ҷанговарони рӯзро интихоб намуд.

Се нафаре, ки нафсҳои худро бо Худо фурӯхта буданд ва барои онҳо дигар ягон тамаъе ва ё орзуе ба ҷуз дар роҳи Худо шаҳид шудан ва дар асари он ризои Худоро касб намудан ва ҷамоли ӯро дидан, дигар чизе боқӣ намонда буд. Он се нафар мувофиқи тартибашон дар аморати лашкар инҳоянд: Зайд ибни Ҳориса, Ҷаъфар ибни Абутолиб, Абдуллоҳ ибни Равоҳа, ки Худо аз онҳо розӣ ва онҳоро аз худ розӣ гардонад ва аз ҷамиъи саҳобагон розӣ бошад.

Ва ҳамчунин мебинем, ки Паёмбари Худо (с) ҳангоми видоъи лашкариён фармонеро, ки пештар зикраш кардем, содир кард:

– Амири шумо Зайд ибни Ҳориса аст, пас агар осебе бар ӯ расад, Ҷаъфар ибни Абутолиб ва чун ба Ҷаъфар осебе расад, пас Абдуллоҳ ибни Равоҳа.

Пас назар кунед, ки бо вуҷуди наздиктарини мардум будани Ҷаъфар ибни Абутолиб ба дили писари амакаш Расули Худо (с) ва илова бар шуҷоъат ва ҷасорату обрӯй ва соҳиби насаби олӣ будани Ҷаъфар, Паёмбари Худо (с) ӯро амири дуввум баъди Зайд гардонид ва Зайдро амири аввали лашкар эълон кард.

Ва ба ҳамин монанд Паёмбари Худо (с) доимо муқаррар менамуд, ки дини ислом як дини навест ва барои он омадааст, ки тамоми алоқаҳои фосиди инсониятро, ки бар асоси фарқиятҳои холӣ ва ботил барпо ҳастанд, бекор ва лағв гардонида дар ҷои он муносибатҳои нави инсониро, ки рост ҳастанд ва бар асоси ҷавҳари инсонияти инсон барпо гаштаанд, қоим созад.

* * *

Ва гӯё, ки Паёмбари Худо (с) рафти он маъракаро, ки дар оянда сурат мегирифт, аз пушти пардаи ғайб омӯхта буд, дар он лаҳзае, ки амирони лашкарро ба он тартиби собиқуззикр, ки Зайд ва Ҷаъфар ва ибни Равоҳа буданд, таъйин намуд. Пас ҳамаи онҳо бо ҳамон тартиби зикркардаи ӯ ба назди Худо шитофтанд.

Ва ҳамин ки мусалмонон лашкари Румро, ки наздики дусад ҳазор ҷанговар тахмин мекардандаш, диданд, онҳоро ин адади зиёд, ки дар тасаввурашон набуд, саргаранг сохт. Вале дар куҷо ҷангҳои ислом ва имон, ҷанги рӯи адад ва бисёрӣ буд?

Бино бар ҳамин бебокона ба сӯи пеш ҳаракат карданд ва дар пеши рӯи онҳо сарлашкари онҳо Зайд, ки байрақи Расули Худоро (с) дар даст дошт, ҳаракат мекард ва бебокона найзаҳо, тирҳо ва шамшерҳои душманро рӯ ба рӯ мешуд. Ӯ аз ғалаба дида бештар ҷои шаҳодати худро меҷуст. Он ҷоеро, ки паймони ӯ ва Худованд ба ҳам мепайванданд. Он Худованде, ки ҷону моли онҳоро дар муқобили бахшоиши ҷаннат ва лиқои худ харидааст.

Зайд дар он дам дар атрофи худ регзори алобуло ва лашкари Румро намедид, балки ӯ талу теппаҳои биҳишт ва фаршҳову гилемҳои сабзи биҳиштро медид, ки монанди байрақ дар парфишонӣ буданд. Ин ҷилваҳо ӯро огаҳӣ медоданд, ки имрӯз рӯзи ҷашни ӯст.

Чун ӯ зарба мезад ва ҷанг мекард, на ин ки сарҳои душманро ба ҳар тараф меафканд, балки дарҳоеро мекушод ва қулфҳоеро кушода мекард, ки байни ӯ ва байни дарҳои васеъе монеъ мегаштанд, ки аз он дарҳо оҳиста ва бовиқор ба Доруссалом медарояд ва ба боғҳои ҷовидона ва ҷавори Худованд.

Ва Зайд оқибат шаҳди шаҳодат чашид. Ва рӯҳи поки ӯ табассумкунон дар роҳи ҷаннат ҷисми соҳибашро медид, ки ӯро ҳарири мулоим не, балки хуни поки дар роҳи Худо рехтааш олуда ва дар худ печидааст.

Баъд аз он боз табассуми орому осудае менамояд, чун мебинад, ки амири дуввум Ҷаъфар мисли суръати тир ба сӯи байрақ шитофт, то онро бигирад, қабл аз он ки дар хок пинҳон шавад...

## 20. ҶАЪФАР ИБНИ АБУТОЛИБ
### Вуҷуд ва ахлоқи маро ба якдигарашон мушобеҳ сохтаӣ

**Ба шукуфонии ҷавониаш нигаред.**
**Ба зебогии пӯсту чеҳрааш нигаред.**

Ба сабру ҳилмаш ва некӯияш ва тавозуъаш ва тақвояш нигаред.

Ба шуҷоаташ нигаред, ки ҳаргиз ҳавлу тарсро намедонад ва саховаташро, ки ҳаргиз аз камбағал шудан ҳарос надорад.

**Ба покизагиву покдоманиаш нигаред.**

**Ба ростӣ ва амонатдориаш нигаред.**

Ба тамоми зебогиҳои ҳуснаш ва фазилаташ ва азаматаш нигаред, баъд аз он ҳеҷ таъаҷҷуб накунед, зеро шумо дар назди як шахсе истодаед, ки аз тамоми мардум дида ба Паёмбари Худо (с) аз рӯи хилқат ва ахлоқ монандтар аст.

Шумо дар назди касе ҳастед, ки Паёмбари Худо (с) ӯро кунияти Абулмасокин, падари мискинҳо ва бечораҳоро додааст.

Шумо дар паҳлӯи шахсе истодаед, ки Паёмбари Худо (с) лақаби Зулҷаноҳайн, яъне соҳиби ду болро додааст.

Шумо дар пеши рӯи паррандае аз ҷаннат, ки нағмасарост, истодаед... Ҷаъфар ибни Абутолиб. Бузурге аз бузургони кавкабаи собиқини аввал, он касоне, ки бузургтарин саҳмияро дар қолабрезии андеша ва замири ҳаёт доранд.

* * *

Ӯ мутаваҷҷеҳи Расули Худо (с) шуд. Дар ҳоле ки мусалмон шуда буд ва мақоми олие дар байни мусалмонони нахустимоноварда барои худ гирифт.

Дар айни ҳол занаш Асмоа бинти Умайс низ ҳамроҳи ӯ имон овард.

Ва насибаи худашонро аз ранҷу азоб бо як шуҷоат ва хурсандӣ пазируфтанд.

Вақте ки Паёмбари Худо (с) ба саҳобагонаш иҷозаи ҳиҷрат ба сӯи Ҳабашаро дод, Ҷаъфар ва занаш низ ба сӯи ҳиҷрат хориҷ шуданд ва дар он ҷо солҳои дароз истиқомат карданд ва дар аснои ҳиҷрат се фарзанд насибашон гардид: Муҳаммад, Абдуллоҳ ва Авф.

* * *

Ҷаъфар ибни Абутолиб дар Ҳабаша сухангӯи моҳир ва муваффақ аз ҷониби ислом ва расули ӯ буд, зеро Худованд дар зимни он неъматҳое, ки ба ӯ дода буд, боз ӯро ба равшании дил ва дурахши ақл ва фасоҳати забон низ музайян гардонида буд.

Ва агар рӯзи Муъта, ки дар он рӯз то дами ба шаҳодат расиданаш ҷангид, равшантарин ва бузургтарин ва ҷовидонатарин рӯзҳои ҳаёти Ҷаъфар бошад.

Пас рӯзи гуфтугӯ баҳсе, ки дар ҳузури Наҷҷошӣ сурат гирифт, аз лиҳози равшанӣ, зебоӣ ва бузургӣ аз рӯзи Муъта ҳеҷ камӣ надошт.

Он рӯз нотакрор ва манзараи хеле аҷиб буд.

* * *

Сабабаш дар он буд, ки ҳиҷрати мусалмонон ба сӯи Ҳабаша Қурайшро аз хурӯшидан дар муқобили онҳо оромӣ набахшид ва кинаву адовати онҳоро аз байн набурд ва осудаашон нагузошт, балки аз он тарс доштанд, ки қуввати мусалмонон дар ҳиҷрат зиёд мешавад ва ҷамъияташон меафзояд.

Ҳатто агар фурсати зиёд шудани адад ва қувват барои онҳо даст надиҳад ҳам, пас ба таҳқиқ ба иззати нафси онҳо сахт меомад, ки ин мардум аз интиқоми онҳо наҷот ёбанд ва аз қабзаи онҳо берун раванд. Ва дар ватани муҳоҷираташон як маҳалли умед ва итминон дошта бошанд, ки қалби Паёмбар (с) барои онҳо битапад ва синаи ислом барояшон кушода гардад.

Дар ин ҷо раҳбарони Қурайш чунин қарор доданд, ки ду нафарро ба сӯи Наҷҷошӣ бифиристанд, ки бо худ аз ҳадяҳои қиматбаҳои Қурайш бубаранд ва дар айни ҳол орзуи онро доштанд, ки ин муҳоҷиронеро, ки ба сӯи ӯ барои шафоъатхоҳӣ ва паноҳҷӯӣ омада буданд, аз сарзаминаш биронад.

Ин ду шахси фиристодашуда: Абдуллоҳ ибни Абурабиъа ва Амр ибни Ос буданд, ки то он лаҳза имон наоварда буданд.

* * *

Дар он рӯзҳо Наҷҷошӣ ном мард дар тахти ҳукумати Ҳабаша менишаст, ки соҳиби имони комил буд. Ва дар умқи қалбаш ба дини масеҳияти пок ва фарогир пайвастагӣ дошт. Дур аз инҳироф буд ва аз таъассубу афкори сарбастаи номаълум яксӯ.

Овозаи некӯкории ӯ ба ҳар тараф парешон гашта буд. Ва овозаи рафтори одилонаи ӯ дар ҳар маконе мерасид, бӯи хуши онро паҳн мекард.

Аз ҳамин сабаб Паёмбари Худо (с) ин сарзаминро барои саҳобагонаш дори ҳиҷрат интихоб кард.

Аммо Қурайш хавф мебурд, ки шояд дар ҳузури Наҷҷошӣ ба он мақсаде, ки дорад, нарасанд, ба ин мақсад ин ду нафар фиристодаи хешро бо ҳадяҳои бузург барои усқуфҳо ва дигар мардони баландмартаби калисо, ки он ҷо буданд, муҷаҳҳаз намуда фиристоданд ва саркардагони Қурайш, фиристодагони хешро чунин васият намуданд, ки дар ҳол ба Наҷҷошӣ рӯ ба рӯ нашаванд, то аввалан ҳадяҳоро ба Битриқҳо (рӯҳониёни калисо) бирасонанд ва онҳоро ба нуқтаи назари худ қонеъ созанд, то онҳо дар назди Наҷҷошӣ барои фиристодагони Қурайш ёрманд бошанд.

Фиристодагони Қурайш ба мамлакати Ҳабаша фуруд омаданд ва дар он ҷо ба тамоми саркардагони рӯҳониён мулоқот намуданд ва дар назди онҳо ҳадяҳоеро, ки барояшон оварда буданд, рехтанд ва тақсим карданд, баъд аз он ба сӯи Наҷҷошӣ ҳадяҳояшро фиристоданд.

Онҳо ба он шурӯъ намуданд, ки дилҳои кашишҳо ва усқуфҳоро зидди мусалмонони муҳоҷир бишӯронанд ва барои хориҷ намудани мусалмонон аз мамлакаташон аз рӯҳониён мадад хостанд.

Билохира рӯзе, ки ин ду фиристода ба Наҷҷошӣ бояд мулоқот менамуданд, муқаррар гардид, то дар ҳузури ӯ бо рақибони Қурайш, яъне муҳоҷирини мусалмон, ки бо макру ранҷонидани худ онҳоро дунболагирӣ мекарданд, рӯ ба рӯ гарданд.

* * *

Наҷҷошӣ бо як виқору тавозӯъ дар иҳотаи ускуфуҳо ва дигар дарбориёни хосса ва бо ҳузури мусалмонони муҳоҷир, ки онҳоро оромиву тамкине аз ҷониби Худо печонида буд ва раҳмати Илоҳӣ онҳоро соя меафганд, ба курсии баланде нишаста буд. Он ду фиристодаи Қурайш дар ҳузури Наҷҷошӣ ба по истода суханҳои тӯҳматангезеро, ки пештар бо Наҷҷошӣ дар як мулоқоти пешина сурат гирифта гуфта буданд, такрор мекарданд:

– Эй малик, ба таҳқиқ баъзе ҷавонони авбош ба сӯи мамлакати шумо паноҳ бурдаанд, ки аз дини қавмашон ҷудо гаштаанд ва дар

дини шумо низ надаромадаанд, балки бо як дине омадаанд, ки худашон эҷод намудаанд, на мо онро медонем ва на ту. Ва моро барои баргардонидани онҳо бузургони қавмашон аз падарҳо, амакҳо ва хешу таборҳояшон ба сифати кафил фиристодаанд, то ки ту онҳоро ба сӯи хешовандонашон бозгардонӣ.

Наҷҷошӣ рӯяшро ба сӯи мусалмонон гардонида, чунин суолашон дод:

– Он чӣ гуна динест, ки барои ӯ шуда, аз дини қавматон берун шудед ва ба сӯи дини мо низ эҳтиёҷманд нестед?

Ҷаъфар аз ҷои худ бархост, то он масъулиятеро, ки мусалмонони муҳоҷир ӯро интихоб намуда буданд, дар вақти машвараташон ва пеш аз омаданашон ба ин иҷтимоъи бузург, иҷро намояд.

Ҷаъфар бархост, бо як оромиву виқори бузургона ва бо назари муҳаббат ба сӯи подшоҳе, ки онҳоро ба некӯӣ паноҳ дода буд, нигарист ва гуфт:

– Эй малик, мо қавме аз аҳли ҷоҳилият будем, ибодати бутҳоро мекардем ва чизи мурдорро мехӯрдем ва корҳои фоҳишро анҷом медодем ва қатъи хешу таборӣ мекардем ва бо ҳамсояҳо бадмуъомила будем ва шахси қавии мо шахси заъифро истисмор мекард. То ин ки Худованд аз ҷумлаи мо як нафарро Паёмбар ба сӯи мо фиристод, ки насаби ӯро медонем ва ростиашро ва амонатдориашро ва покиашро медонем. Пас ӯ моро ба сӯи Худо даъват кард, то ӯро ба ягонагӣ бишиносем ва ӯро парастиш намоем ва аз он корҳои бутпарастӣ, ки мо ва аҷдоди мо мекарданд, худро канора бигирем. Ва моро ба сухани рост амр намуд ва бо адои амонат ва пайванди хешу таборӣ ва ҳамсоягии нек ва манъ шудан аз чизҳои ҳаром ва хун моро амр кард. Ва аз корҳои фоҳиш ва сухани дурӯғ ва хӯрдани моли ятим ва тӯҳмат бастан ба занони покдоман моро манъ кард. Мо ӯро тасдиқ намудем ва ба ӯ имон овардем ва ба он чӣ ки аз назди Парвардигораш оварда буд, ӯро пайравӣ кардем. Пас Худовандро ба ягонагиаш парастиш кардем ва чизеро ба ӯ шарик наёвардем. Ва он чизеро, ки бар мо ҳаром эълон дошт, мо ҳаромаш донистем ва он чизеро, ки ҳалол гуфт, ҳалолаш донистем. Пас қавми мо бар болои мо таҷовуз ва зулм намуданд, моро азоб доданд ва бо ҳар роҳ моро фишор оварданд, то аз динамон

баргардем ба ибодати бутҳо ва ба сӯи он корҳои хабисе, ки мо пештар анҷом медодем.

Вақте ки моро безор намуданд ва бар мо зулм намуданд ва моро фишор оварданд ва дар байни мо ва динамон монеъ мегаштанд, ба сӯи мамлакати ту берун омадем ва ба паноҳи ту майл намудем ва умед намудем, ки дар назди ту касе моро зулм накунад.

* * *

Вақте ки Ҷаъфар ин суханони чун нури субҳ равшанро бо фасоҳат баён кард, вуҷуди Наҷҷоширо эҳсосот ва таъаҷҷуб фаро гирифт. Ва ба сӯи Ҷаъфар нигоҳ карда, чунин суол намуд:

– Оё дар назди ту аз он суханоне, ки бар Паёмбари шумо нозил шудааст, чизе ҳаст?

Ҷаъфар гуфт:

– Оре.

Наҷҷошӣ гуфт:

– Пас барои ман бихон.

Ҷаъфар ба хондани оятҳое аз сураи Марям, бо як тиловати ширин шурӯъ намуд. Пас Наҷҷошӣ гирён шуд ва бо ҳамроҳии ӯ тамоми усқуфҳояш низ гирён гаштанд. Чун ашкаш, ки зиёд мерехт, боз истод рӯ ба сӯи намояндагони Қурайш карда гуфт:

– Ба таҳқиқ ин гуфтаҳо ва гуфтаҳоеро, ки Исо (а) оварда буд, аз чароғдони воҳид берун меоянд.

Шумо ба ватанатон баргардед. Қасам ба Худо, ки ин мардумро ҳаргиз ба шумо таслим нахоҳам кард.

Ҷамъияти мардум пароканда гардиданд ва Худованд бандагонашро нусрат дод ва қувваташон бахшид. Дар ҳоле, ки намояндагони Қурайш бо як шикасти хеле нохӯш рӯ ба рӯ гардиданд.

Аммо Амр ибни Ос шахси хеле соҳибистеъдод ва ҳилагар буд. ӯ шикастро таҳаммул карда наметавонист ва ба ноумедӣ дода намешуд.

Ҳамчунин вақте ки ба ҷои исташон баргаштанд, ба фикру андеша афтод ва ба рафиқаш гуфт:

– Қасам ба Худо, ки фардо ба пеши Наҷҷошӣ гашта меравам ва аз онҳо чизеро барояш мегӯям, ки дарахтони сабзашонро решакан месозад.

Рафиқаш чунин ҷавоб дод:

– Биё ин корро накун, онҳо хешовандони мо ҳастанд, агарчанде, ки дини моро мухолифат намуда бошанд ҳам.

Амр гуфт:

– Қасам ба Худо ба Наҷҷошӣ хабар медиҳам, ки онҳо дар ҳаққи Исо (а) ақида доранд, ки ӯ як инсоне буд мисли дигар инсонҳо.

Ин кор як найранги дигаре буд, ки онро фиристодаи Қурайш бар муқобили мусалмонон бофта эҷод кард, то онҳоро ба кунҷи сарбастае бибарад ва дар миёни ду санги осиё қарор бигиранд. Агар бигуянд, ки Исо (а) бандаест ба мисли дигар бандагони Худо, бар зидди худашон ғазаби Наҷҷошӣ ва дигар уқсуфҳоро бармеангезанд. Ва агар аз Исо (а) одам буданашро нафй кунанд, аз динашон ҷудо гардида, кофир мешаванд.

* * *

Фардои он рӯз ба зудӣ ба ҳузури Малик Наҷҷошӣ шитофтанд ва Амр ба ӯ гуфт:

– Эй Малик, онҳо дар ҳаққи Исо (а) сухани хеле вазнин мегӯянд. Усқуфҳо беқарор гардиданд ва ин сухани кӯтоҳ онҳоро ба ҳаяҷон овард ва барои даъвати мусалмонон бори дуввум эълон доштанд, то ҷойгоҳу ақидаи онҳоро дар ҳаққи Исо (а) дар динашон бипурсанд.

Мусалмонон дарк намуданд, ки боз ягон найранги нав пеш омадааст. Пас барои машварат нишастанд. Баъд аз он ба хулосае омаданд, ки сухани ҳаққеро, ки аз Паёмбарашон (с) шунидаанд, бигуянд ва аз он ба қадри як мӯ майл накунанд ва бигузор ҳар чӣ сурат гирад, гирифтан гирад.

Ва он маҷлис бори дигар ҷамъ гашт ва суханро Наҷҷошӣ оғоз намуда аз Ҷаъфар пурсид:

– Шумо дар ҳаққи Исо (а) чӣ мегуед?

Ҷаъфар мисли як машъали фурӯзон бархост ва гуфт:

– Мо дар ҳаққи Исо (а) чизеро мегуем, ки Паёмбари Худо (с) ба сӯи мо овардааст:

ӯ бандаи Худо ва Паёмбари ӯст ва сухани Худост, ӯро ба сӯи Марям андохт ва рӯҳе аз ҷониби Худост.

Пас Наҷҷошӣ ба тасдиқи сухани Ҷаъфар овоз баланд кард ва эълон дошт, ки Масеҳ низ дар ҳаққи худаш ҳамин суханонро гуфта

буд. Вале аз сафҳои усқуфҳо ғулғулае баланд гашт, ки ба норизогии онҳо далолат дошт.

Аммо Наҷҷошии равшанзамири боимон суханашро идома дода ба мусалмонон гуфт:

– Шумо биравед ва орому осуда дар мамлакати ман зиндагонӣ кунед, касе агар шуморо дашном кунад ё ки биранҷонад, пас ҷазои кори кардааш бар зиммааш аст.

Баъд аз он ба сӯи атрофиёнаш рӯй оварда дар ҳоле, ки бо ангушти ишораташ ба сӯи ду фиристодаи Қурайш ишора мекард, гуфт:

– Ба ин ду нафар ҳадяҳояшонро бозпас бидиҳед. Ман ба онҳо эҳтиёҷе надорам. Қасам ба Худо дар ҳоле, ки Худованд ба ман мамлакаташро бозпас дод, аз ман ришвае нагирифта буд, ки дар мулки додаи вай ман ришват бигирам.

Фиристодагони Қурайш хору шарманда аз он маҷлис берун шуданд ва фавран рӯй ба сӯи Макка намуда бозгаштанд.

Ва мусалмонон бо роҳбарии Ҷаъфар берун омаданд то ҳаёти осоиштаи худро дар Ҳабаша аз сар оғоз кунанд.

Паёмбари Худо (с) бо мусалмонон ғалабаи Хайбарро ҷашн гирифта истода буданд, ки як гурӯҳи ояндагон аз Ҳабаша ба пеши онҳо ташриф оварданд, аз ҷумла Ҷаъфар ибни Абутолиб ва касоне, ки бо ӯ буданд аз дигар муҳоҷирини Ҳабаша.

Дили Паёмбар (с) бо қудуми онҳо аз муҳаббат ва саодату хурсандӣ лабрез гардид ва Ҷаъфарро ба оғӯш кашида гуфт:

– Ман намедонам, ки ба кадоме аз ин ду чиз хурсанд шавам: ба фатҳи Хайбар ё ба омадани Ҷаъфар.

Паёмбари Худо (с) бо ҳамроҳи дигар саҳобагон савор шуда барои адои умраи қазокардаашон ба Макка раҳсипор гардиданд ва баъд ба сӯи Мадина бозгаштанд. Дили Ҷаъфар аз шунидани ахбори саҳобагони мӯъмин, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) дар маъракаҳои ҷанги Уҳуд, Бадр ва дигар маъракаҳову ғазоҳо даромада буданд, аз муҳаббату бузургдошт лабрез мегардид. Ва дар ёди он бародарони мӯъмин, ки бо аҳди кардаашон бо Худо содиқ монданд ва ҷони худро бохтаанд, ҳамчун шаҳидони нек чашмонаш пуроб мегардид.

Ва дилаш дар ёди ҷаннат аз рӯи шавқ парвоз мекард ва фурсати шаҳодатро мепоид ва мутарақиби он фурсати бузург буд.

* * *

Ғазои Мӯъта, ки зикраш пеш аз ин гузашт, дар ҳоле рух дод, ки байрақҳояш дар фазо парфишонӣ мекарданд ва омодаи ҳуҷум ва ба роҳ афтодан буданд.

Ҷаъфар дар ин ғазо фурсати мувофиқи умрашро мушоҳида кард, пас ё дар ин ғазо як ғалабаи бузурге барои дини Худо ҳосил мекунад ва ё ки як шаҳодати бузургеро дар роҳи Худо ба даст меорад.

Бо умеди ин ки дар ин ғазо Паёмбари Худо (с) ӯро ҷойгоҳи муайян бидиҳад, ба хидмати Паёмбар (с) омад.

Ҷаъфар яқин медонист, ки ин ҷанги дар пеш истода як тамошо ва сайр нест, балки ҷанги хурде ҳам нест. Балки ин ҷангест, ки ислом онро пеш аз ин ҳаргиз дохил нашудааст.

Ҷанг бо як импературии паҳновари сарватманду мағрур, ки дорои силоҳу омодагии зиёд ва нафари бешумор аст ва дорои таҷрибаи бои ҷангӣ ва моли зиёд, қуввати тамоми арабҳо ва аз мусалмонҳо низ ба ӯ баробар намешавад. Вале бо вуҷуди ин шавқаш ба сӯи ин ҷанг парвоз мекард ва Ҷаъфар яке аз се нафаре буд, ки Паёмбари Худо (с) онҳоро барои роҳбарӣ ва аморати лашкар интихоб кард. Ва лашкар берун рафт ва Ҷаъфар низ бо ҳамроҳии лашкар хориҷ шуд.

Дар як рӯзи ниҳоят пурдаҳшат ду лашкар ба ҳамдигар бархӯрданд.

Дар ҳоле, ки бояд Ҷаъфарро тарс фаро мегирифт, аз дидани лашкари Рум, ки аз 200 ҳазор ҷанговар зиёд буданд, баръакс ӯро як сармастии хеле бузург фаро гирифт. ӯро виқор ва сарбаландие фаро гирифт, ки сифати мӯъмини тавоност. Ва омодагии як диловари беҳамто дар вуҷуди ӯ эҳсосотеро бедор намуд, ки ӯ нав рақиби мувофиқи худро ёфтааст.

Чун наздик буд байрақи ислом аз дасти Зайд ибни Ҳориса ба замин афтад, дарҳол Ҷаъфар онро ба дасти росташ бардошт ва бо як амали тасаввурнашаванда ба ҷанг даромад.

Ин мард дар ин ҷанг ғалабаро ҷустуҷӯ намекард, балки шаҳодатро металабид.

Дар атрофаш ҷанговарони Рум зиёд гардиданд ва чун аспаш мушоҳида намуд, ки пеши роҳаш баста гардидааст, худро аз

маърака канора зад. Аз асп пиёда шуд ва шамшерашро ба сӯи гардани душманонаш рост мекард. ӯ тасодуфан дид, ки яке аз душманонаш мехоҳад ба аспи ӯ наздик шуда савор шавад. Ин кор барояш хеле гарон намуд. Чӣ гуна метавонад дар пушти аспаш як палид савор шавад, шамшерашро ба сӯи асп рост кард ва пойҳои аспро пай зад. Ва дар миёни лашкари румии девонавор ба болояш ҷамъ шуда, мисли шер наъра мезад ва меҷангид. Садояш ин мазмунро замзама мекард:

Эй чӣ хушаст ҷаннат ва наздик шудани вай.

Чӣ гуворо ва сард ҳастанд нӯшобаҳояш.

Ва азоби Рум қариб аст.

Кофирасту насабаш аз дур номаълум.

Бар ман лозим аст, ки вақти

бархӯрд ӯро зарба занам.

Ҷанговарони румӣ чунин донистанд, ки ин разманда марди оддӣ нест. Гӯё ба танҳоияш лашкари зиёде бошад ва хеле пурқудрату тавоност.

Пас ӯро бо якравии девонавор гирд карданд, то бикушандаш.

Аз вуҷуди онҳо як деворе ба вуҷуд омад, ки дар муҳосираашон дармонд ва дигар барои наҷот роҳе набуд.

Бо шамшерҳояшон дасти росташро буриданд ва пеш аз он, ки байрақ ба замин афтад, онро бо дасти чапаш бардошт. Чун дасти чапашро низ буриданд, байрақро бо ду бозуяш ба оғӯшаш кашид ва нигоҳ медошт.

Дар ин лаҳзаҳо тамоми масъулияташро ба он мутамарказ намуд, ки то ӯ зиндааст, нагузорад байрақи Паёмбари Худо (с) ба замин афтад. Дар ҳоле, ки ҷуссаи муборакаш дуқад шуда ба замин хам гашт, чӯбдастаи байрақ дар миёни бозувонаш ва баданаш мисли дарахти шиноншудашуда бар замин рост меистод ва овози хиррос заданаш гӯё Абдуллоҳ ибни Равоҳаро ҷеғ мезад.

Абдуллоҳ ибни Равоҳа мисли тир сафҳои душманро шикофта ба сӯи байрақ омад ва бо матонат онро гирифта ба сӯи ояндаи бузург пеш бурд.

* * *

Ҳамчунин Ҷаъфар як усули маргеро барои нафсаш дуруст кард, ки аз беҳтарин намуди маргҳост, ки то он замон башарият медонист.

Ва ҳамчунин дар ҳоле, ки муаттар ба ҷонфидоӣ ва печида ба диловариаш буд, ба Худованди мутаъол мулоқот намуд. Ва Худованди огоҳу доно Паёмбарашро (с) аз рафти маърака огоҳ намуд ва аз оқибати кори Ҷаъфар ӯро хабардор кард.

Пас ӯро ба Худо супорид ва гирист. Ва ба сӯи хонаи писари амакаш равон шуд. Ва тифлон ва писаронашро ба пеши худ хонд. Онҳоро бӯй кашид ва бӯсид ва дидагонаш пуроб гаштанд ва селобаи ашк ҷорӣ гардид.

Баъд аз ин ба маҷлисаш баргашт дар ҳоле, ки саҳобагонаш дар атрофаш гирд омада буданд, шоири мусалмонон Ҳассон ибни Собит бархоста барои Ҷаъфар ва ёронаш чунин марсия хонд:

Субҳгоҳон бо ҳамроҳии мӯъминон
равон гаштанд ва роҳбариашон мекард
Ба сӯи марг, касе, ки соҳиби ахлоқи накӯ буд ва зебо.
Шарофатманде мисли равшании моҳи
шаби чордаҳ ва аз насли Ҳошимиён.
Агар ба ӯ зулму ситаме раво дида шавад,
саркаш асту ҷасуру далер.
Чунон найзазаниву муҳориба намуд,
то ин ки хам шуда афтид ва хусбид беболин.
Дар майдони набарди шадиде,
ки сарнайзаҳо дар он мешикананд,
Пас бо ҳамроҳии дигар шаҳидон ба роҳ афтоданд
ба сӯи мукофоти амалашон.
Ҷаннатҳо ва боғҳои дарахтони
ба ҳампечидаи сарсабз.
Мо будем, ки дар вуҷуди Ҷаъфар хисоли
Муҳаммадро медидем.
Вафодориву амри қотиъонаро дар ҳоле, ки амр мекард.
Ҳамеша ва мудом дар ислом аз авлоди Ҳошимиён.
Таҳкурсиҳои иззат ва фахр мавҷуд аст,
ки ҳаргиз зоил намегарданд.

Баъди Ҳассон Каъб ибни Молик бархост ва ин шеъри пурмазмуни худро хонд:

Эй басо ишқу муҳаббат ба сӯи он
гурӯҳҳои аскарон, ки пайи ҳам омаданд.
Дар рӯзи ҷанги Мӯъта ба якдигар такя
дода шуданд ва ба ҷое бурда нашуданд.
Худованд ба онҳо раҳмат кунад,
чӣ ҷавонмардоне буданд.
Ва Худованд устухонҳояшонро
ба воситаи абри серборон об бидиҳад.
Сабр карданд дар Мӯъта барои Худо
ба базли ҷонҳояшон.
Аз тарси афтидан аз имтиҳон ва аз тарси итоб.
Он ҳангом ба Ҷаъфар ва байрақи
ӯ роҳнамоӣ мееёфтанд.
Дар ҳоле, ки ӯ аз аввалинҳо низ пеш буд,
пас чӣ хуш аст ин нафари аввал,
То ин ки сафҳо парешон гаштанд, вале Ҷаъфар.
Дар ҷои душвортарини сафҳо,
ки бо сафҳо рӯ ба рӯ гашт афтида буд.
Пас моҳтоби равшан аз ҷудогии ӯ тағйир ёфт.
Ва офтоб ба таҳқиқ гирифта шуду бенур гашт
ва наздик буд, ки ба тамом ғуруб кунад.

Ва тамоми мискинҳо рафта падарашонро гиря карданд. Ба таҳқиқ Ҷаъфар (р) падари мискинҳо буд.

Абуҳурайра мегӯяд:

– Беҳтарини мардум дар бораи мискинҳо, Ҷаъфар ибни Абутолиб буд.

Оре, ӯ саховатмандтарини мардум буд ба молаш дар ҳоли ҳаёташ. Чун аҷалаш даррасид, ӯ ба ҷуз ин ки саховатмандтарини мардум бошад, аз рӯи фидо кардани рӯҳу зиндагониаш дигар чизеро қабул накард.

Абдуллоҳ ибни Умар мегӯяд:

– Ман бо ҳамроҳии Ҷаъфар дар ғазои Мӯъта будам. ӯро ҷустуҷӯ намудем ва ӯро дар ҳоле ёфтем, ки дар баданаш зиёда аз навад зарбаи шамшер ва найза буд.

Наваду чанд зарбаи шамшер ва зарбаи найза?

Бо вуҷуди ин ҳама осебҳо оё кушандагонаш тавонистанд, ки аз рӯҳияи ӯ ва ё аз роҳи интихобкардааш чизе ба даст биёранд?

Ҳаргиз, шамшерҳои онҳо ва найзаҳояшон ба ҷуз як пуле, ки ин шаҳиди бузург ба воситаи он ба ҳамҷаворди Худованди раҳиму баландмартаба расид, дигар чизе набуд.

Ӯ он ҷо дар боғҳои ҷовидона аст, дар ҳоле, ки дар тамоми ҷасади ӯ зарбаи шамшерҳо ва найзаҳо осор гузоштаанд.

Ва агар бихоҳед пас ба сухани Паёмбар (с) гӯш андозед:

– Ман Ҷаъфарро дар биҳишт дидам. Ӯ ду боле дошт, ки бо хун оғӯшта буданд. Нӯги парҳояш рангин буданд.

## 21. АБДУЛЛОҲ ИБНИ РАВОҲА
### Эй нафс, агар кушта нашавӣ, мемирӣ!

Дар замоне, ки Паёмбари Худо (с) пинҳонӣ аз кофирони Қурайш ҳамроҳи як гурӯҳ намояндагоне, ки аз Мадина омада буданд, дар гирду атрофи Макка менишаст, то бо дувоздаҳ нафар аз роҳбарони аввалини ансор аҳду паймонеро, ки паймони Ақабаи уло ном гирифтааст байъат намояд, Абдуллоҳ ибни Равоҳа яке аз он саркардагон буд, ки исломро ба сӯи Мадина бурданд. Ва аз он касоне буд, ки байъати онҳо барои он ҳиҷрати таърихӣ дар навбати худ як пешрафти бузурге барои дини Худо ва барои ислом замина фароҳам сохт.

Дар он замоне, ки Паёмбари Худо (с) дар соли баъдинааш бо ҳафтоду се нафари ансори сокинони Мадина байъати Ақабаи сониро анҷом дод, ибни Равоҳа ин ҷо низ яке аз сардорони аҳли байъат буд.

Ва баъди ҳиҷрати Паёмбар (с) ва саҳобагонаш ба сӯи Мадина ва қарор ёфтанашон дар Мадина, Абдуллоҳ ибни Равоҳа аз ҷумлаи он нафарҳоест, ки барои нусрати дини ислом ва асосгузории бинои он хеле зиёд кӯшиш намуданд.

ӯ дар муқобили макру ҳиллаҳои Абдуллоҳ ибни Убай, ки аҳли Мадина барои тоҷгузории ӯ ба сифати шоҳи Мадина пеш аз ҳиҷрати ислом ба он ҷо омодагӣ доштанд, хеле ҳӯшёрӣ зоҳир мекард, зеро талхии он фурсати аз дастрафта мудом гулӯи ӯро месӯзонд. Аз ин сабаб муттаасил донишу таҷрибаи худро дар макру ҳила намудан дар муқобили ислом истифода мекард.

Абдуллоҳ ибни Равоҳа бо зиракиву биниши нуронии худ, зиракиву ҳилагарии Абдуллоҳ ибни Убайро доимо таъқиб намуда, тактикҳои душманонаи ӯро фосид месохт ва ҳаракати ақлу заковати ӯро хунсо мекард.

Дар муҳити онвақта, ки навиштан хело ба нудрат ёфта мешуд, Абдуллоҳ ибни Равоҳа нависанда буд.

Ӯ шоире буд, ки шеър аз миёни дандонҳояш хело дилнишин берун меомад ва аз замоне, ки ислом овард, қобилияти шеъргӯияшро дар хидмати Паёмбар (с) ва ислом сарф кард.

Паёмбари Худо (с) шеърҳои ӯро хеле дӯст медошт ва аз ӯ хоҳиш мекард, ки онҳоро зиёд кунад.

Рӯзе Паёмбари ислом (с) бо саҳобагон нишаста буд, ки Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба наздаш омад. Паёмбари Худо (с) аз ӯ пурсид:

– Ту агар шеър гуфтанӣ шавӣ, онро чӣ гуна эҷод мекунӣ?

Абдуллоҳ ҷавоб дод:

– Дар мазмуну мундариҷаи ӯ назар мекунам, баъд аз он мегӯям.

Ва бадоҳатан ин шеърро эҷод кард:

Эй ҷамоъаи Ҳошимиёни соҳиби хайр,
ба таҳқиқ Худованд шуморо бартарӣ додааст.
Бар бақияи мардум, як фазилате,
ки барои вай табдилу тағйир нест,
Ба таҳқиқ дар хайру некии ту бо назари хеш
таъаммуқ намудам ва онро шинохтам,
Бо фаросате, ки мардумро дар он чизе одатан
мавриди назарашон аст, мухолафат менамояд.
Ва агар аз баъзе мардум суол кунӣ ё талаби ёрӣ намоӣ,
Дар ҳалли кори худат, на ҷавобе дода метавонанд
ва на ёрмандиат карда метавонанд.
Пас Худованд он хайру некиеро, ки барои ту
додааст, собиту мустаҳкамтар бигардонад.
Мисли тасбити Мӯсо.
Ва туро нусрате бидиҳад,
мисли он ки онҳоро пирӯзӣ дод.

Паёмбари Худо (с) аз ин сӯҳбат хеле шод шуд ва ризоманд гашт ва ба ӯ гуфт:

– Ва туро низ Худованд субот ато фармояд.

Чун Паёмбари Худо (с) ҳангоми иҷрои ҳаҷҷи умраи қазояш машғули тавоф буд, ибни Равоҳа дар ҳузураш ин пораи шеърро суруд:

Эй Худо, агар фазли ту намебуд,
мо ҳаргиз ҳидоят намеёфтем.
Ва на садақае медодем
ва на намозе мегузоридем.
Пас барои мо як оромӣ ва суботе ато кун,

Ва қадамҳои моро мустаҳкаму устувор гардон,
вақто ки озмуда шавем.
Ба таҳқиқ касоне, ки бар мо зулм намудаанд,
Агар қасди фитнае кунанд, мо саркашӣ менамоем.
Ва мусалмонон ин шеъри хуши ӯро такрор мекарданд.

Чун ин ояи карима нозил гардид, ин шоири тавоно хеле ғамгин шуд:

Шоъиронро фақат гумроҳон пайравӣ мекунанд. (Сураи Шуъаро, ояи 224).

Вале ӯ боз хурсандӣ ва муҳаббати инсониашро дар ҳоле, ки ояи дигаре нозил гардид, барқарор намуд:

Магар он шоирон, ки аҳли имон ва некӯкор буда ва ёди Худо бисёр карда ва барои интиқом аз ҳаҷв ва ситаме, ки дар ҳаққи онҳо ва соири мӯъминон шуда, (ба назми сухан ва табъи шеър) аз Ҳақ ёрӣ хостанд ва ба шамшери забон бо душманони дин ҷиҳод карданд. (Сураи Шуъаро, ояи 227).

Ва дар он лаҳзае, ки ислом барои дифоъ аз нафси худ дар маъракаи қитол маҷбуран дохил мешуд, ибни Равоҳа шамшерашро бардошта дар маъракаҳои Бадр, Уҳуд, Хандақ, Ҳудайбия ва Хайбар иштирок мекард ва доимо ин калимаҳои манзум ва қасидаашро шиори худ қарор медод:

Эй нафс, агар кушта нагардӣ, мемирӣ.

Дар миёни мушрикон дар ҳар маъракаи ҷанг ва ғазоҳо, ҳамеша фарёд мекард:

Эй фарзандони кофирон, роҳи Худоро
кушода бигузоред!
Аз сари роҳи Худо дур шавед, пас ҳамаи некӣ
дар таълимоти Расули ӯст!

* * *

Ғазои Муъта низ пеш омад. Ва Абдуллоҳ баъди Зайд ва Ҷаъфар амири сеюми лашкар ба ҳисоб мерафт, чунончи қаблан дар рафти баёни корномаи Зайд ва Ҷаъфар аз он ёдовар шуда будем.

Дар он ҳангом, ки лашкари ислом қасди берун омадан аз Мадинаро дошт. Ибни Раввоҳа дар ҳузури лашкар истода, ин шеърро такрор мекард:

Вале ман аз Худо мағфират мехоҳам,

Ва зарбае давомноке, ки кафк бияндозад.

Ё задани найзаеро бо дасти худам, ки
тафсон бошаду кушанда.

Бо найзае, ки аз дохили рӯдаҳо ва ҷигарҳо мегузарад,

То замоне аз назди қабри ман гузаранд,

Чунин бигӯянд: Чӣ ғозие буд, Худо роҳи рост
бинамоядаш ва ба таҳқиқ роҳи ростро ёфтааст.

Оре, ин буд орзуи ниҳоии вай, зарба задани бо шамшер ё найза, дар вақти ҷанг, ки баъди он ба олами шаҳидони зафарманд интиқол ёбад.

* * *

Лашкари ислом ба сӯи Муъта ҳаракат кард. Чун мусалмонон ба душмани худ рӯ ба рӯ гардиданд, лашкари Румро наздик ба 200 ҳазор тан тахмин мекарданд. Онҳо сафҳои беохир ва шумораи онҳоро, ки берун аз ҳисоб буд, диданд.

Мусалмонон ба адади ками худ нигоҳ карда, дар андеша афтоданд ва баъзеи онҳо чунин гуфтанд:

– Бояд, ки мо ба ҳузури Паёмбари Худо (с) кас бифиристем ва ӯро аз адади зиёди душман бохабар созем. Ё моро аз лиҳози афрод тақвият бидиҳад ва ё моро ба ҳуҷум амр кунад, пас мо ӯро фармонбардорӣ менамоем.

Танҳо ибни Равоҳа дар миёни сафҳои мусалмонон, мисли сапедии рӯз бархост ва ба мардум гуфт:

– Эй мардум, қасам ба Худо, ки мо ҳаргиз бо душманони худ бо зиёдатии адад ва қувват ва бисёрӣ муқотила намекунем. Мо дар муқобили онҳо бо ёрии ин дине, ки Худо моро ба фиристодани он икром намудааст, меҷангем. Пас ба пеш ҳаракат кунед ва ба таҳқиқ аз ду пирӯзӣ, яке аз шумо аст: нусрат ё шаҳодат.

Ва мусалмононе, ки ададашон кам ва имонашон зиёд буд, нидо карданд. Ва чунин мегуфтанд:

– Қасам ба Худо, ки ибни Равоҳа рост мегӯяд.

Ва лашкари ислом ба сӯи мақсад пеш рафт ва бо адади ками худ, 200 ҳазор лашкариёни душманро, ки Румиён барои ин ҷанги хуношоми даҳшатнок гирд оварда буданд, мулоқот кард.

Ва амири аввал Зайд ибни Ҳориса ба шаҳодат расид. Ва амири дуввум Ҷаъфар ибни Абутолиб низ ба шаҳодат расид. Ва амири

сеюм, Абдуллоҳ ибни Равоҳа аз паси ӯ роҳбариро ба даст гирифт ва байрақро аз дасти Ҷаъфар гирифта боло бардошт. Ва ҷанг ба таҳқиқ дар авҷи гармиаш расида буд. Ва ададӣ ками мусалмонон наздик буд, ки дар анбуҳи лашкари бепоёни Рум, ки Ҳерақл онро гирд оварда буд, роҳгум зананд ва ҳалок шаванд.

Вақте ки ибни Равоҳа ба сифати як лашкарии оддӣ буд, бепарво ба ҳар тараф метохт ва меҷангид.

Аммо ҳоло бошад, ӯ амири ин лашкар гаштааст ва ба ҳаёти онҳо масъул аст. ӯ дар муқобили ваҳшонияти Рум зоҳир гашта ва шояд, ки дар вуҷуди худ як каме дудилагӣ ва тарс эҳсос намуд, ки андаке нагузашта тамоми қудрати дар ботинаш вуҷуддоштаро дар ҳаяҷон овард ва зинда кард ва фарёд кашид:

Эй нафс, қасам мехӯрам, ки ту албатта
дар ин майдони ҷанг хоҳӣ даромад,
Ба ту чӣ шудааст, ки аз ҷаннат безорӣ металабӣ?
Эй нафс, агар кушта нагардӣ, мемирӣ.
Ин муқаддимаи марг аст, ки ба таҳқиқ
ту дар он бирён мешавӣ.
Ва он чиро, ки ту орзуяш менамудӣ, онро соҳиб шудӣ.
Агар ту кори он ду нафарро анҷом бидиҳӣ,
ҳидоят ёфтаӣ!

ӯ бо ибораи “он ду нафар” ду амири пеш аз худро дар назар дорад, ки қабл аз ӯ ба шаҳодат расида буданд: Зайд ва Ҷаъфар.

“Агар ту кори он ду нафарро анҷом бидиҳӣ, ҳидоят ёфтаӣ!”

Ва мисли бӯроне худро ба лашкари Рум зад. Ва агар дар тақдири азал навишта намебуд, ки имрӯз рӯзи ваъдагоҳи ҷаннат бо ӯст, ӯ бо шамшераш чандон меҷангид, ки тамоми ҷамоъати ҷанговаронро несту нобуд месохт. Лекин соати сафар занги рафтанро зад ва ошкор сохт, ки ибтидои сафар ба сӯи Худо фаро расидааст. Пас ҷоми шаҳодат нӯшид ва ба осмон рафт.

Ҷисмаш афтид ва рӯҳи поки диловараш ба сӯи маҳбуби соҳибҷалол боло рафт. Ва бузургтарин орзуяш ба амал омад.

То замоне, ки аз назди қабри ман гузаранд,
Чунин бигуянд: Чӣ ғозие буд Худо роҳи рост намоядаш
ва ба таҳқиқ роҳи ростро ёфтааст.

Оре, эй ибни Равоҳа, дар ҳақиқат чӣ ғозие буд Худо роҳи ростро бинамоядаш ва ба таҳқиқ роҳи ростро ёфтааст.

Ва дар он ҳангоме ки дар сарзамини Балқо дар мулки Шом ҷанг давом мекард, Паёмбари Худо (с) ҳамроҳи дигар саҳобагонаш дар Мадина нишаста бо онҳо сухан мегуфт ва онҳо низ бо ӯ дар сухан буданд.

Ногаҳон дар ҳоле, ки сӯҳбат дар фазои хушӣ ва оромӣ давом мекард, Паёмбари Худо (с) хомӯшу сокит шуд ва чашмонашро чанд лаҳзаи кӯтоҳ пӯшонид. Баъд аз он онҳоро кушод. Нури дурахшандае бо оби дидаи ӯ дар асари ҳузну меҳрубонӣ берун омада рухсораҳоро тар карда буд.

Ва нигоҳи ғамолуди ӯ ба рӯи асҳобаш давр хӯрд ва гуфт:

– Байрақро Зайд ибни Ҳориса ба даст гирифт ва чандон ҷангид, ки шаҳид гашт. Баъд аз он байрақро Ҷаъфар гирифт ва ӯ низ ҷангид, то ин ки ба шаҳодат расид.

Ва каме дигар хомӯш гардида суханашро идома дод ва гуфт:

– Баъд аз он байрақро Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба даст гирифт. ӯ низ ҷангид, то дараҷаи шаҳодатро дарёфт.

Сипас каме сукут кард ва баъд чашмонаш аз ғояти шодӣ дурахшиданд ва гуфт:

– Ба таҳқиқ дар ҷаннат ба назди ман оварда шуданд.

Чӣ сафари бузурге буд...

Чӣ итифоқи бобаракати хушбахтона буд, якҷоя ба сӯи ғазо берун шуда буданд...

Ва якҷоя ба сӯи ҷаннат боло рафтанд...

Ва беҳтарин дуруде, ки ба ёди ҷовидонаи онҳо равона карда мешавад, суханони Паёмбари Худо мебошад, ки гуфта буд:

– Ба таҳқиқ ба назди ман бардошта оварда шуданд.

## 22. ХОЛИД ИБНИ ВАЛИД

### На худаш мехобад ва на хобиданро ба каси дигаре иҷоза медиҳад

Ба таҳқиқ кори ин мард хеле аҷиб аст.

Ин шахси қотили мусалмонон дар рӯзи ҷанги Уҳуд ва қотили душманони ислом дар рӯзҳои боқимонда!

Биёед қиссаи ӯро аз аввал бишнавем...

Вале чӣ гуна аввал?

ӯ худаш барои зиндагониаш ҳеҷ ибтидоеро қоил нест, ба ҷуз рӯзеро, ки дар он бо Паёмбари Худо (с) барои байъат даст ба дасти якдигар гузоштанд.

Ва агар ӯ метавонист аз умр ва зиндагониаш тамоми он рӯзҳо ва солҳоеро, ки пеш аз ин рӯзи байъат гузаштаанд, бурида мепартофт ва пок мекард.

Пас биёед ҳамроҳи ӯ мутолиъаи зиндагиномаашро аз он ҷое сар кунем, ки худаш дӯст дорад. Аз он лаҳзаи дурахшоне, ки дар он рӯз дилаш аз Худованд тарсид ва аз ямини Раҳмон рӯҳи ӯ як навозише эҳсос кард, ки ҳарду дасти Худо ямин аст. Пас рӯҳи ӯ аз шавқ ба сӯи дини Худо ва ба сӯи Паёмбари Худо (с) ва ба сӯи шаҳодати бузург дар роҳи Худо лабрез гардид, зеро ин иштиёқ гуноҳони ӯро барои нусрат бахшидани ботил дар рӯзгори пешгузашта аз китфаш дур хоҳад партофт.

* * *

ӯ рӯзе бо нафси худаш танҳо ба андеша нишаст ва дар бораи ин дини нав, ки ҳар рӯз ливои пирӯзиаш баландтар парафшонӣ мекард, андешаҳои солиме кард ва аз Худованд орзуи онро намуд, то роҳи ҳидоят ёфтанашро барои ӯ осон ва муяссар гардонад. Ва дар он ҳол дар дили покгардидаи ӯ башоратҳои яқин дурахшиданд. Пас гуфт:

– Қасам ба Худо, ки мақсад ва роҳ дуруст шуд... ва ба таҳқиқ ин мард Паёмбари Худост (с), пас то куҷо, то кай...? Қасам ба Худо меравам ва ислом меорам...

Биёед худи ӯро гӯш кунем, ки аз ин роҳи муборак ба сӯи Паёмбари Худо (с) ва аз реҳлаташ аз Макка ба сӯи Мадина барои

дарёфти ҷои худаш дар миёни корвони мӯъминон барои мо қисса кунад:

– Ман хоҳиши онро доштам, ки як ҳамсафаре барои худ биёбам, пас Усмон ибни Талҳаро мулоқӣ шудам. Аз мақсадам ӯро огоҳ намудам ва ӯ ба зудӣ ба фикри ман розӣ шуд ва якҷоя дар торикии саҳар берун рафтем. Вақте ки ба дашти кушод баромадем, нохост бо Амр ибни Ос вохӯрдем, ӯ моро хуш омадед қавм, гуфт. Мо гуфтем, ки худат низ хуш омадӣ...

Ӯ гуфт:

– Шумо ба кадом тараф қасди рафтан доред?

Ӯро аз қасди кардаамон огоҳ намудем. ӯ низ ба мо хабар дод, ки қасди рафтан ба пеши Паёмбари Худо (с) ва мусалмон шуданро дорад...

Дар ҳамсӯҳбатии якдигар то ба Мадина расидем. Дар рӯзи аввали моҳи сафари соли ҳаштум аз ҳиҷрат...

Вақте ки бо Паёмбари Худо (с) рӯ ба рӯ шудам ӯро бо номи набувват салом додам, (яъне ассалому алайкум ё набиюллоҳ), ӯ бо рӯи кушода ҷавоби саломамро дод. Ман ислом овардам ва гувоҳии Ҳақро ба забон шаҳодат додам.

Паёмбар (с) гуфт:

– Ман дар ту як ақлеро мушоҳида мекардам. Умед доштам, ки туро ба ҷуз некӣ ба чизи дигар таслим намесозад.

Бо Паёмбари Худо (с) байъат намудам ва гуфтам:

– Барои ман аз Худо барои ҳар амале, ки бо он дар пеши равандагони роҳи Худо монеъае эҷод карда бошам, талаби мағфират намо.

Паёмбари Худо (с) гуфт:

– Ислом дар ҳақиқат ҳар коре, ки пеш аз вай шуда бошад, қатъ мекунад.

Ман гуфтам:

– Бо вуҷуди ҳамин ҳам аз бароям дуъо кун.

Пас гуфт:

– Худоё, Холид ибни Валидро биёмурз аз ҳар амале, ки дар он дар роҳи ту як монеъае эҷод намуда бошад.

Ва Амр ибни Ос ва Усмон ибни Талҳа низ пеш омаданд ва ислом оварда бо Паёмбари Худо (с) байъат намуданд.

* * *

Оё сухани ӯро, ки ба Паёмбари Худо (с) гуфт, шунидед: Талаби мағфират кун барои ман аз Худо барои ҳар амале, бо он дар пеши равандагони роҳи Худо монеъае эҷод карда бошам.

Ба таҳқиқ ҳар касе дар ин ибора бо чашму дил назар кунад зуд аст, ки ба сӯи фаҳми дурусте аз ин мавқифгириҳое, ки бештар ба муаммо монананд дар ҳаёти шамшери Худо ва диловари ислом ҳидоят меёбад.

Вақте ки мо ба ҳамон лаҳзаҳои ҳаёти ӯ бирасем, дар рафти қиссаи зиндагонии ӯ ин иборат барои фаҳми он лаҳзаҳо ва тафсири он воқеъаҳо далелу раҳнамо мешавад.

Аммо акнун мо ҳамроҳи Холид ҳастем, ки имон овард. Акнун бубинем шаҳсавори Қурайш ва соҳиби лаҷоми аспҳо дар миёни Қурайшро. Бубинем пешвои тамоми Арабро дар дунёи задухӯрд, ки ӯ пушт ба сӯи маъбуди падарон ва бобоёнаш намуда ва ҳамроҳи Паёмбари Худо (с) ва мусалмонони дигар ба як олами дигари нав рӯй меорад, ки Худованд бар ӯ муқаддар намудааст. То таҳти байрақи Муҳаммад (с) ва калимаи тавҳид қиём намояд...

Акнун ҳамроҳи Холид, ки ислом овардааст ба пеш меравем, то дар корҳои ӯ аҷоиботро мушоҳида намоем.

* * *

Оё шумо ахбори се нафар диловарони маъракаи Муътаро дар ёд доред.

Онҳо Зайд ибни Ҳориса ва Ҷаъфар ибни Абутолиб ва Абдуллоҳ ибни Равоҳа буданд.

Онҳо диловарони ғазои Муъта дар сарзамини Шом буданд, дар он ғазое, ки Рум дусад ҳазор ҷанговарро гирд оварда буд ва он ғазое, ки мусалмонон диловарии бемисле нишон дода буданд.

Ва дар ёд доред он ибораҳоеро, ки ба воситаи онҳо Паёмбари Худо (с) хабари марги се сарлашкари маъракаро баён карда гуфта буд:

– Байрақро Зайд ибни Ҳориса ба даст гирифт ва чандон ҷангид, ки шаҳид гашт. Баъд аз он байрақро Ҷаъфар гирифт ва ӯ низ ҷангид, то ин ки ба шаҳодат расид. Баъд аз он байрақро Абдуллоҳ ибни Равоҳа ба даст гирифт. ӯ низ ҷангид, то дараҷаи шаҳодатро дарёфт.

Аз барои ин ҳадис идомае буд, ки мо онро барои дар ҷои худаш дар ин сафҳаҳо зикр намудан захира карда будем.

Акнун бақияи ҳадисро бишнавед:

– Баъд аз он байрақро шамшере аз шамшерҳои Худо ба даст гирифт ва ба дасти ӯ Худованд кушоиш дод.

Он диловар кист?

ӯ Холид ибни Валид аст. Он касе, ки ба сӯи ғазои Муъта ҳамчун як аскари оддӣ берун рафта таҳти роҳбарии он се лашкаркаш муҳориба мекард.

Ва баъди афтидан ва шаҳид шудани охирин лашкаркаш, Собит ибни Ақрам бо суръат ба сӯи байрақ шитофт.

Ӯро бо дасти росташ дар миёни лашкариёни мусалмон аз замин баланд бардошт, то ки беҳокимӣ сафҳои онҳоро парешон насозад.

Ва муддате Собит байрақро дар даст нигоҳ дошту тез ба сӯи Холид ибни Валид шитофт ва ба ӯ гуфт:

– Эй Абусулаймон, байрақро бигир!

Аммо Холид бошад, инро ба худ лоиқ намедид, дар ҳоле ки ӯ як шахси нав имоноварда аст гурӯҳеро роҳбарӣ намояд, ки дар миёни онҳо муҳоҷирон ва ансоре бошанд, ки пештар аз вай имон овардаанд.

Ин адаб, тавозӯъ, дониш ва фазилатҳое буданд, ки ӯ соҳиби онҳо ва барои онҳо лоиқу сазовор аст.

Ӯ ба Собит ибни Ақрам чунин ҷавоб дод:

– На, ман байрақро намегирам. Ту ба он лоиқтарӣ, ту аз ман калонтар ва дар ҷанги Бадр ҳозир будӣ.

Вале Собит ба ӯ ҷавоб дод:

– Бигир, ту дар илми ҷанг аз ман ботаҷрибатар ҳастӣ. Қасам ба Худо, ки ман байрақро барои ту гирифтам.

Баъд аз он дар миёни мусалмонон нидо карда гуфт:

– Оё шумо роҳбарии Холидро қабул доред ва розиед?

Гуфтанд:

– Оре.

Ва ин диловарӣ бузург ба болои аспаш савор шуд ва бо дасти росташ байрақро ба сӯи пеш мебурд. Гумон мекардӣ, ки ба воситаи он дарҳои қулфкардашударо мекӯбад, ки акнун вақти

кушодашавиашон расидааст, то роҳи дарози васеъеро, ки ин диловар дар оянда наздик ҷаҳида–ҷаҳида тай менамояд, кушода дорад. Чӣ дар ҳаёти Паёмбари Худо (с) ва чӣ баъди риҳлаташ, то тақдир кореро, ки ба воситаи шуҷоъати ин мард пеш муқаддар шудааст, амалӣ гардонад.

* * *

Холид аморати лашкарро дар ҳоле ба ӯҳда гирифт, ки натиҷаи маърака ба таҳқиқ маълум гардида буд. Пас қурбониҳои мусалмонон хело зиёд ва болашон шикаста буд. Лашкари Рум бошад, ҳоло ҳам бо теъдоди зиёди сарбозон зафарманд ва шукӯҳманд боқӣ буд.

Ва дигар ҳеҷ омодагии ҳарбӣ наметавонист маҷрои маъракаро тағйир бидиҳад ва мағлубро ғолиб ва ғолибро мағлуб бисозад.

Натиҷаи кор мунтазири ин диловар буд, то анҷомаш бидиҳад. Ин нигоҳ доштани талафот дар лашкари ислом буд, яъне боқимондаи онро сиҳату саломат аз ин ҷанг берун биёварад ва ҳимоятгарона аз хавфи ҳалок шудани боқимондаи қувваҳои мусалмонон дар замини маъракаи ҷанг ҷилавгарӣ намояд.

Вале чунин ақибнишинӣ дар чунин ҳолат қариб номумкин буд.

Валекин чуноне, ки мегӯянд, “барои дили бошуҷоъат кори номумкин вуҷуд надорад” агар ин сухан рост бошад. Пас аз Холид дида, қалби боқувваттар кӣ дорад? Ва кист, ки аз ӯ диловартар ва бинишаш гузаротар бошад?

Дар ин ҷо Холид бо чашмони тезбини уқобии худ замини васеъи ҷангро аз назар гузаронид ва дар суръати рӯшноӣ дарҳол нақшаи кори худро бадоҳатан кашид. Дар ҳоле ки ҷанг идома дошт, лашкарашро ба чанд гурӯҳҳо тақсим кард ва ҳар гурӯҳеро вазифае муқаррар намуд. Ва зиракии низомии худро ба кор андохт, то дар лашкари Рум як роҳе кушод, хеле васеъ, ки мусалмонон тавонистанд аз муҳосира берун шаванд.

Ва дар ҳамин маърака Паёмбари Худо (с) Холидро бо лақаби бузург, Сайфуллоҳ, “Шамшери Худо” сарфароз гардонид.

* * *

Қурайшиён аҳди кардаашро бо Паёмбари Худо (с) шикастанд, пас мусалмонон таҳти сарварии Паёмбари Худо (с) барои фатҳи Макка ҳаракат намуданд.

Дар фавҷи рости лашкар, Паёмбари Худо (с) Холидро амир интихоб кард.

Холид баъди он, ки биёбону кӯҳҳои Макка аз дер замоне ӯро ба сифати яке аз сарфармондеҳони лашкари бутпарастӣ ва ширк мешинохтанд, ҳамчун як амири лашкари мусалмон дохили Макка гардид.

Ин дам ёди давраҳои тифлӣ ба хотираш омад, ёди ҷойҳои бозиҳои ширин ва ёди даврони ҷавонӣ ва наврасиаш ёди ҷойҳои вақтгузаронии серғавғо ва пурғулғула...

Ёди рӯзгоре кард, ки дар он умри худро хидмати беҳосили бутҳои оҷиз ва беарзиш намуда ва ин даврони зиндагиаш вазъи рӯҳии ӯро нороҳат ва мушавваш мекард.

Пеш аз он ки пушаймонӣ қалбашро фаро гирад, дурахш ва азамати дигар манзара ӯро такон медиҳад. Манзараи нуре, ки аз болои Макка сарозер мешавад. Манзараи он ҷамоъаи мустазъафе, ки ҷисму ҷони онҳо, то ҳол асари азоб ва даҳшатро дар худ нигоҳ медорад ва ба сӯи диёре, ки бо зулму ситам аз он хориҷ карда шуда буданд, бозмегарданд.

Онҳо бар пушти аспҳояшон ва таҳти байрақҳои парафшони ислом бозмегарданд.

Ба таҳқиқ он калимоте, ки дирӯз оҳиста дар гӯши якдигар дар ҳавлии Арқам мегуфтанд, имрӯз бо такбирҳои кӯбандаву сарфарозкунанда мубаддал гардидааст, ки сарзамини Маккаро ба ларза меорад ва бо таҳлилу такрор ба такрори калимаи Ло илоҳа иллаллоҳ, зафармандие фаро расидааст, ки ҳастӣ ва вуҷуди ҳамаи ашё бо ҳамроҳии он зуҳур мекунад ва гумон мебарӣ, ки тамоми ҳастиву мавҷудот ид доранд.

Чи тавр ин мӯъҷиза камол ёфт. Ин рӯйдодро чӣ гуна метавон тавзеҳ кард? Ҳеҷ гуна!

Ҳеҷ чизе ба ҷуз он ояте, ки он диловарони зафарманд дар миёни такбирҳо ва таҳлилҳои худ ба сӯи якдигар нигоҳ карда ба хурсандӣ мехонданд, тафсире надорад. Он оят ин аст:

Ваъдаи Худо, Худованд ваъдаи худро ҳеҷ гоҳ хилоф намекунад!

Ва Холид сарашро баланд карда бо як бузургдошт ва муҳаббат ба сӯи байрақҳои ислом, ки осмонро пур карда буданд, назар андохт ва худ ба худ гуфт:

– Оре, ин ваъдаи Худост ва Худованд ваъдаи худро ҳаргиз хилоф намекунад!

Ва сарашро ба нишони шукргузории Парвардигораш хам намуд, ки ӯро ба сӯи ислом ҳидоят кард ва ӯро дар ин рӯзи фатҳи бузург, яке аз шахсоне гардонид, ки сабаби овардани ислом ба Макка шуда буданд, на аз ҷумлаи касоне, ки фатҳи Макка онҳоро ба сӯи ислом овардан маҷбур сохтааст.

* * *

Холид аз ин баъд ҳамеша дар паҳлӯи Паёмбари Худо (с) қарор дошт ва қобилиятҳои фавқуъоддаи худро дар хидмати дине гузошт, ки бо тамоми яқинаш ба он бовар карда буд ва тамоми зиндагониашро назри он намуда буд.

Ва пас аз он, ки Паёмбари Худо (с) ба ҳазрати Парвардигор пайваст ва Абубакри Сиддиқ (р) масъулияти хилофатро ба ӯҳда гирифт ва туфони муртадин бо баргаштан аз дин ва макру ҳилагарӣ аз ҳар тараф вазидан гирифт ва бо ғурриши гӯшхарош ва каркунанда ва бо шӯришҳои пурғулғулаи худ атрофи ин дини навро печонид, Абубакри Сиддиқ (р) дар аввалин нигоҳ чашмашро ба сӯи диловари ин мавқиф ва марди бузург Абусулаймон Сайфуллоҳ, шамшери Худо, Холид ибни Валид, ниҳода буд.

Дуруст аст, ки Абубакри Сиддиқ (р) ҷанги муқобили муртадинро бо лашкаре ибтидо намуда буд, ки худаш онро роҳбарӣ мекард. Вале ин кор монеъ аз он набуд, ки Холидро дар нияташ барои рӯзи ҳалкунанда захира намуда бошад. Ва ба таҳқиқ Холид дар маъракаи ҳалкунандае, ки хатарноктарини тамоми ҷангҳои муртадин ба шумор мерафт, марди ягона ва диловари ягона буд.

* * *

Чун гурӯҳҳои муртадин омодашавии худро барои анҷом додани аҳду паймонҳои васеъи худ бознамуданд, халифаи бузург тасмим гирифт, ки лашкари мусалмононро худаш роҳбарӣ кунад. Бузургони саҳоба хеле кӯшишҳои ноумедонае барои аз ин қасдаш баргардонидани халифаро карданд, вале ӯ тасмими худро боз ҳам зиёдтар кард. Ва шояд бо ин кораш ин қазияро, ки мардумро барои ҷанг кардан ба хотири ӯ даъват намуда буд, аҳамият ва қидосат бахшид.

Ба фикри ӯ фақат иштироки феълии худаш дар ин маъракаҳои хуношом, ки осиёи он байни қувваҳои имон ва байни лашкари муртадин ва гумроҳон ба зудӣ дар ҳаракат меояд, қидосату бузургии ин маъракаро илҳом мебахшад.

Шӯришҳои муртадин хело пурхатар буданд, агарчанде дар зоҳир ибтидои он мисли як эътироз ва саркашии зудгузаре ба назар мерасид.

Дар ин ҷанг тамоми он касоне, ки аз ислом кинае дар дил доштанд ва касоне, ки фурсати интиқом меҷустанд, лаҳзаи мувофиқро пайдо карданд. Хоҳ ин байни қабилаҳои Араб бошад, хоҳ аз сарзаминҳои атроф, он ҷое, ки салтанати Рум ва Форс бо зулму ситами худ бар болои мардум нишаста буд, он салтанате, ки аз ислом бузургтарин хатарро барои худ эҳсос мекард, пас аз пушти парда дар роҳи ислом фитнаҳоро эҷод мекард ва ба роҳ меандохт.

Ва оташи фитна дар қабилаҳои : Асад, Ғатфон, Абас, Тай ва Забён сар задан гирифт. Баъдтар дар қабилаҳои Бани Омир, Ҳавозин, Салим ва Бани Тамим шурӯъ шуд.

Ва ин задухӯрдҳо ҳоло оғоз нашуда буданд, ки ҷамъияти онҳо ба як лашкари ҷарроре мубаддал гашт, ки маҷмӯъи онро даҳҳо ҳазор ҷанговар ташкил медод.

Ва аҳли Баҳрайн, Уммон, Муҳра низ ба ин паймонҳои даҳшатнок ҳамроҳ шуданд ва ислом бо хатарноктарин мушкил рӯ ба рӯ шуд ва замин дар атрофи мусалмонон аз оташ аланга гирифт.

Вале ин ҷо Абубакр (р) истода буд.

Ӯ мусалмононро саросар ба по хезонид ва худаш онҳоро роҳбарӣ карда ба сӯи қабилаҳои Бани Абас, Бани Мурра ва Забён, ки бо лашкари анбӯҳи бепоён берун омада буданд, раҳсипор шуд.

Муҳорибаи даргирифта хеле давом кард. Дар охир барои мусалмонон як пирӯзии бузург даст дод. Ва ин лашкари ғолиб ҳанӯз дар Мадина қарор нагирифта буд, ки халифа онҳоро ба сӯи маъракаи навбатӣ фаро хонд.

Ахбори муртадин ва ҷамъшавии онҳо ҳар лаҳза ва ҳар соат хатарро зиёда мегардонид. Абубакр (р) бар сари ин лашкари дуввум берун баромад, вале косаи сабри бузургони асҳоб лабрез гашт, ҳама бар он иттифоқ намуданд, ки бояд халифа дар Мадина боқӣ монад. Ва имом Алӣ (р) пеши роҳи Абубакрро гирифта, лаҷоми асперо, ки

Абубакр (р) савори он буд, дар ҳоле мегирад, ки ӯ пешопеши лашкари ба ҳуҷум омодааш мерафт. Ва ба ӯ гуфт:

– Ту ба куҷо меравӣ, эй халифаи Расули Худо (с) ?

– Ман ба ту гуфтаи Паёмбарро (с), ки рӯзи Уҳуд ба ту гуфта буд, такрор мекунам: Ту эй Абубакр (р) шамшератро дар ғилоф андоз ва моро ба ҳалок сохтани нафсат дар андӯҳу машаққат наандоз.

Дар зери фишори ҷамоъати мусалмонон халифа барои боқӣ монданаш дар Мадина розӣ шуд. Ӯ лашкарро ба дувоздаҳ қисм тақсим кард ва вазифаи ҳар якеро муайян намуд. Бар болои яке аз гурӯҳи калони ин лашкар Холид ибни Валид роҳбар ва амири лашкар буд.

Халифа барои ҳар яке аз амирон байраќи алоҳида баста дод ва ба сӯи Холид рӯй оварда гуфт:

– Ман аз Паёмбари Худо (с) шунида будам, ки мегуфт:

– Холид ибни Валид бандаи хуби Парвардигор аст ва бародари қабилааш аст, шамшерест аз шамшерҳои Худо, ки онро кашидааст бар муқобили кофарон ва мунофиқон.

* * *

Холид ба роҳаш равон гардид ва бо лашкари худ аз як маърака ба маъракаи дигар мегузашт ва аз ғалаба ба сӯи ғалабаи дигар, то набарди ҳалкунанда фаро расид.

Пас он ҷо дар Ямома қабилаи Бани Ҳанифа ва он касоне, ки аз дигар қабилаҳо дар атрофаш гирд омада буданд, хатарноктарини лашкари муртадинро ба таври умум ташкил дода буданд. Ва роҳбарии онро Мусайламаи каззоб ба ӯҳда дошт. Ва то ин дам дигар гурӯҳҳои ҷанговарони мусалмон даври худро дар муқобили лашкари Мусайлама санҷида буданд ва ба чизе муваффақ нагардиданд.

Фармони халифа ба сӯи ин лашкаркаши ғолиб расид, ки ба сӯи Бани Ҳанифа раҳсипор шав.

Холид низ раҳсипор гардид ва ҳамин, ки Мусайлама аз таваҷҷуҳи Холид огаҳ шуд ва донист, ки Холид барои ба тарафи ӯ омадан дар роҳ аст, дарҳол барои аз нав танзим кардани лашкараш камар баст. Ӯ дар симои Холид хатари ҳақиқӣ ва хасми даҳшатноке барои худ мушоҳида менамуд.

Ду лашкар ба якдигар бархӯрд намуданд...

Ҳар гоҳ кас аз китобҳову қиссаҳо ва таърих рафти ин маъракаи ҳавлнокро мехонад, ӯро як даҳшат фаро мегирад, зеро кас худро дар набарде тасаввур мекунад, ки дар шадидӣ ва хунрезӣ ба набардҳои замони мо хеле монандӣ дорад. Агарчанде, ки дар навъи силоҳ ва усули ҷангӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Холид бо лашкари худ дар як теппаи рӯ ба рӯи Ямома фуруд омад. Мусайлама бо кибру ғурури худ ба ӯ рӯ ба рӯ шуд ва гумон мерафт, ки сафҳои лашкараш аз ғояти бисёрӣ охир надорад.

Холид байрақҳоро ба сарлашкаронаш супорид ва ду лашкар бо ҳам омехтанд ва муҳорибаи сахте даргирифт. Ва мусалмонон яке пайи дигаре ҷоми шаҳодат нӯш мекарданд

Холид бартарияти душманро эҳсос намуд ва бо аспаш ба болои теппаи наздики майдон баромада ба сӯи маъракаи ҷанг як нигоҳи зиракона ва амиқе афганд ва дарҳол нуқтаҳои заъфро дар лашкараш дарк намуд ва шумор кард.

Ӯ дид, ки он эҳсоси масъулияте, ки мусалмонон дар худ доштанд, дар зери даҳшатҳои нохост ба сарашон овардаи лашкари Мусайлама, хеле сусту заъиф гаштааст. Пас қарор дод, ки дар ҳамин лаҳза бояд дар дили ҳамаи мардум оташи масъулиятро дар ҳадди ниҳояташ бедор кунад.

Ӯ сардорони гурӯҳҳои пеш ва атрофро даъват намуд ва ҷобаҷогузории лашкарашро дар набардгоҳ аз нав дида, барқарор кард ва бо садои ғолибонааш фарёд кард:

– Аз якдигар ҷудо шавед, то имрӯз қаҳрамонии ҳар як қавмро бубинем.

– Ҳамагӣ аз якдигар ҷудо шавед.

Пас муҳоҷирон дар таҳти байрақи худ ва ансор низ таҳти байрақи худ ва ҳар фарзанди падаре таҳти байрақи худ гирд омаданд.

Бо ин роҳ тамоман ошкор гардид, ки чун ҳазимат расад, аз куҷо меояд.

Ғайрату диловарии ҳар гурӯҳ дар алоҳидагӣ бедор шуда аланга гирифт ва аз азму субот лабрез шуд.

Холид гоҳ-гоҳе такбир ва ё таҳлиле сар медод ва ё фарёде кашида ба воситаи он амр менамуд ва шамшерҳои лашкараш ба сӯи корҳои тақдиршудаи ҳатмие равона мешуд, ки онҳоро ҳеҷ чиз

монеъ шуда наметавонад. Дар чанд дақиқаи башумор рафти набард тағйир ёфт ва аз лашкари Мусайлама даҳҳо тан гардан зада шуданд, пасонтар садҳо нафар ва ҳазорон нафар мисли пашшаҳое, ки роҳи нафаси онҳоро пошидани доруи ҳазароткуш гулӯгир намуда бошад.

Холид мисли оҳанрабо зиндадилии худро ба лашкариёнаш гузаронид ва рӯҳи тавонои размандагии ӯ ба лашкараш гузашт. Хатарноктарин ва душвортарин ҷангҳои муртадин поён ёфт ва Мусайлама кушта шуда, ҷасадҳои ҷанговаронаш замини ҷангро пур карда буданд ва то абад байраҳи ин даъвогари дурӯғгӯй зери хок пинҳон монд.

* * *

Дар Мадина халифа дар роҳи ризои Худованди бузурги баландмартаба, аз барои он ки Худованд ин зафар ва ин диловарро ба онҳо ато фармуд, намози шукрона гузорид. Абубакр (р) бо зиракӣ ва биниши худ дарк намуд, ки барои қувваҳои шарри дар ҳудуди мамлакаташ камингирифта чӣ даври хатарнокест барои таҳдиди пешрафти ислом ва аҳли он.

Форсҳо дар Ироқ ва Рум дар Шом. Ду имперотурии фарсуда ба як ресмони сусти манфиъатҳои аз даст рафта истодаашон чанг зада, мардумро дар Ироқ ва дар Шом бадтарин азоброн мечашониданд.

Онҳо мардумро, ки онҳо низ аксаран арабҳо буданд зӯран барои ҷанги зидди мусалмонони Араб, ки байраҳи ин дини навро бардоштаанд ва бо зоғнӯлҳояшон тамоми қалъаҳои олами қадимро мезаданд ва чирку бадбӯӣ ва фасоди онро решакан менамуданд, бармехезониданд.

Дар ин ҳангом халифаи бузург амру фармоишоти худро ба Холид фиристод, ки ҳамроҳи лашкараш ба сӯи Ироқ рӯй оварад.

Ва ин диловар ба сӯи Ироқ роҳ пеш гирифт. Эй кош, ин саҳифаҳо гунҷоиши онро медоштанд, ки қофилаи зафарҳои ӯро дунболагирӣ мекардем ва ин ҳангом дар корҳои ин мард аҷоиботи зиёдеро мушоҳида менамудем.

Ба таҳқиқ ӯ дар Ироқ корашро аз он шурӯъ намуд, ки ба сӯи тамоми волиҳо ва ноибони Хусрави Парвиз дар ҷамиъи вилоятҳо ва шаҳрҳои он бо ин мазмун мактуб фиристод:

Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон! Аз Холид ибни Валид ба сӯи ҳокимони Форс. Салом ба касоне, ки пайравии роҳи ростро

менамоянд. Аммо баъд: Пас сипосу ситоиш мар он Худоеро, ки хидматгузорони шуморо парешон кард ва мулки шуморо кашида гирифт ва макри шуморо суст гардонид, касе ки намози моро бихонад ва ба сӯи қиблаи мо рӯй биёрад ва мазбуҳаи моро бихӯрад, пас ӯ мусалмон аст ва ҳар ҳуқуқе, ки барои мост, ӯ низ дорад ва ҳар масъулияте, ки бар болои мост, бар болои ӯ низ ҳаст.

Вақте ки ин мактуби ман ба шумо расид, дарҳол ба сӯи ман чизе барои гарав бифиристед ва бо ман ақди зимма (ӯҳдадории молӣ) бибандед ва илло қасам ба зоте, ки ба ҷуз ӯ дигар маъбуде нест, ҳар оина ба сӯи шумо қавмеро мефиристам, ки маргро чандон дӯст медоранд, ки шумо ҳаётро он чунон дӯст медоред.

Ҷосусон ва айёроне, ки вай дар ҳама ҷо фиристода ва паҳн намуда буд, чунин хабар оварданд, ки лашкаркашони Форс дар Ироқ бар зидди Холид қувваҳои зиёдеро омода намуда ба самти онҳо ҳаракат карда истодаанд. Холид дигар вақтро аз даст надода ва лашкари ҳақро бар ботил зад, то онро несту нобуд созад ва он сарзамин бо як шакли аҷибе тез дар таҳти тасарруфи ӯ даромад.

Дар Убула то Сидир, пас Наҷаф то Ҳияра, пас Анбор, пас Козимия қофилаи корвонҳои пирӯзманд яке паси дигаре омадан гирифтанд. Ва дар ҳар маконе, ки ӯ зоҳир мешуд, бодҳои башоратовар барои ислом байрақеро баланд меафроштанд, ки дар сояи он заъифон ва ғуломон паноҳ мегирифтанд.

Оре, заъифон ва ғуломоне паноҳ мегирифтанд, ки Форсҳо сарзамини онҳоро гирифта, онҳоро ғулом сохта ва азобҳои гуногунро бар онҳо мечашониданд.

Чӣ гуна зебо ва дурахшон буд, чун Холид қабл аз ҳаракати лашкараш ба қувваҳои худ ин амрро содир намуд:

– Шумо ҳеҷ гуна бадӣ ва зараре ба деҳқонон нарасонед, онҳоро дар кору борашон эмин доред, то ба корҳояшон идома бидиҳанд, магар ки кадоме аз онҳо бар зидди шумо ба ҷанг бархезад. Пас он ҳангом бо он гурӯҳҳои ҷангкунандааш биҷангед.

Ва бо лашкари зафармандаш ба мисли корде, ки дар равғани тару тоза пеш меравад, роҳи худро идома дод, то ин ки дар сарҳади Шом мустақар шуд.

Ва ин ҷо овози муаззинон ва такбирҳои фотиҳон садо дод.

Хонандаи азиз чӣ гумон мекунӣ, оё Румиҳо дар Шом онро шуниданд?

Оё аз шунидани ин такбирҳо хабари марги худ ва олами худро муайян намуданд?

Оре, шуниданд. Ва дар даҳшат афтиданд ва қарор доданд, ки девонавор дар маъракаи ноумедӣ ва нобудӣ бояд бидароянд.

* * *

Он ғалабаеро, ки ислом бар болои Форс дар Ироқ ба даст овард, гувоҳи он буд, ки чунин ғалаба бар болои Рум дар Шом низ насибашон хоҳад гашт.

Пас Абубакри Сиддиқ (р) лашкари фаровоне гирд овард ва барои роҳбарии онҳо чанде аз лашкаркашони бомаҳоратро интихоб кард – Абуубайда ибни Ҷарроҳ, Амр ибни Ос, Язид ибни Абусуфиён, баъдтар Муъовия ибни Абусуфиёнро.

Вақте ки хабари ин лашкарҳо ба императори Рум расид, вазирон ва сарлашкаронашро чунин насиҳат кард, ки бояд бо мусалмонон роҳи мусолаҳаро пеш гиранд ва ба ин ҷанги харобиовар ва зиёновар дохил нашаванд.

Вале вазирон ва сарлашкаронаш барои ҷанг исрор варзиданд ва гуфтанд:

– Қасам ба Худо, ки Абубакрро чунон машғул намоем, ки даровардани аспашро ба сарзамини мо фаромӯш кунад.

Ва барои ҷанг лашкаре омода намуданд, ки асоси онро дусаду чил ҳазор ҷанговар ташкил медод.

Сарлашкарони мусалмон ба сӯи халифа сурати даҳшатноки он саҳнаро навишта фиристоданд. Абубакр (р) гуфт:

– Қасам ба Худо макру васвасаҳои онҳоро ба воситаи Холид хоҳам кушод.

Ва “позаҳри васваса” (Холид – дар назар дошта шудааст – мутарҷим) васвасаҳои саркашӣ ва зулм ва ширк, фармони халифаро дарёфт кард ва тибқи фармони ӯ бояд ба сӯи Шом ҳаракат намояд, то амири кулли лашкари ислом гардад, ки қабл аз ӯ аллакай ба он ҷо омада буданд.

Ӯ дарҳол амри халифаро пайравӣ ва итоат кард ва дар Ироқ ба ҷои худ Мусанно ибни Ҳорисаро гузошт ва ҳамроҳи қувваҳое, ки аз байни лашкараш интихоб намуда буд, ба сӯи Шом ҳаракат кард, то

ба мавқеи таваққуфкардаи мусалмонон расид ва бо дониши фавқулъоддаи худ танзими лашкар ва ҷобаҷогузории онро дар як мӯҳлати кӯтоҳ анҷом дод ва дар пеши рӯи лашкар ва дар айни мулоқот бо онҳо дар назди ҷанговарон ба хутба бархост. ӯ баъди ҳамду санои Парвардигораш чунин гуфт:

– Имрӯз рӯзи Худост ва сазовор нест, ки дар вай ифтихор ва ё заҷру зулме бошад. Шумо ҷиҳодатонро холис барои ризои Худо анҷом бидиҳед ва дар амалҳоятон ва дар иродаатон фақат ёди Худо бошад ва биёед роҳбарии лашкарро ба навбат анҷом бидиҳем. Пас яке аз мо имрӯз амири лашкар бошад ва дигарамон фардо ва дигаре пасфардо то ин ки ҳамаатон амирӣ карда бошед.

Имрӯз рӯзи Худост.

Чӣ сароғози хубу зебое!

Сазовор нест, ки дар он ифтихор, заҷру зулме бошад ва ин суханаш зеботар ва дар парҳезгорӣ мукаммалтар аст.

Ин лашкаркаши бузург бо вуҷуди амири кулли лашкар таъйин гардиданаш аз ҷониби халифа дар бобати эҳтиром ва исор бар нафсаш ҳеҷ кӯтоҳӣ зоҳир накард. Холид нахост, ки дар баробари нафси дӯстонаш ёвари шайтон бошад. Аз ин рӯ аз ҳаққи воқеии худ дар амирии кулли лашкар даст кашид ва онро дар байни ҳамаашон ба навбат гузорид.

Имрӯз як амир ва фардо амири дуввум ва баъди фардо амири дигар... ва ҳамчунин...

Лашкари Рум бо теъдоди зиёд ва тайёрии мукаммалаш ҳамчун ғули даҳшатнок ба назар мерасид.

Лашкаркашони Румӣ дарк карда буданд, ки вақти тӯлонӣ ба нафъи мусалмонон аст ва идомати ҷанг ва зиёд шудани маъракаҳо барои онҳо асбоби пирӯзиро муҳайё месозад. Аз ин ҷиҳат ба чунин қарор омаданд, ки тамоми қувваҳояшонро дар як набарди воҳид ва ҳалкунанда гирд оваранд ва дар зимни он кори арабҳоро тамом кунанд, то баъди он аз вуҷуди онҳо чизе боқӣ намонад. Шубҳае нест, ки мусалмонон он рӯз аз тарсу хатар он чизеро эҳсос намуданд, ки нафсҳои диловару нотарси онҳоро изтироб ва ҳарос фаро гирифта буд.

Вале имони онҳо дар чунин лаҳзаҳои зулумоти марговар тез ба хидматашон омад, ки боварашонро ба субҳи умеду орзу ва нусрат бештар мегардонид.

Ҳар қадар ки қувваи Рум ва лашкараш зиёд бошад ҳам, Абубакр (р) дар ҳоле, ки дар маърифати мардҳо хеле ҷиддӣ ва огоҳ буд, чунин гуфт:

– Холид барои онҳост.

Ва боз чунин гуфт:

– Қасам ба Худо, ки васвасаҳои онҳоро ба воситаи Холид шифо мебахшам.

Пас бигузор Рум бо тамоми тавоноӣ ва даҳшаташ биёяд, дар муқобилаш позаҳр Холид ҳамроҳи мусалмонҳост.

Холид ибни Валид лашкарашро омода намуд ва куллан ба по хезонд ва онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим кард ва барои ҳуҷум ва дифоъ тартиби нав ҷорӣ намуд, ки ба тартиби Рум мувофиқ буд, он тартибе, ки аз услуб ва василаҳои бародарони форсиашон дар Ироқ омӯхта буд. ӯ барои маъракаи ҷанг нақшаи зиракона тартиб дод.

Таъаҷҷубовараш ин аст, ки рафти маъракаи ҷанг ҳамчунон, ки Холид ба нақша гирифта буд ва пешбинӣ менамуд, сурат гирифт, қадам ба қадам гумон мекардӣ, ки агар ӯ адади ҳар зарбаи шамшерро дар маърака ба ҳисоб мегирифт ҳаргиз дар андозаву дар ҳисоб ғалат намекард.

Ҳар ҳаракату найранги низомие, ки аз Румиҳо чашмдор буд, дар амал ҳамчунон рафтор карданд.

Ва ҳар ақибнишиниеро, ки пешакӣ хабар дода буд, ҳамчунон рух дод ва пеш аз оғози ҳуҷум хотирашро эҳтимолияти рӯ ба гурез ниҳодани баъзе аз лашкариёнаш каме ба ташвиш меовард. Хоса он касоне, ки ба наздикӣ имон оварда буданд, баъди манзараи даҳшатноки лашкари Румро диданашон.

Ва Холид ғалабаи бечунучароро фақат дар як чиз тасаввур мекард, он ҳам бошад субот, яъне истодагарӣ дар ҷанг.

Ӯ чунин мепиндошт, ки қасди фирор намудани ду ё се нафар мумкин аст дар миёни лашкар он чунон тарсу ҳарос ва бенизомиро ба вуҷуд оварад, ки тамоми лашкари душман наметавонад он корро бикунад.

Аз ҳамин ҷиҳат ӯ нисбати одамоне, ки силоҳашонро партофта рӯ ба гурез мениҳанд, ҷиддӣ ва сахтгир буд. Ва дар ҳамин набард – Водии Ярмук, ки лашкараш ҷойҳои худро дар майдон гирифтанд – ӯ занони мусалмонро даъват карда, бори аввал ба дасти онҳо шамшер дод ва онҳоро амр кард, ки аз пушти сари лашкари мусалмонон аз ҳар тараф биистанд ва ба онҳо гуфт:

– Ҳар касе, ки рӯ ба гурез ниҳод, ӯро бикушед.

Ин амал аз тарафи Холид як фикри сареъи моҳиронае буд ва вазифаи худро ба беҳтарин сурат иҷро кард.

Чанд лаҳзае пеш аз ҷанг лашкаркаши Рум аз Холид талаб намуд, ки бо ӯ якка ба якка мулоқот намояд, то чанд калимае ба ӯ бигуяд...

Ва Холид илтимоси ӯро иҷобат намуд ва дар як майдони холии байни ду лашкар дар болои аспҳояшон ин ду лашкаркаш бо ҳам вохӯрданд.

Моҳон, ки сарлашкари Рум буд, ба Холид хитоб намуда гуфт:

– Мо донистем, ки шуморо аз сарзаминатон ба ҷуз тангӣ ва гуруснагӣ чизи дигаре берун наовардааст. Пас агар бихоҳед, ман барои ҳар як нафари шумо даҳ тангаи тилло ва сару либосу хӯрока медиҳам ва шумо аз ҷанг даст кашида ба сӯи мамлакати худатон бозгардед ва дар соли оянда низ ин миқдор молу чизро ба шумо мефиристам!

Холиди ҷавонмард ва диловар аз ғояти қаҳру ғазаб дандонҳояшро мефушурд ва эҳсос намуд, ки дар зимни суханони ин сарлашкари Рум чӣ миқдор беодобӣ нуҳуфтааст.

Ва қарор дод, ки дар муқобили ин суханони беодобона, бояд ҷавоби муносибе бигуяд. Пас ба ӯ гуфт:

– Моро аз сарзаминамон гуруснагӣ берун наовардааст, чӣ хеле, ки шумо гуфтед, вале мо қавме ҳастем, ки хуни одамӣ менӯшем ва чунин шунидем, ки аз хуни Румиҳо дида чизе иштиҳоовартар ва болаззаттар нест ва барои ин мо ин ҷо омадем.

Пас дарҳол сари аспашро ба сӯи лашкараш гардонида бозгашт ва байрақро баланд бардошта ҷангро эълон кард:

– Худо бузургтар аз ҳама чиз аст.

– Эй бодҳои биҳишт вазидан гиред.

Лашкари ӯ мисли тири тӯпи аз маъдан рехтагарӣ шуда ба пеш ҳаракат намуд. Ва набарде шурӯъ шуд, ки дар хунрезӣ назире надошт.

Ва Румиҳо низ бо ҳайати фавҷҳои мисли кӯҳ бузургу тавоно ба самти мусалмонон рӯй оварданд. Онҳо аз лашкариёни мусалмонон он чиро мушоҳида намуданд, ки дар тасаввурашон намегунҷид.

Мусалмонон аз лиҳози фидокорӣ ва сабру субот тарҳи набардро тавре сурат доданд, ки соҳибони ақлу идрокро моту мабҳут месохт.

Бубинед, ки яке аз онҳо ба назди Абуубайда ибни Ҷарроҳ меояд ва дар ҳоле, ки задухӯрд давом дорад, ба ӯ мегӯяд:

– Ман қасди шаҳид шуданро намудам. Оё ҳоҷате дорӣ, ки ба назди Паёмбари Худо (с) бибарам, чун ӯро мулоқот кунам?

Абуубайда чунин ҷавоб дод:

–Оре, барои Паёмбар (с) бигӯ: Эй Паёмбари Худо (с), мо он ваъдаеро, ки Худованд барои мо карда буд ҳақ ёфтем.

Он мард мисли тири партобшуда ба пеш ҳаракат кард ва худро бо иштиёқе барои шаҳодат ба набард андохт ва худро миёни лашкари душман зад ва бо шамшераш корзор кард ва бо ҳазорон шамшер зарба хӯрд, то ин ки ба шаҳодат расида ба олами аъло бурда шуд.

Акрама ибни Абуҷаҳлро бубинед. Оре, писари Абуҷаҳл, дар лаҳзае, ки фишори Рум бар болои мусалмонон сахт гардид, дар миёни онҳо фарёд мекашид ва мегуфт:

– Замони тӯлонӣ бар зидди Паёмбари Худо (с) ҷангидам, пеш аз он ки Худованд маро ба сӯи ислом ҳидоят кард. Оё лоиқ аст, ки ман имрӯз аз душманони Худо бигурезам?

Ва боз фарёд кашида мегӯяд:

– Кист, ки барои шаҳодат ёфтан аҳду паймон бибандад...

Гурӯҳе аз мусалмонон бо ӯ барои шаҳодат ёфтан аҳд мебанданд. Баъд якҷоя ба сӯи аҳди бо Худо кардаашон равона мешаванд ва шаҳид мегарданд.

Гурӯҳи дигаре ҷароҳатҳои вазнин бардоштаанд чун ба сӯяшон об меоранд, то даҳони хушкидаашонро тар кунанд. Чун обро ба назди аввалиашон меоранд, ӯ ба сӯи рафиқаш ишора мекунад, ки ба ӯ об диҳед, зеро ҷароҳати вай сангинтар аст ва ташнагиаш

бештар. Вақте обро ба сӯи ӯ мебаранд, ӯ низ ба сӯи рафиқи дигаре ишора менамояд ва дигарӣ ба сӯи дигаре. Ва ҳамчунин то даме, ки аксари онҳо ҷонҳои худро ташналаб фидо намуданд, вале чӣ саҳифаи дурахшоне дар роҳи фидокорӣ ва азхудгузарӣ боқӣ гузоштанд.

Оре, набарди Ярмук майдони фидокорие буд, ки мислаш дар таърих кам дида мешавад.

Дар миёни лавҳаҳои фидокории наҷибе, ки сурати онҳо баён шудааст, як лавҳаи нодире ҳаст. Лавҳае, ки дар он сирати Холид ибни Валид аст. Ӯ ҳамроҳи сад нафар аз лашкариёнаш бар ҷаноҳи чапи лашкари Рум, ки ададашон чил ҳазор аскар аст, фишор меоранд. Холид миёни он сад нафари ҳамроҳаш фарёд мезанад:

– Қасам ба зоте, ки ҷони ман дар қабзаи ӯст, дар румиҳо сабру диловарӣ кам мондааст. Аз Худованд умеди онро дорам. ки китфҳои ононро бар Шумо паст гардонад (яъне, онҳоро мағлуб гардонад).

Сад нафар бар сари чил ҳазор нафар ҳуҷум мекунад ва пирӯз мешавад.

Ва чӣ ҷои таъаҷҷуб?

Оё қалбҳои онон аз имон ба Худои бузург ва аз имон ба Паёмбари содиқи амонатдор (с) моломол нагаштааст?

Оё аз имон ба ҳақиқат, ки аз зиёдатарин қазияҳои зиндагист, аз рӯи некӣ, ҳидоят ва шӯҳратмандӣ лабрез нест?

Ва Сиддиқ (р) он касе, ки байрақҳои зафарманди ӯ дар рӯи олам паҳн гардидааст, дар он ҳангом дар Мадина аст. Дар пойтахти нави олами нав. Ӯ бо дастони худ гӯсфандони бевазанонро медӯшад ва бо дастонаш барои ятимон хамир мекунад, халифаи онон нест?

Ва Холид ибни Валид дору ва позаҳри васвасаҳои ҷабру зулм ва фахру ман-манӣ ва саркашӣ ва таҷовуз ва шамшери кашидаи Худо бар зидди қувваҳои иртиҷоъии кӯҳна ва ширк сарлашкари онҳо нест?

Оё ин ва ғайри ин вуҷуд надорад?

Пас ин тавр бошад, эй бодҳои пирӯзӣ вазидан гиред, ғолибона ва сарбаландона бивазед!

* * *

Қобилиятҳои фавқулъоддаи Холид лашкаркашон ва амирони лашкари Румро моту мабҳут намуда буд. Ин боис гардид, ки яке аз он сарлашкарон, ки номаш Ҷарҷаҳ буд, дар яке аз танаффусҳои байни ҷанг Холидро барои мулоқот даъват кард.

Чун онҳо бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд, сарлашкари румӣ суханашро аз ин шурӯъ кард ва ба Холид гуфт:

– Эй Холид, ту ба ман ростаашро бигӯй ва дурӯғ нагӯй, зеро марди озод дурӯғ намегӯяд. Оё Худо бар Паёмбари Шумо (с) шамшере аз осмон фурӯ фиристодааст, ки онро барои ту дода бошад ва агар онро ба сӯи ҳар касе бикашӣ, ӯро мағлуб месозӣ?

Холид гуфт:

– На.

– Пас, чаро туро "Шамшери Худо" ном ниҳодаанд.

Холид гуфт:

– Ба таҳқиқ Худованд дар миёни мо Паёмбарашро (с) фиристод ва аз мо касоне буданд, ки ӯро тасдиқ карданд ва касоне буданд, ки такзибаш намуданд. Ва ман дар миёни касоне будам, ки такзибаш намуданд, то он даме, ки Худованд дилҳои моро ба сӯи ислом моил сохт ва моро ба воситаи Паёмбараш (с) ҳидоят намуд. Ва мо бо ӯ байъат намудем. Рӯзе маро Паёмбари Худо (с) ба сӯи худ хонд ва ба ман гуфт:

– Ту шамшере аз шамшерҳои Худо ҳастӣ.

Пас ҳамчунин ман "Шамшери Худо"номида шудам.

Лашкаркаши румӣ гуфт:

– Шумо мардумро ба сӯи чӣ даъват мекунед?

Холид гуфт:

– Ба сӯи тавҳиди Худо ва ба сӯи ислом.

Ӯ гуфт:

– Оё касе, ки имрӯз дар дини ислом бидарояд, барои ӯ мисли Шумо аҷру савоб ҳаст?

Холид гуфт:

– Оре, балки зиёдтар.

Он мард гуфт:

– Чӣ гуна? Шумо – ку пештар имон овардед?

Холид гуфт:

– Мо бо ҳамроҳии Паёмбари Худо (с) зиндагонӣ намудем ва нишонаҳову муъҷизоташро дидем. Барои шахсе, ки он чиро мо дидем, дида бошад ва он чиро шунидем, шунида бошад, барҳақ ислом оварданаш осон аст. Аммо Шумо эй касоне, ки ӯро надидед ва ӯро нашунидаед, баъд ба ғайб имон овардед, ба таҳқиқ аҷри шумо бештар ва бузургтар аст. Вақте ки шумо Худовандро тасдиқ намудед дар дилҳо ва ниятҳоятон.

Он лашкаркаши рӯмӣ фарёде кашид ва аспашро ба сӯи Холид ронд ва дар паҳлӯи Холид биистод ва мегуфт:

– Эй Холид, маро ислом биёмӯз!

Ва ислом оварда ва ду ракаъат намоз гузорид ва ғайри ин ду ракаъат намози дигаре нагузорид. Пас ба таҳқиқ ду лашкар ҷангро дубора шурӯъ намуданд.

Ва Ҷарҷаҳи румӣ дар сафи мусалмонон ҷонфидоёна барои талаби шаҳодат ҷангид, то ин ки онро ба даст оварад ва ба он комёб шуд.

* * *

Акнун мо мувоҷиҳи азамат ва қудрати инсонӣ дар равшантарин машоҳиди он мегардем...

Дар он ҳангом Холид сарлашкари мусалмонон буд ва дар он набарди нобаробару хунрезона бо лашкари ҷаррори Рум бо як санъати нотакрори ҳарбӣ пирӯз шуд. Дар ҳамин ҳолати ҳассос, ногаҳон пайке аз сӯи Мадина омад ва мактуби халифаи нав амири мӯъминон Умар ибни Хаттобро (р) овард. Дар он мактуб Умари Форуқ (р) ба лашкари мусалмонон дуъову дуруди фаровон ва хабари аз олам гузаштани халифаи аввали Расули Худо (с) Абубакри Сиддиқро (р) ба мусалмонон мерасонид ва дар давоми мактуб ӯ фармон медод, ки Холид аз лашкаркашӣ бекор ва дар ҷояш Абуубайда бинни Ҷарроҳро сарлашкар эълон мекунад.

Холид мактуби халифаро хонд ва зери лаб дар ҳақи Абубакр (р) дуъои тараҳҳум ва барои Умар (р) аз Худованд тавфиқ талаб кард.

Пас аз шахси мактубоварда хост, ки касеро аз мазмуни нома огоҳ насозад ва ӯро дар ҷое нишонд ва амраш кард, ки аз он ҷой барнахезад ва ба касе ҳаргиз мулоқот накунад.

Ӯ роҳбарии лашкарро идома дод ва то дами пирӯзӣ ба даст овардан, даргузаштани Абубакр (р) ва фармони Умарро (р) аз мардум пинҳон дошт.

Соати пирӯзӣ занги худро зад ва лашкари Рум шикаст хӯрда ба қафо баргашт.

Ва ин диловари майдон ба назди Абуубайда омада ҳамчун сарбози оддӣ дар назди сарфармондеҳаш саломи одоби низомиро ба ҷо овард.

Дар лаҳзаи аввал Абуубайда ин рафтори ӯро як шӯхии сарлашкаре пиндошт, ки пирӯзие насибаш гаштааст, ки ҳеҷ онро умед надошт, вале чанд лаҳзае нагузашта ӯро воқеъан ҳам ҷиддӣ дид. Пас байни абрувони Холидро бӯсида ва азамати нафс ва рӯҳи тавонои Холидро хеле зиёд ситоиш кард.

Дар ин ҷо ривоятҳои таърихии дигаре низ ҳастанд, ки гӯё мактуби фиристодаи Умар (р) ба номи Абуубайда буд ва ӯ ин мактубро аз Холид пинҳон дошт, то маъракаи ҷанг поён ёбад. Баробар аст, ки кадоми ин ду ривоят саҳеҳтар аст. Дар ҳарду сурат рафтори Холид ниҳоят бо азамат ва бузург аст.

Ман дар таърихи зиндагонии Холид аз ин лаҳза дида ҳолати беҳтареро дарёфт карда наметавонам, ки аз ихлоси амиқ, садоқату ростии ӯ моро огоҳ созад.

Аз ин рӯ барои ӯ чӣ амири лашкар ва ё чӣ аскари оддӣ бошад, баробар буд.

Ба таҳқиқ аморат дар назди ӯ мисли аскари оддӣ будан аст. Ҳар дуи он василаест, ки ӯ ба тавассути он масъулияти худро дар пешгоҳи Худое, ки ба ӯ имон овардааст, адо менамояд. Ва дар назди Паёмбаре, ки бо ӯ байъат намуда ва дар назди дине, ки пазируфта ва таҳти байрақи он дин равона гардидааст.

Ҷаҳду кӯшиши ӯ дар ҳолате, ки ӯ амири соҳибитоат ҳаст, ба мисли кӯшиш намудани ӯст, дар ҳоле, ки ӯ як аскари оддист ва таҳти фармони касе.

Ин пирӯзии бузургро бар болои нафс барои ӯ ва барои дигар касон дар он аср намунаи ахлоқи халифаҳое ҳидоят ва роҳнамуд намуда буд, ки дар сари уммати мусалмонон ва давлати мусалмонон ҳокимият мекарданд.

Абубакр (р) ва Умар (р).

Ин ду номест, ки ҳар гоҳе забоне ба ҳаракат биёяд ва ин номҳоро бигирад, дарҳол дар хотир ҳолати мӯъҷиз ва нотакроре аз фазилатҳои инсонӣ ва азамати он ҷилвагар мешавад.

Бо вуҷуди он ки гоҳо байни Умар (р) ва Холид ихтилофҳои назар вуҷуд дошт ва якдигарро зиёд дӯст намедоштанд. Магар покизагии Умар (р) ва адолату парҳезгорӣ ва азамати хориқулъоддаи ӯ ҳеҷ гоҳ дар назди Холид мавриди шубҳа ва пурсуҷӯ набуд.

Аз ҳамин ҷиҳат амру фармонҳои Умар (р) низ мавриди шакку шубҳа қарор надоштанд, зеро замире, ки онро имло мекард аз рӯи парҳезгорӣ ва истиқомат ва ихлоси ба Худо ва ростӣ ба олитарин дараҷа расида буд, ки як тинати муназзаҳ ва роҳёфта метавонад ба он бирасад.

* * *

Амири мӯъминон Умар (р) низ дар навбати худ ҳеҷ бадие нисбати Холид намедид, магар ки дар шамшераш як саросемагӣ ва тезиро эҳсос менамуд.

Ӯ ин мазмунро баъди кушта шудани Молик ибни Нувайра дар ҳолати аз Абубакр (р) аз лашкаркашӣ бекор намудани Холидро талаб намуд, гуфта буд:

– Ба таҳқиқ дар шамшери Холид як каме ноадолатӣ ва ситам аст.

Яъне сабукӣ, тезӣ ва суръат дида мешавад.

Пас халифа Абубакри Сиддиқ (р) чунин ҷавобаш дод:

– Ман ҳаргиз шамшереро, ки Худованд онро аз ғилофаш бар муқобили кофирон берун овардааст, таҳти назорат қарор намедиҳам.

Умар (р) нагуфтааст, ки воқеъан ҳам дар зоти Холид зулму зуроварӣ аст, балки сабӯкӣ ва тезиро сифати шамшери ӯ гардонид, на сифати шахсияти ӯ ва ин иборот на фақат ба одоби амири мӯъминон далолат мекунад, балки аз қадрдонӣ нисбати Холид низ гувоҳӣ медиҳанд.

Ва дар ҳақиқат Холид як шахсияти ҳарбист аз гаҳвора то гӯр.

Пас муҳит, нашъунамо, тарбият ва тамоми зиндагонии ин бузургмард – чӣ пеш аз ислом ва чӣ баъд аз ислом ифодагари сифатҳои як ҷанговари қаҳрамону бебок ва зираку пурдон буд.

Дар пофишории тезутӯнди ӯ қабл аз ислом ва ҷангҳои ӯ бар зидди Паёмбар (с) ва саҳобагони ӯ ва зарбаҳое, ки ба сабаби он шамшераш дар замони мушрик буданаш сарҳои мӯъминонро аз тан ҷудо карда буд, ҳамаи ин дар замири Холид як бори гарони маъсиятро эҷод карда буданд ва ин боиси он гардид, ки шамшерашро барои решакан карда партофтани асосҳои ширк зиёдтар ва шавқмандтар аз он ки бар зидди Ислом ва муслимин буд ба кор барад.

Ва шумо, албатта, он ибораеро, ки дар ибтидои ин қисса зимни мусоҳиба бо Паёмбар (с) омада буд, ба хотир доред. Он замон гуфта буд:

– Эй Расули Худо (с), барои ман талаби мағфират намо, аз тамоми он чизҳое, ки тавассути онҳо монеъаи роҳи Худо шуда бошам.

Бо вуҷуди ба ӯ хабар додани Паёмбар (с) дар хусуси ин ки ислом овардан ҳар гуноҳи пештар содиркардаро рафъ менамояд, ӯ ба он исрор меварзид, ки ба воситаи аҳди ба Паёмбари Худо (с) баста василае ёбад, то Худованд маъсияти то ислом кардаашро бибахшояд.

Ва чун шамшер дар дасти диловари намоёне чун Холид ибни Валид бошад ва андаруни вуҷуди соҳиби дасте, ки қабзаи шамшерро доштааст, як замири фурӯзону иштиёқманд барои аз маъсиятҳои собиқ барӣ шудан ин қадар битапад, ва мамлу аз муҳаббат нисбати дине, ки дар атрофаш ин қадар душманиҳо аст, бошад, пас бисёр мушкил аст он шамшер аз исолати буррандагии худ ҷудо шавад.

Ҳамчунин мо шоҳиди он мегардем, ки шамшери Холид болои соҳибаш чӣ мушкилотеро низ пеш меорад.

Паёмбари Худо (с) баъди фатҳи Макка Холидро ба сӯи баъзе аз қабилаҳои Араб, ки дар атрофи Макка сукунат доштанд, фиристод ва ба ӯ гуфт:

– Ман туро ба сифати мубаллиғ мефиристам, на ба сифати ҷанговар.

Дар он ҳол шамшераш бар болои андешаи ӯ ғолиб омад ва ӯро аз сифати мубаллиғ ба сифати ҷанговар кашид. Ва он кореро, ки Паёмбар (с) фармоиш карда буд, иҷро карда натавонист ва чун

хабари кори кардаи Холид ба самъи ӯ расид, Паёмбар (с) аз ғояти изтироб бетоқатӣ кард ва бархост ва рӯ ба ҷониби қибла истода, дастҳояшро ба дуъо бардошт ва аз Худованд бо чунин суханон мағфират хост:

– Худовандо, ман ба сӯи ту илтиҷо мекунам, ки дар амали кардаи Холид дахолате надорам.

Пас аз он Алиро (р) фиристод, то хунбаҳо ва ивази хунҳои рехта ва молҳои ғоратшудаи онҳоро бидиҳад.

Ривоятҳои дигаре низ ҳаст, ки Холид узри худро чунин иброз дошт, ки гӯё Абдуллоҳ ибни Ҳузофаи Саҳмӣ ба ӯ гуфта бошанд:

– Паёмбари Худо (с) туро амр кардааст, ки ба сабаби исломро напазируфтанашон бо онҳо биҷангӣ.

Холид дорои қудрат ва маҳорати ғайриоддӣ буд ва тамоми вуҷуди ӯро майли тӯфонии баркандан ва вайрону несту нобуд кардани дунёи қадим фаро гирифта буд.

Кошкӣ мо шоҳиди он мебудем, ки ӯ бо супориши Паёмбар (с) чӣ гуна бутеро, ки бо номи Узо ёд мешуд, вайрон кард.

Кошкӣ мо шоҳиди он мебудем, ки ӯ чӣ гуна бар сари ин меъмории сангин бо зоғнӯли худ мезад ва бо ғулғула фарёд мебаровард.

Дар он сурат мо мардеро медидем, ки гӯё ӯ бо як лашкари азим набард мекард ва аз дами шамшери бурррои ӯ сарҳои душманон ба ҳар тараф мепариданд ва сафҳои онон холӣ мегашт.

Ӯ ҳам бо дасти росташ мезад ва ҳам бо дасти чапаш ва бо ҳар ду пояш низ. Ва фарёд мекашад:

– Эй Узо, мо ба ту имон надорем ва туро муназзаҳ намедонем. Бубин ки Худованд туро расво ва хор кард!

Пас аз ин он бутро оташ зад ва сӯзонид.

Ва ҳар чизе, ки нишонаҳои ширк ба Худо бошад ва каме ба аъмоли мушрикон монандӣ дошта бошад, дар назари Холид мисли бути Узост, ки барои он дар ин олами навине, ки Холид таҳти байрақҳои он мубориза мебарад, ҷой нест.

Ва Холид барои нест ва пок сохтани рӯи замин аз ин мазоҳири ширк ҷуз шамшераш ва ҷуз ин сухан, ки мо ба ту боварӣ ва имон надорем ва ту муназзаҳу пок нестӣ ва Худованд туро хору забун сохт, дигар аслиҳае надорад.

***

Ҳарчанд ки мо ҳамроҳи амири мӯъминон Умар (р) орзуи аз баъзе тезиҳо сарфи назар кардани шамшери Холидро мекардем, боз ҳам ҳамроҳи ҳазрати Умар (р) ин суханашро такрор ба такрор мегуем:

– Занон аз зоидани фарзанде чун Холид оҷизанд.

Умар (р) рӯзи фавти Холид хеле зиёд гирист ва баъдтар ба мардум фаҳмонид, ки ман на фақат барои аз даст додан ва ҷудо шудан аз Холид мегиристам, балки барои зоеъ шудан ва аз даст рафтани фурсате мегирям, ки марг имкон надод, то амирии лашкарро боз ба Холид баргардонам. Зеро он сабабҳое, ки Умар (р) Холидро ба сабаби он аз амал бекор намуда буд зоил гардида буданд, вале марг Холидро дарёфт ва ӯ ба сӯи мулоқоти Худо шитобид.

Оре, ин қаҳрамони бузург ба сӯи мақари ҷовидонии худ, ба сӯи ҷаннат шитофт.

Оё вақти он нарасидааст, ки як даме роҳат кунад? ӯ шахсест, ки рӯи замин мисли ӯ шахси дигареро, ки душмани танпарвариву роҳат бошад, надидааст.

Оё фурсати он нарасидааст, ки тани ҷафокашидаи ӯ каме осуда бихобад? Ва ӯ шахсест, ки дар ҳаққаш ҳам дӯстонаш ва ҳам душманонаш ба як овоз мегуфтанд:

– Ӯ мардест, ки на худаш мехобад ва на дигаронро мегузорад, ки бихобанд.

Аммо ӯро агар ба ихтиёраш мегузоштанд, ки марг ё зиндагиро худат интихоб кун, албатта аз Худованд тӯли умр ва зиёдатии вақтро хоҳон мешуд, то андешаҳояшро баҳри несту нобуд сохтани боқимондаҳои ботлоқи бадбӯи дунёи қадим амалӣ кунад. Ва ҷиҳоди худро дар роҳи Худо ва ислом идома бидиҳад.

Бӯи хуши ин мард абадӣ дар ҳар куҷое, ки садои шиҳаи аспони ҷанговарон ба гӯш мерасад ва дурахши дами шамшерҳо ба назар бирасад ва байрақҳои тавҳид болои лашкари мусалмонон парафшонӣ кунад, ба машом мерасад.

Ва ӯ касест, ки муттасил мегуфт:

– Ҳар шабе, ки дар он барои ман арӯсе биёваранд ва ё башорат диҳанд, ки фарзанде ёфтаи дӯстдоштатар аз он шабе нест, ки

хунукии сахту яхбандӣ бошад ва дар зимни як гурӯҳе аз муҳоҷирин дар роҳи ҷиҳод равона бошам ва субҳ ба болои мушрикин ҳамлаи ногаҳонӣ бубарам.

Аз ҳамин ҷиҳат буд, ки дар фикри худаш дар болои рахти хоб мурдан барояш лаҳзаи бадбахтии умр ҳисоб мешуд. Дар ҳоле, ки ӯ тамоми зиндагиашро болои аспаш ва таҳти ҷилои шамшераш сипарӣ намудааст.

Ӯ касест, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) дар ғазоҳо ширкат дошт ва муртадонро мағлубу парешон сохт ва тахти Форс ва Румро ба хок яксон сохт ва хеле аз манотиқи рӯи заминро тай кард, хоса дар Ироқ қадам ба қадам аз тариқи ҷиҳод раҳпаймоӣ кард, то ин ки он сарзаминро барои ислом фатҳ намуд.

Гоҳо амири лашкар, вале бо соддагӣ ва нодории як аскари қатторӣ ва гоҳо аскари қаторӣ, вале бо масъулияти амирӣ ва пешвоии лашкаре.

Бадбахттарин лаҳзаи ҳаёташ дар назари ин қаҳрамон лаҳзае буд, ки болои бистари хоб бимирад.

Акнун дар ҳоле, ки ашк рухсораашро тар кардааст, чунин мегӯяд:

– Ба таҳқиқ, ман дар фалон ҳуҷум ва фалон ҳуҷум ҳозир будам ва дар бадани ман ҷое нест, ки дар он захми шамшер ва ё ҷое сарнайза ва тир набошад, вале ҳоло болои бистари хобам мемирам. Мемирам бо марги табиӣ, ҳамчуноне, ки уштуре мемирад. Пас чашмони касони буздилу тарсончак ҳаргиз хоби роҳатро набинад.

Ин суханоне ҳастанд, ки дар чунин вазъ ҳар кас онҳоро хуб баён карда наметавонад, магар марде мисли Холид.

Чун лаҳзаҳои вопасини сафари охираташ фаро расид, ӯ ба гуфтани васияташ шурӯъ кард:

– Оё медонӣ ба кӣ васият кард?

– Ба Умар ибни Хаттоб (р)!

– Оё медонӣ, ки мероси тарcнамудааш чӣ буд?

– Асп ва силоҳаш! Боз чӣ?

– Чизе дигаре набуд, аз он чизҳое, ки одатан мардум гирд меоваранд ва моликаш мегарданд.

Зеро дар тӯли ҳаёташ ғайр аз ба даст овардани нусрату зафар болои душманони Ҳақ, чизе қалби ӯро молик нашуда буд.

Ва дар миёни лаззатҳои зиндагӣ чизе набуд, ки хоҳиши он дили Холидро рабуда бошад.

Оре, як чизе буд ва ӯ барои вай чунон ҳарис буд дар ниҳояти муҳаббат ва ҷонфидоӣ. Он чиз кӯлоҳи ӯ буд. Рӯзи ғазои Ярмук он кӯлоҳ дар миёни ҷанг аз сараш афтид. Пас ӯ худро ва дигар мардумро барои ёфтани он дар машаққати зиёд андохт. Чун касе ӯро итоб кард, ки наход барои як кӯлоҳ ин қадар талош кунӣ, гуфт:

– Дар зери он кӯлоҳ каме аз мӯи пешонии Паёмбари Худоро дӯхта нигоҳ доштаам ва ба таҳқиқ ман аз он мӯйҳо фоли неке мегирам ва ба воситаи онҳо талаби нусрат мекунам.

* * *

Дар охир ҷасади ин диловар аз ҳавлиаш берун бароварда шуд. Бар сари китфони дӯстонаш ва модари ин диловари сафаркунанда ба чашмони ашкбор, ки дар онҳо як дурахши азимату қувват ва як ҳолати ҳузн омехта буд, ба сӯи ӯ нигоҳ карда бо чунин мисраҳо ӯро видоъ намуд:

Ту аз ҳазорон-ҳазор қавм беҳтарӣ,
Чун рӯйҳои мардони диловар ба замин мезананд.
Оё аз шуҷоъат бо худ сухан мегӯянд?
Пас ту аз шери жаён, ки аз шербачаҳои худ
дифоъ мекунад, бошуҷоъаттарӣ.
Оё аз саховат бо худ сухан мегӯянд?
Пас ту аз сели дамон, ки ҳама атрофро
бо селовардҳои худ лабрез мекунад
Ва дар миёни кӯҳ ҷорист, саховатмандтарӣ!

Вақте ки Умар (р) ин суханҳоро шунид, таппиши қалбаш бештар гардид ва ашк аз чашмонаш зиёдатар шоридан гирифт ва гуфт:

– Модари Холид рост гуфт. Қасам ба Худо, ки чунин буд.

Ин диловар дар ҷои хоби абадии худ ором хусбид ва ёрону дӯстон бо як ҳаросу эҳтиром истода буданд ва дунё ҳамроҳи онҳо ором, ҳаросон ва хомӯш оромида буд. Ва ин хомӯшии пурдаҳшатро ҷуз садои шиҳаи асп чизи дигаре халалдор намекард. Ва асп бо изтироб ва ҷӯяндагӣ ба сӯи онҳо меомад.

Аспи ӯ баъди марги ӯ ресмони худро канда аз қафои ҷасади соҳибаш дар кӯчаҳои сокиту хомӯш ва мотамгирифтаи Мадина

чорхез медавид. Ӯро бӯи хуши соҳибаш ҳамроҳи машияткунандагони ҷаноза ба пеш мехонд.

Чун ӯ ба назди ин ҷамъияти хомӯш ва қабри тару тоза наздик шуд, сарашро мисли байрақ ба ҳар тараф алвонҷ дод ва шиҳаи дардолудеро баланд кард. Ҳамчунон ки ин диловари дар зери хок хусбида замоне дар пушти ӯ қарор дошт ва дар майдони набардҳо ба сӯи душман ҷавлон мекард ва қасрҳои Форсу Румро ба хок яксон менамуд, меларзонид ва васвасаҳои бутпарастиву зулмро шифо мебахшид. Ва аз шоҳроҳи ислом тамоми қувваҳои қафокашанда ва ширкро ба дуриҳои дур меандохт.

Ва дар ҳоле, ки чашмонашро аз қабр намеканд, сарашро боло ва поин мекард ва бо ин кораш гӯё ба сӯи соҳиби диловари худ ишора мекард ва барои ӯ охирин марсияи видоъро мехонд.

Ва баъд аз ин ором шуд. Дар ҳоле, ки сарашро баланд ва пешонии худро боло мегирифт. Вале аз гӯшаҳои чашмаш ашки ҳасрату ҷудоӣ аз соҳиби далеру шуҷоъаш калон-калон ба поин ҷорӣ мешуд.

Аспро ҳамроҳи силоҳаш соҳибаш дар роҳи Худо вақф карда буд, вале оё ягон диловаре пайдо шуда метавонад, ки баъди Холид аспи ӯро савор шавад ва шамшери ӯро ба даст бигирад? Ва оё ин асп пушташро барои ғайри Холид таслим мекунад, то касе савор шавад?

Бидурахш ва ҷилванамоӣ кун, эй шуҷоъ ва диловари соҳибзафар дар набардҳои сангини шоҳроҳи ислом! Ва эй фахри ҳар шабехун! Ту будӣ, ки бо суханони рӯҳбахшат ва рафтори ҷасуронаат лашкаратро бар болои даҳшатҳои ҳуҷуми душман ғолиб мегардонидӣ ва мегуфтӣ:

– Ҳангоми субҳ ҳар қавм сафари шабонаро мадҳу ситоиш мекунад.

То ҳадде, ки ин суханонат дар миёни хосу ом масал гардидааст.

Акнун ту сафари шабонаатро ба охир расонидӣ. Пас субҳи ту маҳмуд ва бобаракат бошад, эй Абусулаймон!

Ва аз барои ёди ту бузургиат, бӯи хушат ҷовидон бод, эй Холид!

Ва моро бигузор ҳамроҳи амири мӯъминон Умари Форуқ (р), ки суханони гуворо ва тару тозаашро барои вопасин видоъ гуфта буд, такрор намоем:

– Худованд Абусулаймонро раҳмат кунад, дар назди Худо аз он чӣ Холид ба даст овард, чизе беҳтаре нест.

Воқеъан лоиқи ҳамду сано зиндагӣ ва корзор кард.

Ва саодатманд дунёро падруд гуфт.

## 23. ҚАЙС ИБНИ САЪД ИБНИ УБОДА
### Маккортарини Араб, агар ислом намебуд

Бо вуҷуди хурдсолиаш аксари ансор бо вай ҳамчун пешво ва роҳбар муносибат мекарданд.

Ва чунин мегуфтанд:

– Агар мо метавонистем, ки тамоми моламонро дода ба ивази он барои Қайс рише мехаридем, албатта ин корро мекардем.

Сабаб ин буд, ки Қайс кӯса буд ва барои ӯ ба ҷуз набудани риш, чун рамзи пешвоӣ дар урфи он замон дар байни қавмаш дигар ягон норасоӣ вуҷуд надошт. Дар ҳақиқат дар он замон мардон рӯйҳои худро бо риш зиннат медоданд.

Пас ин ҷавон кист, ки қавмаш омода буданд, ки барои риши ӯ аз баҳри молҳояшон бигзаранд, то шакли хориҷии ӯро барои пешвоӣ комил созанд?

Ӯ Қайс ибни Саъд ибни Убода аст.

Аз покизатарин хонадони Араб ва асилзодатарини онҳо. Хонадоне, ки Паёмбари Худо (с) дар ҳаққи он хонадон гуфта буд:

– Саховатмандӣ хислат ва табиати ин хонадон аст.

Ӯ маккор ва ҳилагар аст. Аз ҳилаву найранг ва зиракӣ саршор аст. ӯ касест, ки дар бораи худаш чунин гуфта ва ҳаққо, ки рост гуфтааст:

– Агар дини ислом намебуд, ҳар оина макре ва ҳилае меандешидам, ки тамоми Араб тоқати онро надошта бошад.

Зеро ӯ соҳиби зеҳни тез ва ҳилаи зиёд ва фикри равшан буд.

Собит шудааст, ки дар рӯзи Сиффин ҷойгоҳи ӯ бар зидди Муъовия, дар паҳлуи Алӣ (р) буд. Ба тафаккур менишаст ва нақшаи ҳилаву найрангеро мекашид, ки мумкин буд Муъовия ва касонеро, ки ҳамроҳаш буданд, дар як рӯз ё камтар аз як рӯз нобуд созад, вале ин макру ҳилаашро аз ҳар паҳлӯяш месанҷид, онро аз ҷумлаи макри баде меёфт, хеле хатарнок. Ва сухани Худоро ба ёдаш меовард, ки гуфта:

"Зарари макри бад ба ҷуз соҳибаш ба каси дигар намерасад" (сураи Фотир ояти 43).

Дарҳол аз ҷояш бармехест ва ин амалашро қатъ мекард ва даст мекашид ва аз Худо талаби омӯрзиш намуда мегуфт:

– Қасам ба Худо, агар барои Муъовия муқаддар шуда бошад, ки бар болои мо ғалаба кунад, пас ӯ бо зиракиаш бар болои мо ғалаба накардааст, балки аз рӯи парҳезгорӣ ва тақвои мо ғалаба кардааст.

Ин ансории хазраҷӣ аз хонадони пешвои бузург буд ва саховату макорими ахлоқро пушт ба пушт ба мерос гирифта буд. Ӯ писари Саъд ибни Убода пешвои хазраҷӣ аст. Он шахсе, ки баъдтар мо ба ӯ мулоқоте дорем.

Вақте ки Саъд ислом овард, дасти писараш Қайсро гирифта, ӯро назди Паёмбари Худо (с) овард ва гуфт:

– Ин хидматгори туст эй Паёмбари Худо (с).

Ва Паёмбари Худо (с) дар чеҳраи Қайс нишонаҳои салоҳ ва қудратмандиро дид. Ӯро ба худаш наздик сохт ва аз ин баъд Қайс сазовори мартабаи сӯҳбати Паёмбари Худо (с) буд.

Анас дӯсти Паёмбари Худо (с) чунин мегӯяд:

– Қайс ибн Саъд нисбати Паёмбари Худо (с) он мақомеро дошт, ки роҳбари пулис дар назди амир чунин мақомро дорад.

Пеш аз ислом, вақте ки Қайс ҳамроҳи мардум аз рӯи зиракиаш муъомила мекард, онҳо тавони зеҳни ӯро надоштанд ва дар Мадина ва атрофи он ҳеҷ нафаре набуд, ки дар фаҳму дарки зиракии ӯ раҳгумназада бошад.

Пас чун ислом овард, ислом ӯро чунин таълим дод, ки бояд бо мардум аз сари ихлосу ростӣ муъомила намояд, на аз рӯи макру ҳила. Ва ӯ як фарзанди некӯкори роҳи ислом шуд ва аз ин рӯ, зиракӣ ва маккориро як тараф гузошт. Ва чун вазъи ногувор пеш меомад ва хоҳиши қалбиаш ӯро ба сӯи маккорӣ ва зиракии қаблиаш фаро мехонд, ӯ ибораи таърихии худро такрор мекард:

– Агар ислом намебуд, ман рнчунон макре мекардам, ки тамоми Араб тоқати онро надошта бошанд.

* * *

Аз тамоми хислатҳояш ғайр аз саховатмандиаш дигар ягон хислати ӯ аз зиракиаш болотар набуд. Ва саховатмандӣ барои Қайс хислати тасодуфӣ набуд, зеро ӯ аз хонадонест, ки дар бахшояндагӣ ва саховатпешагӣ асилзодаанд. Мисли одати саховатмандон ва сарватмандони онрӯзаи Араб оилаи Қайс дар он замон даъваткунандаи махсусе доштанд, ки дар як ҷои баланде, ки мулки ин оила буд, баромада меҳмононро рӯзона ба хонаи инҳо даъват

мекард, то таъом бихӯранд ва чун шаб фаро мерасид, дар наздикии ҳавлии онҳо оташ меафрӯхт то мусофири раҳгузар шабона ин манзилро ёфта биёяд. Мардум дар он рӯзҳо дар байни худашон чунин суханон мегуфтанд:

– Касе ки гӯшту равғанро дӯст дорад, ба қалъаи Дайлам ибни Ҳориса биравад ва Дайлам ибни Ҳориса бобокалони Қайс буд.

Барои Қайс дар ҳамин хонаводаи боаслу насаби пок шири ҷавонмардӣ ва саховатро маконида буданд.

Рӯзе Абубакр (р) ва Умар (р) дар атрофи бахшояндагӣ ва саховатмандии Қайс сӯҳбат доштанд ва гуфтанд:

– Агар мо ин писарро ба ҳолаш бигузорем, ки чи хеле хоҳад саховат кунад, тамоми моли падарашро нобуд месохт.

Чун Саъд ибни Убода ин суханони онҳоро дар бораи писараш Қайс шунид, фарёд кашида гуфт:

– Кӣ ҳаст, ки маро манъ кунад аз муқобилаи фарзанди Абуқаҳофа ва фарзанди Хаттоб, ки фарзанди маро ба сӯи бахилӣ раҳнамоӣ мекунанд.

Ва рӯзе яке аз бародарони камбизоъати диниаш аз Қайс қарзи калоне гирифт ва дар рӯзи ваъдакардашуда, ки муқаррар шуда буд, барои адои қарз он мард ба пеши Қайс омад, то қарзашро бидиҳад. Пас Қайс аз гирифтани он маблағ сарпечӣ намуд ва гуфт:

– Мо ҳаргиз чизи додаамонро пас намегирем.

* * *

Дар фитрати инсонӣ як ғаризае ҳаст, ки дигар намешавад ва як суннатест, ки дигаргун намегардад. Пас дар ҳар куҷое, ки саховат бошад, шуҷоъат низ ҳаст.

Оре, саховати ҳақиқӣ ва шуҷоъати ҳақиқӣ тавъам ҳастанд. Ҳаргиз яке аз дигаре ҷудо намешавад.

Ва агар ту саховатро дар шахсе бинӣ, вале шуҷоъатро дар ӯ наёбӣ, пас бидон, ки он чизеро ки ту мебинӣ, саховат нест. Он як чизи зоҳирии дарунхолӣ, пуч ва дурӯғ аст. Ва як ҷилваи фахр ва даъвогаристу бас. Вақте ки ту шуҷоъатро бидуни саховат ёфтӣ, пас бидон, ки он низ шуҷоъати ҳақиқӣ нест. Он як дурахшест аз ҷаҳиши муваққатии бехирадӣ ва сабукфикрӣ.

Вақто ки Қайс лаҷоми саховатро ба дасти росташ маҳкам гирифтааст, дар айни замон бо ҳамин дасти рост лаҷоми шуҷоъат ва пешравиро низ медошт.

Гӯё ӯ маънии гуфтаи шоирро ифода мекард, ки гуфтааст:

Байрақе парфишон кун.

Вақто ки байрақе аз бузургию азамат

ва шарофат боло шавад,

Ва фавран ширинсухане

онро ба дасти росташ мегирад.

Шуҷоъати ӯ дар тамоми ҷангҳое, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) иштирок дошт, зоҳир ва ҳувайдо буд.

Инчунин дар ҷангҳое, ки баъди рафтани расули Худо ба сӯи рафиқи Аъло сар заданд.

Шуҷоъате, ки ба ҷои макру ҳила, бар сидқу ростӣ такя дошта бошад ва аз ошкоргӯӣ ва рӯёрӯи тавассул ҷӯяд, корест сахҷ душвор.

Ва замоне, ки Қайс ин қудрати фавқулъоддаи худро аз ҷиҳати маккорӣ ва ҳилагарӣ ба паси пушти худ андохт ва ин тариқи шуҷоъату росткориро интихоб кард, бо вуҷуди машаққатҳои ба сараш омада ӯ худро хушбахт мешуморид.

Воқеъан шуҷоъати ҳақиқӣ танҳо аз қаноъатмандии соҳибаш сарчашма мегирад.

Он қаноъатмандие, ки ҳастии онро ягон шаҳвату хоҳиш ташкил намекунад, балки ба таҳқиқ, ӯро ростӣ бо ҳамроҳии нафс ва ихлос нисбати Ҳақ ба вуҷуд меоварад.

Аз ҳамин ҷиҳат, вақте ки хилофу низоъ байни Алӣ (р) ва Муъовия (р) оғоз шуд, мо Қайсро мебинем, ки худ танҳо ба тафаккур нишаст ва аз миёни далелҳои қаноъатмандкунанда барои худ роҳи Ҳақро ҷустуҷӯ намуд. Чун ӯ ҳақро бо Алӣ (р) дарёфт, дарҳол мисли кӯҳи устувор дар паҳлуи Алӣ (р) истод, боқувват ва ҷонфидоёна.

Дар маъракаҳои Сиффин, Ҷамал ва Наҳравон яке аз диловарони ҷонфидои майдони ҷанг Қайс буд. ӯ байрақи ансорро мебардошт ва наъра мекашид:

Ин байрақест, ки мо дар атрофи он ҷамъ меомадем,

Бо ҳамроҳии Паёмбар (с) ва Ҷабраил (а)

мададгори мо буд,

Ҳеҷ зараре надорад барои касе,
ки фақат ансор ҳамрозу ҳамроҳаш бошанд.
Аз он ки дигарон ҳамроҳаш набошанд.

Ба таҳқиқ имом Алӣ (р) ӯро бар ҳокимияти Миср маъмур гардонид.

Ва чашми Муъовия доимо болои Миср буд. ӯ ба сӯи Миср мисли гавҳари қиматбаҳотарин барои тоҷи ояндааш, ки интизориашро дошт, нигоҳ мекард. Аз ин рӯ, чун Қайс соҳиби ҳокимияти Миср гардид, Муъовия тамоман худро гум кард ва хавф бурд, ки ҳатто агар ӯ бар болои Алӣ (р) тамоман ғалабаи қатъӣ кунад ҳам, Қайс байни ӯ ва байни Миср то абад монеъа мешавад.

Пас Муъовия бо истифода аз тамоми василаҳои маккорона ва найрангҳояш, ки аз ягон коре рӯй наметобиданд, дар назди Алӣ (р) бар зидди Қайс дасисакорӣ кард, то он даме, ки имом Алӣ (р) Қайсро аз Миср бозхонд.

Дар ин ҷо Қайс барои худ фурсати муносибе барои истифодаи заковати худ ба тариқаи машрӯъ даст ёфт. ӯ аз таҷриба ва зираkиву фаҳмиши худ дарёфт, ки Муъовия (р) бар зидди ӯ ин бозиро баъди навмедӣ аз моил намудани Қайс ба ҷониби худ андешид ва мехост Қайсро бар зидди Алӣ (р) бишӯронад. Ва муҳаббати ӯро нисбати Алӣ (р) коҳиш бидиҳад.

Ва ин ҳангом беҳтарин радду ҷавоб бар зидди макру ҳилаи Муъовия ин зиёд намудани муҳаббат нисбати Алӣ (р) буд. Ва муҳаббат ба ҷониби ҳақиқате, ки Алӣ (р) таҷассумгари он буд.

Пас ӯ лаҳзае эҳсос накард, ки Алӣ (р) ӯро аз ҳокимияти Миср маъзул кардааст. Пас вилоят чӣ чизест ва аморат чӣ чизест? Ва ҳама мансабҳо дар назди Қайс чизе ҷуз асбобе набуданд, ки барои хидмати ақида ва динаш онҳоро истифода мебурд ва агар аморат дар Миср ин, як василае барои хидмати Ҳақ буд, пас ба дурустӣ, ки ҷои ӯ дар паҳлуи Алӣ (р) дар болои замини маъракаи набард василаи дигарест барои хидмат ба дин, ки аҳамият ва ҷилои он аз мансабҳо камтар нест.

* * *

Шуҷоати Қайс баъди шаҳодат ёфтани Алӣ (р) ва байъати Ҳасан ба қуллаи ҳадди ҳақшиносӣ ва пирӯзии хирад мерасад.

Қайс аз ин ки Ҳасан ворити шаръӣ барои имомат аст, қаноъатманд буд. Пас бо ӯ байъат намуд ва бе он ки аз хатарҳо биандешад, дар паҳлӯи ӯ ҷой гирифт.

Чун рафторҳои Муъовия онҳоро маҷбур сохт, ки даст ба шамшер баранд, Қайс бархоста сардории панҷ ҳазор нафареро, ки сарҳояшонро барои мотами Алӣ (р) тарошида буданд, ба ӯҳда гирифт. (яъне сартарошӣ карданд барои интиқом – мутарҷим).

Вале Ҳасан онро авло донист, ки ҷароҳатҳои хуншори мусалмононро, ки дер боз шифо намеёфтанд, бубандад ва ба хунрезӣ хотима бидиҳад. Пас бо Муъовия бо алоқа ва гуфтугӯ пардохт ва баъдтар бо ӯ байъат кард.

Дар ин ҷо Қайс хотирашро барои дидани масъалаи пешомада аз нав варақгардон мекунад. ӯ чунин меёбад, ки ҳар қадаре, ки кори карда ва мавқифи гирифтаи Ҳасан кори дуруст аст, вале ба таҳқиқ лашкариёни Қайс барои ихтиёр намудани роҳиояндаашон, дар зиммаи ӯ ҳаққи шӯроро доранд. Аз ҳамин ҷиҳат онҳоро ҷамъ намуда дар миёнашон хутба хонд ва гуфт:

– Агар бихоҳед, то боқӣ мондани охирин нафар бо шумо муборизаро давом медиҳам ва агар нахоҳед барои шумо хати амон бигирам?

Лашкариёни Қайс амри дуввумро ихтиёр карданд. Пас барои онҳо аз Муъовия дар ҳоле, ки фараҳу хурсандӣ қалбу ҳастии Муъовияро фаро гирифта буд, хати амон гирифт.

Ин шахси зираку ҳушёр, ки ислом макру зиракиашро танзим ва машқи махсусе дода буд, соли 59 аз ҳиҷрат дар Мадинаи мунаввара вафот ёфт. Марде вафот ёфт, ки мегуфт:

– Агар ман аз Паёмбар (с) ин суханро, ки гуфта буд: Макр ва ҳилаву найранг дар оташи дӯзаханд, намешунидам, ман албатта маккортарини ин уммат мешудам.

ӯ дар лаҳзаи сулҳу салоҳ вафот ёфт ва барои зиндагонӣ бую таровати худро ҳамчун марди росткор ва ростгӯ, саховатманд ва шуҷоъ боқӣ гузошт.

Оре, ӯ вафот ёфт ва аз баъди худ бӯи хуши мардеро боқӣ гузошт, ки дар ҳар коре, ки барои ислом дар назди ӯ гузошта шуда буд, амонатдорӣ ва вафодории худро собит кард.

**Поёни ҷилди аввал**

# РОДМАРДОНЕ ДАР АТРОФИ ПАЁМБАР (С)

## Маркази илмӣ таҳқиқотии «Ориёнфар»

**Тарҷумони матн аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ: – Айёмиддин САТТОРӢ**

**Муҳаррири матн ва таҳиягари феҳристи ашхос: – Саидаҳмад ҚАЛАНДАР**

**Муҳаррири масъул: – Қиёмиддин САТТОРӢ**

**ҶИЛДИ I**